1. Ковыряние носика. Это отвратительная детская привычка, которая может повзрослеть вместе ребенком и остаться на всю жизнь. Такое поведение считается одним из самых распространённых вредных поведенческих стереотипов во всех возрастных категориях. Согласитесь, не очень приятно наблюдать за орудующей в носу детской ручкой. Но прежде чем перейти к активным действиям, приглядитесь к себе. Возможно, эту привычку ребёнок перенял у кого-то из взрослых?

2. Неусидчивость. Детям постоянно не сидится на месте. Старайся включиться в ритм жизни ребенка, однако при этом не помешало бы выполнять с ним некоторые упражнения на усидчивость.

3. Сосание пальца. Эта привычка родом из младенческого возраста. Дети разрабатывают эту привычку из-за прорезывания зубов. Если твой малыш все еще сосет палец, родители должны постепенно приучить его не делать этого. В противном случае, все бактерии на руках детей перекочуют в рот. Советы по искоренению этой вредной привычки во многом схожи с рекомендациями к предыдущей проблеме. Однако сосут пальчики чаще маленькие дети (обычно до двух-трёх лет). Кроме того, сосание пальцев (одежды или постельного белья) может быть и своеобразным снотворным.

Если малыш перед сном тащит кулачок в рот, старайтесь успокаивать его нервную систему заранее: исключите за час-два до засыпания активные игры, покупайте кроху, сделайте ему расслабляющий массаж, почитайте сказки. Не нужно хватать детей за руку, бить по пальцам - этим вы только усугубите проблему.

4. Плохие слова. Хоть и привычка ребенка, но виноваты родители, которые допустили ребенка к любителям нецензурно выражаться. Теперь искореняй зло из лексикона ребенка. Посеять - легко, убрать навсегда - трудно.

5. Телевизор, телефон и видео-игры. Большинство детей проводят по крайней мере 5-6 часов в день, играя в видеоигры и смотря телевизор. Это несет огромный вред как здоровью, так и физическому, интеллектуальному и нравственному развитию.

6. Дерутся и кусаются. Если такое поведение выходит за рамки, стоит провести несколько воспитательных бесед с ребенком, в игровой или любой другой форме, главное, чтобы ребенок понял, что так делать не стоит.

7. Грубиянство. Многие могут говорить следующие 4 фразы опекунам, учителям и другим взрослым: 1) я не буду; 2) я не хочу; 3) нет; и 4) ты мне не мать. Нужно научить детей уважать всех взрослых, не только родителей.

8. Ябедничество. Иногда, конечно, информация, которую доносят дети, оказывается весьма полезной, однако она не стоит чести твоего ребенка. Доносчиков никто не будет уважать, поэтому пресекай это, как только столкнешься.

9. Детский онанизм. Эта особенность в раннем возрасте не считается признаком чрезмерной сексуальности, специалисты считают онанизм обычной вредной привычкой. Чаще всего она проявляется перед сном, поэтому ребёнку необходимы физическая нагрузка и регулярные прогулки в вечернее время. Если же эти способы не помогают, нужно посетить гинеколога или уролога, чтобы убедиться в отсутствии воспалительных заболеваний мочеполовой системы.

10. Привычка грызть ногти. По мнению психологов, эта особенность является одним из главных признаков заниженной самооценки, беспокойства, тревожности и нервного перенапряжения. Ситуация усугубляется тем, что из-за привычки кусать ногти ребёнок может стать объектом для издевательств в школе, у него появятся проблемы с прикусом и речью, в организм вместе с грязью проникнут яйца глистов. Если вы не можете своими силами установить причину возникновения стресса, обратитесь к специалисту. Скорее всего, он также посоветует занять ребёнка рисованием, лепкой, складыванием пазлов, то есть задействовать детские пальчики в двигательном процессе. Детей постарше, особенно девочек, можно приучить на своём примере ухаживать за ногтями, вовремя состригать и следить за их чистотой. Приобретите для ребёнка маникюрный набор, специально разработанный для дошколят и младших школьников.

Кроме перечисленных привычек иные привычки имеют место:

1. Безобидные. Понятно, что список вредных привычек будет неполным даже без достаточно безопасных вещей, которые не несут какого-то особого вреда - но достаточно ненужные и неприятные, чтобы тоже считать их «вредными». Например, человек может любить хрустеть пальцами. Это раздражает окружающих, но, как показывают исследования, хоть сколь-либо заметного урона не наносит. То же с привычками грызть ручку, щёлкать её кнопкой включения и так далее. Худшее, что может быть - окружающие разозлятся и попросят вас перестать. Обычно подобные вещи возникают на нервной почве - либо из-за навязчивого желания чем-нибудь занять руки. Что, впрочем, тоже относится к «нервной» сфере. Другие привычки безопасного рода относятся к чисто ритуальным. Люди склонны придумывать для своего быта различные ритуалы разной степени осмысленности. И выходят виды вредных привычек, вроде стремления не наступать на трещинки в асфальте, либо всегда выбирать только чётные или, наоборот, нечётные числа. Такое тоже не всегда хорошо, потому что человек может увлечься и превратить безобидную привычку во что-то навязчивое - в чём, разумеется, мало хорошего. Но если бы у людей были бы только такие вот привычки - проблем бы не было в принципе.

2. Социальные. О вредных привычках следующей категории можно сказать, что они относятся к социальной сфере, потому что они напрямую связаны с тем, как человек взаимодействует с окружающими. Очень часто такие привычки завязаны на поведении человека. Например, когда человек привык обильно употреблять обсценную лексику, причём даже когда ситуация такова, что это было бы не очень-то и уместно. В результате о нём могут начать думать в не очень позитивном ключе, да и окружающим будет не так уж приятно находиться с таким человеком рядом. Обычно причины возникновения вредных привычек такого типа кроются в воспитании и в окружении, в котором рос человек. Достаточно неплохой силы воли, чтобы от подобного отучиться.

3. Психологические зависимости. Также бывают такие привычки, которые строятся на том, что человек привязывается к чему-то и начинает от этого очень сильно зависеть. Яркий пример - это игромания. Человек начинает уделять всё своё свободное время играм, даже если это идёт вразрез с его социальной жизнью - и социальной интеграцией. Проще говоря, он становится настоящим отшельником[8, с. 29]. Ещё хуже всё становится, когда предметом увлечения являются не обычные, а азартные игры. Тогда человек не просто лишь тратит на то время, но и также тратит все деньги, что сказывается на его финансовом состоянии особенно негативно Другой вариант - это ониомания или, как чаще называют такое в народе, шопоголизм. Это когда человек подсаживается на частые, даже, можно сказать, постоянные покупки - и никак не может остановиться. В итоге он тратит все свои свободные и не только - деньги, а вещи, которые он покупает, по сути, ему и не нужны.

Подобным образом, в ходе формирования индивидуальность ребенка легко развивается, но кроме того и легко деформируется. Любое несоблюдение либо несоответствие в окружении ребенка либо в отношении к нему может оказать воздействие на его поведение. У малыша стремительно складываются стандарты поведения, он легко обретает определенные привычки, которые, как может показаться на первый взгляд родителям, неискоренимы практически никакими воспитательными мерами. Подобное поведение либо вредные детские привычки обнаруживаются в том, что малыш предпочитает сосать палец, грызть ногти, выдирать себе волосы, ковырять в носу либо тереть глаза, ритмично качаться из стороны в сторону. Порой у детей прослеживается подергивание.

Предупреждение вредных привычек дошкольников средствами технологии гуманного коллективного воспитания во многом обуславливается ходом социализации индивида. Формирование и социализация дошкольника совершается в установленной общественной среде, которая является значимым условием регуляции его поведения.

ЛИТЕРАТУРА

1. Ашуралиев М. И. Нравственное воспитание учащихся на педагогических традициях таджикского народа. URL:http: //dlib. rsl.ru/rsl01003000000/rsl01003341000/rsl01003341744/rsl01003341744. pdf. (дата обращения: 05. 02. 2017).
2. Воспитание сознательного отношения к здоровому образу жизни у старших дошкольников. - URL: http: //diplomba.ru/work/102509#1 (дата обращения: 04. 03. 2017).
3. Выготский, Л. С. Развитие личности и мировоззрения ребенка / Л. С. Выготский // Психология личности (тексты) / Под ред. Ю. Б. Гиппенрейтер, А. А. Пузырея. - М. : Просвещение, 1992. - С. 161-165.
4. Кадырова Х. М. Особенности формирования валеологической ориентации студентов средних специальных учебных заведений Республики Таджикистан. -URL: http: //dlib. rsl.ru/rsl01004000000/rsl01004636000/rsl01004636734/rsl01004636734. pdf. (дата обращения: 12. 05. 2017).
5. 5. Каримова И. Х. Здоровый образ жизни. Учебное пособие для учащихся. Д., 2016, с. 32.
6. Карпюк, Г. А. Воспитателям об организации взаимодействия с родителями по трудовому воспитанию дошкольников / Г. А. Карпюк, Е. С. Шабалина // Дошкольник. Младший школьник и дошкольное воспитание и обучение: журнал. - 2012 . - № 4 . - С. 54-56.
7. Касаткин, В. Н. Школа здоровья / В. Н. Касаткин. - М., 1996.
8. Смирнов Н. К. Здоровьесберегающие образовательные технологии и психология здоровья в школе/Н. К. Смирнов. - М. АРКТИ, 2008. -270с.

ПРОФИЛАКТИКА ВРЕДНЫХ ПРИВЫЧЕК У ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА

Авторы рассматривают вопросы вредных привычек, которые отражают негативные чувства ребенка. вредные привычки возникают не просто так и играют важную роль для ребенка-помогают ему справиться с переживаниями.

Опорные слова: *дошкольники, родители, воспитатель, вредные привычки, предупреждение, метод.*

PREVENTION OF BAD HABITS AT PRESCHOOL-AGE CHILDREN

Authors consider the problems of bad habits which reflect negative feelings of the child. In their opinion, bad habits arise not simply and play an important role for the child. For instance, they may help him to deal with emotional experiences.

Key words*: preschool children, parents, educator, bad habits, prevention, method.*

Сведения об авторах:

Каримова И. Х *- Вице-президент академии образования Таджикистана. E-mail: gumanizm@mail.ru*

Каримова Дилрабо *- соискатель. Института развития образования, Тел. +(992) 92835 11 99*

About the author:

Karimova I. Kh - *president of the Academy Education Tajikistan gumanizm@mail.ru*

Karimova Dilrabo *– researcher of the Institute promotion education Phone: +(992)92835 11 99*

УДК: 371+372. 8:681. 3

ҶАБҲАҲОИ ОМӮЗИШИИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР РАВАНДИ ГУЗАРИШ БА МУНОСИБАТҲОИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ

Комилов Ф. С., ТаҒоев Ш. Х., Файзуллоев Ф. Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Шарапов Д. С.
Донишгоҳи соҳибкорӣ ва хизмат
Мирзоев Ҷ. Х.
Донишгоҳи давлатии ш.ҚуронтеппаБа номи Н.Хусрав

Тавсифи умумӣ. Ҳангоми гузариш ба муносибатҳои босалоҳият ба таълим соҳаи омӯзишии фанни «Технологияи иттилоотӣ» (ТИ) бояд дар нақшаи таълими мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ду ҷабҳа мавриди таҳқиқ қарор дода шавад.

Ҷабҳаи аввали соҳаи таълимиифанни ТИ омӯзиши системаи иттилоотии тасвири олам ва қонуниятҳои иттилоотии умумии сохту тарзи кори системаҳои худидора – системаҳоибиологӣ, ҷамъиятӣ, худкори техникӣ ва ғайраро дарбар мегирад. Хусусияти умумии ин гуна системаҳо дар он аст, ки онҳо дорои имконияти иҷрои мақсадноки амалиёт буда, рафтори онҳобо ёрии узвҳои қабулкунанда, табдилдиҳанда ва татбиқкунандаи иттилоотиашон идора карда мешавад. Ҷабҳаи мазкур, ки қариб фарогири ҳама соҳаҳои умумитаълимӣ мебошад, доираи ҳамбастагии фанҳои «Технологияи иттилоотӣ», «Информатика» ва «Кибернетика»-ро ташкил медиҳад. Унсурҳои алоҳидаи таҳлили кибернетикии ҳодисаҳои муҳити атроф инъикоси худро дар курсҳои таълимии биология, иқтисодиёт, таърих, ҷамеашиносӣ, технология (таълими меҳнат) ва ғайра меёбанд. Фанни «Технологияи иттилоотӣ» бошад, дар системаи фанҳои таълимӣ нақши пешбарандаро бозида, баҳри дарёфти тасаввуроти ягонаи олами ҳастӣ ва эҳсоси умумияти асосҳои иттилоотии раванди идораи табиати зинда, ҷомеа ва техника шароити мусоид фароҳам меорад [2, 3].

Ҷабҳаи дуюми соҳаи таълимии фанни «Технологияи иттилоотӣ» ба омӯзиши методҳо, усулҳо ва воситаҳои техникии дарёфт, ғункунӣ, захира, табдил, ирсол, қабул ва истифодаи иттилоот бо ёрии компютер ва дигар воситаҳои электронии муосир бахшида шудааст. Ин ҷабҳа пеш аз ҳама ба татбиқи маводи таълимӣ дар ҳаёт ва ба фаъолияти амалӣ омода сохтани хонандагон алоқаманд мебошад [2].

Дар умум соҳаи таълимии фанни «Технологияи иттилоотӣ» характери комплексӣ дошта, ҳар як бахши он барои иҷрои вазифаҳои муайян ва мушаххаси ин соҳаи омӯзишӣнигаронида шудааст. Фанни (илми) мазкур беш аз пеш мавқеи пешсафиро ҳам дар илму техника ва ҳам дар ҳаёти ҷомеа ба даст меоварад. Бо далелҳои муътамад гуфтан метавон, ки ҳоло ин илм ба яке аз «нуқтаҳои рушд» ва стратегии илми ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Ягон илми дигар бе истифода аз дастовардҳои технологияҳои компютерӣ рушд карда наметавонад. Дар фаҳмиши муосир «Технологияи иттилоотӣ» як равиши умумиилмӣ буда, хосиятҳои байнифанниро доро мебошад [1-3, 10].

Мақсаду вазифаҳои фанни ТИ. Омӯзиши фанни «Технологияи иттилоотӣ» танҳо бо омода намудани хонандагон ба фаъолияти амалӣ ва меҳнатӣ маҳдуд намегардад. Дар назди ин фан инчунин вазифаи амалӣ гардонидани комплекси масъалаҳои таълимию тарбиявӣ истодааст, ки иҷрои онҳо аз доираи масъалаи ташаккулдиҳии саводнокии компютерӣ берун мебарояд. Яъне, дар мавриди дар таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври васеъ ҷорӣ намудани техникаи электронӣ ва сар аз синфҳои ибтидоӣ дар омӯзиши ҳама фанҳои таълимӣ татбиқ намудани компютер, малакаҳои ба ном «саводнокии компютерии хонандагон» характери умумитаълимӣ мегирад, ки он аз доираи омӯзишии фанни ТИ васеътар аст.

Ташаккули муносибати нав (босалоҳият) ба фаҳмиши мақсадҳои омӯзишии фанни ТИ пеш аз ҳама ба вазифаҳои умумитаълимии ин фан, имкониятҳои потенсиалии он дар ҳалли масъалаҳои муҳимтарини таълиму тарбия ва рушди зеҳнии мактаббачагон алоқаманд аст. Мақсади асосии омӯзиши фанни ТИ аз таъмини фарогирӣ ба дониши мустаҳкам ва бошууронаи хонандагон доир ба раванди табдил, ирсол ва истифодаи

иттилоот иборат аст. Дар асоси омӯзиши фан хонандагон бояд аҳамияти равандҳои иттилоотиро дар ташаккулёбии тасаввуроти муосири илмии олам дарк намоянд, нақши технологияи иттилоотӣ ва техникаи компютериро дар инкишофи ҷомеаи навин тасвир карда тавонанд ва маҳорату малакаҳои худро дар истифодаи оқилонаи компютер дар раванди таълим ва фаъолияти минбаъдаи касбии худ боло баранд [1, 12].

Вазифаҳои педагогии ҷабҳаи таълимии фанни ТИ аз рӯйи хусусияти саҳми он дар ҳалли масъалаҳои асосии умумимаълумотии инсон муайян карда мешавад [2, 3]:

1. Ташаккули асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ:

– тасаввуроти хонандагон оид ба иттилоот ва равандҳои иттилоотӣ, ҳамчун ба яке аз се мафҳуми бунёдӣ – **модда, энергия, иттилоот**, ки дар асоси онҳо тасвири илмии олам сохта мешавад, ташаккул меёбад;

– фаҳмиши хонандагон доир ба принсипҳои якхела, ягонагии сохт ва фаъолияти ба ҳам монанди системаҳои худидораи гуногунҷабҳа ташаккул ёфта, дарки онҳо доир ба нақши технологияҳои муосири иттилоотӣ дар рушди ҷомеа ва дигаргуншавии мазмуну характери фаъолияти инсонболо бурда мешавад.

2. Инкишофи сатҳи тафаккур:

– дар илми равоншиносӣ(психологӣ) таъсири омӯзиши ТИ ба рушди тафаккури назариявию эҷодии хонандагон ва ташаккули шакли нави тафаккур – тафаккури амалиётӣ ба қайд гирифта шудааст;

– таҳқиқҳои равоншиносӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳангоми истифодаи компютер дар тафаккури хонандагон услуби самараноки модулию рефлексии фикрронӣ ташаккул меёбад.

3. Омодасозӣ ба фаъолияти амалию меҳнатӣ ва таҳсили давомнок:

– дар раванди омӯзиши ТИ саводнокии компютерӣ, фарҳанги иттилоотӣ ва салоҳиятнокиитехнологии хонандагон ташаккул ёфта, дониш, маҳорат ва малакаҳои ҳосилшуда омодагии онҳоро бароизиндагӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ метезонад;

– компонентҳои омодагӣ ба ҷомеаи иттилоотӣ ва татбиқиметодҳои техникии муосири ба истифодаи компютер алоқаманд, хонандагонро ба давомдиҳии таҳсил бамактабҳои олии касбӣ ҳидоят менамояд.

Фанни ТИ, ҳамчун илми мустақил, натанҳо дорои соҳаи таҳқиқотӣ, балки дорои объектҳо ва усулҳои таҳқиқотии хоси худмебошад. Истифодаи ин усулҳо имконият медиҳад, ки хосиятҳо ва қонунҳои умумии ҳодисаҳои муҳити атроф ва ҷомеаошкор, таҳқиқ ва татбиқ карда шаванд.

Объектҳои асосии фанни «Технологияи иттилоотӣ»-ро иттилоот, захираҳои иттилоотӣ, равандҳои иттилоотии низомҳои гуногунтабиат, воситаҳои иттилоотонӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, системаҳои иттилоотӣ, усулу воситаҳои тавлид, захирасозӣ, интиқол ва истифодаи иттилоот дар муҳитҳои мухталиф ташкил медиҳанд [2].

Барномаи фанни «Технологияи иттилоотӣ» бояд чаҳор ҷанбаи парвариши тафаккури хонандагонро дар бар гирад [1, 2, 12]:

– *ҷаҳонбинӣ*, ки бо ташаккулёбии тасвири системавию иттилоотии олам, тасвири ягонагии умумияти равандҳои идоракунӣ дар табиати зинда, ҷомеа ва техника вобастагӣ дорад;

– *технологӣ*, ки бо ташаккулёбии тасаввурот дар бораи компютер ҳамчун ба воситаи универсалии иттилоотӣ, ташаккулёбии дониши компютерӣ ва фарҳанги иттилоотии хонандагон, омода сохтани онҳо ба фаъолияти амалӣ, кор ва идома додани таҳсил вобастагӣ дорад;

– *алгоритмӣ*, ки бо ташаккулёбии тасаввурот дар бораи алгоритмҳо, тарзи ифодаёбӣ, ичри онҳо ва инкишофи мантиқии тафаккур вобастагӣ дорад;

– *таҳқиқотӣ*, ки бо парвариши салоҳиятнокӣ дар эҷод ва таҳлилу таҳқиқи хонандагон вобастагӣ дорад.

Муҳимтарин тамоюлоти инкишофи фанни «Технологияи иттилоотӣ», ки солҳои охир аз худ бештар дарак медиҳанд, бо чунин ҷанбаҳои илмӣ алоқамандӣ доранд:

– *методологияи илмӣ*–таҷдиди назари фалсафӣ нисбат ба нақши иттилоот ва равандҳои иттилоотӣ дар омӯзиши техника, табиат ва ҷомеа, дарки моҳияти умумиилмии раванди иттилоотӣ, ҳамчун усули дониши илмӣ;

– *назарияи умумии иттилоот*–таҳқиқи хосиятҳои умумии иттилоот, ҳамчун зуҳуроти воқеият, омӯхтани таъсири мутақобилаи иттилоотӣ, ҳамчун усули дониши илмӣ;

– *воситаҳои иттилоотонӣ*–истеҳсол ва бештар паҳнкунии компютерҳои фардӣ, фарогирии бештари шабакаи компютерии ҷаҳони Интернет, тавлиди компютерҳои насли нав (нурӣ, нейронӣ, квантӣ, атомӣ, молекулавӣ ва ғайра) ва истеҳсоли оммавии онҳо.

Дурнамои рушди системаҳои компютерӣ. Дар назар аст, ки тамоми воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, аз қабили шабакаҳои компютерӣ, телевизион, радио, телефон ва ғайра ба як системаи воҳиди ягона мубаддал мегардад. Мисоли чунин технология Интернет-2 шуда метавонад, ки ҳоло дар ИМА амалӣ гашта истодааст [2, 3].

Ҷустуҷӯи роҳҳои нави мукаммалгардонии компютерҳо дар самтҳои гуногун идома дорад. Якчанд роҳҳои имконпазири алтернативии гузариш ба компютерҳои нав мавҷуданд. Дар мавриди рушд ёфтани як ё ҳамаи ин самтҳо ҳатман таъминоти барномавии ба онҳо мувофиқ низ сохта хоҳанд шуд. Дар ихтирои компютерҳои оянда ва нармафзорҳои онҳо тамоми навгониҳои илмҳои муосир истифода хоҳад шуд.

Дар *компютерҳои нурӣ* (оптикӣ) вазифаи барандаи иттилоотро сели рӯшноӣ иҷро мекунад. Истифодаи сели рӯшноӣ ҳамчун барандаи иттилоот дар муқоиса бо сигналҳои электрикӣ як қатор афзалиятҳо дорад. Пеш аз ҳама суръати баланди паҳнкунии иттилоот таъмин карда мешавад ва сохтани архитектураи интиқоли параллелии иттилооти шабакавии байни компютерҳо имконпазир мегардад. Технологияи нурӣ натанҳо барои сохтани компютерҳо муҳиманд, балки аз он ба таври васеъ дар иртиботи компютерӣ ва шабакаи Интернет истифода бурдан мумкин аст.

Нейрокомпютерҳо(компютерҳои нейронӣ). Барои ҳалли баъзе масъалаҳои мубрам зарурати сохтани системаҳои тафаккури сунъӣ пеш меояд, ки онҳо натанҳо иттилоотро кор карда тавонанд, балки барои ҳисоббарориҳои калон вақти камтарро сарф намуда, аз байни якчанд методи ҳалли масъала методи беҳтаринро интихоб кунанд. Ғояи эҷоди нейрокомпютер аз тарзи кори майнаи инсон ё умуман системаи асаби организмҳои зинда сарчашма гирифтааст. Майнаи инсон зиёда аз 10 миллиард ҳуҷайраи асаб – нейрон дорад, ки барои коркарди иттилооти эҳсосотӣ хизмат мерасонанд.

Нейрокомпютер дар заминаи нейрочипҳо (нейронҳои сунъӣ) ва пайвандҳои нейронӣ бояд сохта шавад, ки ҳар кадоми онҳо (нейронҳо) барои иҷрои алгоритми мушаххаси масъалаи алоҳида равона гардидааст. Барои ҳалли масъалаҳои гуногун, бояд шабакаи нейронӣ истифода бурда шавад. Як нейрони сунъӣ метавонад дар амалишавии якчанд алгоритми татбиқшавандаи шабака истифода гардад ва ҳар як алгоритм метавонад тавассути якчанд нейрони сунъӣ иҷро карда шавад.

Компютерҳои квантӣ бояд дар асоси қонунҳои механикаи квантӣ сохта шаванд. Механикаи квантӣ методҳои тасвир, қонуниятҳои ташаккулёбӣ ва низоми зарраҳои хурд – атому молекулаҳоро меомӯзад. Принсипи физикии кори компютери квантӣ бо тағйирёбии энергияи атом алоқаманд аст.

Яке аз самтҳои муҳимтарини татбиқи системаҳои компютерӣ, иттилоотонии ҷомеа ба шумор меравад. Агар то имрӯз истифодаи компютер асосан барои нигоҳдорӣ ва ҳифзи иттилоот равона шуда бошад, бо пайдоиши намудҳои гуногуни шабакаҳо, имконияти коммуникатсионии он вусъат ёфтааст. Аллакай дар замони момуҳити иттилоотии ҷомеа тағйир ёфтааст. Одамон барои ҷустуҷӯи иттилооти наву тоза ба рӯзномаҳо ва радиову телевизион камтар мурочиат мекунанд. Онҳо хабарҳои навтаринро асосан тавассути Интернет, бо ёрии компютер ва телефонҳои мобайлӣ, дастрас менамоянд. Ҷомеаи имрӯза ҳатто барои тамошои барномаҳои телевизион ва шунидани барномаҳои радио низ аз ҳамин воситаҳо истифода мебаранд [4-10].

Дурнамои рушди системаҳои компютерӣ дар самти хизматрасонӣ пеш аз ҳама дар иртиботи иттилоотӣ ва амалиёти бонкии байни кишварҳо муайян мегардад. Танзим ва идораи раванди фурӯши чиптаҳо барои тайёраву (ҳавопаймо) қатора, ҷойбандкунӣ дар меҳмонхона, муайянкунии хатсайр барои сайёҳон ва ғайра бо истифодаи компютер алоқаманд мебошанд. Ҳоло компютерҳои дар шакли робот сохташуда имконияти бо инсонмуошират карданро доранд. Онҳо ба саволҳои гузошташуда ҷавобҳои мантиқан дуруст пешниҳод менамоянд. Робот-компютерҳо дар меҳмонхонаҳо вазифаи

хидматчиро иҷро намуда, борҷомаи меҳмононро мебардоранд ва онҳоро то ҳуҷраи муайяншуда ҳамроҳӣ менамоянд.

Ҷабҳаи ояндаи тараққиёти системаҳои компютерӣ ба содагардонӣ, эътимоднокӣ, беҳтаргардонии хосиятҳо, параметрҳо ва ҳаҷман боз ҳам хурдтар гардонидани техника (компютер) бахшида шудааст. Барои таъмин намудани мубодилаи иттилоотии сифатан нави байни компютерҳо, дар назар аст, ки технологияҳои коммуникатсионии инноватсионӣ истифода шаванд: хатҳои инфрасурх, хатҳои алоқаи телевизионӣ, технологияи рақамии баландсуръати бесим. Ин технологияҳоимконият медиҳанд, ки низомҳои баландсуръати иттилоотӣ тамоми системаҳои компютерии мавҷударо фаро гиранд [2].

Ҷанбаҳои татбиқии системаҳои компютерӣ мунтазам васеъ мешаванд. Ҳар як қадами навбатӣ ба равнақи баъдии техникаи компютерӣ оварда мерасонад. Ҳоло системаҳои компютерӣ дар ҳолати гузариш ба архитектураи сеченакаи микронақшаҳо қарор доранд. Минбаъд кулли ин системаҳо вакомплексҳои ҳисоббарор, аз абаркомпютерҳо сар карда, то микрокомпютерҳои фардӣ, қисмҳои таркибии як шабакаи компютериро ташкил хоҳанд дод. Маҳз дар ҳамин асос интиқоли иттилоот, номаҳдуд ва суръати расонидани он, баланд хоҳад шуд [4, 10].

Ҳамин тариқ, барои амалӣ гардонидани ***мақсаду вазифаҳои ниҳоии омӯзиши фанни «Технологияи иттилоотӣ»*** бояд масъалаҳои зерин ҳал карда шаванд:

– парвариши асосҳои ҷаҳонбинии илмии хонандагон, ки моҳияти равандҳои иттилоотиро дар пайдоиши тасвири илмии олам мекушояд ва нақши онҳоро дар омӯзиши механизми фаъолияти мавҷудоти зинда, техника ва ҷомеа нишон медиҳад;

– инкишоф додани тафаккури алгоритмӣ-системавии хонандагон;

– омода сохтани хонандагон ба фаъолияти амалӣ-меҳнатӣ ва идомаи таҳсил;

– рушд додани салоҳияти эҷодкорӣ ва таҳлиливу таҳқиқотии хонандагон.

Мавқеи фанни ТИ дар нақшаи таълим. Мувофиқи нақшаи таълими мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзиши фанни «Технологияи иттилоотӣ», ки пеш аз ин «Технологияи информатсионӣ», пештар «Асосҳои техникаи компютерӣ» ва аз он ҳам пештар «Асосҳои информатика ва техникаи ҳисоббарор» ном бурда мешуд, се сол дар мактаби асосӣ (синфҳои 7-9) ва ду соли дигар дар мактаби миёнаи пурра (синфҳои 10-11) пешбинӣ шуда, меҳвари сохти онро усули даврии дидактикӣ ташкил медод. Вале баррасӣ ва таҳлили таҷрибаи тадриси ҳамин гуна фан дар кишварҳои дигар таҳозо намуд, ки дар мамлакати мо низ нисбат ба ин раванд таҷдиди назар карда шавад. Фаҳмиши замонавии ҳадафҳои таълимии фанни ТИ ҳамчун фанне, ки иқтидори фарогири ҷаҳонбинӣ ва характери умумитаълимӣ дорад, зарурати ташаккул додани фарҳанги иттилоотии хонандагонро дар якчанд марҳила (қадам ба қадам) пеш меорад.

Марҳилаи якум (синфҳои I-IV) – таҳсилоти ибтидоӣ. Дар ин марҳила шиносоии аввалини хонандагон бо компютер сурат мегирад ва унсурҳои фарҳанги иттилоотии онҳо дар раванди истифодаи барномаҳои бозиҳои компютерӣ, тамошои филмҳои компютерӣ ва тренажёрҳои (дастгоҳи машқ) одитарини компютерӣ ташаккул дода мешаванд. Барои амалӣ гаштани ин марҳила зарур аст, ки муассисаҳои омӯзишӣ бо синфхонаҳои компютерии замонавӣ ва устодони фанни мазкур таъмин бошанд, то ки онҳо талабагони хурдсолро бо ёрии методҳои педагогии ба ин синну сол мутобиқ бо компютер ва тарзҳои истифодабарии он ошно сохта тавонанд.

Марҳилаи дуюм(синфҳои V-VI) – таҳсилоти ибтидоӣ. Дар ин марҳила хонандагон бояд бо барномаҳои содатарини компютерӣ, аз қабили виросторони одии матнӣ, барномаҳои расмкашӣ, тарзҳои корбарӣ бо ҳисобкунак (калкулятор) ва ғайра ошно гарданд. Дар раванди омӯзиши барномаҳои номбурда унсурҳои фарҳанги иттилоотии хонандагон, ки дар марҳилаи якум ҳосил шудаанд, пурқувват гардонида мешаванд.

Марҳилаи сеюм (синфҳои VII-IX) – таҳсилоти пойгоҳӣ. Ин марҳила ба хонандагон ҳадди ҳатмии азхудкунии фанни «Технологияи иттилоотӣ»-ро таъмин менамояд. Вай асосан ба азхудкунии методҳо ва воситаҳои технологию иттилоотии фарогири ҳалли масъалаҳои гуногун, ташаккул додани малакаҳо ва салоҳиятҳои бошуурона истифода бурдани компютер дар фаъолияти таълимӣ ва касбии баъдии хонандагон равона гардидааст. Таҳсилоти пойгоҳӣ фаҳмиши хонандагонро оид ба умумияти равандҳои ғункунӣ, қабулкунӣ, нигаҳдорӣ, табдил, ирсол ва сабти иттилоотдар системаҳои зинда,

ҷомеа ва техника ба танзим оварда, салоҳияти истифодаи иттилоотродар ин системаҳо ташаккул медиҳад. Салоҳиятнокӣ ва донишандӯзии хонандагон дар чаҳорчӯбаи талабот ва меъёрҳои стандарти фаннӣ сурат мегирад. Барои ин давра дараҷаи омӯзиш **дараҷаи А** номгузорӣ шуда, тибқи талаботи он хатмкунандагони синфи 9 бояд аз фанни «Технологияи иттилоотӣ» имтиҳон супоранд.

Марҳилаи чорум (синфҳои X-XI) – таҳсилоти равиягӣ. Дар ин марҳила омӯзиши фанни ТИ вобаста ба шавқу завқи хонандагон ва дараҷаи омодагии онҳо ба касбинтихобкунӣ, бо тарзи тафриқа аз рӯи равияҳои мушаххас давом дода мешавад. Ин марҳила давраи охирини омӯзиши фанни мазкур дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Интихоби равияҳо ва ҳаҷми дарс барои ҳар як мактаб мутобиқи равияҳое, ки дар он таълим ба роҳ монда шудааст, интихоб мегардад. Ин асло маънои онро надорад, ки таълим тамоман озод бошад. Мундариҷаи таълим ва меъёрҳои омӯзиш дар ин давра низ бояд мувофиқи талаботи стандарти фаннӣ муайян гарданд. Дараҷаи таълими ин давра **дараҷаи Б** номгузорӣ шуда, мувофиқи талаботи он хатмкунандагон аз рӯйи барномаи фан имтиҳони ҷамъбастӣ месупоранд.

Барои муассисаҳои таълимии равиягӣ ва ғайриравиягӣ равияҳои зерини фанни «Технологияи иттилоотӣ» пешниҳод карда мешавад:

− мактабҳои равияи риёзӣ –*омӯзиши васеи барномасозӣ ва усулҳои математикаи ҳисоббарор*;

− мактабҳои равияи табиӣ –*татбиқи васеи компютер дар масъалаҳои амсиласозӣ ва коркарди додаҳои таҷрибавӣ*;

− мактабҳои равияи гуманитарӣ –*омӯзиши фанни ТИ дармуносибати системавӣ ба таҳқиқи масъалаҳои забоншиносӣ, адабиёт, таърих ва ғайра*;

− мактабҳои деҳот –*ташаккули салоҳиятҳодар татбиқи ТИ барои ҳалли масъалаҳои ташкили истеҳсолот ва истифодаи самараноки иқтисодиёти хоҷагиҳои деҳқонӣ.*

Сифату самараи таълими фанни ТИ ба мавҷудият ва навъи техникаи компютерии мактаб сахт алоқаманд мебошад. Аз як тараф, мавҷуд будан ё набудани техникаи компютерӣ ва таъминоти барномавии ба он мувофиқ метавонад дар доираи стандарти фаннӣ мазмуну мундариҷаи маълумотии фанро тағйир диҳад. Аз тарафи дигар, новобаста багуногунии имкониятҳои функсионалии компютерҳои мактабӣ, стандарти фаннӣ бояд талаботи якхелаи мазмуни таҳсилот ва салоҳиятнокии хонандагонро амалӣ созад. Дар ин гуна мавридҳомашғулиятҳои фанниро бо роҳи кам кардани талабот, аз рӯйи баъзе бахшҳои барномаи фаннӣ, гузаронидан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, барномаи фанни ТИ бояд чаҳор ҷанбаи парвариши тафаккури хонандагонро дар бар гирад: ҷаҳонбинӣ, технологӣ, алгоритмӣ ва таҳқиқотӣ. Дар алоқамандӣ боин ҷанбаҳо салоҳиятҳои хонандагонро ба се бахш (назарияи технологияи иттилоотӣ, воситаҳои иттилоотонӣ ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ) тақсим намуда, вазифаҳои онҳоро барои ҳар як синфи таълимӣ (синфҳои 5-11) муайян ва мушаххас (ҷадв. 1) намудан мумкин аст.

Ҷадвали 1

САЛОҲИЯТҲО АЗ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ						
Синфи 5	Синфи 6	Синфи 7	Синфи 8	Синфи 9	Синфи 10	Синфи 11
Хонанда бояд дар бахши:						
НАЗАРИЯИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ						
5. 1. 1. Мафҳумҳои асосии назарияи иттилоотро номбар ва муайян карда	6. 1. 1. Мафҳумҳо и асосии назарияи иттилоотро шарҳ дода, истифода бурда тавонад.	7. 1. 1. Асосҳои назарияви и технологи яи иттилооти ро дар доираи ҷадвалҳои электронӣ	8. 1. 1. Асосҳои назарияви и технологи яи иттилооти ро дар доираи виросторо ни матнӣ	9. 1. 1. Асосҳои назарияви и технологи яи иттилооти ро дар доираи шабакаҳо и	10. 1. 1. Назарияи технология ҳои иттилооти ро дар доираи маҳорати алгоритмс озӣ ва барномаре	11. 1. 1. Технологи яи иттилооти ро дар доираи системаҳои идоракуни и пойгоҳи додаҳо ва мафҳумҳои

тавонад.		номбар, муайян, шарҳ дода, дар амал истифода бурда тавонад.	ва графикӣ муайян ва шарҳ дода, дар амал истифода бурда тавонад.	компютерӣ ва барномаҳои сомонасозӣ муайян ва шарҳ дода, дар амал истифода бурда тавонад.	зӣ дар амал истифода бурда тавонад.	ҷомеаи иттилоотӣ дар амал истифода бурда тавонад.
ВОСИТАҲОИ ИТТИЛООТОНӢ						
5. 2. 1. Амалҳои одитаринро бо компютери фардӣ иҷро карда тавонад.	6. 2. 1. Барномаҳои асосии стандартиро дар системаҳои амалиётии гуногун истифода бурда тавонад.	7. 2. 1. Компютерро ҳамчун мошини ҳамакор ва ҷадвалҳои электрониро ҳамчун воситаи иттилоотонӣ тавсиф дода, истифода бурда тавонад.	8. 2. 1. Қисмҳои асосӣ ва иловагии компютерҳои фардиро ҳамчун воситаҳои ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ, коркард ва паҳнкунии иттилоот истифода бурда тавонад.	9. 2. 1. Таснифоти компютерҳоро донад, шабакаҳои компютериро ҳамчун воситаҳои асосии иттилоотонӣ истифода бурда тавонад.	10. 2. 1. Технологияҳои алгоритмсозӣ ва забонҳои барномасозиро дар ҳалли масъалаҳои иттилоотонӣ истифода бурда тавонад.	11. 2. 1. Зарурияти татбиқи воситаҳои асосии иттилоотониро дар бунёди ҷомеаи иттилоотӣ муайян намояд ва амалан истифода барад.
ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА КОММУНИКАТСИОНӢ						
5. 3. 1. Бо объектҳои асосии муҳити системаи амалиётӣ амалҳои одитаринро иҷро карда тавонад.	6. 3. 1. Вазифаҳои обеъктҳои асосии муҳити системаи амалиётиро дар компютерҳои фардӣ муайян карда тавонад.	7. 3. 1. Бо объектҳои системаи компютерӣ ва фардӣ дар системаҳои амалиётии гуногун кор карда тавонад.	8. 3. 1. Бо виросторону протсессорони матнии гуногун кор карда тавонад.	9. 3. 1. Дар шабакаҳои компютерӣ бо сомонаҳои таълимӣ ва иҷтимоӣ кор карда тавонад.	10. 3. 1. Барои масъалаҳои гуногуни таълимӣ ва амалӣ алгоритм сохта тавонад.	11. 3. 1. Барои объекту захираҳои мухталифи шабакавии компютерӣ технологиҳои амсиласозиро татбиқ карда тавонад.
5. 3. 2. Виросторі матнии стандартиро дар навиштани матнҳои кӯтоҳ	6. 3. 2. Технологияҳои одитарини коркарди иттилооти графикӣ ва ададиро донад ва истифода	7. 3. 2. Технологияҳои корбариро бо ҷадвалҳои электронӣ донад ва дар ҳалли масъалаҳо	8. 3. 2. Технологияҳои корбариро бо барномаҳои графиксоз ва рӯнамоӣ	9. 3. 2. Технологияи сомонасозиро дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ истифода бурда	10. 3. 2. Бо ёрии забонҳои барномасозии консолӣ ва объектгаро барномаи компютерӣ	11. 3. 2. Технологияҳои захирасозӣ, ҷустуҷӯӣ ва мураттабсозии иттилоотро дар

истифод а бурда тавонад.	бурда тавонад.	и амалӣ истифода бурда тавонад.	донад ва дар ҳалли масъалаҳо и амалӣ истифода бурда тавонад.	тавонад.	сохта тавонад.	раванди сохтан ва идоракуни и пойгоҳи додаҳо татбиқ карда тавонад.

АДАБИЁТ

1. *Дастури методӣ* оид ба таҳсилоти салоҳиятнок барои муаллифони стандарт, роҳнамо ва китобҳои дарсӣ. – Душанбе, 2017. – 32 с.
2. *Комилов Ф. С.* Информатика ва технологияҳои иттилоотӣ. Китоби дарсӣ / Ф. С. Комилов. – Душанбе, 2016. – 480 с.
3. *Комилов Ф. С.* Информационные технологии в высшем образовании Республики Таджикистан. Монография / Ф. С. Комилов, З. Ф. Рахмонов. –Душанбе: Ирфон, 2012. – 174 с.
4. *Комилов Ф. С.* Информационный подход к обучению студентов среднего профессионального медицинского образования Таджикистана / Ф. С. Комилов, Б. Ф. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. – 2015. – № 3/7 (179). – С. 282-288.
5. *Комилов Ф. С.* Анализ эффективности реализации дидактического обеспечения на основе ИКТ в образовательном поцессе среднего специального медицинского образования (ССПМО) Таджикистан / Ф. С. Комилов, Б. Ф. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – № 3/8 (182). – С. 282-290.
6. *Комилов Ф. С.* Игровая технология как разновидность интерактивной педагогической игры / Ф. С. Комилов, Ш. Х. Тагоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2015, Ч. 2. – № 1/5 (188). – С. 3-9.
7. *Комилов Ф. С.* Педагогико-информационное обеспечение системы управления качеством образовательных услуг среднего профессионального медицинского образования Таджикистана / Ф. С. Комилов, Б. Ф. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – № 3/6 (176). – С. 242-247.
8. *Комилов Ф. С.* Роль мультимедийных игровых технологий в образовательной среде виртуального общения / Ф. С. Комилов, Ш. Х. Тагоев // Вестник педагогического университета. – 2015. – № 6 (67). – С. 60-66.
9. *Комилов Ф. С.* Теоретические основы управления качеством образовательных услуг / Ф. С. Комилов, З. Ф. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – 2014. – № 2/8(149). – С. 119-128.
10. *Шарапов Д. С.* Использования Интернета, как метод самостоятельного обучения / Д. С. Шарапов, Н. Саъдуллоев //Вестник Таджикского национального университета. –2016. – № 3/8(216). – С. 274-278.
11. *Раджабов Б. Ф.* Современные информационные технологии и дистанционное обучение в системе образования Республики Таджикистан / Б. Ф. Раджабов, Д. Х. Мирзоев // Синтез науки и общества в решении глобальных проблем современности: сборник научных статей международной научно-практической конференции. – СПб., 2017. – С. 56-59.
12. *Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ* дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва консепсияи стандартҳои фаннии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2013. – 60 с.

НАПРАВЛЕНИЯ ОБУЧЕНИЯ ПРЕДМЕТА “ИНФОРМАЦИОННАЯ ТЕХНОЛОГИЯ” ПРИ ПЕРЕХОДЕ ШКОЛЫ К КОМПЕТЕНТНОМУ ПОДХОДУ В ОБУЧЕНИИ

В статье обсуждаются направления обучения предмета «Информационная технология» (ИТ) при переходе школы к компетентному подходу в образовании. В ней отмечается, что при переходе к компетентному подходу в учебном процессе, обучаемая область предмета «ИТ» должна быть исследована в двух направлениях, связанных с реализацией учебных материалов в жизни и с подготовкой учащихся к практической деятельности: первоенаправление – изучение информационной системы картины мира,

общих информационных закономерностей структур и способов работы автоматических (биологических, социальных, технических) систем; второенаправление – изучение методов и технических средств сбора, хранения, преобразования, отправки, получения и использования информации с помощью компьютера и другой современной электронной техники.

В статье также подчеркивается, что формирование нового (компетентного) подхода к пониманию обучающихся целей предмета «ИТ» связано с общеобразовательными задачами данного предмета, его потенциальными возможностями в решении образовательных, воспитательных вопросов и интеллектуального развития школьников. На основе изучения предмета учащиеся должны понимать важность информационных процессов в формировании современного мировоззрения, определять роль информационных технологий и компьютерной техники в развитии нового информационного общества, а также развивать свои умения, навыки и знания в рациональном использовании компьютера в процессе обучения и будущего их профессионального развития.

Педагогические задачи обучающего аспекта предмета «ИТ» в статье определяются по ключевым особенностям его роли в решении общеобразовательных задач: формирование основ научного мировоззрения, развитие уровня мышления, готовность учащихся к практической, трудовой деятельности и дальнейшему образованию. Говорится, что предмет «ИТ» обладает не только своей областью исследования, но собственными объектами и методами исследования.

Ключевые слова: *школа, учебный предмет, направление, аспект, информационная технология, компьютер, компетентный подход, образование, воспитание, мышление, метод, техническое средство, мировоззренческий аспект, технологический аспект, алгоритмический аспект, исследовательский аспект.*

DIRECTIONS OF TEACHING OF THE SUBJECT INFORMATION TECHNOLOGY AT THE CONTEXT OF TRENSFERING THE SCHOOLTO THE COMPETENT APPROACH OF TRAINING

The article discusses the directions of teaching the subject of "Information technology" (IT) in the transition of the school to a competent approach in education. It states that during the trancfer to a competent approach in the learning process, the area of the IT subject should be studied in two ways related to the implementation of educational materials in life and the preparation of students for practical activities: the first direction is the study of the information system of the world picture, the general information regularities of the structures and modes of operation of automatic (biological, social, technical) systems; the second direction - the study of methods and technical means of collecting, storing, converting, sending, receiving and using information using a computer and other modern electronic equipment.

The article also emphasizes that the formation of a new (competent) approach to understanding the learning objectives of the IT subject is related to the general educational tasks of this subject, its potential in solving educational, educational issues and the intellectual development of schoolchildren. Based on the study of the subject, students should understand the importance of information processes in the formation of a modern worldview, determine the role of information technology and computer technology in the development of a new information society, and develop their skills, skills and knowledge in the rational use of computers in the learning process and the future of their professional development.

The pedagogical tasks of the teaching aspect of the IT subject in the article are determined by the key features of its role in the solution of general educational tasks: the formation of the foundations of a scientific worldview, the development of the level of thinking, the students' readiness for practical, labor activity and further education. It is said that the subject of IT has not only its own field of research, but its own objects and methods of research.

The authors in the article conclude that the curriculum of the subject of IT should include four aspects of the formation of students' thinking: ideological, technological, algorithmic and research. In this connection, they distribute the competences of the students in three sections (the theory of information technologies, information tools, information and communication technologies) and identify them for each individual class (grades 5-11).

Key words: *school, educational subject, direction, aspect, information technology, computer, competent approach, education, upbringing, cognition, method, technical device, world outlook aspect, technological aspect, algorithmic aspect, research aspect.*

Сведения об авторах:

Комилов Файзали Саъдуллоевич *– д. ф. -м. н., профессор кафедры информатики Таджикского национального университета.* ***Адрес:*** *Таджикистан, 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел. (+992) 988685014, E-mail: komfaiz@mail.ru,*

Шарапов Дилшод Саъдуллоевич *– к. ф. -м. н., завкафедрой информационные системы в экономике Института предпринимательства и сервиса.* ***Адрес:*** *Таджикистан, 734055, г. Душанбе, пр. Борбада, 48/5. Тел. (+992) 985190970, E-mail: dilsharaf@mail.ru,*

Тагоев Шамсулло Хурсандович *– ассистент кафедры информатики Таджикского национального университета.* ***Адрес:*** *Таджикистан, 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел. (+992)907546006, E-mail: shamsullo800@mail.ru,*

Файзуллоев Фарход Раджабович *– ассистент кафедры информатики Таджикского национального университета.* ***Адрес:*** *Таджикистан, 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел. (+992)987153545, E-mail: programist. f@mail.ru,*

Мирзоев Джамшеджон Хуршедович *– ассистент кафедры информационной технологии Курган-Тюбинского государственного университета им. Н. Хусрава.* ***Адрес:*** *Таджикистан, 735140, Хатлонская обл., г. Курган-Тюбе, ул. Айни, 67. Тел. (+992) 888880692, E-mail:immirzoev@mail.ru.*

About the authors:

Komilov Fayzali Sa'dulloevich *– Doctor of Physics and Mathematics Sciences, Professor of the Informatics Department of the Tajik National University.* ***Address:*** *17, Rudaki av., Dushanbe, 734025, Tajik istan. Tel. (+992) 988685014, E-mail: komfaiz@mail.ru,*

Sharapov Dilshod Sa'dulloevich *– Candidate of Physics and Mathematics Sciences, Head of the Department of Information Systems in Economics of the Institute of Entrepreneurship and Service.* ***Address:*** *48/5, Borbad av., Dushanbe, 734055, Tajik istan. Tel. (+992) 985190970, E-mail: dilsharaf@mail.ru,*

Tagoev Shamsullo Khursandovich *– Assistant of the Informatics Department of the Tajik National University.* ***Address:*** *17, Rudaki av., Dushanbe, 734025, Tajik istan. Tel. (+992) 907546006, E-mail: shamsullo800@mail.ru,*

Fayzulloev Farhod Rajabovich *– Assistant of the Informatics Department of the Tajik National University.* ***Address:*** *17, Rudaki av., Dushanbe, 734025, Tajik istan. Tel. (+992) 987153545, E-mail: programist. f@mail.ru,*

Mirzoev Jamshedjon Khurshedovich *– Assistant of the Information Technology Department of the Kurgan-Tube State University named after N. Khusraw.* ***Address****: Tajik istan, 735140, Khatlon region, Kurgan-Tube, st. Ayni, 67. Tel. (+992) 888880692, E-mail: immirzoev@mail.ru.*

НАЗАРИ АХЛОҚӢ- ТАРБИЯВИИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

Алиев Д. А.
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ

Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамчун шахси барҷастаи замони хеш ва устоди ахлоқи писандидаи башарӣ шинохта шудааст. Ӯ дар пайравии намояндагони пешгузаштаи адабиёти форсу тоҷик наслҳоро ба накукорӣ, меҳнатдӯстӣ, адлу инсоф, сулҳу сафо, илму фарҳанг, дӯстиву бародарӣ, иттифоқу иттиҳод, сидқу вафо ва дигар амалҳои неки инсонӣ даъват менамуд. Ӯ дар рафтор ва амали одамон аз ҳама бештар сифатҳои саховатмандӣ, эҳсону карам, шарму ҳаё, фурӯтанӣ, хоксорӣ, пурсабрӣ, ҷасуру нотарсӣ ва сиру асрори инсонҳоро паноҳ нигоҳ доштанро меписандид. [1, с. 15; 42]

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар тамоми фаъолияти илмӣ- адабии хеш ба ахлоқи разила ба сифати маҳкумкунанда ва фошкунанда баромад менамуд. Ӯ зулму ҷабр, нифоқу низо, хиёнату ҷиноят, мансабпарастӣ, молпарастӣ, пастию сифлагӣ, шаҳвату айш, кибру ғурур, худписандию мағрурӣ, мардумозорӣ ва дигар рафторҳои разилонаю ноҷавонмардонаро ниҳоят бад медид. Онҳоро чун сарчашмаҳои бадӣ ва ваҳшонияти нобаробарии иҷтимоӣ ошкор сохта, бо роҳи насиҳат ва суханони ибратбахш мехост онҳоро аз байн барад, ё ҳеҷ набошад кӯмаке расонад.

Дар ин кори наҷиб ӯ давомдиҳандаи анъанаҳои инсондӯстонаи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Носири Хусрав, Низомӣ, Саъдӣ, Ҷалолиддини Румӣ буд. Ҷомӣ ба воситаи пайдо намудан ва парваридани сифатҳои нек ва барҳам додани хислатҳои бад мехост, ки инсони комилро ба воя расонад.

Дар «Сабҳат-ул-аброр» ҳикояе оварда мешавад, ки дар он бо меҳнати ҳаҷу ҳалоли худ тӯъмаи ночизе ба даст оварда рӯз гузаронидан ва дар айни замон озод будану аз касе миннат накашидан аз хизмати шоҳро кардану дар зери нангу ор мондан боло гузошта шудааст, ки мисоли равшани он ин аст:

Ҷомӣ ба мулку мол чу ҳар сифла дил мабанд,
Кунҷи фароғу ганҷи каноат туро бас аст.

Ё:

Ҷомӣ зи хони ризқ чу ноне кифоя аст,
Озори бори миннати дунон чаро кашам? [1, с. 95;]

Дар ин мисраҳо шоир баҳои асосиро дар баланд гардидани обрӯ ва арзиши инсон ба ду мафҳум равона намудааст. Ба мафҳуми ганҷи қаноат ва миннати дунон, ки барҳаҷ дуруст мебошад. Ба ақидаи Ҷомӣ инсони дорои ганҷи қаноат ба ҳар мартаба ва ҷое мерасад. Вале дар ҳолати риоя нанамудан ба қаноат ва сабру қарор инсон гирифтори таънаю маломат мегардад.

Шиблии Нӯъмонӣ дар ҷилди 5-уми китоби худ «Шеър-ул-аҷам» чунин нақлро меорад, ки фикри дар бораи озодии шахс рондаи моро таҳвият медиҳад: «Ҷомӣ ҳикоят мекунад, ки – менависад Шиблии Нӯъмонӣ, - пире ҳезум мешикаст ва Худоро муттасил шукр мекард, ки вайро азизу гиромӣ доштааст. Шахсе, ки дар он ҷо ҳузур дошт, ба пир эрод гирифта, гуфт: Ин чӣ иззатест, ки Худо ба ту додааст? Пир дар ҷавоб гуфт: Кадом иззат болотар аз ин мешавад, ки ман мулозим ва ходими касе нестам». Дар ин гуфтаҳо бинед сухан дар бораи озод будан ва бо меҳнати ҳалол рӯз гузаронидан меравад. [2. 172.]

Абдураҳмони Ҷомӣ дар роҳи фурӯтанию хоксорӣ бузургтарин намунаи ибрат буд, ки ин аз боби «Рӯзгори Ҷомӣ» ба ҳамагон маълум мебошад. Ӯ бо маблағи меҳнатии худ мадрасаву корвонсаройҳо сохта, чандин касро бо дороии хеш хонадор ва барои пешрафти илму эҷодашон кӯмак мекард.

Абдураҳмони Ҷомӣ аз рӯи омӯзиши ҳуҷҷатҳои таърихӣ маълум мешавад, ки баҳри ҳимояи бечорагону бенавоён ба сардорони давлат мактубҳо навишта, аз маҳбасу

камбағалӣ раҳо додани онҳоро дархост менамуд. Баъзан Ҷомӣ роҷеъ ба як масъала дусе бор ба амалдорон муроҷиат карда, то масъаларо ҳал намекад, ором намегирифт. Ба ҳамин тариқ, Абдураҳмони Ҷомӣ ғаму ранҷи халқро дарк карда, ба онҳо дасти ёрию мадад дароз карданро яке аз бузургтарин саодати инсонӣ меҳисобид.

Тарғиби некӣ ва накукорӣ, ки Ҷомӣ онро бо завқу шавқи баланд ташвиқ мекард, дар адабиёти форсу тоҷик суннатҳои кадимӣ дошта, нақши онро дар эҷодиёти тамоми намояндагони адабиёти классикӣ пайдо намудан мумкин аст. Ҷомӣ дар ин роҳ давомдиҳандаи суннатҳои беҳтарини он худовандони сухан мебошад ва тавонистааст, онро боз ҳам гуворотару гӯшнавозтар гардонад.

Панду ҳикматҳои Ҷомӣ танҳо ба омма не, балки ба подшоҳон низ дахл доштанд, ки фармудааст:

Эй, ки дар тоҷу нигин дорӣ рӯй,
То ба кай тоҷу нигин хоҳад монд?!
Мулки ҳастӣ ҳама тай хоҳад шуд,
На замону на замин хоҳад монд.
То тавонӣ, ба ҷаҳон некӣ кун,
К-аз ҷаҳон бо ту ҳамин хоҳад монд! [3. 64- 68.]

Вале новобаста аз гуманизми хеш, Ҷомӣ нисбати золимон раво донистани зулмро дастгирӣ менамояд, ки ин аз мавқеи фаъолро дар адабиёт ишғол намудани ӯ дарак медиҳад. Мисоли равшани ин гуфтаҳо ин аст:

Ба аҳли ҷафо вафо раво нест,
Подоши ҷафо ба ҷуз ҷафо нест. [4. 174]

Ё:

Турушрӯ бош бо бадхӯ, на ширинлаб, ки сафроӣ,
Беҳ аз себи сифоҳонӣ бувад норинҷи Гелонаш. [5. 54-59.]

Баҳри номи накуро соҳиб шудан ба кас ғайр аз доштани ҳунару дониш, боз касбу кор, ростӣ, адаб, покӣ, сидқ ва амсоли инҳо лозим аст. Ҷомӣ дар осори безаволи хеш «Баҳористон» тани сиҳат, хотири ҷамъ, ризқи фарох, дӯсти меҳрубон ва фароғатро омили зиндагии хуш ишора намудааст: «Панҷ чиз аст, ки ба ҳар кас доданд ва касеро аз он маҳрум насохтаанд, зимоми зиндагонии хуш дар дасти ӯ ниҳоданд: аввал- сиҳатии бадан, дуюм- эминӣ, сеюм -вусъати ризқ, чаҳорум- рафиқи шафиқ, панҷум- фароғат. Ҳар киро аз ин маҳрум карданд, дари зиндагонии хуш бар рӯи ӯ бастанд».

Чун дар ин ҷо сухан аз рафоқату ёр рафт, таъкид кардан зарур аст, ки Ҷомӣ аз бузургтарин ва фаъолтарин тағрибкунандагони рафоқат ва дӯстии самимӣ буда, дар эҷодиёташ ба ин мавзӯъ ҷои хосаеро додааст. Ӯ дӯстиро рӯшноӣ номида, аз бародарӣ боло мегузорад ва дар «Саломон ва Абсол» чунин ҳикоятро меорад:

Гуфт бо донишваре он соддамард,
К-эй ба дониш назди ҳар озода фард!
Боз кун з-ин нуқтаи пӯшида пӯст,
Ки бародар беҳ бувад ё ёру дӯст?
Гуфт: набвад пеши доно ҳеҷ чиз,
З-он бародар беҳ, ки бошад ёр низ. [5. 39-40.]

Мутаассифона Ҷомӣ ёреро меписандад, ки на танҳо ҳангоми роҳату осоиш ҳамроҳи кас аст, балки онеро меписандад ва талқин менамояд, ки дар лаҳзаҳои мушкилу хатарнок инсонро яккаю танҳо намегузорад.

Баробари талқини сифатҳои неки инсонӣ Ҷоми аз ҷаҳл, ҳасад, хашму кина, таъмаъ, ҳирс, риё, ғурур, мардумозорӣ, худписандӣ, пурхӯрию серхобӣ ва ғафлат дур буданро тағриб мекард.

Панду насиҳатҳои Абдураҳмони Ҷомиро аз рӯи мақсаду маромашон ба се қисм метавон тақсим кард: 1. Андарзҳое, ки Ҷомӣ ба подшоҳону сарварон медиҳад; 2. Насиҳатҳои шоир ба писараш Зиёуддин Юсуф; 3. Пандҳои олии умумиинсонии ӯ.

Ҷомӣ аз ҳама бештар душмани ашаддии насабпарастӣ буда, ба муқобили онҳое хуруҷ мекард, ки маҒрури аслу насаби худ шуда, аз донишу ҳунар дурӣ меҷустанд, ки мисоли равшани ин гуфтаҳо ин аст:

Зад харе лоф бар харони дигар,
Ки маро рахши Рустам аст падар.
Дод аз онҳо яке ҷавобаш боз,
Ки гувоҳи ту бас ду гӯши дароз. [7. 167.]

Яке аз ҳамзамонони Ҷомӣ Зайниддини Восифӣ дар «Бадоеъ-ул- вақоеъ» нақлеро меорад, ки мувофиқи он вазири Султон Ҳусейни Бойқаро Низомулмулуки Ҳавофӣ шаҷаре тартиб дода худро аз Аббосиён амакзодаи пайғамбар муаррифӣ менамояд. Рӯҳониёни зиёде ин даъворо тасдиқ намуда мӯҳр мегузоранд. Вазир шаҷараи авлодиро назди Ҷомӣ ҳам барои имзо мефиристонад, вале Ҷомӣ ба он имзо намегузорад. Пас вазир худаш маҷбур мешавад, ки барои имзо пеши Ҷомӣ равад. Ҷомӣ ғайр аз он, ки рӯбинӣ накарда имзо намегузорад, аз рӯи зарофат чунин рубоиро дар болои шаҷараи вазир менависад:

Онро, ки бувад нури набӣ дар башара,
Ҳоҷат набувад ба тӯлу арзи шаҷара.
В-онро, ки зи рух натобад ин нури сара,
Шаҷра надиҳад ба ғайри лаънат самара. [1. 87-94].

Ҷомӣ дар бисёр навиштаҳояш илму донишро ҳамчун калиди маърифати инсонӣ қайд намуда, илмро бо ҷаҳолат ва олимро бо ҷоҳил муқобил гузошта таносуб менамуд. Илмро тоҷи сари ҷумла ҳунарҳо ва қулфкушои ҳама дарҳо ва шарафи одамӣ номида, мардумро ба азхудкунии он даъват менамуд.

Мувофиқи таълимоти Ҷомӣ тамоми корҳоро инсон бояд аз рӯи дониш ва мувофиқи маслиҳати донишмандон ба анҷом расонад. Агар инсон хеш донишманд набошад, бояд дар паноҳи донишманде ҷой гирад. Ҷомӣ дуруст мефаҳмид, ки илм дарёи беканор аст ва фаро гирифтани тамоми илмҳо аз имкон берун аст. Бинобар ин, инсон бояд илми заруртаринро омӯхта, онро ба амал пайвандад.

Ҷомӣ дар тамоми фаъолияташ китобро чун ёри ғамгусор ва устоди беминнат ситоиш намояд ҳам, ба муқобили онҳое, ки китоб ҷамъ мекунанду аз он баҳрае намебаранд дар ҷанг буд. Абдураҳмони Ҷомӣ дар масъалаи тарбия ва таъсири он ба инсон ба ихтилофи фикр роҳ медиҳад. Ӯ дар баъзе асарҳояш бефойда будани тарбияи одамони бадниҳод, аслу насаби паст, сифларо, ки аксар онҳоро ноқобил, нокас, ноаҳл меномиданд, тасдиқ менамояд ва фикрашро бо мисраҳои зерин тасдиқ менамояд:

Ҳеҷ суде накунад тарбияи ноқобил,
Гарчи бартар ниҳӣ аз халқи ҷаҳон миқдораш.
Сабзу хуррам нашавад аз нами борон ҳаргиз,
Хори хушке, ки нишонӣ ба сари девораш. [1. 25-54].

Доир ба афкор ва осори А. Ҷомӣ, хусусан арзишҳои ғоявии онбеш аз 600 сол баҳс меравад ва ин баҳс боварӣ дорам, ки дар шинохти аслии Ҷомӣ боз солиёни дарозе давом хоҳад ёфт. Ҷиҳатҳои пешқадами афкори инсонпарваронаи Ҷомӣ ҷовидонист ва дар ягон давру замон арзишу қимати худро гум нахоҳад кард.

АДАБИЁТ

1. Баҳористон., Душанбе, «Маорифвафарҳанг», 2008, 15-47с.
2. ШиблииНӯъмон. Шеър-ул- аҷам, ҷилдипанҷум, Теҳрон, 1337, 172с.
3. А. Ҷомӣ. Девони дуввум, Воситат-ул- иқд,
4. А. Ҷомӣ Лайлӣ ва Маҷнун, «Дониш», шӯъбаи адабиёти Ховар, 1974.
5. Абдураҳмони Ҷомӣ, Девони аввал, Фотиҳат- уш- шубоб, «Дониш», 1978.
6. Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон, Душанбе, «Дониш», 1972.
7. Восифӣ Зайниддин. Бадоеъ- ул- вақоеъ. Теҳрон, 1550, ҷ. 2, 322с.
8. Восифӣ Зайниддин. Бадоеъ- ул- вақоеъ. Теҳрон, 1550, ҷ. 2, 326с.

НРАВСТВЕННО- ВОСПИТАТЕЛЬНОЙ ВЗГЛЯД А. ДЖАМИ

В статье рассматривается вопрос о А. Джами как учённый, философ, поэт и как личность в Востоке и мировом литературе. Он преследовал своих предков и создал условие для успешной развитие литературы персидско-таджикского народа. Он в поведение людей больше всего уважал трудолюбию и покорностью и уважение других людей.

В статье рассматривается А. Джами, как личность обладающих высоких человеческих ценностей. Пример этому может, послужит высказывание приведенной в «Сабҳат-ул-аброр». Там приводится рассказ от образа жизни одного простого, бедного человека, что жил за счет собственного труда. Он собирал дров, связал их в сноп и постоянно радовался и благодарствовал вышнему, что эго создал свободным человеком, что не находится под властью кому та.

Кто-то от свидетелей этой событии ему делает замечание, что хорошего Бог сделал для тебя, что постоянно посилаеш ему свой признание. Это высказывание имеет большой воспитательную значение и человека направляет в правильной пути. Примером выше сказанному могут послужит эти строки из произведение А. Джоми:

Ҷомӣ ба мулку мол чу ҳар сифла дил мабанд,
Кунҷи фарогу ганҷи каноат туро бас аст.
Или:
Ҷомӣ зи хони ризқ чу ноне кифоя аст,
Озори бори миннати дунон чаро кашам?

Эти строки о многом говорят и предупреждают подрастающим поколением, чтобы схоронили честь и достоинство как человек и личность.

В данном статье рассматривается педагогический взгляд А. Джами в том, что он большое внимание уделяет генетическому вопросу в воспитание и обучение детей, примером тому может послужит эти высказывание поэта:

Ҳеҷ суде накунад тарбияи ноқобил,
Гарчи бартар ниҳӣ аз халқи ҷаҳон миқдораш.
Сабзу хуррам нашавад аз нами борон ҳаргиз,
Хори хушке, ки нишонӣ ба сари девораш.

***Ключевые слова**: философ, поэт, идея, знание, обучение, воспитание.*

MORALITY –EDUCATIONAL VIEW OF A. DZHAMI

As taught, philosopher, poet confessed in Orient. He pursued their own limit and created the condition for development of the literature persian-tadzhik folk. He in behaviour of the people most of all respected the industry and submissiveness and respect others.

***Keywords**: philosopher, poet, idea, knowledge, education, education*

Сведения об авторе:

***Алиев Давлат Алиевич** – соискатель научного – исследовательского института развития образования Академии образований Таджикистан. **Адрес:** г. Душанбе, улица и Айни- 45. тел: (+992)92918 83 37 82.*

About the autor:

***Aliev Davlat Alievich** - competitor scientific research institute development of Academy Education Tajikistan. Adress: c. Dushanbe streat Ainy – 45. Phone: (+992)92918 83 37 82.*

ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Ахмедова Б. С., Султонова С. А., Насриддинов Т. Н.
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ

Таълим ва назорати сатҳи дониш аз давраи ибтидоӣ манша мегирад, зеро аз тарафи одамони давраи ибтидоӣ тасвирҳои рӯи санги кӯҳҳо на танҳо барои мустаҳкам кардан ва аз насл ба насл гузаронидани дониш, балки барои назорати дониш, маҳорат ва дигар

малакаҳои ҷангии насли наврас истифода мешуд. Дастрасии таҷриба яке аз муҳимтарин манбаҳои пешрафти ҷомеа буда, дар он се лаҳзаҳои асосиро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Нигоҳдоштани дониш, маҳорат ва малакаи ба дастоварда барои насли оянда.
2. Дастрас намудани ин донишу малака ва маҳорат ба насли оянда.
3. Аз тарафи таълимгирандагон аз худ кардани ин дониш, малака ва маҳорат.

Ҳар як аз лаҳзаҳои номбаршуда бо ташаккулёбии маданияти иттилоотии омӯзгорони фанҳои гуманитарӣ ва дақиқ алоқаманд мебошад ва барои тадқиқоти мазкур аҳамияти калон дорад. Системаи ба таври доими руштёбандаи маълумоти технологӣ ва педагогӣ талаботи навро дар тайёрии касбии омӯзгорони ояндаи технология мегузорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар гузоришҳову суханронихои худ таъкид ба он менамояд, ки мо дар замири насли наврас, махсусан донишҷӯёни таълимгоҳҳои олӣ, ки ояндаи пояндаи миллатанд, бояд руҷӯъмандӣ ба навоварию эҷодкорӣ ва ихтироъкорию худтакмилдиҳиро парварем, то ки онҳо омодаи татбиқи барномаи рушди инноватсионӣ ва рақобатпазиргардонии Тоҷикистон тайи солҳои 2011-2020 гарданд [9, с. 273].

Аз ҷумла, кишвар ба рушди соҳаи илму маориф, бахусус, илмҳои техникӣ ва технологияи муосир таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, ба пешравию шукуфоӣ ноил мегардад. Ин пешравиро пеш аз ҳама бе иштирок ва иқдомоти ҷавонони эҷодкор ва навовар амалӣ кардан аз имкон берун аст. Талошҳои пайвастаи ҷавонони имрӯзаи мо ҷиҳати иштироки фаъолона дар рушду нумӯи кишвари азизамон бовар бар он месозад, ки ҷавонони мо бо ҳисси баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ифтихор аз давлату давлатдории миллӣ дар оянда низ тамоми нерӯи худро барои ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таҳкими давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии Ватани азизамон ва устувор гардонидани мавқеи он дар қатори кишварҳои мутараққӣ сафарбар менамоянд.

Тоҷикистон яке аз кишварҳоест, ки дар рушд ва фароҳам овардани шароити технологияҳои ҳозиразамон рӯ ба инкишоф аст. Асри 21 асри технологияи компютерӣ эълон шудааст ва ба ҳамагон маълум мебошад, ки тараққиёти илмҳои технологияи компютерӣ инкишоф ёфта истодааст. Масъалаи илми компютерӣ аз нигоҳи аввал хело ҳам душвортар буда, омӯзондани донишҷуёну хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагони ва олӣ омӯзиши махсусро тақозо менамоянд. Дар мамоликҳои тараҳи кардаи ҷаҳон баробари рушди технология, пеш аз ҳама тамоми барномаҳои компютерӣ барои донишомӯзон бо забони ҳамон давлат омода карда шудааст, ки яке аз манбаъҳои илмомӯзи ба ҳисоб меравад.

Пешрафти технологияи муосир ба он водор менамояд, ки ба ҳар раванди эҷодкоронаи замон ҷомеаамонро омода созем. Хусусан, зуҳури технологияи иттилоотӣ шароите фароҳам овардааст, ки аз ҳама гуна навсозиҳову эҷодкориҳои ҷомеаи ҷаҳони воҳиду муштарак воқиф гашта ва ба ҳар яки он ба чашми ибрат назар андохта, имконоти мавҷударо ба пиёдашавии он сафарбар намоем. Хушбахтона, Ҳукумати Тоҷикистон барои ҳама гуна навоварӣ имконият дода, дар ин раванд ҳамчун пешсаф ва ташаббускор баромад менамояд. Бо ташаббуси Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Рахмон тамоми мактабҳои олӣ ва миёнаро бо техника ва технологияи муосир таъмин намудан ва соли 2010-ро Соли Фарҳанги техникӣ эълон кардааст. Истифодаи мақсадноки технологияи муосир дар соҳаи маориф донишҷӯи имрузро дар чаҳорчубаи низоми анъанавии таълим маҳдуд карда наметавонад. Дастрасии китобхонаи электронӣ, сомонаҳои тахассусӣ ва дигар имконоти технологияи иттилоотиро барои донишҷӯи асри XXI фароҳам овардааст. Технологияи иттилоотӣ ҳар гуна навигариҳоро дар таълими фанҳои алоҳида ва татбиқи баъзе корҳои илмию таълими фароҳам меоварад. Истифодаи имконоти технологияи муосир дар таълими забони хориҷӣ талаботи замон ва ҷомеаи пешрафтаи ҷаҳонӣ мебошад.

Бо мақсади муайян кардани самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии иттилоотӣ, ташаккул ва рушди сиёсати давлатӣ дар соҳаи иттилоот, ҳифзи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши иттилооткунони, таъмини ташаккул ва инкишофи фазои ягонаи иттилоотӣ-фарҳангӣ ҳамчун шарти зарурии ягонагии сиёсӣ ва маънавии аҳолии ҷумҳурӣ, муҳайё сохтани заминаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва

техникию технологии воридшавии мамлакат ба ҷомеаи ҷаҳонии компютеркунонӣ мебошад. Яке аз шартҳои зарурии инкишофи фазои иттилоотӣ компютерикунонии оммавӣ (хонагӣ) мебошад, ки имконияти густариши фазои иттилоотӣ ва дастёбии густарда ба захироти компютеркуниро таъмин намуда, заминаи гуфтугӯи аҳолиро бо ҳокимият фароҳам меоварад. [6, с. 64-68]

Дар шароити кунунии рушди ҷаҳонӣ технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсиони беш аз пеш ва амиқан ба тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳим, аз ҷумла маориф, илм, фарҳанг нуфуз намуда, ба ташаккули шахсият, тарзи зиндагӣ, низоми муносибатҳои байниафрод таъсир мерасонанд. Истифодаи интернет технологияи иттилоотӣ ба захираи муҳими стратегии ҷомеа табдил меёбад ва бад-ин сабаб сифати ҳаёт, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, низоми маориф аз рӯи сатҳ ва такомули истифодаи захироти он муайян карда мешавад.

Вазифаи асосии мактабҳои олии омӯзгорӣ тайёр намудани муаллимони аз ҷиҳати касбӣ пурра ва хуб ташаккулёфта, дорои маданияти баланди инсонӣ, донишмандии асосҳои истеҳсолот, техника ва технологияи замонавӣ мустақилона, ташабускорна ва эҷодкорна ҳал намудани масъалаҳои таълиму тарбия мебошад.

Ҳалли ин масъалаҳо, ба таври доимӣ такмил додани сифати таълими муаллимони соҳаи технология, мусаллаҳ бо консепсияи нави таълимро талаб менамояд. Бе омӯзиши усули таълими технология ҳалли ин масъалаҳо душвор мебошад.

Дар тараққиёти замонавии ҷамъиятӣ мо талабот ба мутахассиси насли нав - бо ҳаракати баланди мустақилона интихоб кардан ва ташакул додан, ба талаботи замона ҷавобдиҳандаи технологияи оригиналӣ, ки дараҷаи тараққии касбии омӯзгор ба миён меояд. [1, с. 133-135].

Хусусияти муҳимтарини ин касб ташкили равиши таълимию тарбиявӣ мебошад, ки он на фақат даркунии илмӣ, балки тарбияи эстетикӣ, меҳнатӣ ва политехникиро дар бар мегирад. Ин хусусиятҳо (аспектҳо) асоси «Усули таълими интернет технологияро» ташкил медиҳанд, ки мавриди тартиб додани барномаи таълими савияи тахасусии донишҷӯён мувофиқи стандарти давлатии тайёр намудани мутахассисони соҳаи маориф ба назар гирифта шудааст. [7, с. 33-37].

Мақсади таълими забонҳо бо истифодаи технологияҳои интернетӣ дар асоси донишҳои мукаммали фаннӣ аз руи ихтисосҳои гуногун ташаккул додани малака ва маҳорати амалии онҳо мебошад [3, с. 46-48].

Дар рафти таълими назариявӣ ва амалӣ ба донишҷӯён донишҳои амиқ ва мустаҳкам, малакаҳои босифат иҷро кардани кор, усулҳои гуногуни таълимӣ ба монанди баён, тарҷумаи матну калимаҳо, амалӣ, озмоишӣ, талаффузи дурусти калима, намоишдиҳӣ ва самаранок истифода бурдани вақти таълим омӯзонда шуда, роли омӯзгор дар такмил додани техника ва технологияи истеҳсолот ва ҷорӣ намудан ва омӯзонидани технологияи замонавӣ нишон дода шудааст.

Ҳар як дарси таълими назариявӣ ва амалӣ аҳамияти таълимӣ, тарбиявӣ дошта қобилияти донишомӯзии мустақилона ва қувваҳои зҳодиро вусъат медиҳад. Кор бо технологияҳои информатсионӣ ва истифодаи интернет рӯз аз рӯз зиёд шуда истодааст. Информатсия ва технологияи коркарди он дар идоракуни ва ташкили корхонаҳо нақши муайянкунанда дорад. Имрӯзҳо таъминоти технологияи информатсионӣ бо истифодаи интернет дар рафти таълим шарти зарурии пурра будани тасаввурот дар бораи онҳо мебошад. Технологияи иттилоотии замонавӣ ва воситаҳои телекомуникатсия, сомонаҳои интернетӣ имконият медиҳанд, ки ба донишҷуён дастраси матнҳо ва луғатҳо фавран қабул ва пешниҳод карда шаванд. Дар донишгоҳҳо талабот оиди комплекси таълимии электронӣ ва аз руи барнома кор кардани донишҷуён хеле зиёд аст, ин аз он иборат аст, ки донишҷуён саривақт корҳои мустақилонаи ба онҳо вобаста кардашударо бо истифодаи сомонаҳои интернетӣ саривақт иҷро менамоянд.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии машғулиятҳо шавқи донишҷӯёнро нисбат ба фаъолияти коромӯзӣ зиёд намуда, диққати онҳоро ба иҷрои супоришҳои тарзи тарҷумони дошта ҷалб ва иштироки онҳоро дар тарҷумаи матнҳо, калимаҳо ва ибораҳо аз як забон ба забони дигар сафарбар мекунанд.

Дар рафти усули таълими технология усулҳои гуногуни таълими фанни технологияро омӯхта ба донишҷӯён оиди нақшаҳои кории омӯзгорӣ фанни технология

нақшаи тақвими, нақша-конспекти дарсии яксоата нақшаҳои дарсҳои иловагӣ, факултативҳо шинос намуда сохти онҳо омӯзонида мешаванд. Техника ва технологияи муосир тақозо менамояд, ки фаъолияти китобдорӣ чун соҳаи муҳимтарини фарҳангу маориф дар баробари усулҳои анъанавӣ бо шуур ва талаботи муосир ҳамгом бошад. Феълан дар соҳаи таълим бо рушди технологияи иттилоотӣ дигаргуниҳои куллие ба вуқуъ пайвастааст.

Яке аз усули таълими технология мушкилотҳои (проблемма) асосии худро дошта, мақсад ва мундаричаи талими технологияи интернетӣ, принсипҳои он, раванди таълими фанни технология дар таълимгоҳҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ, корҳои амали ва озмоиши, ташкил ва гузаронидани намудҳои гуногуни таълим, хусусиятҳои хоси усули таълими технология, истифодаи моделиронии компютори ва конструксиякунии амалӣ, истифодаи муккамали воситаҳои навро (комютерҳо, тахтаҳои электронӣ, видио, интернет ва аудиосистемаҳоро) дар бар мегирад. Омӯзиши усули таълими технологияи интернетӣ асоси худро аз психологӣ-педагогикӣ, фанҳои сикли, гуманитарӣ-маданӣ, маърифатӣ, иҷтимои-иқтисодӣ, техникӣ ва технологӣ мегирад. Равандҳои инноватсионӣ дар системаи маориф яке аз омилҳои асосии рушд буда тақозои замон мебошад. Истифодаи технологияҳои информатсионӣ-коммуникатсионӣ (мултимедия, проекторҳо, тахтаҳои электронӣ ва гайраҳо) имконият медиҳанд, ки раванди дарс аёни шавад, дараҷаи фаҳмо будани он афзояд ва донишҷуй дар ин ҳолат ҳам мебинаду ҳам мешунавад, ҳам менависад ки ин аз чанд ҷиҳат муассир мебошад. [2, 49-73].

Яке аз афзалиятҳои муҳими истифодабарии компютер дар рафти машғулиятҳои амалӣ ин тезтар аз худ кардани забонҳои хориҷӣ дар вақти шунавоӣ мебошад. Инчунин истифодаи тахтаи электронӣ дар рафти омӯзиши забон бисёр кулай мебошад ин имконият медиҳад, ки донишҷуй ба таври визуалӣ гузаштани раванди дарсҳо аз ибтидо то имтиҳо мушоҳида намояд.

Афзалиятҳои истифодаи технологияҳои иттилотӣ дар раванди таълимро чунин тавсиф кардан мумкин аст:

- Яке аз афзалиятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ташаккули муносибати мустақилонаи донишҷуён дар раванди азхудкунӣ мебошад. Донишҷӯй метавонад мустақилона бошуурона (бе нусхабардорӣ аз каси дигар ё аз тахтаи синф забонро омӯзад дар ин ҳолат шавқи у нисбати забономӯзи зиёд шуда, бовари ҳосил мекунад, ки забонро аз худ мекунад.

Истифодаи компютер ва интернет дар рафти машғулиятҳои амалӣ ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки аз луғатҳо истифода карда ба воситаи сомонаҳои интернетӣ матнҳо ва калимаҳои нофаҳмояшонро аз як забон ба забони дигар тарҷума намоянд.

Ҳамин тавр истифодаи технологияҳои компютерӣ ва интернет дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва олӣ ин сабаби баланд гардидани сифати таълим ва беҳтар шудани сатҳи дониши донишҷӯён шуда метавонад.

Технологияҳои информатсионӣ коммуникатсионӣ татбиқи алоқаи байнифаннӣ мебошанд.

- гузаронидани тестҳои фанни
- иҷрои корҳои реферативи, эҷоди ва ғайраҳо бо технологияхои компютерӣ;
- ҷӯстуҷӯ ва коркарди маълумот дар чаҳорчубаи маводи омӯхташаванда бо истифодаи Интернет;
- истифодаи сомонаҳои интернетӣ луғатҳо дар рафти тарҷумаи матнҳо;
- гузаронидани конференсияҳои илмрешенияӣ ва презентатсияҳо;
-фаъолияти лоиҳавӣ тадқиқотӣ;

Бо истифодаи технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ коммуникатсионӣ мақсади асосии иттилооткунии таълим оварда шудааст, ҳамчун такмили ҳаматарафаи маърифат ва бо вай характери эҷодӣ додан. Компютер ин худ воситаи мувофиқи програмавиро дорост, ва воситаҳои телекоммуникатсия якҷоя бо ҷойгиршави дар онҳо, ки бо ёрии онҳо мо на танҳо дар бораи проблемаҳои дар гирди мо руйдодаро мефаҳмем, балки иттилооти иловагиро фаҳмида барои худ саҳифаҳои навро кушода, дониши худро барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ пурра мекунем [4, с. 164-168].

Технологияи нави иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ омили асосии муайян намудани пешрафти ҷамъияти, тараққиёти мамлакатҳои ҷамъияти ҷаҳонӣ дорад. Яъне ҷорӣ намудани технологиҳои иттилооти коммуникатсионӣ ва интернет дар соҳаи маориф аз бисёр ҷиҳат вобаста аст. Дар замони муосир гузаронидани машғулиятҳо дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва олӣ барои ҳамаи фанҳои омӯзиш бе истифодаи технологияҳои компютерӣ интернетӣ ягон маъние надорад, чунки он дар як вақт вазифаи телевизор, магнитафон, таҷҳизоти таҷрибагузарони, маҷмӯи мисолу масъалаҳо, тарзи тарҷумаи калимаю ибораҳо ва воситаи санҷиши донишро иҷро мекунад. Инчунин кайд кардан ҷоиз аст, ки технологияҳои информатсионӣ ва интернет имконият медиҳанд:

– савияи маданияти сатҳи тахассусӣ баланд бардошта шаванд;

- душвории раванди санҷиш ва таҳлил поён фароварда шавад;

-савияи саводнокии вазифавӣ дар самти технологияҳои информатсионӣ баланд гардад;

- имконияти татбиқи донишҳо ва мустаҳкамкунии онҳо фароҳам гардад;

- эҳтиромии устодон дар байни шогирдону ҳамкорон баланд бардошта шавад;

- дастгирии иттилоотии фаъолияти мақомоти ҳокимият ва идораи давлатии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ дар асоси технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии муосир;

- ташаккул ва рушди саноат ва инфраструктураи махсусгардонидашудаи пешниҳоди хизматрасониҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ҷалб аз ҳама дар соҳаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ, аз ҷумла ба таври оммави бо компютер муҷаҳаз гардонидани хонаҳо, тиҷорати элекрони ва системаи рушдёбандаи дастрасӣ ба Интернет мебошад;

- тавассути иттилооткунонӣ баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, ба муомилоти хоҷагӣ ҷалб кардани захираҳои иттилоотии миллӣ;

- ташаккул ва рушди бахшҳои махсуси хизматрасониҳои иттилоотӣ;

- эҷод, дастгири ва такмили нуфузи иттилоотии Тоҷикистон бо роҳи истифодаи босамари технологияҳои иттилоотӣ

- такмили шаклҳои тайёр кадани мутахассисон дар соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ; [8, с. 47-56].

Иттилооткунонии мактабҳои ҳамагонӣ ва олӣ ин дар оянда компютеризатсиякунонии бо мақсади ба даст овардани нишондодҳои ҷаҳонӣ бо таъмини техникаи компютерӣ, пайваст кардани муассисаҳои касбии олӣ ва маълумотҳои олӣ бо хатти интернет, коркард ва ҷори намудани системаи омӯзиши дар ҳамаи самтҳои таълимро дорад. Барои ба даст овардани нишондодҳои баланд дар сифат ва сатҳи омӯзиш мумкин аст, танҳо бо роҳи таъмини иттилоотӣ фаъоли маълумот ва мақсаднок тайёр намудани донишҷуён дар рафти таълим бо истифодаи сомонаҳои интернетӣ равона шаванд. Яз тарафи дигар интернет ин як минбари озоде мебошад, ки ҳар як шахси хоҳишманд метавонад истифода барад. Ба бештари донишҷуён истифодаи сомонаҳои интернетӣ дар рафти таълим имконият медиҳад, ки ҷаҳонбинии донишашонро сайқал диҳанд. Ҳамаи руйдод ва хабарҳои ҷаҳониро бо воситаи истифодаи интернет аз худ намоянд, инчунин курсҳои омӯзишии кӯтоҳмудатро бо забонҳои хориҷӣ дастрас намуда забонро омӯзанд.

АДАБИЁТ

1. Абрамов Р. Сетевые структуры и формирование информационного общества. // Социологические исследования. - 2012. - № 3. – С. 133-135
2. Андреева А. Плюсы и минусы трансформации информационной среды для развития российского общества. // Андреева А. Информациооные ресурсы России. - 2013. - № 1. – С. 7-11
3. Гаффин А. Путеводитель по глобальной компьютерной сети Интернет. М. : // Гаффин А Академия, 2012. - 142с.
4. Дайсон Э. Жизнь в эпоху Интернета. / Пер. с англ. - М. : // Дайсон Э Маркетинг, 2012. – С. 164-168.
5. Зоркая Н. Информационные предпочтения жителей России. // Мониторинг общественного мнения: экономические и социальные перемены. - 2014. - № 4. – С. 18-21
6. Клименко С., Уразметов В. Экономика // Интернет - Среда обитания информационного общества. Клименко С., Уразметов В. М. :, 2014. – С. 64-68.

7. Левин А. Информационное общество // Левин А Социальные аспекты электронной революции. - 2014. - № 1. – С. 33-37
8. Новосёлова Е. Н., Кадыров И. Р. Создание web-страниц с помощью HTML. // Информатика и образование. - 2014. - № 11. – С. 47-56.
9. Е. С. Полат Новые педагогические и информационные технологии в системе образования. //Под ред. Е. С. Полат. - М. : Академия, 2014. - 273с.
10. Акрамов В. М, «Технологияи масолеҳи конструксионӣ». //Акрамов М. В. Маҷалаи Душанбе «Эҷод», 2008.
11. В. А. Сластенин Педагогика: Учебн. Пособие для студентов педагогических учебных заведений. // В. А. Сластенин, И. Ф. Исаев, А. М. Мищенко. – М., 1998 с. 288
12. Ишматов А. Б. Совершенствование технологии производства и подготовки нитей натурального шелка к ткачеству. // Ишматов А. Б докт. дисс. Кострома. КГТУ, 2013 с. 125

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННО- КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИИ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ

В данной статье была широко и эффективно рассмотрено использование технологии информационно -коммуникационных средств в процессе обучения иностранному языку, в котором использование компьютеров рассмотрено и приведено четко во время обучение языков, а также компьютерные программы для индивидуального обучения языка и дистанционного обучения среди студентов.

***Ключевые слова**: мультимедиа, прожектор, компьютер, обучение, аудиосистема, видео, метод.*

USING INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGY IN TEACHING PROCESS

The article is devoted to the problem of wide and efficient use of Information and Communication Technology means in the process of 21 teaching foreign languages, where the way of using computers in teaching a language, software for individual language teaching and distance learning of foreign languages are described in detail.

***Key words:** multimedia, projector, computer, learning, audiosystem, video, method.*

Сведение об авторах:

***Ахмедова Бунафша Саидмузаффаровна**, ассистент кафедры «Языков» ТТУ им. акад. М. С. Осимї. Тел: 985053454 e-mail abunafsha@mail.ru*

***Султонова Сурайё Абдурашидовна**, ассистент кафедры «Языков» ТТУ им. акад. М. С. Осимї. Тел: (+992)901900711 e-mail Sultanova. suraye@mail.ru*

***Насриддинов Тохир Нурович**, старший преподаватель кафедры «Языков» ТТУ им. акад. М. С. Осимї. Тел: +(992)917868780 e-mail nasriddinovtohir@mail.ru.*

About the autor:

***Akhmedova Bunnavsha Saidmuzaffarovna** – assistant of Deportment leanguges of the Tajik tekhnical university name academic M. Osimi Phone: +(992)985053454 e-mail abunafsha@mail.ru*

***Sultonova Surayo Abdurashidovna** - assistant of Deportment leanguges of the Tajik tekhnical university name academic M. Osimi Phone: +(992)901900711 e-mail Sultanova. suraye@mail.ru*

***Nasriddinov Tohir Nurov -** senior teacher of Deportment leanguges of the Tajik tekhnical university name academic M. Osimi Phone: +(992)917868780 e-mail nasriddinovtohir@mail.ru*

ПЕДАГОГИКА ГРАЖДАНСКИЙ ПАТРИОТИЗМ И ПАТРИОТИЧЕСКОЕ САМОСОЗНАНИЕ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ

Шарифходжаева С. А.
Кулябский государственный университет имени А. Рудаки.

В условиях независимости и строительства гражданского общества, формировании у подрастающего поколения и молодёжи высокого чувства патриотизма и патриотического самовоспитания принимает актуальный характер, «Патриотизм, - писал Ленин, одна из наиболее глубоких чувств, закрепляющий веками и тысячелетиями обособленных отечеств». [1, с. 111-112]. (Ленин В. И. полн. собр. соч. т. 37)

В период независимости республики Таджикистан у таджикского народа возникли все условия для формирования патриотических убеждений самовоспитания. Патриотизм в Республики Таджикистан приняло более конкретный и специфический характер. Важнейшей чертой патриотизма таджикского народа теперь является общенародный, гражданский характер. В нём любовь к Родине, к родной земле, к национальной культуре и традициям сочетаются с любовью и преданностью самостоятельному, правовому, независимому, демократическому государству. Гражданский патриотизм отличается глубокой осознанностью и идейно обоснованного чувства любви и преданности Родине, которая дорога таджикскому народу и теми народами, которые проживают в Республики Таджикистан не только как земле отцов, колыбель родной национальной культуры, но и как Родина братства, равенства, и самого справедливого общественного устройства.

Отличительными чертами патриотизма таджикского народа является его исторические и патриотические корни, его всенародный, активный, действенный характер; сочетание любви к Родине с ненавистью к его врагам, врагами мира и безопасности патриотизма. Патриотизм таджикского народа включает в себя любовь к Родине, заботу об интересах страны, сохранения исторических памятников, чувства национальной гордости за свой народ, культуру и традиции, уважения к его историческому прошлому и настоящему, гордость за всех тех, которые отстаивали свободу и независимость родины и таджикского народа. Патриотизм таджикского народа это активная, животворящая, незабываемая сила.

Воспитание и формирование у подрастающего поколения и молодёжи патриотических чувств, убеждений, самосознании является основой дисциплинированности.

Исходя из актуальности исследуемой проблемы основной задачей всех типов общеобразовательных школ Республики Таджикистан в нынешних условиях является воспитание из числа подрастающего поколения и молодёжи, как из молодых граждан демократического государства воспитать таких патриотов, которые безусловно, были преданными Родине, нашему народу, идеям и практикой гражданского общества, своими поступками и действиями были идеалами для всего населения родины.

Школа призвана увидеть в глазах школьника его устойчивого, доброжелательного, убежденного отношения к родине- формирования у них уверенности в достоинстве, могуществе самостоятельного и правового государства; уверенность в успешном строительстве гражданского общества, развитие и процветание Родины, его авторитет в мировом масштабе, гордость за свою Родину и свой народ, уважительное отношение к законам и государственному законодательству. Школьники, познавая идеи Родины, сущность любви к родине и своему народу, признание успехов в строительстве гражданского общества, заботы о его сегодняшнем и завтрашнем дне, осознания необходимости нетерпимого отношения к ее врагам и тем, которые пытаются препятствовать строительству нового общества и его развития, нарушения прав и общественного порядка, терроризм и наркомания, стремление по своей силе и возможности внести определенный вклад в развития гражданского общества, сознательно выполнять свои обязанности.

Решение всех этих вопросов возложено на учителей и администрация общеобразовательных школ республики. Учителя могут успешно осуществлять на практике эти задачи при условии: если они знают содержания, формы, методы и задачи патриотического воспитания; если у них сформировано на высоком уровне педагогическое мастерство умений и навыков воспитательной работы, патриотические убеждения и патриотическое самосознание.

Подготовка будущих учителей такого уровня имеющие возможности подготовить из числа учащихся общеобразовательных школ республики входит в обязанности профессорско-преподавательского коллектива, студенческих, общественных организаций и администраций высших педагогических учреждениях Республики Таджикистан.

Исходя из той позиции, что патриотическое самосознание является важным компонентом общественного сознания, считаем целесообразным, в вкратце рассмотреть сущность общественного и индивидуального сознания. Учёными философами, психологами и педагогами, выявлены и определены сущность и содержание категорий сознаний, общественного и индивидуального сознания и самосознания.

«Общественное сознание-это отражение реального жизненного процесса людей, их общественного бытия, возникающее на основе общественно – исторической деятельности людей, практики». [1, с. 113-115]. (А. Г. Спиркин «Самосознание и самопознание». М. полит. издат, 1979)

Общественное сознание проявляется в различных формах. Формы сознания современного гражданского общества являются политические идеи, правосознание, мораль, религия, наука и искусство, философия и художественные взгляды. Политические идеи, теории, взгляды и другие в совокупности составляют общественное сознание современные этапы и оказывают решающее влияние на сознание молодёжи в целом, и их патриотическое самосознание в частности.

Общественное сознание мы рассматриваем ни как сумму индивидуальных сознаний, элементом которого является патриотическое самосознание современного общества, а как имеющийся в обществе взглядов и различные научные теории. Но общественное сознание-это не только идеологические системы, теоретические разработанные взгляды, конкретные научные знания, которые являются результатом деятельности теоретиков, учёных, а также сознания массы людей, возникающие в процессе повседневной, будничной практики, - так называемое обыденное сознание. Данное положение вполне относится и к сущности патриотического сознания и самосознания.

Нам представляется, что патриотическое самосознание является неотделимой частью индивидуального сознания и сознания в целом. Исходя из данного положения, считали необходимым на основе исследовании философов и психологов вкратце охарактеризовать сущность сознания и индивидуальной сознании. Индивидуальное и общественное сознание существуют в диалектическом единстве, общественное сознание создаётся, развивается и обогащается индивидуальными. Поэтому в своём конкретном выражении общественное сознание несет на себе некоторые отпечатки особенностей индивидуального участия в его разработке.

С другой стороны, сознание отдельной личности, в том числе и патриотическое, является по сути своей сознание общественным, поскольку важен индивид, в нашем исследовании и, студент является продуктом общественных условий жизни своего времени.

Индивидуальное сознание-это духовный мир личности. Общественное сознание неотделима от сознания индивидов, но последнее не является простой частичкой общественного сознания. Индивидуальное сознание, в том числе и патриотическое - это единичное сознание, в котором в каждом отдельном случае своеобразно сочетаются черты особенные, связанные с социальной принадлежностью личности, и индивидуальные черты, обусловленные воспитанием, способностями и обстоятельствами личной жизни индивида.

Патриотическое самосознание есть общественный продукт, оно не существует вне общества и всегда является компонентом общественного сознания.

«Под сознанием имеется в виду способность идеального отражения действительности, превращения объективного содержания предмета в субъективное содержание душевной жизни человека, а также специфические социально-психологические механизмы и формы такого отражения на разные его уровни, именно в субъективном мире сознания осуществляет воспроизведение объективной реальности и личная подготовка к преобразующей практической деятельности ее планирование, активность и целенаправленность». [2, с. 165-166]. (Келле В., Ковалзон Формы общественного сознания. -М. : Полит. издат. 1959. с. 262)

Формирование патриотического самосознания предполагает выработку способностей человека отстаивать осуществление поставленной перед собой цели в данном направлении, умении контролизировать свои патриотические чувства, мысли, убеждения, поступки, отдавать отчёт о своих патриотических действиях.

Патриотическое самосознание – подлинный центр моральной и духовной жизни студентов, управляет его деятельностью и поступками в строительстве гражданского общества. [4, с. 90-93].

«Центральное ядро сознания составляет знание. Человек может логически связывать и развивать в своем сознании мысли таким образом что, они сказываются не только копией отражаемых предметов и их связей, при образованием, воспроизведением, в котором мысль предвосхищает естественный ход событий и тогда сознание из непосредственного отражения действительности превращается в идею ориентированную на практическое воплощение в жизни» [3, с. 252-256]. (А. Г. Спиркин «Самосознание и самопознание». М. Полит. издат., 1979)

ЛИТЕРАТУРА

1. Селевко, Р. К. Современные образовательные технологии: учеб, пособие Р. К. Селевко. –М. : народное образование, 1984. С. 113-115с.
2. Ушинский, К. Д. Труд в его психологическом и воспитательном значении К. Д. Ушинский 11 Избр. Педагогичес. соч, Т. 1. Вопросы воспитания. -. : 1953. С. 165-166с.
3. Ильин, И. А. Одинокий художник совета, предисл. примеч. В. И. Белова, - М, : 1993. С. 252-256.
4. Логиновой В. И. Лабораторный практикум по дошкольной педагогике и методикам:учеб, пособие для студентов педагогических институтов -М. :РСФСР, 1981. – С. 90-93.

ГРАЖДАНСКИЙ ПАТРИОТИЗМ И ПАТРИОТИЧЕСКОЕ САМОСОЗНАНИЕ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ

Рассмотрены понятия: «патриотизм», «патриотическое воспитание», и формирования психолого-педагогических условий его формирования.

Формирование патриотического самосознания предполагает выработку способностей человека отстаивать осуществление поставленной перед собой цели в данном направлении, умении контролизировать свои патриотические чувства, мысли, убеждения, поступки, отдавать отчёт о своих патриотических действиях.

Ключевые слова: *патриотизм, патриотическое воспитание, педагогические условия, формирование, обретать, развёртывание, способность, защищать, осуществление, мониторинг.*

CIVIL PATRÍS AND PATRIOTIC SELF-CONSCIOUSNESS OF FUTURE TEACHERS

Patriotism and essence of patriotic self-consciousness of students. We considered the concept: patriotism, patriotic education and forming of patriotic self-conscious of students, suggested the psychology-pedagogical conditions of its formation.

Formation of patriotic consciousness assumes development of abilities of the person to defend realization of the aims laid down for self in the given direction, ability monitoring the patriotic feelings, thoughts, belief, acts, to give the report on the patriotic actions.

Key words: *patriotism, patriotic education, pedagogical conditions, formation, assumes, development, abilities, defend, realization, monitoring.*

Сведения об авторе:

Шарифходжаева Саодат Амирходжаевна *- соискатель кафефды английского языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. тел. : +(992)907531153.*

About author:

Sharifkhojaeva Saodat Amirkhojaevna - *researcher in the Department of English Language of the Kulob state university named after AbuabdulloRudaki. tel. : +(992)907531153.*

МАСЪАЛАИ САЛОҲИЯТНОКӢ ВА САЛОҲИЯТҲОИ УСТОДОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ

Ҳайдарзода Ш. Ҳ., Нуруллозода М.

Академияи Вазорати корҳои дохилии

Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Муассисаи таҳсилоти олии касбии муосир марҳила ба марҳила ба раванди тадбиқи Консепсияи таҳсилоти муттасили инсон дар давоми тамоми ҳаёт ворид шуда истодааст. Ин Консепсия таҳсилоти муттасилро ҳамчун воситаи ҳаёти зиндагии инсон, раванди аз худ намудани донишҳо, маҳорату малакаҳои зарурӣ, сифатҳои шахсӣ ва арзишҳои ҳаётӣ пешниҳод менамояд. Яъне Консепсияи таҳсилоти муттасил муҳаё намудани шароити таъмини таҳсилоти муттасили инсонро пешбинӣ менамояд.

Баланд шудани сатҳи талаботҳои асосии ҳаётии одами имрӯза аз паси худ ба васеъ шудани талаботи таълимии ӯ оварда расонид. Ин талаботи таълимӣ ба одамон барои нигохдорӣ ва бехдошти саломатӣ, беҳтар шудани вазъи ҳаёти оилавӣ, ба таври босалоҳият иштирок кардан дар ҳаёти ҷомеа, самаранок гузаронидани фароғат ва инкишофи шахсият заруранд. Дар натиҷаи ин дар тамоми ҷаҳон шаклҳои гуногуни таҳсилоти калонсолон ва пиронсолон босуръат паҳн гардидаанд,

Дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаҳои бисёрзинагии таъмини таҳсилоти муттасил дар тамоми давраи ҳаёт мубаддал гардидаанд. Дар онҳо таҳсил дар се зинаи таҳсилоти олӣ: якум сиклии умумиилмӣ, дуюм касбӣ ва сеюм илмӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дар шуъбаҳои таҳсилоти калонсолон, таҳсилоти пиронсолон дар «Донишгоҳҳои синни сеюм» ташкил карда шудаанд. Дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил тибқи барномаҳои таълими синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва баъзе муассисаҳои таълимии касбӣ-техникӣ тадбиқ карда мешавад. Ин гуна сурат гирифтани таҳсилот нақш, вазифаҳо ва салоҳиятҳои устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро, ки аз рӯи фанни тахассусии худ мутахассис тайёр менамоянд, ба куллӣ тағйир медиҳад. Чунки устоди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд маҳорати ташкил кардани раванди таълими одамони синну соли гуногун ва психологияи гуногунро дошта бошад.

Мақсади асосии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии муосир қонеъ гардонидани талаботи таълимии донишҷӯён ҷиҳати аз худ намудани салоҳиятҳо (дониш, маҳорат, малакаҳо, сифатҳои шахсӣ ва арзишҳои ахлоқии зарӯрӣ) барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ ва инкишофи шахсияти худ мебошад. Дар шуъбаҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии муосир шароити таълим дорои махсусиятҳои худ аз қабили шаклҳои таҳсилоти рӯзона, ғоибона, фосилавӣ ва ғайра мебошад.

Устоди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои таълими калонсолон бояд тайёрии зарурии муайян намудани модели салоҳиятҳо, яъне дониш, маҳорат, малакаҳо, хусусиятҳои шахсӣ ва арзишҳоро дошта бошад.

Дар навбати худ ин модел дар асоси салоҳиятҳои асосие сохта мешавад, ки устоди муассисаи таҳсилоти олии муосир бояд дорои онҳо бошад. Ин салоҳиятҳо дар тавсифномаи тахассусии мутахассис ё ин ки талаботи тахассусӣ нисбат ба устоди мактаби олӣ дарҷ карда мешаванд. Тавсифномаи тахассусии устоди мактаби олӣ пояи

асосие мебошад, ки бояд мутобиқи он тамоми низоми муттасили таҳсилот ба роҳ монда шавад.

Дар кишварҳои аврупоӣ ин масъала ба хотири он мавриди таваҷҷуҳи зиёд қарор гирифт, ки консепсияи таҳсилоти олии касбӣ таҷдиди назар гардид. То ин вақт муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар фаъолияти худ асосан барномаи таҳсилоти олии касбии «умумӣ»-ро тадбиқ менамуданд, ки ба бакалаврҳо ва хонандагони литсейҳо имкони идома додани таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилотро таъмин менамуд. Ҳамин тариқ, барои онҳо шароити идома додани фаъолияти илмӣ ё фаъолияти меҳнатӣ ба тахассуси муайян аз тариқи сохторҳои гуногуни таълимии ширкатҳо, корпоратсияҳо ва ғайра муҳайё карда мешуд. Танҳо ҳамон вақт ба мутахассис тахассус оид ба тасдиқи маҳорати иҷро кардани фаъолияти муайяни меҳнатӣ дар чаҳорчубаи касби муайян дода мешуд.

Ҳоло бошад аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ғарб «касбикунонии мутахассис» талаб карда мешавад, ки ба рақобатпазирии ӯ дар бозори меҳнат мусоидат менамояд. Табиист, ки масъалаи чӣ гуна тайёр намудани мутахассис ба миён омадааст. Барои ҳамин зарурати ба раванди таълим ворид намудани масъалаи муносибати салоҳиятнок ба таълим ва ташаккули салоҳиятҳои муайяни касбӣ дар давраи азхудкунии барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба миён омад [1. с. 20]

Бо мақсади ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ дар чаҳорчӯбаи раванди Болонии таҳсилот талаботи тахассусӣ барои донишҷуёни се зинаи таҳсилот таҳия гардида буданд. Ба салоҳияти ин талаботҳо ё маҳорат (малака) [2. с. 3] ё донишҳои маҳсулӣ, дарк кардан, маҳорат ва малака[3 с 9], ё «қобиляти истифодаи дониш, малака, маҳорати иҷтимоӣ ё методологӣ дар фаъолияти меҳнатӣ ва таълимӣ ва дар инкишофи касбӣ ва шахсии худ» [4. с. 13] дарк карда мешавад.

Ҳамин тариқ, дар фарқият аз муносибати «таълимӣ» ба ташкили таълим, муносибати салоҳиятнок, маҳорати амалигардонии донишҳо ва малакаи азхудшуда, инчунин сифатҳои шахсии муайян ва тамоюли арзишнок нақши арзанда доранд.

Бо чунин фаҳмиши салоҳият як қатор олимони ватанӣ андешаронӣ намудаанд, ки то ба ҳол фарқияти байни мафҳумҳои салоҳият ва салоҳиятнокиро аниқ муайян накрдаанд.

Масалан, як гурӯҳи олимон салоҳиятро «ҳамчун низоми муайяни донишҳо, малака ва сифатҳои касбӣ - шахсии инсон мешуморанд. » [5 с. 12], дигарон бошанд, онҳоро ҳамчун дониш ва малака дар соҳаи муайяни фаъолияти инсон медонанд. Салоҳиятнокӣ ҳамчун истифодаи маҷмӯи сифатҳои касбию шахсӣ фаҳмида мешавад, гурӯҳи сеюми олимон бошад, салоҳиятнокиро ба донишҳои зеҳнӣ ва ба таҷрибаи шахсӣ - рӯзмараи иҷтимоӣ-касбии инсон асоснокшуда меҳисобанд. Як қатор тадқиқотчиён мафҳуми «салоҳиятнокӣ»-ро доштани дониш, маҳорат, малака ва таҷрибаи рӯзмараи ҳаётиро медонанд.

Ҳамзамон, мафҳуми «маҳорат» ин усулҳои иҷро кардани амалҳои таъминкунандаи донишҳо ва малакаҳои гирифташуда аз ҷониби инсон ба ҳисоб меравад. Лекин дар тасниф охирон сифатҳои шахсӣ ва тамоюли арзишнок ҷой надоранд, ки ба инкишофёбии онҳо тибқи ақидаҳои олимони педагогикаи ватанӣ тамоми раванди таълим равона карда шудааст. Мафҳуми салоҳиятнокӣ ҳамчун «қобилят» ё «омодагӣ» ҷиҳати истифода намудани дониш, маҳорат ва сифатҳои шахсӣ барои фаъолияти бомуваффақият дар соҳаи муайян мушаххас нест ва дарки моҳияти масъаларо душворфаҳм мекунад. «қобилятнокӣ» дар илми психология ҳамчун хусусиятҳои фардӣ-психологии шахсият муайян карда шудааст, ки он шарти иҷрои бомуваффақияти ин ё он фаъолият ба ҳисоб меравад. Дар луғати забони русӣ «Қобилятнокӣ» ҳамчун маҳорат, инчунин имконияти иҷро намудани ягон амал муайян карда шудааст. Нисбати «омодагӣ» бошад, онро ҳамчун ҳолати рӯҳӣ- равонии махсус, ҳамчун дар субъект вуҷуд доштани нақши амали муайян ва самти доимии шуур ба иҷро намудани он» муайян карда мешавад, яъне ҳамчун шароити пешакӣ барои амалигардонии фаъолият пешбинӣ шудааст.

Аз шумораи бисёри корҳои илмӣ-тадқиқотии олимони хориҷӣ нуқтаи назари аниқро оид ба фарқияти мафҳуми «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ» олими амрикоӣ К.

Вудраф-ро ҷудо намудан мумкин аст, ки ӯ ба мафҳуми «салоҳият» субъектони фаъолияти истеҳсолиро мансуб медонад, ки онҳоро «фардият» ба иҷро мерасонад, ба «салоҳиятнокӣ» бошад, рафтор ва иҷрои салоҳият, яъне функсияҳои худро мансуб медонад.

Ҳамин тариқ, аниқ дарк кардан зарур аст, ки салоҳият дар навбати аввал чун талаботи объективӣ, ба инсон таълуқ дорад, ки намуди муайяни фаъолиятро иҷро мекунад ва он дар тавсифнома шарҳ дода шудааст. Бояд қайд кард, ки дар таснифҳои тахассусии мутахассисон, ки қаблан дар илм ва амалияи ватанӣ ташкили таҳсилоти олиро истифода бурдаанд, моҳиятан муносибати босалоҳият истифода шуда буд ва дар онҳо «талаботҳои дониш, маҳорат ва малака ба хатмкунандагони мактаби олӣ ба сифатҳои шахсӣ ва арзишҳои ахлоқӣ пешниҳод шуда буданд». Ҳамзамон дар зери мафҳуми хатмкунандаи муассисаи таълимӣ дар ҳуҷҷат «дарҷ ёфтанизинаи таҳсилот, дараҷа ва шакли омодагии касбии хатмкунандаи муассисаи таълимӣ ба иҷрои фаъолияти касбии муайян ва давом додани чунин маълумоти касбиро дар зинаи баландтар» фаҳмидан мумкин аст. Ба таври дигар, таснифи тахассусии хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олии ватанӣ ақидаи дар боло зукршуда, яъне «маҳорати тасдиқшуда оид ба истифодаи дониш, малака ва маҳорати фардӣ, иҷтимоӣ ё методологӣ дар фаъолияти меҳнатӣ ё таълимӣ ва ё дар инкишофи касбӣ ва шахсии худ»-ро пешбинӣ карда буд.

Ҳамин тариқ, устоди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд омодагии фундаменталӣ оид ба фанни таълимиро дошта, вазифаҳоро оид ба ташкили таълими шахсони синну соли гуногун ва хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологиро барои ноил шудан ба мақсадҳои гуногун дар шароитҳои гуногун дошта бошад, ки ин салоҳияти асосии ӯ ба ҳисоб меравад.

Ба модели салоҳиятнокии устоди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ маҳоратҳои асосии зерин дохил мешаванд: муайян кардани талаботҳои таълимӣ ва сатҳи омодабошии донишҷӯён, муайян кардани ҳаҷм ва таснифи таҷрибаи ҳаётии онҳо ва имконияти истифодаи онҳо дар раванди таълим; муайян кардани усули когнитивӣ, таълимӣ ва хусусиятхои психофизиологии донишҷӯён, истифодаи методикаҳои гуногун ва воситаҳои ташхиси психолого-педагогии онҳо. Ба ин замина маҳоратҳои зерин ворид мешаванд: муайян кардан, тавзеҳ додан ва ба сатҳи тафаккур расонидани мақсад ва дурнамои таълимӣ ба донишҷӯёни муайян; интихоб кардан ва тарҳрезӣ кардани мазмуни таҳсилот, сарчашмаҳо, воситаҳо, шакл ва усулҳои таълим; таҳияи нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо ё шартномаҳо, ташкил кардани шароитҳои ҷисмонӣ ва психологии самараноки таълим; раванди таълимро бо сарчашмаҳои таълимӣ-методии зарурӣ ва воситаҳои таълимӣ таъмин кардан; ташхиси психолого-физиологӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, когнитивӣ ва функсионалии донишҷӯён; фаъолияти якҷоя бо ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим; истифодаи меъёрҳои бисёрхолаи арзёби дастовардҳои донишҷӯён ва раванди таълим; гузаронидани чорабиниҳои санҷишӣ тибқи барномаи таълимӣ барои арзёбии дастовардҳои донишҷӯён; муайян кардани сифатҳои шахсӣ ва ҷаҳонбинии донишҷӯён; инкишоф додани дурнамои талаботҳои таълимии донишҷӯён ва муайян кардану ислоҳ даровардан ба раванди таълим иборат мебошад.

Модели салоҳиятнокии устоди мактаби олӣ аз худ кардани донишҳои зеринро пешбинӣ мекунад: назарияи таълими кӯдакон, калонсон ва пиронсолон, хусусиятҳои глахсии психофизиологӣ, иҷтимоӣ, касбии онҳо: психологияи таълими ин гурӯҳи одамон: асосҳои фалсафӣ ва иҷтимоии таълим, технологияи таълим, таълими мустақилона, ташкили идоракунии соҳаи маориф, инкишофи таърихии консепсияи миллӣ таҳсилот ва ғояҳои педагогӣ, андрагогӣ; самтҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии маориф; ташкил ва технологияи таълими фосилавӣ ва методикаи омӯзиши фанҳои таълимии ҷудогона.

Устоди мактаби олӣ бояд маҳорати арзёбии раванди таълим ва натиҷаҳои он, малакаи дарсгузарӣ, кор бо адабиёти илмӣ ва таълимӣ- методӣ, истифода бурдани воситаҳои техникии таълимӣ, кори ташкилӣ, коркарди маводҳои таълимӣ-методиро дошта бошад.

Хулоса, устоди мактаби олӣ бояд сифатҳои зерини шахсиро, ба монанди некхоҳӣ, адолатнокӣ, инсондустӣ, тоқатпазирӣ, зебопарастӣ, нуктасанҷӣ, актёрӣ, режисёрӣ ва ғайраҳоро дошта бошад.

АДАБИЁТ

1. Зимняя И. А. Ключевые компетенции - новая парадигма результата современного образования //ИНТЕРНЕТ-ЖУРНАЛ «ЭИДОС», 2005, 10 мая/ http: //www. eidos.ru //journal/2006.
2. Становление понятий «компетентность» и «компетенция» в современной педагогической практике/ http: //www. trgups.ru/doc 2007/1/07.
3. Ячина Н. ГЕ, Мухина Т. З., Хазиева Н. Н. Проффесиональная компетентность как показатель качество образования //Вестник Казанского технологического университета. 2009, № 2.
4. Woodruffe C. Competent bu any other hame // Pezgonnel Menengment/ 1991. September.
5. Селезневой Н. А. Словар согласованных терминов и определений в области образования государств-участников Содрудничество независимых государств. Пед. Науч~ред.

ПРОБЛЕМЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И УСЛОВИЯ ИНСТИТУТА КОММУНИКАЦИЙ

В статье расматрывается проблема подготовки студентов к проффесиональной деятельности. Показаны пути и возможности формирования компетенций и компетенности преподователя в ВУЗ-а.

Ключевие слова: *компетенции, высщая школа, образование взрослых*

CHALLENGES OF OCCURRING AND CONDITIONS OF INSTITUTE OF COMMUNICATIONS

The pap canalizes the problem of modern higher education. It shows ways and opportunities to form competens and university lecturer competens.

Keywords: *competens, higher shool, abult education.*

Сведение об авторах:

Хайдарзода Шомурод Хайдар *– декани факультета № 5 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат педагогических наук, полковник милиции*

Мехрулло Нуруллозода *– преподователь Академии МВД Республики Таджикистан, капитан полиции.*

About the authors:

Haidarzoda Shomurod Haidar*-head of faculty № 5 Academy of MIA RT, candidate pedagogic sciences, police colonel*

Mehrullo Nurullozoda *- Teacher of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, police captain.*

НАҚШ ВА МАҚОМИ МЕТОДҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ

Мирзоева С. Д.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Методҳои фаъоли таълим (МФТ) дар сатҳи байналхалқӣ эътироф гаштаанд барои самаранок гузаронидани машғулиятҳои таълимию омӯзишӣ, семинару тренингҳо дар вақти маҳдуд муфид мебошанд.

Методҳои фаъоли таълим аз чунин принсипҳои омода намудани толибилмон (кӯдакони муассисаҳои то мактабӣ, талабагон, донишҷӯён, иштирокчиёни семинару машваратҳо) ба машғулиятҳо ва дар муддати кӯтоҳ ба мақсад ноил гаштани онҳо, иштироки озодона, фаъол ва тамоюлнок. Иштироки на зиёда аз 20 нафар иштирокчиён дар машғулият, пешниҳод ва қабули мустақилонаи қоида ва тартиби рафтори иштирокчиён мавриди ташкили машғулият, иштироки бевоситаи иштирокчиён дар раванди машғулият, озод будани толибилмон дар машғулият иборат мебошад.

Барои гузаронидани машғулиятҳо омӯзгор (устод, муаллим, тренер) фасилитаторро (англ. *facilitator*, от лат. *facilis* «лёгкий, удобный») ҷалб намояд. Фасалитатор бошад дар машғулиятҳо ҳамчун маслиҳатчӣ ба омӯзгор иштирок намуда, дар навбати худ риояи қоидаҳо ва маводҳои заруриро барои таъмини самаранокии дарс омода месозад .

Мақсади асосии МФТ дар муддати кӯтоҳтарин, аз худ кардани маълумотҳои зарурӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои ҳаётӣ мебошад, ки он ба таҳкими қобилият ва маҳорати шунавандагӣ, рушди малакаҳои сарварию дастаҷамӣ, бедор кардани ҳисси инсондустӣ, таҳаммул ва ғайра мусоидат менамояд.

МФТ пеш аз ҳама бо хусусияти мутобиккунияш машҳуру маъруф гаштааст, яъне дилхоҳ толибилми солимақл ва соҳибзаковат хоҳ нохоҳ ба ин ва ё он самтҳои афзалиятнок мутобиқ мегардад.

Аз ин рӯ машғулият, мавриди ҷалби толибилмон ба бунёди дониш зарур аст, ки аз рӯи принсипҳои интихобӣ, бемамонияти маводи дилхоҳи таълимӣ истифода карда шаванд. Ин ба амалӣ гаштани мақсадҳои машғулиятҳо оварда мерасонад ва бомуваффақият анҷом ёфтани он бошад, аз хонандагон барои ашхоси нисбатан фаъоли ҷомеаро ба воя расонидан замина мегузорад.

Ба методҳои анъанавии таълими давраи Шуравӣ бошад, асосан хусусияти амрию фармонфармоӣ(императивӣ) дошта, маҳз ба ҳосил кунонидани донишу малака ва маҳоратҳо нигаронида шудааст, ки дар вай тобеияти пассивонаи толибилм ба чашм мерасад. Барои ҳалли масъалаи мазкур технологияи муосири педагогии шаклҳои пурмаҳсулу самараноки ташкили ҷараёни таълимро таъминкунанда, ки МФТ мебошад зарур аст.

МФТ ин маҷмӯи усулҳоеанд, ки хилофи истифодаи усулҳо дар низоми таълими ананавӣ набошанд ҳам, татбиқи равиши нави омӯзишро таъмин менамоянд.

Агар дар низоми таълими ананавӣ мақсади омӯзиш азхудкунии донишҳои назариявӣ ва ҳосил намудани малакаю маҳоратҳои таълимӣ бошад, МФТ сараввал таҷрибаро ташаккул медиҳад, баъдан ба воситаи истифодаи таҷриба шуурона дарк кардани он ба амал меояд ва ниҳоят назария пешкаш мегардад.

МФТ муоширати баланд ва хуби омӯзгору толибилмонро доимо ҳангоми иваз гаштани методу усул ва тарзи дарсгузаронӣ тақозо менамояд.

МФТ- ин системаи методҳое мебошад, ки фаъолнокӣ ва гуногун ақидагиву фаъолияти амалии хонандагонро дар ҷараёни омӯзиш ва азхудкунии маводи таълимро ҳангоми бунёди дониш таъмин мекнамояд.

Одатан машғулиятҳо (дарс) бо МФТ асосан аз қисмтҳои зерин иборат бошанд :

- омодасозӣ ва оғози машғулият;
- баёни мақсадҳои дар машғулят гузошташуда;
- ҳалли масъалаҳои аз мақсаҳо ба амалоянда;
- интизорӣ аз машғулят;
- муаррифии маводи таълим (презентатсия),
- эҳтиёткорӣ дар ҷараёни дарс;
- ташкили корҳои мустақилона;
- ҷамъбаст ва хулосабарорӣ.

Машғулиятҳое, ки бо истифода аз МФТ гузаронида мешавад, на фақат барои толибилмон, балки муаллимон низ шавқовар аст. Вале бенизому бемақсад гузаронидани он натиҷаи хуб дода наметавонад. Бинобар ин коркарди мақсадноки усулҳои мазкур ва ҷорӣ намудани он дар машғулиятҳо бо назардошти хусусиятҳои фардии толибилмон мувофиқи мақсад аст.

Махсусан бояд қайд кард, ки дар таълими ибтидоӣ мақсади асосӣ машғулиятҳо асосан аз инҳо иборат мебошанд:

- инкишофи шахсият;
- муайян намудани имкониятҳои эҷодӣ;
- нигоҳ доштани саломатии ҷисмониву рӯҳии кӯдак маҳсуб меёбад.

Дар таълими ибтидоии муосир пешравиҳои мусбӣ бештар рӯйи кор

омада, вариантнокии равияҳои педагогӣ, мустақилият дар ҷустуҷӯи эҷодии омӯзгор ба назар мерасанд.

Муаммои фаъолнокии шахсият дар таълим яке аз масъалаҳои мубрами (зарурии) омӯзишу парвариши соҳаи маориф ба шумор меравад.

Маълум аст, ки 70% сифатҳои шахсият дар таълими ибтидоӣ заминагузорӣ мешавад [ин хулосаи кӣ?]. Барои кӯдак на танҳо маҳорати хондану навиштан, ҳисоб кардан, гӯш кардану сухан зарӯр аст, балки дар ҷараёни бунёди дониш барои азхудкунӣ бо истифодаи аз воситаҳои техникии таълим ва компютер хеле муҳим аст.

Ҳамин тариқ истифодаи мақсадноки МФТ боиси иҷрои ҳадафҳои таълиму тарбия иҷрои гашта, ба инкишофи зеҳн мусоидат менамоянд ва асоси ташаккули хислатҳои ҳамидаи толибилмон мегарданд.

Ҳоло мо бо баъзе аз МФТ шинос мегардем.

Методи муаммогузорӣ - чунин шакли таълимест, ки фаъолияти толибилм хусусияти ҷустуҷӯӣ - тадқиқотӣ мегирад. Муваффақияти методи муаммогузорӣ дар фаъолияти якҷояи муаллими талаба таъмин мегардад. Вазифаи асосии муаллим на фақат додани маълумот, балки ҷалби хонандагон ба ҳалли муаммо (масъала) мебошад. Дар ҳамкорӣ бо муаллим кӯдак барои худ дониши навро бунёд намуда, хусусиятҳои назариявии ин ё он фанро аз худ мекунад.

Методи муаммогузорӣ аз дӯ қисми асосӣ иборат мебошад:

- иникоскунандаи мазмуни асосии мавзӯъ;
- омӯзиш дар ҳамкорӣ бо омӯзгор мувофиқи маводи пешниҳоднамудаи вай.

Методи иҷрои нақшҳо - ҳамчун бозӣ гузаронида шуда, хусусиятҳои хоси худро дорад. Миқдори вазифаву муаммо ва тақсими нақшҳо байни толибилмон хусусияти ба худ хоси ин метод ба ҳисоб меравад. Ҳангоми истифода методи мазкур ба назар гирифтани фикру андешаҳои толибилмон дар ҷараёни дарс, мувофиқи мавзӯ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Дар навбати худ иштироки фаъоли толибилмон дар муҳокимаи масъалаҳо ва додани маълумоти нав аз тарафи омӯзгор истифодаи ин методро шавқовар мегардонад,

Методи «Мизи мудаввар» - яке аз шаклҳои муташаккили МФТ аст, ки фаъолияти донишандӯзии толибилмонро шакл дода, барои мустаҳкам намудани донишҳои қаблӣ, мукаммал намудани маълумот, маҳорати ҳалли масъалаҳо ва муайян намудани мавқеъи толибилм мусоидат менамояд. Аломати фарқкунандаи методи «мизи мудаввар» аз дигар методҳо аз он иборат мебошад, ки дар инҷо машварати гурӯҳӣ ва баҳс мувофиқи мавзӯи интихобшуда барраси мегардад. Шарти муҳими ташкил ва гузаронидани мизи мудаввар ин пеш аз ҳама воқеӣ будани он, яъне ҷараёни муносибат, сӯҳбат «чашм ба чашм» будани он аст. Принсипи мизи мудаввар тарзи нишасти иштирокчиён (рӯ ба рӯ) ба баланд бардоштани фаъолнокии толибилмон, афзун шудани фикр ва ғайра мусоидат менамояд.

Мақсад аз таҳияи мақолаи илмӣ дар он аст, ки роҳҳои МФТро ҷустуҷӯ намуда, тарзи дуруст ба роҳ мондани машғулиятҳои таълимӣ, самаранок истифода бардуни онҳоро дар ҷараёни омӯзишу парвариш ба омӯзгорони ҷавон пешниҳод намоем.

АДАБИЁТ

1. Барномаи таълимии синфҳои ибтидоӣ. - Душанбе: Офсет, 2012. – 111с.
2. Боронов Б., Боев Б. Забони модарӣ: китоби дарсӣ барои синфи 3. -Душанбе: Сарпараст, 2004. - 224с.
3. Зиёев М. Н. Мирзоматов Н. Бадалова М. Роҳнамои муаллимони синфҳои ибтидоӣ оид ба истифодаи барномаҳои нави таълими забони модарӣ ва математика. - Душанбе, 2008. - 78с.
4. Лутфуллоев М., Шарифов Э., Рабиев С. М. Усули таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. - Хуҷанд, 2008. - 198с.
5. Мирзоахмедов Ф., Боев Б., Шукурова З. Р. Методҳои самараноки таълим. -Душанбе, 2008. - 240с.
6. Роҳнамои муаллимони синфҳои ибтидоӣ оид ба истифодаи барномаҳои нави таълим. - Душанбе, 2008. - 48с.
7. Стандарти таҳсилоти ибтидоӣ. - Душанбе, 2009. - 54с.
8. Файзулло Шарифзода ва дигарон. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфи 2. - Душанбе: Ирфон, 2014. - 356 с.
9. Шарифов Э., Зоҳидов А. Алифбо, бозӣ ва инкишофи нутқ. - Хуҷанд, 1996. - 179с.

ЧЕРТЁЖ И СТАТУС СВОБОДЫ МЕТОДОВ

Статья предназначены для организации обучения учащихся в интерактивной форме, что даст преподавателю большую свободу при выборе методов и приемов проведения учебных занятий.

В этом статья указано интерактивный подход в обучении основан на эффективной обратной связи в системах «преподаватель – учащихся», «учащихся – учащихся», «учащихся - содержание изучаемого предмета». Интерактивное обучение – «обучение, основанное на взаимодействие». К интерактивным технологиям относятся: игровые технологии, дискуссии, инсценировки, ролевые и имитационные игры и дрг .

***Ключевые слова**: Международный, семинар, тренинг, принцип, фасилитатор, технология, метод.*

DRAW AND STATUS OF METHODS FATALITY

The article is intended to organize the teaching of students in an interactive form, which will give the teacher more freedom in choosing methods and techniques for conducting training sessions.

This article specifies an interactive approach to learning based on effective feedback in the systems of "teacher- pupils", "pupil- pupils, " pupils-the content of the studied subject". Interactive learning is "learning based on interaction Interactive technologies include: gaming technologies, discussions, staging, role-playing and imitation games, etc.

***Keywords:** International, seminar, training, principle, facilitator, technology, method.*

Сведения об авторе:

***Мирзоева Савригул Давлаткадамовна** - старший предодаватель кафедры специальной педагогики и инклюзив Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни*

About the author:

***Mirzoeva Savrigul Davlatkadamova** - teacher in the Deparment of Psychology Preschool and Inclusive Education of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.*

ИНКИШОФИ МАҲОРАТИ ХУДБАҲОДИҲИИ ХОНАНДАГОН ДАР ҶАРАЁНИ ФАЪОЛИЯТИ БЕРУНАЗТАЪЛИМӢ

Ҳабибова О. М.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Худбаҳодиҳӣ, яке аз омилҳои асосии ташаккули тафаккури эҷодии хонанда маҳсуб меёбад. Бояд тазаккур дод, ки ба худ баҳо додан яке аз хусусиятҳои шууронагӣ буда, ба зуҳуроти шахсият, рафтор, хислат ва фаъолияти инсон таъсир мерасонад. Олимон қайд менамоянд, ки паст будани дараҷаи ба худ баҳо додан инкишофи равонии инсонро коҳиш медиҳад, ӯро нобовар ва номустқил мегардонад, аз ҷониби дигар дараҷаи баланди ба худ баҳо додан аксар вақт шахсро ба сарбастагӣ бурда мерасонад, ӯро ба ҳолате гирифтор менамояд, ки чизи навро эътироф намекунад ва танқидро низ қабул наменамояд.

Яке аз вазифаҳои асосии омӯзгор дар раванди таълиму тарбия ин ташаккул додани меъёри худбаҳодиҳӣ дар хонандагон аст. Муайян кардани меъёрхои худбаҳодиҳӣ шаклҳои зиёд дорад. Яке аз ин гуна шаклҳои ташаккул додани худбаҳодиҳӣ дар хонандагон гузаронидани чорабиниҳои беруназмактабӣ ба ҳисоб меравад, ки барои дар хонандагон инкишоф додани худбаҳодиҳӣ аҳамият доранд.

Дар ҳар як муассисаи таълимӣ дар ибтидои соли хониш нақша- чорабиниҳо таҳия карда мешаванд, ки дар он шаклҳои гуногуни корҳои беруназтаълимӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Корҳои беруназмактабӣ барои рушду камолоти маънавӣ ва эстетикии хонандагон равона гардида, амалӣ намудани он талаботи мактаби имрӯза аст. Тамошои осорхонаҳои таърихӣ, театр, синамо ва ғайра мансуби чорабиниҳои беруназмактабӣ ва

беруназсинфӣ мебошанд. Пас аз тамошои ҷойҳои зикргардида шогирдон дар маҳфилҳо фикру мулоҳизоти хешро тавассути суҳбат, саволу ҷавоб ва навиштаҷоти худ баён мекунанд ва бо ҳам баҳсу мунозира менамоянд.

Яке аз шаклҳои чорабиниҳои беруназмактабӣ (аз фанни адабиёт) ин бевосита саёҳатҳои адабӣ мебошад. Саёҳатҳои адабӣ бо мақсади шинос намудани хонандагон бо тарзи зиндагӣ, манзилгоҳ, шароити кори эҷодӣ, асарҳо, дастхатҳои нависанда, гуфтор, мактубу хотираҳои дӯстон ва ғайра ташкил карда мешаванд. Дар ҷумҳурии мо бахшида ба ҳаёту фаъолияти устодон А. Рӯдакӣ, С. Айнӣ, М. Турсунзода, Л. Шералӣ, М. Раҳимӣ ва дигарон хонамузей ташкил карда шудаанд, ки омӯзгор метавонанд хонандагонро ба ин ҷойҳои таърихӣ- адабӣ ба саёҳат оварад. Омӯзгор аввал онро ба нақша дароварда, бо директории мактаб мувофиқа менамояд.

Муҳимияти саёҳати адабӣ аз он иборат аст, ки дониши хонандагонро доир ба ҳаёту эҷодиёти нависандагон васеъ намуда, шавқу завқи онҳоро ба хондани асарҳои бадейи нависандагон бедор менамояд. Тавассути чунин амал муҳаббати шогирдон ба хондани асарҳои шоирон ва нависандагон афзун мегардад ва ин ҳам муваффакияти омӯзгор дар раванди таълиму тарбия мебошад[1].

Саёҳат ба ҷойҳои таърихӣ- адабӣ, ба осорхонаи кишваршиносии марказӣ ва осорхонаи санъатҳои тасвирии ба номи Камолиддини Беҳзод, дар табиат, муассисаҳои саноатӣ, заводу фабрикаҳо ҳам ташкил кардан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки чорабиниҳои зикргардидаи беруназмактабӣ барои ташаккул ва рушди худбаҳодиҳии хонандагон заминаи хеле мусоид фароҳам меоварад.

Дар заминаи ин чорабиниҳо шакли дигари худбаҳодиҳӣ таҳия мегардад, ки барои таҳияи меъёри худбаҳодиҳӣ зимни хониши ин ё он матн ва адабиёти бадей бо хонандагон дар шакли саволномаҳо гузаронида мешавад.

Аз ҷумла дар ҷадвали аввал, ки «Меъёри худбаҳодиҳӣ дар раванди хониши матн» ном дорад, дар аввал «Меъёрҳо» оварда шудаанд, ки аснои шиносоӣ бо ин меъёрҳо хонандагони синфи 5-ум имкон доранд дар сутуни «Ҳеҷ гоҳ» аломати « +» гузоранд, зеро дар оғози фаъолият ҳоло онҳо доир ба худбаҳодиҳӣ маълумоти кофӣ надоранд. Омӯзгор зимни хониши матн ба онҳо перомуни меъёрҳои овардашуда маълумот медиҳад, алаккай дар онҳо маҳорати худбаҳодиҳӣ ташаккул меёбад, онҳо ба сутуни «Баъзан» аломати «+» мегузоранд. Дар марҳалаи сеюм, вақте ки дар ин самти фаъолият малакаву маҳорат ҳосил мекунанд ва ба сутуни «Ҳамеша» аломати «+» мегузоранд, ин маънои онро дорад, ки меъёри худбаҳодиро хуб дарк намудаанд, ки ин аз падидаи заҳмати омӯзгор шаҳодат медиҳад. Чунин тарзи фаъолият дар хонандагон малакаҳои зеҳнию эҷодиро ташаккул медиҳад.

Ба хонандагон чунин саволҳо пешниҳод гардиданд:

1. Ҳангоми мутолиаи матн ман кӯшиш мекунам, то лаҳзае таваққуф карда, оид ба ходисахои рухдода ва он ходисаҳое, ки рух доданашон мумкин аст, фикр кунам.
2. Ман китоб мехонам ва кӯшиш мекунам, ки онро бо тасаввуроти худ оид ба ин матн муқоиса намоям.
3. Ман ба лаҳзаҳои асоси диққат дода, кӯшиш мекунам, ки онҳоро дар хотир нигоҳ дорам.
4. Аз руйи жанри адабӣ ман метавонам раванди ҳодисаи дар он инъикосёфтаро пешгӯи кунам.
5. Аз ном ва тасвирҳои китоб ман мазмуни онро дарк карда метавонам

Ҷавоби хонандагон дар диаграммаи зерин ҷой дода шудааст.



Диаграммаи 1. Меъёри худбаҳодиҳӣ дар раванди хониш

Ҷадвали дигар, ки «Меъёрҳои ҳамбаҳодиҳӣ мавриди мубоҳисаи гурӯҳӣ» номгузорӣ шудааст, алаккай шогирдонро ба фаъолияти мустақилона раҳнамун месозад. Ин ҷо шогирдон вобаста ба сатҳи фаҳмишу донишашон ба сутунҳои «ҳамеша», «баъзан» ва «ҳеҷ гоҳ» аломати «+» мегузоранд.

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки хонандагони маҳорати нисбатан суст дошта аломати «+» -ро дар сутуни «ҳеҷ гоҳ» мегузоранд. Аснои идома додани мубоҳисаи гурӯҳӣ дар ин гуна хонандагон низ тағйири доираи назар ба мушоҳида мерасад, ки ин хуб аст. Ин ҷо нақши фаъолони гурӯҳ хеле калон аст. Мавриди кор бурдан бо фаъолони гурӯҳ онҳо дигар аъзоёни гурӯҳ, хоса нафарони маҳорати сустдоштаро водор месозанд, ки моҳияти худбаҳодиҳиро дарк намоянд.

Ба хонандагон чунин саволҳо пешниҳод гардиданд:

1. Мо пеш аз оғоз кардани мубоҳиса супоришро аниқ мекунем.
2. Мо кӯшиш мекунем, ки аз мавзӯъ дур нарафта, кор кунем.
3. Ҳама аъзоёни гурӯҳ дар мубоҳиса иштирок мекунанд
4. Ҳангоми тайёр кардани ҷавоб ба супориши пешниҳодшуда мо якдигарро гӯш мекунем.
5. Мо кӯшиш мекунем, ки ба акидаи ягона биёем.
6. Як нафар аз аъзоёни гурӯҳ бояд тамоми ақидаҳои пешниҳодшударо қайд кунад
7. Тамоми ақидаҳои пешниҳодшуда дар раванди муҳокимаи кори гурӯҳи дида баромада мешаванд.
8. Мо кӯшиш мекунем, ки вақтро назорат кунем.
9. Мо одоби муоширатро риоя мекунем.
10. Мо дар гурӯҳ нақшаҳоямонро тақсим мекунем.

Натиҷаи бадастомадаро мо дар таблитсаи зерин ҷой намудем.



Диаграммаи 2. Меъёрҳои баҳодиҳӣ мавриди мубоҳисаи гурӯҳӣ

Яке аз роҳҳои муфид ва самарабахши инкишофи худбаҳодиҳӣ дар хонандагон ин чорабиниҳои беруназсинфӣ, аз қабили конфренсияҳо, шабҳои саволу ҷавоб, озмунҳои дохилимактабӣ, маҳфилҳо ва ғайраҳо маҳсуб меёбанд[6, 210]. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз сикли фанҳои забон ва адабиёти тоҷик маҳфилҳои «Забоншиносони ҷавон» ва «Адабиётшиносони ҷавон» амал мекунанд.

Вазифаи асосии адабиёт хонандагонро дар рӯҳияи доро будан ба фазилатҳои наҷиби инсонӣ тарбия намудан аст, зеро адабиёт фанни ахлоқу одоб аст. Ҳақ бар ҷониби адабиётшинос М. Шакурӣ аст, ки мегӯяд: «Адабиёт одамият меомӯзад»[3, с. 87].

Маҳфили «Адабиётшиносони ҷавон» шохаҳои зиёд дорад ва он метавонад дар самтҳои зерин фаъолият намоянд:

-Наттоқон, ровиён;

- қироати порчаҳои назмиву насрӣ;

-иншонависон;

- кашфи истеъдодоҳо:малакаву маҳорати дар саҳна нақш офаридан;

-иншо, мақола, фелетон, афсона, ҳикоя ва ғайра.

Бояд тазаккур дод, ки фаъолият дар ин маҳфил тибқи нақшаи пешакӣ омодашуда баргузор мегардад, он ба қобилияти ташкилотчигӣ, эҷодкорӣ ва ҷустуҷӯии омӯзгор сахт вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, метавон афзуд, ки мувофиқи матлаб ба роҳ мондани силсилаи чорабиниҳои дар боло зикргардида барои ташаккули малакаҳои худбаҳодиҳии хонандагон мусоидат менамоянд. Дар ин замина на танҳо малакаҳои худбаҳодиҳӣ, инчунин малакаҳои ба фаъолияти дигарон баҳодиҳӣ низ дар хонандагон рушд меёбанд. Хонанда зимни ин ё он фаъолият ба маҳорати худбаҳодиҳии ҳамсинфон баҳо медиҳад ва дар ин муқоиса ҷониби фаъолияти пурқувват ва ё заифи худро муайян мекунад. Ин чунин маъно дорад, ки дар вай малакаи худбаҳодиҳӣ ва ба дигарон баҳо додан рушт ёфта, баҳри ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта кӯшиш менамояд.

Бо мақсади асоснок намудани нуқтаи назари худ аз аъзоёни маҳфили «Адабитшиносони ҷавонӣ»-и гимназияи № 53-и ба номи Муҳаббат Маҳмудоваи ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе пурсишнома гузаронидем. Мақсад аз он иборат аст, ки аъзоёни маҳфил то чӣ андоза ба мафҳуми худбаҳодиҳӣ ва баҳодиҳӣ сарфаҳм рафта, мазмуну моҳияти онро чӣ гуна дарк намуданд ва ба саволҳо ҷавоб доданд, муайян намоем. Бо 45 нафар аъзони маҳфил пурсишнома гузаронида шуд. Пурсишнома аз чунин саволҳо иборат аст:

1. Чаро Шумо маҳз ба ҳамин маҳфил аъзо шудед?

2. Аз иштирок дар маҳфил чӣ натиҷабардорӣ кардед?

3. Оё раванди фаъолияти маҳфил писанди Шумо аст?. Агар ҳа, барои чӣ? Агар не, барои чӣ?

4. Пас аз иштирок дар маҳфил рафтор, гуфтор ва ҷаҳонбинии Шумо ягон тағйирот ба амал омад?

5. Дар кадом самти фаъолияти маҳфил Шумо комёб гаридед?

6. Моҳияти малакаҳои худбаҳодиҳиро дар чӣ мебинед?

Ба саволи якум: «Чаро Шумо маҳз ба ҳамин маҳфил аъзо шудед?» дар маҷмӯъ 45 нафар дар пурсишнома зикр намуданд, мо воқеан ба фанни адабиёту адабиётшиносӣ шавқу ҳаваси беандоза дорем ва баргузории маҳфилро бесаброна интизор мешавем.

Ба саволи дуюм аз 45 нафар 20 нафар бар он назаранд, ки мо аз маҳфил бисёр чизҳоро, аз ҷумла мафҳумҳои фанни адабиёт, хоса назарияи адабиётро аз худ намудем. Аммо 25 нафар қайд кардаанд, ки мо аз маҳфил натиҷаи қонеъкунанда ба даст наовардем. Ин ҷавоб алаккай баҳои хонандагон ба фаъолияти маҳфил, ки талаботи онҳоро қонеъ кунонида натавонистааст мебошад. Ин посух ин далелвории он аст, ки маҳорати худбаҳодиҳӣ дар хонандагон ташаккул ёфта истодааст.

Ба саволи сеюм 18 нафар хонандагон дар пурсишнома қайд нармуданд, ки онҳо аз фаъолияти маҳфил қаноатманданд, 27 нафари боқимонда аз фаъолияти маҳфил изҳори ғайриқаноатмандӣ намудаанд. Ин ҷавоб шаҳодати он аст, ки хонандагон он чиро, ки аз ҷараёни кори маҳфил ба худ бардошт карданӣ буданд, онҳоро қонеъ карда натавонист. Ин ҷавобро метавон «Ҷараёни баҳодиҳии хонандагон ба кори маҳфил» арзёбӣ намуд.

Саволи чорум «Пас аз иштирок дар маҳфил оё дар тафаккури зеҳнии худ ягон тағйирот ба амал омад» номгузорӣ шуда буд. Посух ба ин савол аз ҷониби хонандагон

қонеъкунанда набуд, зеро 32 нафар чунин ақида доштанд, ки мо дар тафаккури зеҳнии худ ягон тағйиротро мушоҳида накардаем. Аз ин ҷавоб бармеояд, ки ташаккули маҳорати худбаҳодиҳӣ дар хонандагон аз бисёр омилҳо вобастагӣ дорад: якум, хонандагон оиди роҳу воситаҳои ташаккули малакаву маҳорати худбаҳодиҳӣ тасаввуроти хуб бояд дошта бошанд; дуюм омӯзгорон ба хонандагон бояд донишҳои зарурӣ дода тавонанд. Аз миқдори умумӣ 13 нафар қайд намуданд, дар мо, воқеан кам бошад ҳам, тағйирот ба амал омад, ҳоло мо оиди малакаву маҳорати шеърдонию шеърфаҳмӣ бисёр маълумотҳо гирифтем.

Ба саволи 5-уми пурсишнома 23 нафар навиштаанд, ки мо дар самти қироати шеър бисёр чизҳоро дарк намудему дар ин ҷода комёб ҳам, шуда истодаем, 12 нафар чунин андеша доштанд, ки дар онҳо малакаву маҳорати суханварӣ рушд ёфтааст, 23 нафари дигар дар пурсишнома дарҷ кардаанд, ки бо сабаби дар сатҳи зарурӣ нагузаштани фаъолияти маҳфил дар онҳо қариб, ки ягон пешравӣ нест. Агар ба ҷавоби ин гурӯҳ воқеъбинона назар афканем, ба мушоҳида мерасад, ки аз фаъолияти маҳфил норозӣ будани худро хонандагон баҳогузорӣ кардаанд. Ин баҳо на танҳо ба баргузории маҳфил, балки баҳо ба фаъолияти омӯзгор низ ҳаст. Набояд фаромӯш сохт, ки беҳтарин равоншинос дар шинохти ҳар як омӯзгор ин хонанда аст, баҳои воқеиро ба фаъолияти омӯзгор хонанда медиҳад.

Ба саволи 6 –ум, ки «Моҳияти худбаҳодиҳиро дар чӣ мебинед?», 28 нафар дар пурсишнома «намедонам» навиштаанд, 17 нафар ақидаи хешро, ки он ҳам чандон мукаммал нест, оиди худбаҳодиҳӣ бо чанд ҷумла баён намудааанду халос.

Умуман, агар аз натиҷаҳои пурсишнома хулосабарорӣ намоем, ба чунин ақида метавон омад, ки барои ташаккул додани малакаву маҳорати худбаҳодиҳии хонандагон махсусан омӯзгорони фанҳои тахассусӣ, аз ҷумла омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷикро лозим меояд, ки бештар иштироки онҳоро дар чорабиниҳои мактабӣ ва беруназмактабӣ ташкил намоянд. Дар ин маврид хонандагон дар гузаронидани маҳфилҳои адабӣ, конфронсҳо ва виктаринаҳо фаъолияти худро инкишоф диҳанд то ки шогирдон дар муайян намудани мавқеи худ дар ҷомеа ва коллектив комёб бошанд.

Мо дар тадқиқоти минбаъда дар рисола роҷеъ ба инкишофи маҳорату малакаҳои худбаҳодиҳии хонандагон дар шаклҳои дигари корҳои беруназсинфиро дида баромада, натиҷаи онро пешниҳод менамоем.

АДАБИЁТ

1. Т. Миров, Қ. Хоҷаев, Ш. Исломов. Методикаи таълими адабиёти тоҷик. Душанбе, «Маориф», 1991. – 244с.
2. Қозиҷонов М. Корҳои хаттӣ дар машғулиятҳои хониши адабӣ.
3. Сталинобод 1958.
4. М. Шакурӣ. Таърихи адабиёт. – Душанбе, 1982. – 87с.
5. Мирзоев А. Таълими таърихи адабиёти тоҷик дар синфи 8. Душанбе, 1982. - 12с.
6. Бондарев В. П. «Выбор профессии» - М. «Просвещение», 1989. - 61с.
7. Захаров Н. Н. «Профессиональная ориентация школьников» - М. «Просвещение», 1988. - 128с.
8. Мирзоев С. С. Роль внеклассных занятий в активизации познавательных интересов учащихся. Тезисы докладов апрельской научно-теоретической конференции профессорской-преподавательского состава КГУ. - Куляб, 1994. - 210с.

РАЗВИТИЕ УМЕНИЕ САМООЦЕНКИ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ВНЕКЛАССНОЙ РАБОТЫ

В данной статье автор раскрыла роль внеклассной работы в обучении и развитии учащихся, какое значение имеет внеклассная работа с конкретными примерами. Активное участие учащихся в организации и проведение план - школьные мероприятия, внеклассная и внешкольная деятельность становится достоянием в развитии самооценки, и оценивать других.

Автор особенно уделяет должное внимание значению внеклассной работе по литературе, кружкам и чтению текста.

Проведение таких мероприятий в частности литературных кружков, конференций, викторины, встреча с поэтами, писателями, на наш взгляд все

причисленные мероприятие углубляют знания, умения и навыки учащихся, развивает самостоятельность, трудолюбия, закаливание воли для того чтобы учащиеся нашли своё место в обществе и коллективе.

В процессе проведения кружка учащимся было распределена анкета, для определения умения самооценки учащихся.

Ключевые слова: *развития, самооценка, внеклассной деятельность, кружки, значение текста, художественно-литературный экскурсии.*

DEVELOPMENT ABILITY OF A SELF-ESTIMATION STUDENTS IN OUT-OF-CLASS WORK

In given article the author has opened a role of out-of-class work in training and development of the learner's, what value out-of-class work with concrete examples has. Active participation of pupils in the organization and carrying out the plan - school actions, out-of-class and out-of-school activity becomes property in self-estimation development, and to estimate others.

The author especially gives proper attention to value to out-of-class work under the literature, clubs and text reading.

Carrying out of such actions in particular literary circles, conferences, a quiz, a meeting with poets, the writers, in our opinion all ranked action deepen knowledge, skills of pupils, develops independence, diligence, putting on will that pupils have found the place in a society and collective.

In the course of carrying out of a circle by the pupil was the questionnaire, for definition of ability of a self-estimation of pupils is distributed.

Key words: *developments, a self-estimation, out-of-class activity, clubs, working with the text, is art-literary excursions.*

Сведения об автора:

Хабибова Оишамо Муродовна *– старший преподаватель кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айнӣ, тел. :(992)907-31-06-30, Oisha-ddo@mail.ru.*

About author:

Habibova Oishamo Murodovna *- The senior teacher of the General Pedagogic's chair of the Tajik state pedagogical university named after Sadriddin Ayny, tel. : (992 907-31-06-30, Oisha-ddo@mail.ru.*

ФОРМИРОВАНИЕ МОДЕЛИ УНИВЕРСАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ДЕЙСТВИЙ И СОЦИАЛИЗАЦИИ ГЛУХОНЕМЫХ УЧАЩИХСЯ

Хакимова Дж.

Институт развития образования имени Абдурахмана Джами

Академии образования МОН РТ

Среди основ в формировании модели универсальных учебных действий и социализации глухонемых учащихся Республиканской школы-интерната нами выделяется организация обучающего процесса через предметно-практическую его направленность в контексте использования ее в целостном образовательном процессе.

Занятия по обучающей предметно-практической деятельности являются одной из форм, специфика которых предполагает применение организационных форм обучения языку в системе коммуникативной деятельности. Основная цель занятий сориентирована на формирование у глухонемых учащихся младших классов потребности в словесной речи через целенаправленное погружение обучающихся в условия коллективной совместной предметно-практической обучающей деятельности, которая путем активизации когнитивного и мультисенсорного обучения,

организовывает как педагогом, так и самими учениками речевую регуляцию. В этой связи занятия по предметно-практической обучающей деятельности обеспечивают глухонемым ученикам наиболее благоприятные условия для овладения словесной речью на основе реализации взаимосвязи речевого развития с деятельностью как ведущего принципа данной системы. Формирование речевых навыков и умений происходит на основе речевых ситуаций, специально организованных в процессе выполнения обучающимися коллективной предметно-практической обучающей деятельности, обеспечивающих мотивацию для употребления речевых конструкций, в результате использования которых, обучающимися начинает ощущаться и осознаваться значение речевых контактов.

Учащимися выполняются многообразные виды деятельности: рисование, создание аппликаций, макетов, моделирование, лепка, составление мозаик, схем, таблиц, диаграмм и т. п., на основе постоянного опосредования путем словесных пояснений, через взаимодействие практики совместной предметно-практической обучающей деятельности с практическим общением. Причем организация общения предполагает использование различных форм, таких как: парное общение, общение в троем, конвейерное общение, бригадное общение, общение при выполнении учащимися роли «маленького учителя», роли «бригадира», осуществляемых под руководством педагога, в результате которого идет формирование практических знаний и умений – речевых, интеллектуальных, развитие деятельности пальцев и т. п. В целом, процесс организации предметно-практической обучающей деятельности обеспечивает приобретение учащимися умений в выполнении следующих действий:

- выделение объекта деятельности на основе его основных признаков, строения, функционального назначения;
- представление и описание среды обитания и образа жизни животных, места произрастания растений;
- понимание назначения инструментов и материалов, способов деятельности с ними;
- планирование порядка в выполнении действий, отбор требуемых материалов и инструментов соответственно цели и плану деятельности;
- координирование и корректирование процесса в выполнении своих действий при коллективной деятельности;
- поручение и выполнение заданий;
- оказание помощи другим и ее принятие;
- качественное и точное, в соответствии с запланированным времефнем выполнение каждого этапа в деятельности;
- критической оценивание результатов работы (собственной и товарищей).

Занятия предполагают достижение определенной последовательности в усвоении содержания речи, в ее соотнесении с речью нормально слышащих детей, ибо глухонемыми учениками вначале усваивается речь на основе подражания, затем – на основе аналогичных словообразований и, наконец, по самостоятельно конструированным словесным формам речи. Предметно-практической деятельностью оказывается и воздействие на лексико-грамматическую и диалоговую аспекты речи, ибо в процессе возникновения и создаваемых специально ситуаций формируется познавательная мотивация для освоения обучающимися смыслового значения неизвестных слов, объясняющихся и уточняющихся в процессе деятельности, с самостоятельным использованием их впоследствии.

Занятиями предметно-практической обучающей деятельности происходит закладка основ в усвоении связной речи, в частности, ее коммуникативной функции, глухонемыми учащимися, которая в дальнейшем аналогично развивается на уроках по изучению языков (родного и русского). Систематическое оформление отчетов о выполняемой деятельности формирует письменную речь, а совместное их обсуждение - диалогическую речь, на основе освоения учащимися речевых форм в виде: обращения к собеседнику, понимания и выполнения различных словесных поручений, выражений, просьб и пожеланий, сообщений о проделанной работе, вопросов и ответов на них, на которых происходит усвоение основных грамматических языковых категорий,

вариативных синтаксических конструкций, видоизменения их структур через практическое общение путем их многократного использования. Таким образом создаются благоприятные условия для эффективной познавательной деятельности учащихся на основе развития когнитивного и мультисенсорного восприятия речи. Так, данными занятиями обеспечивается целенаправленное развитие зрительного восприятия, компенсация недоразвития по взаимодействию зрительного и кинестетического анализаторов, чему способствует выполнение работ по лепке, складыванию узоров, мозаик, обводке контуров по шаблонам. Развитию осязания учащихся способствуют использование игровых приемов в виде отгадывания предметов, спрятанных в мешочке, определения на ощупь особенностей материалов и др. Разнообразием видов деятельности обеспечивается произвольное запоминание наглядных материалов. Образная память развивается на основе видов работ, предусматривающих замену практических действий мысленными, где учащимися предполагается оперирование образами отсутствующих предметов по памяти, что играет важную роль для эффективного когнитивного обучения.

Рассмотрение предметно-практической обучающей деятельности в контексте коррекционного курса сориентировано: на расширение объема словесной памяти глухонемых учеников младших классов, обеспечиваемой на основе осознанного запоминания слов и фраз с использованием непроизвольного запоминания, а не путем формального их заучивания; на развитие воссоздающего и творческого воображения на основе создания и видоизменения образов предметов и явлений через их творческую переработку. Уже в рамках I класса, учащимися изготавливаются поделки при лепке из пластилина, на основе словесных описаний задуманного создаются аппликации и макеты. Дальнейшая деятельность в более старших классах осуществляется без словесного описания, а только на основе представления, с учетом того, что воссоздание предметов и явлений по памяти осуществляется через творческую переработку представлений памяти и свободного оперирования ими.

Структура занятий по предметно-практической обучающей деятельности имеет свою специфику и состоит из: подготовительного этапа к работе, включающего план, заявку, раздачу материала; этапа самой деятельности по изготовлению предмета; заключительного этапа, связанного с подведением итогов на основе отчета о работе, оценки результатов, домашнего задания.

Особую значимость приобретают лечебно-педагогические аспекты при организации деятельности, связанные: с созданием условий по мотивационной стороне в деятельности обучающихся на основе максимального использования различных игровых форм и приемов; с развитием эмоционально-положительного общения путем формирования адекватных взаимодействий в системе «педагог-обучающийся»; с созданием психологических предпосылок по развитию речи и коммуникативных аспектов в поведении; с развитием разнообразных форм для мотивации познавательной деятельности.

Одним из основных условий развития инклюзивного образования является переход от дефектоориентированного подхода к поддержке развития потенциала каждого ребенка, что при коррекционной деятельности предполагает максимальное использование особых приемов и методик на основе различных видов деятельности: предметно-практической, игровой, элементарно трудовой, всех видов продуктивной деятельности, игр: дидактических, сюжетно-ролевых, подвижных (музыкально-ритмических, игр-инсценировок и т. п.). Важнейшими условиями успеха в учебно-воспитательной работе рассматриваются действия, связанные: с учетом структуры основного нарушения, связанных с ним вторичных отклонений в развитии, с развитием сохранных функций, компенсаторных возможностей учащихся и их эмоционально-личностной специфики. Подбор игр осуществляется на основе специальных ситуаций, которые должны быть понятны и актуальны для учеников, ибо процесс игровой деятельности целесообразно выстраивать в плоскости постижения адекватного взаимоотношения с окружающими.

Таким образом, организация предметно-практической обучающей деятельности в контексте ее связи с коррекционной работой рассматривается нами как специфическое средство, способствующее решению следующих, значимых в учебно-воспитательном процессе глухонемых учащихся младших классов, составляющих в виде: формирования

различных трудовых умений и навыков; разностороннего личностного воспитания; планомерного развития мышления и т. д., анализ которых представлен ниже.

Формирование различных практических умений и навыков, рассматривается нами в виде умений по выстраиванию поочередности в действиях, подбору требуемых материалов и инструментов, различению деталей и др. ; умений, связанных с обработкой материала, сбору и монтированием предметов, отделкой деталей; умений, связанных с навыками культуры в организации деятельности.

Разностороннее воспитание личности рассматривается нами через

создание благоприятных возможностей по формированию у глухонемых учащихся младших классов психологической и практической готовности к осуществлению деятельности, путем развития качеств трудолюбия, дисциплинированности, настойчивости, упорства, эстетического восприятия на основе постоянных коммуникативных отношений с педагогом, одноклассниками, что имеет огромную значимость в их личностном становлении.

Планомерное развитие мышления глухих детей рассматривается нами на основе обязательного включения процессов восприятия и анализа объекта, дифференциацию его на части и систематизацию частей на главные и второстепенные путем их сравнения и соотношения, развивающих логическое мышление, речевое планирование собственной предметно – практической деятельности путем определения порядка в выполнении операций, выявления рационального использования времени, распределения объема деятельности. Так, П. Я. Гальпериным отмечается: «Одно и то же значение требует своего прохождения через ряд форм от начальной, внешней и предметной до заключительной, умственной, понятийной». (Гальперин П. Я. Лекции по психологии: Учебное пособие для вузов / П. Я. Гальперин [текст]. – М. : Книжный дом Университет: Высшая школа, 2002. – с. 77).

Отсюда, процесс достижения уровня понятийных обобщений в деятельности происходит через прохождение нескольких стадий, начинаясь с внешне выраженной, предметно – практической стороны, в направлении возвышения до понятийного мышления. В этом плане Л. С. Выготским процесс развития понятий и значений слов рассматривался через развитие функций по произвольному вниманию, логической памяти, абстракции, сравнения и различения и т. д. (Выготский Л. С. Основы дефектологии: Учебник для вузов / Л. С. Выготский [Текст]. – СПб. : Лань, 2003. – с. 25.

Обучение языку как средству общения рассматривается нами в опоре на естественные речевые ситуации, которые уже в младших классах связаны с осознанием необходимости в словесных контактах в виде просьб, обращений и т. п. Значимость речи, востребованность умения использовать ее при выполнении заданий в последующем проецируется на другие ситуации, совершенствуясь на уроках в контексте целостного обучающего процесса. Таким образом, на основе предметно-практической обучающей деятельности происходит закладка основ в развитии не только речи, но и всего обучающего процесса, в котором слово для обучающихся принимает значение средства, организующего их деятельность.

ЛИТЕРАТУРА

1. Выготский Л. С. Основы дефектологии: Учебник для вузов / Л. С. Выготский [Текст]. – СПб. : Лань, 2003.
2. Гальперин П. Я. Лекции по психологии: Учебное пособие для вузов / П. Я. Гальперин [текст]. – М. : Книжный дом Университет: Высшая школа, 2002. – 400 с.
3. Каримова И. Х. Инклюзивное образование: проблемы и перспективы. Международная конференция «Инклюзивное образование: проблемы, поиск путей решения»: материалы международной конференции / И. Х. Каримова [Текст]. -Душанбе, 2012. - Душанбе: Ирфон, 2012. - С. 3-7.

ФОРМИРОВАНИЯ МОДЕЛИ УНИВЕРСАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ДЕЙСТВИЙ И СОЦИАЛИЗАЦИИ ГЛУХОНЕМЫХ УЧАЩИХСЯ

Автор освещает вопросы организации предметно-практической обучающей деятельности для глухонемых детей младших классов в контексте ее связи с коррекционной работой, которая рассматривается как специфическое средство,

способствующее достижению положительных результатов в учебно-воспитательном процессе.

***Ключевые слова**: предметно-практическая деятельность, глухонемые дети, коррекционная работа*

FORMATION OF THE MODEL OF UNIVERSAL TRAINING ACTIVITIES AND SOCIALIZATION OF DEEPLY STUDENTS

The problems of arrangement of the subject-practical training activities for deaf-and-dumb children of elementary grades under the context of their communication with correctional work are covered by the author. This type of activities is considered as the specific means promoting achievement of positive results in education process.

***Keywords:** subject-practical activities, deaf-and-dumb children, correctional work*

Сведения об авторе:

***Хакимова Джамиля** соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования МОН РТ, тел. 907945525; E-mail: hacimovva_2014@mail.ru*

About the author:

***Hakimova Jamila** - researcher in the Institute promotion education named after Abdurahmoni Jomi Akademe edicaiton MES. RT. Phone: +992907945525; E-mail: hacimovva_2014@mail.ru*

МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ ТАЪЛИМИ КАЛОНСОЛОН

Сафаров М. В.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Рушди назария ва амалияи таълими калонсолон дар таҷрибаи байналмилалӣ якчанд марҳилаҳоро сипарӣ кардааст. Таърихан нахустин марҳилаи ташаккули андрагогика ҳамчун як бахшу соҳа, - маншаъ ва сарчашмаи ба рушди амалияи таълими калонсолон алоқамандро метавон давраи қариб 100 солро маҳсуб донист, шурӯъ аз миёнаи солҳои 30-юми асри XIX. Барои аксари кишварҳои Аврупо ва Амрико ин замони таҷаммӯи номуназзами таҷрибаи маърифати аҳолии калонсол ва аксран оммаи васеъ буд, ки ангезаи он рушди босуръати тавлидоти саноатӣ ва таҳаввулоти иҷтимоӣ маҳсуб буд. Истилоҳи «андрагогика», нахустин маротиба дар ибтидои солҳои 30-юм дар Олмон (Германия) пайдо шуда, зуд мавриди мубоҳисаю мунозираҳои олимону муҳаққиқон гашта монд. Бар зидди идеяи омӯзиш ва рушди таҳсилоти калонсолон ба сифати предмети хоса файласуф ва педагоги машҳур И. Гербарт баромада буд. Аммо аллакай дар нимаи дувуми асри XIX дар Русия ва кишварҳои хориҷии дигар таълифоту нашрияҳое пайдо шуданд, ки дар онҳо ходимони ҷамъиятӣ ва мутафаккирон, ки мустақиман дар ташкилу созмондеҳии шаклҳои гуногуни маърифати мардумӣ (мактабҳои шабона ва якшанбегӣ, мактабҳои мардумӣ, осорхонаҳо, китобхонаҳо) ширкат мекарданд, мулоҳизаҳои худро оид ба вазифаҳо ва вижагиҳои таълими калонсолон дар асосу заминаи таҷрибаи мавҷуда ироа менамояд.

Интиҳои асри XIX ҷудошавии мафҳуми «таълими калонсолон» ба сифати падидаю зуҳуроти мустақил, таҷаммӯи дарку фаҳми таҷрибаи таҳсилотии оммаи васеи мардум, пешбурди идеяи худфаъолиятии аҳолии калонсол дар раванди кору фаъолиятҳои фарҳангӣ-маърифатӣ оғоз мегардад.

Дар ин давра ташаккули суннату анъанаҳои таълими калонсолон дар кишварҳои гуногун сурат гирифта, сохтору ниҳодҳои мутобиқи ҷамъиятӣ таъсис мегарданд, шахсиятҳои барҷаста буруз мекунанд, ки саҳми худро дар таҳсилоти аҳолии калонсол мегузоранд. Дар байни онҳо ҷойгоҳу мақоми хосаро олиму муҳаққиқи Дания - Николай Грунтвиг, муассиси мактабҳои мардумӣ дар Скандинавия ишғол мекунад.

Муҳаққиқ С. Г. Вершловский [4, с. 6] зикр мекунад, ки таҳти мафҳуми зерсохтори «расмӣ» тамоми навъҳои таҳсилоти анъанавии давлатӣ ва ғайридавлатӣ – мактаб, мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ, мактаби таҳсилоти олии касбӣ ва ҳамонанди инҳо

фаҳмида мешаванд. «Таҳсилоти ғайрирасмии калонсолон» - ин гуногунрангии низомҳои таҳсилотӣ, ки барои муассиса мувофиқу мутобиқ ҳастанд ва ба талаботу манфиатҳои мушаххаси муҳассилин нигаронида шудаанд, мебошанд.

Хориҷшавии таҳсилот аз ҳудуди доираҳои ба тариқи анъанавӣ муқарраршудаи синнусолӣ дар ҳаёт якчанд саволҳоро матраҳ намуд: чиро ва чи гуна барои калонсолон бояд омӯзонид? Вазифаҳои таҳсилот дар марҳилаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётии инсон чи гунаанд? Низоми таҳсилоти калонсолонро аз низоми таҳсилоти мактабӣ чиҳо фарқ мекунонанд? Аз сабабе ки посуху ҷавобҳо ба ин пурсишу саволҳо дар доираи педагогикаи анъанавӣ пайдо карда намешуданд, зарурате пайдо шуд, ки бояд соҳаи махсуси донишу таҳсилот муайян ва мушаххас карда шавад, ки марбут ба проблемаҳои таҳсилоти калонсолон мебошад.

Дар ибтидои асри XX проблематикаи таълими шахси калонсол ба тариқи мутадовиму муназзам тавассути олимону муҳаққиқон ба қаринаи илмҳое ворид карда мешавад, ки инсонро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Дар навбати аввал ин психология (равоншиносӣ)-ро дахл кард ва дар қисмате, ки ба даврабандии марҳилаҳои рушди рӯҳию равонӣ (психикӣ) алоқаманданд. Дар навбати аввал ин психологияро дахлкард – дар бахшу қисмате, ки бо даврабандии марҳилаҳои рушди рӯҳию равонӣ вобастааст. Дар он замон нуқтаи назар нисбати қобилиятҳои инсон оид ба идомаи таълиму таҳсил дар дилхоҳ синну сол мусаллам набуд ва исботу ддалелро тақозо мекард. Аз лаҳзаи нашр шудани китоби муҳаққиқи машҳури амрикоӣ Э. Торндайк «Психологияи таълими калонсолон» ва чопи таълифоте, ки вижагиҳои дуввубораи иҷтимоигардиро баррасӣ мекунанд (Э. Эриксон, Р. Гоулд, О. Бримм ва дигарон), дар ҷамоаи илмӣ мавҷи нави омӯзиши амиқ оғоз меёбад. Рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бо равандҳои рушди низоми таҳсилоти идоманок ва шаклҳои он мувофиқат кард. Буҳронҳои экологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ки ба сари аҳолӣ амалан дар ҳамаи кишварҳо дар интиҳои аср фурӯ рехт, ба аз сари нав арзёбии арзишҳои зиёди таҳсилотӣ ва маънию моҳиятҳо оварда расонид.

Дар дараҷаи назария табдили тасаввуротҳо оид ба калонсолон ҳамчун муҳассилин ва оид ба муҳтавои таҳсилот, ки барои онҳо заруранд, сурат гирифт. Тағйиротҳои ҷиддӣ дар сохтори субъектҳои таҳсилот, ҳамчунин қабули вазифаҳои таҳсилотӣ тавассути муассисаҳо ва ташкилотҳо, ки қаблан барои онҳо хос набуд, ба амал омаданд. Барои ҷомеа маълум шуда монд, ки хосияту вижагиҳои дар давраҳои пешина мансуби андрагогика татбиқи амалиро тақозо мекунанд, ки бидуни омодагии махсус ғайриимкон ҳастанд. Барои ба расмият даровардани мақоми андрагог эҷоди кафедраҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва иловагии касбӣ, коркарди барномаҳои махсуси таълимӣ ва таҳсилотӣ ва кушодани курсҳои тайёрӣ ва бозомӯзии андрагогҳо, таълиф ва нашри васоити таълимие, ки ба «омӯзгорони калонсолон» нигаронида шудаанд, рушди шавқу завқ ва манфиатмандӣ нисбати шаклҳои гуногуни табдили таҷрибаи кору фаъолияти андрагогӣ заруранд.

Дар интиҳои асрҳо тамоми ин амалу корҳо ба дараҷаи зарурӣ дар миқёси байналмилалӣ дар ҷанбаҳои ташкилию созмондеҳӣ (анҷуманҳо, конфронсҳо), тадқиқотӣ (барномаҳои илмӣ, тадқиқотҳои кросс-фарҳангӣ), амалӣ (фаъолияти лоиҳавӣ) ҳамоҳанг сохта мешаванд.

Ҳамин тариқ, хутути рушди таърихии андрагогика ҳамчун илм, соҳаи амалияи иҷтимоӣ ва фанҳои таълимӣ ба тариқи зерин сохта мешаванд:

- тавсеаи амалияи таҳсилоти калонсолон дар ҷавоб ба даъватҳои замон ва мураккабгардии талаботҳои иҷтимоӣ ва шахсиятӣ дар соҳаи маориф;
- ҷусутуҷӯ ва ташаккули механизмҳои татбиқи идоманокии заминаҳои давлатӣ-ҷамъиятӣ дар марҳилаи таълими калонсолон;
- амиқгардонии донишҳо оид ба қонунмандиҳои дохилие, ки фаъолмандӣ ва муваффақнокии таҳсилоти калонсолонро дар тамоми даврахо ва дар тамоми вазъу ҳолатҳои иҷтимоии ҳаёти ӯ;
- такмили роху воситаҳои интегратсияи омилҳои берунию дохилие, ки самаранокии таҳсилоти калонсолонро мусоидат мекунад;
- байналмилалӣ гардонидани проблематикаи таҳсилоти калонсолон;

- афзоиши дараҷаи табақабандии андрагогика ва касби «андрагог».

Таҳсилоти идоманоки ғайрирасмӣ аз мавқеи бархурди шахсиятӣ-фаъолиятӣ тавассути муҳаққиқ Н. Н. Букина[2, с. 84] мавриди баррасӣ қарор дода шудааст ва зикр карда мешавад, ки ин таҳсилот заминае барои тайёрию омодагии инсон нисбати таҳаввулотҳои пешрафтаи худи ӯ ва ҳам ҷомеа мебошад.

Яке аз субъектҳои асосии ташкил ва созмондеҳии таҳсилоти калонсолон дар саҳнаи байналмилалӣ созмони ЮНЕСКО мебошад. Ин маркази бузургтарини интеллектуалии ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ аст, ки масъалаҳои таълиму таҳсил, илм ва фарҳангро фаро мегирад ва дар он бештар аз 190 давлати дунё шомил мебошанд. Дар назди ЮНЕСКО ҳудуди 600 созмонҳои давлатӣ кору фаъолият мекунанд. Нуқтаи баланди кору фаъолияти ЮНЕСКО Анҷумани панҷуми Умумиҷаҳонӣ гашта монд, ки дар Гамбург июли соли 1997 доир шуда буд. Дар ин форуми байналмилалӣ вакилони 140 давлати дунё ширкат карданд, аз ҷумла роҳбарити Созмони Милали Муттаҳид, ЮНЕСКО, вазирони маориф, фарҳанг ва иттилооти кишварҳои гуногун. Дар конфронс таъкид карда шуд, ки таҳсилоти калонсолон яке аз воситаҳои беназири рушди устувори ҷомеаҳои тамоюли гуногун дошта маҳсуб аст.

Дар ҷамъбасти конфронси Гамбург дар аксари кишварҳои дунё барномаҳои иҷтимоӣ ҷиҳати дастгирии он қисмати аҳолии калонсол, ки мехоҳад дар фаъолиятҳои гуногуни таҳсилотӣ ширкат кунанд, коркард ва татбиқ гашта истодаанд. Зимнан талаботи асосӣ чунин аст: давлат бояд ба ҳар як инсони болиғу калонсол ҳуқуқ барои таълиму таҳсил диҳад. Шакли таҳсилро худи ӯ интихоб мекунад. Имрӯз дар ҷаҳон теъдоди зиёди марказҳои таҳсилотӣ мавҷуд аст, ки фаъолияти онҳо ба тадқиқ ва ташкили таҳсилоти идоманок дар кишвари худ нигаронида шудааст. Тадқиқи назариявии ин соҳаро Пажӯҳишгоҳи таҳсилоти ЮНЕСКО (Гамбург) ва Пажӯҳишгоҳи байналмилалии банақшагирии таҳсилот (Париж) ба зима дорад. Марказҳои бузургтарини олам инҳоянд: Пажӯҳишгоҳи байналмилалии таҳсилот (ИМА); Созмони ташкили таҳсилоти калонсолон (Швейтсария); Маркази байналмилалии педагогӣ (Фаронса); Пажӯҳишгоҳи миллии таҳсилоти калонсолон (Британиёи Кабир); Пажӯҳишгоҳи байналмилалии тадқиқотҳои педагогӣ (Олмон) ва ғайра. Тавассути ин ва дигар ташкилотҳо тадқиқотҳои калонҳаҷми миллӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти калонсолон гузаронида шудаанд, масалан, Тадқиқоти байналмилалии калонсолони босавод (International Adult Literacy Survey -IALS), ки соли 1994 г. таҳти сарпарастии Ташкилоти ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд роҳандозӣ шудааст. Тадқиқот Канада, ИМА, Швейтсария, Нидерланд, Лаҳистон, Олмон ва Шветсияро фаро гирифта буд. Соли 1997 дар Британиёи Кабир Тадқиқоти миллии таҳсилоти калонсолон (The National Adult Learning Survey - NALS) роҳандозӣ шуда буд, ки 5500 нафар интихоб гашта буд ва синну соли онҳо аз 16 то 69 соларо фаро мегирифт.

Омили муҳими рушди таҳсилоти калонсолон дастгирии қонунии давлатӣ маҳсуб аст. Махсусан миқёси васеи мутобиқи фаъолияти қонунгузорӣ – дар Аврупо мавриди пуштибонӣ қарор гирифт, ки он ҷо иқтисоди пурқудрати таҳсилотии иҷтимоӣ мавҷуд аст. Қонунҳо оид ба дастгирии таҳсилоти калонсолон, пешниҳоди рухсатиҳои муздноки таҳсилотӣ интиҳои солҳои 80-90-ум дар Дания, Олмон, Испания ва дигар кишварҳо қабул гардиданд. Солҳои 1997-1998 барномаи калонҳаҷми рушди таҳсилот дар тӯли умри инсон тавассути Ҳукумати Британиё қабул шуда буд. Ҳамзамон дар масъалаи такмили тамоми зинаҳои низоми таҳсилоту маориф маъмурияти ИМА ҳам баромад карда буд. Соли 1998 дар назди Вазорати маориф, илм ва фарҳанги Ҷопон Раёсати таҳсилоти идоманок таъсис дода шуда буд.

Солҳои охир дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо корҳо оид ба эҷоди низоми аврупоии таҳсилоти идоманок лоиҳаи «Ёддошти тафоҳуми таҳсилоти идоманок» ба тариқи васеъ мавриди муҳокима қарор мегирад, ки бояд сиёсати Аврупоро дар соҳаи таҳсилоту маориф дар ояндаҳои наздик муайян кунад. Муҳимияти рушди таҳсилоти идоманок бо 2 омил вобаста аст:

- дониш ва ангезаю ҳавасмандӣ нисбати навсозиҳои он ва малакаҳо, ки барои ин заруранд, омили ҳалкунандаи рушди Аврупо, рақобатпазирӣ ва бозори самараноки меҳнат маҳсуб мешаванд;

- муҳити мураккаби иҷтимоӣ-сиёсии аврупоӣ аз инсон талаб мекунад, ки малакаҳои фаъолмандонатар ширкат кардан дар равандҳои ҷамъиятӣ дошта бошад, ки он бидуни рушди пурраю мукаммали шахсият ғайриимкон аст.

Омилҳои мазкури таҳаввулотҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба тариқи зич бо ҳам алоқаманданд ва ҳадафҳои асосию муҳимро, ки хоси амалияи байналмилалӣ барои таҳсилоти идоманок мебошанд, муайян мекунанд: ташаккули мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ ва таъмини рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат.

Дар лоиҳаи «Ёддошти тафоҳум оид ба таҳсилоти идоманок»-и кишварҳои Аврупо усулҳои (принсипҳои) калидӣ ифода ёфтаанд, ки дар асосу заминаи онҳо рушди таҳсилоти калонсолон ба нақша гирифта шудааст.

Донишу малакаҳои нав барои ҳама ҳамчун кафолату замонати дастрасии умумии идоманок ба таҳсилот бо мақсади соҳибшавӣ ва навсозии малакаҳои калонсолон, ки барои воридшавӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ заруранд. Дар навбати аввал ин саводнокии компютерӣ, забонҳои хориҷӣ, фарҳанги технологӣ, соҳибкорӣ ва малакаҳои иҷтимоӣ, ҳамчунин малакаи мутолиа, созгорию мутобиқат нисбати тағйироту таҳаввулот, бо ҷараёни иттилоот мувофиқ гаштан мебошанд.

Афзоиши маблаггузориҳо нисбати захираҳои инсонӣ, ки ба мақсади баландбардории эътибору нуфуз ва мушаххас намудани афзалияти инсон, ки барои Аврупо болотар аз ҳама меистад, нигаронида шудааст.

Методикаҳои инноватсионии таълим ва таълимот барои низоми таҳсилоти идоманок ба тариқи амудию уфуқӣ дар ҳаёт, ки тавассути онҳо муҳассилин дигар қабулгари заъифи иттилоот гашта намемонанд ва омӯзгорон пурра ва мукаммалан мушовирон, мураббиҳо ва миёнаравҳо мегарданд, нигаронида шудааст. Дар методҳои таълиму таҳсил афзалияти ангеза (мотиватсия), тафаккури интиқодӣ ва малакаи хонишу мутолиаю таҳсил фаро гирифта мешаванд.

Низоми арзёбии маълумоту таҳслоти дастрасшуда, ки бояд ба тариқи ҷиддӣ бархурдҳоро нисбати эътирофи натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти ғайрирасмӣ ва расмӣ тағйир диҳад, роҳандозӣ шудааст. Эътирофи расмии муҳимият ва арзишмандии ин навъҳои таҳсилот ба тариқи пурратар таҷрибаи таълимии инфиродии шахсиятро ифода карда, ангезаи (мотиватсияи) инсонро ба таълими идоманок тақвият медиҳад.

Рушди мураббигӣ ва мушовирӣ, ки таъмини дастрасии озодро ба иттилоот оид ба имконоти таҳсилотӣ дар фазои Аврупо таъмин мекунад. Пешбинӣ карда мешавад, ки хадамоти доимии машвараті, ки метавонад ба ҳар як хоҳишманд тавсияҳо дар масъалаи рушди таҳсилотӣ, касбӣ ва шахсиятӣ диҳад, таъсис дода шаванд. Наздику дастрасшавии таҳсилот ба хона (оила, манзил) ва нуктаҳои машвараті, ҳамчунин технологияҳои иттилоотӣ дар назар дошта шудааст. Масъулияти муҳим барои рушди низоми таҳсили идоманок зимнан ба зиммаи мақомоти ҳокимият гузошта мешавад. Инсонҳо набояд шаҳр ва ё нуктаи маскунии худро ба мақсади дастрасӣ ва таҳсилоту иттилоот тарк кунанд. Усули наздикшавии таҳсилот ба хона (манзил) эҷоди марказҳои маърифатро мустақиман дар наздикии манзил ва ҷои истиқомат пешбинӣ мекунад: дар мактабҳо, мактабҳои олӣ, китобхонаҳо, маҳфилҳо, паркҳо, марказҳои истироҳатӣ-фароғатӣ, дар ҷойҳои корӣ.

АДАБИЁТ

1. Беланже, П. Образование взрослых в промышленно развитых странах Запада //Перспективы (ЮНЕСКО). -1992.
Тарзи сермаҳсултарин калимасозии исмҳои мураккаб дар забони тоҷикӣ исмҳои мураккаби тобеъ мебошад. Дар асари Абдулҳамид Самад “Паррончакҳо” исмҳои мураккаби тобеъ қолибҳои зиёд доранд, ки маъмултарини онҳо исму исм, исму сифат, исму асоси замони ҳозираи феъл, исму асоси замони гузаштаи феъл, исму сифати феълӣ, сифату асоси замони ҳозираи феъл, сифату исм, ва ғайра мебошанд, ки онҳо ба таври зер овардан мумкин аст:

1. Исмҳои мураккабе, ки аз ду исм таркиб ёфтаанд, қолаби сермаҳсул мебошад: *гунҷишкбача, саршир, муллобачаҳо, аловхона, мурдахона, табобатхона, корхона, ҳушёрхона, ятимхона, ошхона, дарсхона, соҳибмаълумот, лойхона, тӯйхона, бачамард, роҳбалад, тахтапушт, обрӯ, китобхона, дилчасп* ва мисли инҳо, ки мафҳумҳои гуногунро ифода мекунанд. Мисолҳо дар ҷумла: Суҳроб се қадам ба қафо рафт...монанди одами маст калавида-калавида сарозер ба лойхона афтод [1, 150]. Ҳатто боре ба китобхонаи Фирдавсӣ

низ як сояпарвардаш магнитафон овард. Тирамоҳ, айёми аз таътил баргаштани донишҷӯён, саҳни хобгоҳ мисли тӯйхона пуродам ва серғавғо мешавад.

Дар ҷумлаҳои мазкур калимаҳои *лойхона, китобхона, тӯйхона* бо қолиби исму исм сохта шуда ифодакунандаи макон мебошанд. Абдулҳамид Самад аз зумраи он нависандагонест, ки дар ин қолиби исми мураккаб бисёр калимаҳоро ба қалам додааст ва дар асари нависанда мақоми намоёнро ишғол мекунанд.

2. **Исмҳои мураккабе, ки аз исму сифат таркиб ёфтаанд.** Ин тарзи калимасозии исмҳои мураккаб бемаҳсул аст, чунки қолаби аз сифату исм сохтани исмҳои мураккаб нисбат ба қолаби калимасозии факки изофат хеле барвақт пайдо шуда, мавқеи асосиро ишғол намудааст [3, 98] .

Миқдори калимаҳое, ки аз ибораҳои изофии исму сифат ба усули факки изофат сохта шудаанд, дар забон он қадар зиёд нест. Барои ҳамин мо то ҷое кӯшиш намудем, то дар асар мисолҳое пайдо намоем, барои исботи фикр мисли: *мӯйсафед, ордбирён,* ва ғ. Масалан: Айёми тирамоҳ ё аввали баҳор модасагаш зояд, барояш албатта ордбирён мепазад ва ба ягон зарфи шикаста рехта, пеши саги вафодораш мегузораду коҳишомез таъкид мекунад [1, 33]. Дар ин мисол калимаи модасаг дида мешавад, ки дар қолиби ғайриизофии сифату исм сохта шудааст.

Корбурди калимаҳои мураккаби тобеъ дар осори адибони пешин (ба мисли хуршедсифат, масеҳдам, воқеънигор, диновар, зиндасимо, муштариораз, муборакчеҳра…) низ роиҷ буда, доираи истеъмоли баъзе аз онҳо маҳдуд шудаанд. Як зумра шоирон аз ин сарвати бебаҳо баҳраёб гардида, кӯшиши эҳёгарӣ кардаанд.

Ин тарзи истифодаи зиёди калимаҳо дар қолиби дигари исмҳои мураккаби тобеъ, ки қолиби исму асосҳои феълӣ аст (зиёдтар дар қолиби исму асоси замони ҳозираи феъл) ба чашм мерасанд.

3. Исмҳои мураккабе, ки аз исму асосҳои феълӣ таркиб ёфтаанд. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик тарзи дигари калимасозии исмҳои мураккаби тобеъ, ки дар қолибҳои асосҳои феълӣ сохта шудаанд, дар асар низ ба таври намоён ба чашм мерасанд ва дар ин миён қолиби исму асоси замони ҳозираи феъл шумораи зиёдро дар бар мегирад. Дар повести «Паррончакҳо»-и Абдулҳамид Самад дар ҳаҷми 160 ҷумла пайдо намудем, ки калимаҳои мураккаби ин ҷумлаҳо дар қолиби исму асоси замони ҳозираи феъл сохта шудаанд.

А) Исму асоси замони ҳозираи феъл. Аз исму асоси замони ҳозираи феъл қариб ҳамаи хелҳои исм сохта мешавад, вале исмҳои ифодакунандаи шахс гурӯҳи асосиро ташкил медиҳанд. Онҳо шахсро аз рӯйи ихтисос, касбу кор, мансубият ва машғулият ифода менамоянд. Ихтисос, касбу кор ва мансубияти шахсро ҷузъи номии калимаи мураккаб ифода мекунад: *хонадор, фармонфармоӣ, кабкбоз, бордон, шакарханд, домангир, дипломфурӯш, дипломдор, хокистардон, ошнобоз, сагпараст, пуштибон, нафасгир, одамшинос, ҷувздон, гарданбанд, сардор, дастгир, ошбӯр, рӯймол суханҷӯй, дурӯғгӯй, пиразан, чойҷӯш, донишҷӯ* ва ғайра. Мисолҳо дар ҷумла: Вақти хонадор шудани мо Абдукарим чорғовак мерафт, -модарам хандид [1, 65]. Дар саҳни хобгоҳ духтарон гӯё ба пешвози мо баромада буданд чанд ҷавон духтар аз онҳо барфбозӣ доштанд [1, 98].

Б) Исму асоси замони гузаштаи феъл. Бо ин қолиб исмҳои шахс ва ашёи моддӣ кам сохта мешаванд. Аз исму асоси замони гузаштаи феъл сохтани исмҳои маънӣ бештар сурат гирифтааст: Имрӯз дар ҳузури раиси факулта ҷамъомади нахустин барпо шуд. Дар байни гулгашт ханда, ғулғула ва суханҳои истеҳзоомез мисли мавҷе паҳн шуд ва он ҷавон ноаён ғайб зад [1, 150].

4. Исмҳои мураккабе, ки аз исму сифати феълӣ таркиб ёфтаанд. Ин қолиб дар асар бемаҳсул мебошад. То ҷое бошад, нависанда аз истифода дар ин қолиби исми мураккаб қувваозмоӣ намудааст: *коргарзода, оббурда, падарсӯхта, хатмкарда, фалокатзада, калоншаванда, моргазида, ҷигарехта ва г.* Дар ҷумла: Ин ҷигаррехтаҳо ҳоло қимати саломатиро намедонанд [1, 98].

5. Исмҳои мураккабе, ки аз сифату исм таркиб ёфтаанд: Қолиби дигари калимаҳои мураккаб дар қолиби сифату исм меоянд. Ин тарзи калимасозии исмҳои мураккаби тобеъ, ки ҷузъи асосӣ исм ва ҷузъи тобеъ сифат мебошад, басо серистеъмол аст: **тирамоҳ, гармсел, гармхона, тундбод, тангкӯча, пасткӯча, пасткад, тафтбод, сурхоб** ва ғ.

Дар ин қолаби калимасозӣ яке аз сифатҳои серистеъмол бо калимаи **якка** мебошад: **яккаписар, яккаманор, яккачӯб, яккакорд, яккабоғ, яккачилав, яккамех, яккахона, яккахоҷагӣ** ва ғайра.

Дар байни ҷузъҳои исмҳои мураккабе, ки аз сифату исм сохта шудааанду шахсро ифода мекунанд, гоҳо садоноки -а меояд: **пирамард, пиразан.** Ин калимаҳо дар адабиётамон дар шакли пирмард ва пирзан низ омадаанд. Ба ақидаи мо, ин шаклҳо бо таҳозои талаффуз аз гуфтугӯ ба забони адабӣ дохил шудаанд.

Дар асари нависанда бошад, дар ин қолиб ба қадри имкон исмҳои мураккаб истифода шудааст. Мисол: Суратҳои Рабиҷунан, овози пиразан аранге ба гушам расид [1, 157].

6. Исмҳои мураккабе, ки аз сифату асоси замони ҳозираи феъл таркиб ёфтаанд: Ин қолиби исмҳои мураккаб дар асар бемаҳсул буда, дар ин ҷо сифатҳо субстантиватсия шудаанд: **шӯрангез, кӯтоҳандеш, хушгӯй ва ғ.** Мисолҳо дар ҷумла: Устод Ҳакимӣ рӯзҳои нахустини таҳсил маро гӯштоб карда буд, ки аз ҳамин хислати паст ифлос барҳазар бошем, зеро аз суханчиниву шӯрангезӣ кас некном нашудааст [1, 15].

7. Калимасозии исмҳои мураккаби сеҷузъа: Дар осори Абдулҳамид Самад исмҳое, ки аз се ҷузъи маънодор (асос) таркиб ёфта бошанд, гарчанде кам бошанд ҳам, тарзи ташаккули ин гурӯҳи исмҳо бо калимаҳои мураккабе, ки дар фаслҳои гузашта дидем, гоҳо мувофиқат мекунад, гоҳо не.

Исмҳои мураккаби сеҷузъа, ки дар қолиби исмҳои дуҷузъа сохта шудаанд. Дар ин гуна исмҳо яке аз ҷузъҳо (асосан дуюм) сода ва дигаре мураккаб буда, ду зинаи калимасозиро тай кардаанд: **хушомадгӯй, ошпаззан.** Ин қолиб дар асар кам истифода шудааст: Вай аллакай назди касса рост меистод ва бо ошпаззани фарбеҳ шӯхӣ дошт. Дар ҷумла калимаи мураккаби сеҷузъа, дар қолиби исм+асоси замони ҳозираи феъл+исм омадааст, ки мансубият ба шахсро далолат мекунад.

Дар ҷумлаи мазкур, ки калимаи сеҷузъаи исмӣ мавриди истифода қарор гирифтааст, дар қолиби исму исм ва асоси замони ҳозираи феъл бо пасванди калимасозӣ **–ӣ** яъне бо усули омехтаи калимасозӣ таркиб ёфтааст.

Адиб бо маҳорати хоса аз чунин бахши калимаҳо хуб ва пурмаҳсул истифода намудааст. Нависанда бо корбурди исмҳои мураккаб тавонистаанд, то ҷое забони асарро гуногунранг ва дилчаспу ҷолиби диққат намоянд.

АДАБИЁТ

1. Абдулҳамид Самад. Паррончакҳо. Аспи бобом. –Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. -228с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Фонетика, морфология. - Душанбе: Дониш, 1985. - 356с.
3. Муҳаммадиев М. Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ. Масъалаҳои забони тоҷикӣ. - Душанбе, 1967. – 134с.
4. Ниёзӣ Ш. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ. Очеркҳо оид ба грамматикаи забони тоҷикӣ. Ҷ. 7. - Сталинобод, 1954.
5. Рустамов Ш. Исм категорияҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаҳои нутқ. – Душанбе: Дониш, 1981. - 219с.
6. Турсунов М. О. Составных словах в современном таджикском, литерный языке // Известия. - 1956. - № 9. –73-84с.
7. Хоркашев С. Ташаккули таркиби луғавӣ ва калимасозӣ. – Душанбе, 2014. - 106с.
8. Хоркашев С. Истилоҳоти калимасозӣ. – Душанбе, 2012.
9. Ҳалимов С. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик (аз рӯйи забони «Гулистон»-и Саъдӣ) // Масъалаҳои забон ва адабиёт. Қисми 1/2. – Душанбе: 1975. - 283-307с.

СЛОЖНОПОДЧИНЁННЫЕ СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫЕ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ АБДУХАМИДА САМАДА

Словообразование является важнейшим способом обогащения словарного состава языка. С развитием структурного состава имен существительных постоянно совершенствуются и развиваются пути и модели словообразования этой части речи. Изменения словообразовательной структуры имен существительных осуществляются в рамке грамматического строя и внутренних закономерностей языка. Важным

источником выявления особенностей словообразования современного таджикского литературного языка являются произведения современных таджикских писателей, поэтому материалом для исследования структуры слов детерминативного типа в настоящей статьи послужили тексты прозаических произведений Абдухамида Самада.

Ключевые слова: *словообразование, сложные слова, структура слов, элементы словообразования, сокращение изафета, соединение слов, модели словообразования, атрибутивное отношение.*

COMPOUND WORDS IN THE WORKS OF ABDULHAMID SAMAD

Word-building is the most significant way of enriching Tajik language's lexis. Connected to compound nouns, form and methods of word-building regularly evolves and develops. Change and improvement of word-building appears according to regularity of development of language. And studying the works of writers one of the essential matters. With understanding this significance, in the article is studied the main forms of building words of determinative type.

Key words: *word-building, compound words, structure of word, element of word-building, connecting words, forms of word-building, attribute of relation*

Сведения об авторе:

Валиев Джамшед*, докторант (PhD) первого курса кафедры теория и практики языкознания Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. E-mail: valiev_jamshed@mail.ru Телефон (+992)907048591*

About the author:

Valiev Jamshed *- 1st year of Doctorate (PhD) in the Department of Tajik Philology of the Tajik State pedagogical University named after Sadridin Any. E-mail: valiev_jamshed@mail.ru Телефон (+992)907048591*

УДК 491. 550-24

МАВҚЕИ ИСТИФОДАИ ҶОНИШИНҲОИ ШАХСӢ ДАР "ҶОМЕЪ-УТ-ТАВОРИХ"

Юсупов Ш.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Ҷонишинҳо ба гурӯҳи ҳиссаҳои номии нутқ мутааллиқ буда, чун дигар ҳиссаҳои номӣ маънои мушаххас надошта, шарҳу эзоҳ талаб мекунанд. Муҳаққиқон доираи истеъмол ва нуфузи ҷонишинҳоро дар забони адабии муосири тоҷикӣ ба назар гирифта чунин андеша доранд, ки "маънои абстрактии ҷонишинҳо имконият медиҳад, ки онҳо на танҳо ба ҷои исм ва сифату шумора, балки ба ҷои ҳазорҳо калима оянд ва назар ба дигар ҳиссаҳои нутқ серистеъмол бошанд" [12, 14].

Оид ба ин ё он хусусияти ҷонишин ва хелҳои он дар забони тоҷикӣ пажӯҳишгароне ба монанди Н. Маъсумӣ [6], Сиёев Б. [13, 14], Бухоризода Л. [2], Наҳангова М. [9], Бахтибеков Т. [1] пажӯҳишҳои гуногунҷанбае ба анҷом расонидаанд.

Мо низ тасмим гирифтем дар ин мақолаи хеш мавқеи истифодаи ҷонишинҳои шахсиро дар «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Мувофиқи маълумоти профессор З. Мухторов, ҷонишинҳо дар забони форсии бостон ба ҳолатҳо, се шумора ва се шахс тасриф гардида, аз рӯи хелашон ба ҷонишинҳои шахсӣ, ишоратӣ, саволии номуайянӣ, нисбӣ ва энклитикӣ гурӯҳбандӣ мешудаанд [7].

Дар забони порсии қадим аз ҷонишинҳои мавҷуда ҷонишини шахси дуюми шумораи танҳо **tu** – ту, шахси дуюми шумораи ҷамъи **šmāh** ва шахси 1-ум, шумораи ҷамъи **amāh** – мо дигар шаклҳои падежӣ надоштанд.

Ҷонишини шахси сеюми шумораи танҳо дар ин давр бо ишоратҷонишини **ō** – *ӯ, вай, он* ва шумораи ҷамъ дар шакли **ōšān** – *онҳо,* ифода мегардиданд.

Дар осори садаҳои XIII-XIV ҷонишинҳои шахсӣ, ишоратӣ, нафсӣ–таъкидӣ, саволӣ–таъйинӣ, манфӣ, номуайянӣ истифода гардидаанд, ки дар байнашон ҷонишинҳои шахсӣ мавқеи махсус доранд. Ҷонишинҳои шахсӣ гурӯҳи калимаҳоеанд, ки барои ифодаи шахс истифода мешаванд.

Дар "Ҷомеъ-ут-таворих" ҷонишинҳои шахсӣ фаровон истифода шудаанд, ки таҳлили онҳо барои муайян кардани хусусияти ҷонишинҳои забони адабии муосири тоҷикӣ ёрӣ мерасонанд.

Ҷонишинҳои шахсӣ

Шахс	Танҳо	Ҷамъ
1	من	ما
2	تو	شما
3	او، وی	اشان، انان // انها،

Чунонки аз матнҳои бозмондаи давраи миёнаи инкишофи забони порсӣ маълум аст, ҷонишини шахси якуми шумораи танҳо дар ин давр бо ду шакл дучор меояд: **adam** – ман – ҳолати мустақим ва **man** – ман (аз **manā** – аз они ман, ҳолати genitive-и порсии қадим), асосан, аммо истеъмоли шакли **"az"** ниҳоят маҳдуд буд ва ҷои онро бештар ҷонишини **ман** мегирад [7, 34].

Ҷонишини шахсии **ман,** ки дар забони адабии муосири тоҷикӣ барои ифодаи шахси якуми шумораи танҳо истифода мегардад, дар "Ҷомеъ-ут-таворих" низ айнан бо ҳамин шакл ба вазифаи имрӯзааш истеъмол гардидааст. ***Ман*** *Худойро намешиносам ва намедонам, лекин аз сухан ва фармони* ***ту*** *таҷовуз накунам [10, 31]. Ӯғӯз гуфт дилхоҳи* ***ман*** *он аст ва чунон мефармоям, ки ба Худой имон оварӣ ва муҳибби ӯ бошӣ [10, 31]. Он ҳол бо Ӯғӯз гуфтанд, бар вай тараҳҳум кард ва гуфт, чун ин авратро шавҳар нест, ин фарзанд писари* ***ман*** *бошад [10, 34].*

Ҷонишини **ту** шахси дуюми танҳо шунаванда аст, ки ба он муроҷиат карда мешавад. *Ҳар ойина* ***ту*** *низ маъзур бошӣ [10, 10]. Ҳар шаб хоб чунон дидӣ, ки он бача бо вай гуфтӣ ки, эй модар, агар худопараст шавӣ ва муҳиби Худо гардӣ, шири* ***ту*** *бихӯрам [10, 30]. Он насиҳат қабул кард ва гуфт, ки бо падарат бигӯям* ***туро*** *ҳалок гардонад [10, 31].*

Доир ба хусусияти забони «Ҷомеъ-ут-таворих» дар мавриди истеъмоли ҷонишинҳои шахси сеюми шумораи танҳо ҳаминро метавон зикр намуд, ки барои ифодаи шахси сеюми шумораи танҳо ҷонишинҳои "**вай"** ва "**ӯ"** мувозӣ истемол шуда, аз байнашон ҷонишини "**ӯ"** нисбатан серистеъмол аст. *Чун падараш дид, ки* ***ӯро*** *дӯст намедорад, духтари бародари дигарро барои вай бистуд [10, 30]. Чун* ***ӯро*** *бо Ӯғӯз таслим карданд, бо* ***вай*** *ҳамон сухан гуфт [10, 31]. Асбро бидавонд ва бигурехт ва эшон дар* ***вай*** *нарасиданд то ба хона расид [10, 192].*

Дар баъзе аз осор ҷонишини шахсии **"вай"** ба худ пасванди ҷамъбандии **–ҳо** қабул карда, шахси сеюми шумораи ҷамъро ифода мекунад, ки аз ҷумла, ин шакли баён дар "Таърихи Сиистон", "Асрор-ут-тавҳид" ва "Маҷмаъ-ут-таворих" ба мушоҳида расидааст, аммо ин шакли ҷонишини **"вай"** дар "Ҷомеъ-ут-таворих" истифода нагардидааст.

Дар забони адабии муосири тоҷикӣ ҷонишини **"мо"** шахси якуми ҷамъро ифода менамояд. Пас аз мутолиаи асар ба мушоҳида расид, ки ҷонишини **"мо"** дар асар аз ҷиҳати шакл, маъно ва вазифа асосан ба шакли истеъмоли он дар забони адабиии муосири тоҷикӣ монанд аст. *Хост, то* ***мо*** *низ бо ӯ мувофиқат кунем,* ***мо*** *инкор кардем ва ба сухани ӯ илтифот нанамудем [10, 32]. Сухане, ки миёни* ***мо*** *ва эшон буд тамом кардем [10, 192]. Ва дар он вақт савганд хӯрдаанд ва дар омада ва аҳд карда, ки монанди бародару уруғи якдигар бошем ва чунонки муғулон духтар аз якдигар бихоста* ***мо*** *низ бихоҳем [10, 126].*

Чунонки баррасии мавод нишон медиҳад, барои ифодаи шахси якуми шумораи ҷамъ фақат ҷонишини **"мо"** истифода гардида, муродиф ё калимаҷонишини дигар ба назар нарасид.

Ҳамчунин дар забони адабӣ шаклҳои дигари ин ҷонишин **моён** ва **моҳо** мавҷуд аст. Забоншинос Б. Сиёев баъд аз тадқиқ ва таҳлили намунаи осори асрҳои X-XX ба хулосае

меояд, ки “бо вуҷуди гоҳ-гоҳ дучор шудани шакли “шумоён” то асри XV истеъмоли шаклҳои ҷамъулҷамъи ҷонишинҳо дар забони тоҷикию форсӣ характернок нест” [13, 64].

Муҳаққиқ Г. Камолова зимни тадқиқи хусусиятҳои морфологии “Маҷмаъ-ут-таворих” ба хулосае омадааст, ки шаклҳои “моён” ва “моҳо”дар натиҷаи ҳисси “хоксорӣ ва фурӯтанӣ” дар нутқи соҳибзабонон ба миён омадааст [4, 29].

Муҳаққиқи дигар Б. Шарифов бошад, оид ба ҷамъбандии ҷонишинҳои забони адабӣ чунин ибрози андеша намудааст, ки дар намунаҳои насри давраи пешин шакли ҷамъулҷамъи ҷонишинҳи мазкур ҳанӯз ба нормаи муайян надаромада ва минбаъд доираи истеъмоли ҷонишинҳои шахси 1-2-юми шумораи ҷамъ дар асри XVI аллакай васеъ гардидааст [11, 53].

Пас метавон ба хулосае омад, ки дар замони таълифи “Ҷомеъ-ут-таворих” шаклҳои ҷамъулҷамъи ҷонишинҳои шахсии 1-2 то ҳол ба меъёри забони адабӣ надаромадааст ва аз ин рӯ, дар асари мазкур (чун асарҳои насрии дигар мисли “Гулистон”-и Саъдӣ ва “Баҳористон”-и Ҷомӣ) шаклҳои ҷамъулҷамъи ҷонишинҳо истеъмол нагардидаанд.

Н. Маъсумӣ баъд аз тадқиқи забон ва услуби Аҳмади Дониш дар мавриди шаклҳои ҷамъулҷамъи ҷонишинҳои забони тоҷикӣ ба чунин хулоса омадааст, ки “шаклҳои ҷамъи ҷонишинҳои **“мо”** ва **“шумо”** (моён–моҳо, шумоён-шумоҳо) ҳанӯз то ибтидои асри XX на танҳо дар забони гуфтугӯӣ, балки дар нутқи хаттӣ ҳам кор фармуда мешуданд [6, 220].

Дар забони адабии муосири тоҷикӣ бошад, шаклҳои ҷамъулҷамъи ҷонишинҳои **“мо”** ва **“шумо”** (моён – моҳо, шумоён - шумоҳо) дар нутқи хаттӣ ба назар намерасад, танҳо дар гӯйиши баъзе аз намояндагони шеваи шимолӣ (моҳо, шумоҳо, моён шумоён, муҳон, шумҳон) дучор меояд.

Ҷонишини **“шумо”** ва шаклҳои дигари он **“шумоён”, “шумоҳо”** барои ифодаи шахси дуюми ҷамъ корбаст мешаванд, ки аз онҳо дар “Ҷомеъ-ут-таворих” асосан шакли **“шумо”** истеъмол гардидааст. *Зону заданд, ки чӣ гуна аст, ки моро ярлиғ намефармояд, фармуд, ки мартабаи **шумо** аз он бештар аст; ...ки **шуморо** ярлиғ муайян диҳем [10, 130]. Агар **шуморо** канкоҷ бо исм яке бошад, ...ҳама корҳо ва тамомати мардум ба муроди **шумо** ва агар иттифоқ накунед, анвоъ тафриқа ва харобӣ бо улуси **шумо** роҳ ёбад [10, 197].*

То ҷое ки ба мушоҳида расид, дар забони асар ҷонишини **“шумо”** вазифаи дигари услубие, ки дар забони адабии муосири тоҷикӣ дорад, яъне ҳамчун нишонаи ҳурмату эҳтиром нисбат ба шахси дуюми танҳо истеъмол нагардидааст.

Дар забони адабии муосири тоҷикӣ ҷонишинҳои шахси сеюми ҷамъ аз ҷонишинҳои шахси сеюми танҳо ва ишоратӣ ба воситаи пасвандҳои ҷамъбандӣ ташкил меёбанд [3, 161]. Дар байни ҷонишинҳои шахсӣ ҷонишинҳои шахси сеюми ҷамъ (онон, онҳо, эшон) мавқеи махсус доранд.

Дар “Ҷомеъ-ут-таворих” аз ҷонишинҳои шахси сеюми ҷамъ ҷонишини нисбатан қадимаи **эшон** (> форсии миёна **avešan**) фаровон истеъмол гардида, ҳамчун ҷонишини шахсӣ (ба ҷои исмҳои шахс) барои ифодаи шахси сеюми ҷамъ истифода мешавад.

Калимаи **эшон** дар «Ҷомеъ-ут-таворих» бо баробари ҳамчун ҷонишини шахсӣ барои ифодаи шахси сеюми ҷамъ, ки ҷойгузини исмҳои ғайришахс, асосан номҳои ҳайвонот, шудаанд, низ ба кор рафтааст: *...чандон чаҳорпой бойистодӣ, ки замин аз суми **эшон** пур шудӣ, гуфтӣ тамом ҷамъ аст [10, 174].* мавриди истеъмол қарор гирифтааст.

Ин вазифаи ҷонишини **“эшон”**-ро муҳаққиқ Г. Камолова низ зимни таҳқиқи хусусиятҳои морфологии “Маҷмаъ-ут-таворих” қайд намудааст.

Аммо ба сурати кул ҷонишини **“эшон”** дар матн барои ифодаи шахси сеюми шумораи ҷамъи исмҳои шахс мавриди истеъмол қарор гирифтааст: *Аз он тотор, ки **эшон** ҷамъ карда буданд, дар ин мулк се хона ҳастанд [10, 66]. Ёсоқ фармуд, ки аз **эшон касеро** зинда нагузоранд ва ҷумларо бикушанд ва андаке, ки бимонад ё дар шиками модар буданд ё баъзеро хешони **эшон** пинҳон доштанд [10, 83]. Чингизхон бифармуд то аз **эшон** бозгирифтанд [10, 199].*

Доир ба шакли қадимаи ҷонишини **“эшон”** муҳаққиққон назари гуногун доранд, аз ҷумла Г. Камолова чунин андеша дорад, ки ҷонишини эшон бозмонда аз **авеҳшон** [4, 31] аст, аммо Б. Сиёев [13, 62] ва З. Мухторов [7, 76] қайд мекунанд, ки ҷонишини мазкур аз шакли **ōšān** аст.

Оид ба маънои калимаи “**эшон”** муаллифи “Фарҳанги форсӣ” Ҳасан Амид чунин иброзн андеша намудааст: “Эшон – /паҳлавӣ - **avešān. ušān/** замири ҷамъ дар бораи инсон; ба таври муфрад ҳам ба тариқи эҳтиром дар бораи касе мегӯянд [15, 193].

Муаллифи “Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ” Муҳаммади Ҳасандӯст бошад, таърихи баромади ҷонишини эшонро чунин тавзеҳ додааст: “Форсии бостон **ŏišān** [ҳолати фоилӣ (casus rectus)] < форсии бостон avaišām [ҳолати изофӣ (genitive case), дар шумори ҷамъ], аз **ava-** ‘он’/ **avaišām** дар форсии миёна ба сурати ***ŏiš** таҳаввул ёфта ва сипас пасванди **-ān**, ки дар форсии миёна дар ҳолати ғайрифоилии ҷамъ ба замир афзуда мешуда, бад-он пайвастаст” [8, 339-340].

Дар мавриди истеъмоли ҷонишини шахси сеюми ҷамъ **“эшон”** дар “Ҷомеъ-ут-таворих” ҳаминро метавон қайд кард, ки ҷонишини мазкур дар ҳолати пешинаи худ боқӣ монда, нисбат ба шаклҳои дигари шахси сеюми шумораи ҷамъ фаровонтар истифода гардидааст.

Дар асар ҷонишинҳои **онон** ва **онҳо** нисбат ба **эшон** камистеъмоланд. *Лекин **онон** ки хавотини бузург буданд ва дар садри эътибори тамом омада, панҷ будаанд [10, 223]. Ва **онҳо** ҷумла ба сухан ҷаґонниёнро бар сар тамомати лашкарҳо, ки ба сарҳади Хитой мебурданд насб фармуд [10, 104].*

Ифодаи категорияи шумораи ҷамъи ҷонишинҳо дар “Ҷомеъ-ут-таворих асосан бо ифодаёбии ҷонишинҳои шакли ҷамъ сурат мегирад.

Дар мавриди истеъмоли ҷонишинҳо дар қиёс бо забони адабии муосири тоҷикӣ ба мушоҳида расид, ки қариб ҳамаи ҷонишинҳое, ки имрӯз мавриди истифода қарор доранд, дар асар истеъмол шудаанд, ба истиснои ҷонишини “эшон”, ки дар асар яке аз ҷонишинҳои сермаҳсул будаву имрӯз дар забони адабии муосири тоҷикӣ доираи истифодааш маҳдуд шудааст.

АДАБИЁТ

1. Бахтибеков Т. Системаи ҷонишинҳои шахсии забони шуғнонӣ. // Ахбори АФ. РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ. - Душанбе, 1974. - № 1. С. 68 – 72.
2. Бухоризода А. Л. Фукция местоименных суффиксов в современном таджикском литературном языке. Автореф. канд. дис. – Сталинабад: ТГУ, 1954. - 16 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. - 356 с.
4. Камолова Г. Хусусиятҳои морфологии забони «Маҷмаъ-ут-таворих». – Душанбе: Дониш, 1984. – 92 с.
5. Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). Ҷилди 1. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2012. – 568 с.
6. Маъсумӣ Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 267 с.
7. Мухторов З. Таърихи забони тоҷик. – Душанбе: Ҳумо, 2003. – 152 с.
8. Муҳаммади Ҳасандӯст. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ, ҷилди аввал. – Теҳрон: Нашри осор, 1393. – С. 339-340.
9. Нахангова М. Местоимения в современном таджикском языке. Автореф. канд. дис. – Душанбе, 1971. - 18 с.
10. Ҳамадонӣ, Рашидуддин Фазлуллоҳ. Ҷомеъ-ут-таворих. – Теҳрон: Иқбол, 1338. – 690 с.
11. Шарифов Б. Хусусиятҳои морфологии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ. – Душанбе: Дониш, 1985. – 232 с.
12. Раҳматова С. Ҷонишинҳо дар вазифаи калимаҳои хулосакунанда. // Мактаби советӣ. – 1969. - № 1. – 14-19 с.
13. Сиёев Б. Аз таърихи ҷонишинҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 1967. – 168 с.
14. Сиёев Б. Ташаккули ҷонишинҳо дар забони тоҷикӣ. -Душанбе: Ирфон, 2002. – 494 с.
15. عمید حسن. فرهنگ فارسی عمید / حسن عمید. – تهران، 1389. – 1088 ص.

МЕСТО УПОТРЕБЛЕНИЯ ЛИЧНЫХ МЕСТОИМЕНИЙ В «ДЖАМЕ‘-УТ-ТАВАРИХ»

В настоящей статье автор стемится показать место применения личных местоимений в трактате «Джоме‘-ут-таворих» Рашидаддин Фазлуллах Хамадони. На базе многочисленных примеров, извлеченных из текста произведения проводится анализ круга употребления указанных местоимений в сравнении с современным таджикском литературным языком.

***Ключевые слова**: местоимение, лицо, число, личное, вторичное, множественное число, категория;*

A PLACE OF THE USAGE OF THE PERSONAL PRONOUNS IN *"JĀME'-UT-TAWĀRIKH"*

In the article the author tries to show the place of the usage of the personal pronouns in the treatise «Jāme'-ut-tawārikh» (The compendium of chronicles) of Rashidaddin Fazlullah Hamadani. On the basis of the numerous examples, extracted from the text of the treatise, the usage of the said pronouns is analyzed in comparison with modern Tajik literary language.

***Key words:** pronoun, person, number, personal, plural number, category;*

Сведения об авторе:

***Шохин Юсупов** – докторант кафедры теории и практики языкознания Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Тел: (+992) 93309 99 83. E-mail: usufov90@mail.ru*

About the author:

***Shohin Usupov** – doctoral student of the Department of theory and practice of linguistics, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. Tel: (+992) 93309 99 83; E-mail: usufov90@mail.ru*

ВАЛЕНТНОКИИ ФЕЪЛҲОИ ОБЪЭКТИВӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Маҳмадсолеҳи М.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Асосёбии назарияи ибора яке аз дастовардҳои муҳими забоншиносии рус ва Шӯравӣ мебошад, чунки ҳанӯз аз аввалҳои асри XVIII сар карда ин мавзӯъ мавриди таҳқиқи олимони ватаниву хориҷӣ мавриди тадқиқ гаштааст.

Хусусан забоншиносони шӯравии асри XX дар ин соҳа, саҳми эшон хеле бузург буда, назарияи илмии ибораро чун яке аз воҳидҳои наҳвии забон донистанд. Ин назария бо номи олимони машҳури рус Ф. Ф. Фортунантов, А. А. Шахматов ва А. М. Пешковский алоқманд аст. То солҳои 50-уми асри XX равияи дарки хеле васеъи ибора ҳукумрон буд, ки мувофиқи он ибора новобаста аз намуди муносибатҳои наҳвии байни таркибҳои он чун ҳамагуна ба гурӯҳҳои аз ҷиҳати синтаксисӣ сохторёфта тасниф дода мешуд.

Бояд ироа намуд, ки аз солҳои 50-уми асри XX дар забоншиносии маънидодкунии нави ин масъала амал намуд, ки мувофиқи он истилоҳи «ибора» фақат нисбати он воҳиҳои таркибие истифода бурда мешуд, ки аз калимаҳои мустаҳқилмаъно иборат буда, дар асоси муносибати тобеи алоқаманд мебошанд. Гурӯҳҳои предикативӣ ва пешоянд (пешоянд+исм ва ғайра) аз доираи назарии ибораи бароварда шудаанд.

Ҳамин тавр, доир ба моҳияти ибораҳои озоди синтаксисӣ дар забоншиносӣ ду равия маълум аст. Равияи якум ба забоншиноси рус тааллуқ дорад. Мувофиқи он таълимот дар бораи ибора ҳанӯз дар аввалин грамматикаи забони русӣ пайдо шудааст, вале мафҳуми ибора фаҳмиши хеле васеъ дошт ва бо ин истилоҳ ҳама гуна якҷоягии наҳвии гурӯҳи калимаҳоеро меноманд, ки бо муносибати наҳвии мавҷуда асос ёфтааст. Дар ибтидои солҳои 20 тавассути асарҳои В. В. Виноградов, ки ба масъалаи ибора бахшида шудааст, ин масъала фаҳмиши конкретӣ пайдо кард [8, с. 187].

Аз ин хотир, мувофиқи назарияи В. В. Виноградов таҳти мафҳуми ибора гурӯҳи наҳвиро меноманд, ки он камаш аз ду калимаи мустақилмаъно иборат буда, тибқи алоқаи тобеъ ҳамбастагӣ пайдо мекунад [9, с. 99].

Мутобиқан ба ин ақида таркибҳои предикативӣ, инчунин гурӯҳи калимаҳои бо алоқаи пайваст ҳамбасташуда, аз қатори ибораҳои озоди наҳвӣ бароварда мешавад.

Воқеан, гурӯҳи калимаҳои пайваст, ки аз ду ҷузъ таркиб ёфтаанд, гоҳо чун ибораҳои озоди наҳвӣ эътироф карда мешаванд.

1. Ибораҳои эндосентрикӣ.

2. Ибораҳои экзосентрикӣ.

Вале новобаста аз он ки ин назария дар забоншиносии рус ва шуравӣ аз тарафи кулли забоншиносон тарафдори пайдо кард, гурӯҳи дигари забоншиносони рус бо сарварии академик В. М. Жирмунский ва пайравонаш таҳти мафҳуми ибора якҷоягии ҳама гуна ду калима фаҳмида мешавад [13, с. 53].

Чуноне ки мебинем ихтилофот байни ду равия пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки хусусияти хоси ибора чун воҳиди наҳвии чи хеле муайян карда мешавад ва онҳо ба кадом воҳидҳои дигари забон вобаста карда мешаванд. В. В. Виноградов ва тарафдории ӯ дар мадди аввал хусусиятҳои номинативии ибораро ба назар гирифта, ба вобастагии бештари он ба калима (назар ба ҷумла) эътибори зиёдтаре дода мешавад. Чунин фаҳмиши ибора ҳатто аз таснифоти ибора маълум мегардад, ки дар он чун калима воҳиди номинативии забон (номинативная единица) таъкид меёбад [5, с. 164].

Равияи дуюм дар забоншиносии Амрико ба вуҷуд омадааст. Таълимот дар бораи ибора дар ин равия аз асари Л. Блумфилд, ки соли 1968 таҳти унвони *«Забон»* нашр шудааст, ба миён омадааст. Мувофиқи ақидаи Л. Блумфилд, ки ӯ воҳиди ба ибора шаҳодат доштаро фраза *(Phrase)* меноманд, ибора ё phrase – ин ҳама гуна якҷоягии синтаксисии гурӯҳи калмаҳо мебошанд, ки аз ҷиҳати раванди сохторӣ ва пайвастагии худ (линеная структура) муайян карда мешаванд [6, с. 168]

Блумфилд даъво менамояд, ки ибораро на танҳо дар забони англисӣ, балки дар ҳамаи забонҳои дунё ба ду гурӯҳи калон ҷудо кардан лозим аст.

Ибораҳои эндосентирикӣ ва ибораҳои экзосентрикӣ: Принсипи ба ин ду гурӯҳ ҷудо намудани ибораҳо аз принссипи дар боло нишондодашуда, ки аз тарафи В. В. Виноградов ва Вжирмунскийй пешкаш карда шудааст, комилан фарқ мекунад [9, с. 72].

Принсипи таснифоти В. Виноградов ва В. М. Жирмунский ба созмони дохилии ибора асос ёфта бошад, принсипи ҷудо кардани ибораҳо аз тарафи Л. Блумфилд ба рафтори гурӯҳи калимаҳои ба ҳам алоқаманд ва ҳар яки онҳо дар таркибҳои васеътар асос ёфтааст. Мувофиқи ақидаи Блумфилд гурӯҳҳои эндосентрикӣ чунин якҷоягии калимаҳое мебошад, ки яке аз калимаҳои таркибашон дар ҷумла тамоми гурӯҳро иваз карда метавонад.

Қобили зикр аст, ки дар забоншиносии ҳозира ақидае пайдост, ки мувофиқи он воҳиди забонӣ (хусан номинативӣ) будани ибора инкор карда мешавад: «Словосочетание – это не единица языка, а свободная комбинация единиц (слов) в процессе порждения фразы (высказывания)»- таъкид менамояд [6, с. 86].

Ба ақидаи Л. Блумфилд мушахассе вуҷуд надорад, ки ӯ аз тарафи ҳамаи забоншиносон пазируфта шуда бошад. Ба ғайр аз истилоҳ, ки маънои ягона надошта ҳодисаҳои гуногуни дигари забонро низ ном мегирад, ибора ба воситаи истилоҳҳои Word cluser ва ғайра ифода карада мешавад. Мисол: Калимаҳои – *poor – John* ва *Tom and Mary*-ро Л. Блумфилд ба як хел чун гурӯҳи эндосентирикӣ қалам дод мекунанд, зеро дар гурӯҳи *poor –John Tom and Mary* яке аз қисмҳои таркибиашон *John* дар ҷумлаи томи ибораро иваз карда метавонад [6, с. 67].

Poor John ran away - John ran away[19, с. 87].

Дар гурӯҳи *John and Mary* яке аз таркибҳояш дар ҷумла тамоми гурӯҳҳоро иваз карда метавонад.

1. *John ran away – Ҷоҳн аз ин ҷо дур шав.*

2. Mary ran away- Мерий нопадид шав аз ин ҷо [19, с. 50].

Дар гурӯҳҳои экзосентрикӣ, ки баракси гурӯҳҳои эндосентрикӣ мебошанд, ягонтои аъзоёни гурӯҳ дар созмонҳои васеътар ҷои гурӯҳро иваз карда метавонад.

Мисол: *Jon ran away ё ин ки beside John* [10, с. 76].

Таснифоти ибораҳо ба гурӯҳҳои эндосентрикӣ ва эндосентрикӣ, ба рафтори гурӯҳҳи калимаҳо дар таркибҳои васеътар асос ёфта, сохтори онро ба инобат намегирад.

Лекин чуноне ки маълум аст, аз ҷиҳати сохтори таркибӣ ва муносибати наҳвии худ гурӯҳҳои poor and Mary ба намудҳои гуногун тааллқ доранд.

Гурӯҳҳои экзосентрикӣ ба гурӯҳҳои предикативӣ (шаклҳо Mary thinks ва шаклҳои пешояндии to Mary) ҷудо намояд. Дар навбати худ, гурӯҳҳои эндосентрикӣ ба гурӯҳҳои тобеъ poor-John, ва гурӯҳҳои пайваст John and Mary ҷудо мешаванд.

Чуноне ки мебинем, таснифоти ибора (phrase) дар таълимоти Л. Блумфилд аз камбудиҳои орӣ нест, ки он пеш аз ҳама ба ҳамҷинс ва ҳамсифат донистани гурӯҳҳои калимаҳое вобастагӣ дорад, ки аз муносибати наҳвӣ (синтаксисӣ) ва шакли тобеият ба пайвандакҳои гуногун тааллуқ доранд: дар гурӯҳи пешоянди beside John-ғайр аз Ҷоҳн калимаҳо бо алоқаи тобеии худ аз ҳам фарқ мекунанд.

Бунёди назариявии мақола доир ба ибора дар асоси афкору андешаи забоншиносони рус тааллуқ ёфтааст, ки ӯ воҳидҳои ба ибора шабоҳат доштаро фраза (phrase) меноманд. Дар забоншиносии англисии хоричӣ оиди ибора истилоҳи мушаххасе вуҷуд надорад, ки ӯ аз ҷониби тамоми дастандкорон ва забоншиносон пазируфта шуда бошад ҳам то ҳол ин масоили марбута ба омӯзиши амиқ ниёз дорад. Ба ғайр аз ин, ки ин истилоҳ маънои ягона надошта бошад ҳам ҳодисаҳои гуногуни дигари забонро низ ном мегирад, ибора ба воситаи истилоҳи word – group, word – clauser ва ғайра ифода карда мешавад.

Ибора ё *(phrase)* ин ҳамагуна якҷоягии наҳвии гурӯҳи калимаҳо мебошад, ки аз ҷаҳати раванди сохторӣ ва пайвастагии худ (линейная структура) муоина ва мушаххас карда мешавад.

Аз ҷумла ҳамон гурӯҳи вожаҳои мустақилмаънои ба ҳам наздикро ибора меномем, ки онҳо ядро ва адъюнкт дошта бошанд, яъне дар байни ҷузъҳои ибора алоқаи тобеъ мавҷуд бошад. Мисол:

Китоб харидан- to buy a book.

Хонаи нав – a new house.

Алалхус, мавзӯи баҳси мо ибораҳои тобеъеи хоҳанд буд, ки ядроашон феъл буда, адъюнкташон бо ягон ҳиссаи номии нутқ, (одатан исм ё ҷонишин) ифода шудаанд. Дар байни ҷузъҳои ибора муносибати объэктӣ мавҷуд аст.

Метавони иброз намуд, ки вижагиҳои асосии ибора дар он аст, ки зиёда аз ду калимаи мустақилмаъно ташикл меёбад, ки мавқеи муҳими калимаи асосӣ аломатҳои конструктивӣ ва семантикии ибора алоқаманд аст. Феъл дар ибораҳои объектӣ пайваст шавандагии калимаҳои дигарро дар аспекти наҳвӣ бо худ муайян намуда, вобаста ба маънои семантикии худ тарзи муайяни алоқаи тобеи онҳоро низ хоста мегирад. Ташакулёбии ибораҳои объектӣ ва валентнокии синтаксисӣ ва семантикии феъл ба вобастагӣ дорад.

Чуноне ки маълум аст, ибора шакли муайянро дорад, ки он ба сохтори лексики грамматикии калимаи асосӣ (ядро) алоқаманд мебошад. Шаклҳои гуногуни ибора имконият медиҳад, ки он чун маводи сохторӣ дар ҷумла истифода бурда шавад. Лекин чуноне ки В. В. Виноградов қайд мекунад, ки ибораҳо аз категорияҳои мутаносибияти шакли формалии мубтадо, хабар ва дигар аъзоҳои ҷумла маҳруманд [8, с. 76].

Новобаста аз ин шаклҳои предикативии феъл дар ҷумла амал намуда, имконият медиҳад, ки ин бора чун маводи сохтории ҷумла истифода бурда шавад ва чун ифодаи аломатҳои предикативӣ онҳо танҳо дар ҷумла вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, аломати сохтори ибора, чун воҳиди мустақили наҳв (синтаксис) истифодаи он дар шакле мебошад, ки он шакли аввалаи (ибтидоии) феъл ном мегирад. Ин шакл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ масдар (инфинитив) шуморида мешавад. Дар қатори он дар ин ду забон ибораҳои сифати феъли ҳол ҷудо менамоянд, хоси забони англисӣ ибораҳои герундий мебошад.

Дар ҳар ду забон асоси ҷузъи асосии ибораҳои объектии феълиро гурӯҳҳои гуногуни лексикӣ-семантикии феълҳо ташкил менамояд, ки амали ифода намудаи онҳо аз ҷиҳати маънои семантикӣ хелҳои гуногуни муносибати обеъктиро ташкил медиҳанд. Феълҳое, ки ибораҳои объектӣ месозанд, аз рӯи маънои луғавӣ- семантикии худ ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

Феълҳое, ки амали онҳоро ҳаракати ҷисмонӣ ташкил медиҳад. Ба ин гурӯҳ феълҳое дохил мешаванд, ки амали мушаххаси ҷисмониро ном мебаранд:

Санг бардоштан, нушидан, гирифтан, дӯхтан, кушодан, гузаштан, супурдан, дучор гаштан, истондан, пур кардан ва ғайра. [17, с. 62].

Бо вуҷуди оне, ки мавзӯи ибораҳои феълӣ аз тарафи А. Мирзоев дар забоншиносии тоҷик тадқиқ шудааст, ба талаби забоншиносии имрӯза пурра ҷавоб дода наметавонад, зеро он дар соли 1965 навишта шудааст. Дар он оиди масъалаҳои қонуниятҳои асосии бо ҳам пайвастшавӣ компонентҳо чизе гуфта нашудааст, ҳол он ки валентнокӣ асосан

ташаккулёбии ибораҳои феълӣ буда, назарияи валентнокӣ бо масъалаи сохторёбии ибораҳои феъли – объектӣ зич вобастагӣ дорад.

Чуноне ки маълум аст назарияи валентнокиро аввалин шуда намояндаи равияи структуралистӣ олими фаронсавӣ Л. Тенер дар китоби «Elements de syntax structural назарияи валентнокиро кор карда, пешниҳод намудааст [17; с, 147].

Аз ин рӯ, мувофиқи ақидаи Тенер, феълҳо, ки ӯ дар асоси ин гурӯҳӣ лексикию грамматикӣ назарияи валентнокиро пешниҳод карда баромадааст, хусусиятҳои хоси пайвастшавӣ зоҳир менамояд, ки мувофиқи маънои мундариҷаи худ метавонад, миқдори муайянии ҷузъҳои тобеъ, яъне иштирокчиёни амалро қабул намоянд. Л. Тенер валентнокиро танҳо ба феълҳо нисбат менамуд ва худи валентнокӣ дар назарияи ӯ ин миқдори муайяни актантҳо (иштирокчиёни амал), ки ба феълҳо пайваст мешавад, маънидод карда мешавад [17, с. 208].

Аз рӯи он, ки феъл қобилияти актантгиро дорад ё надорад, онҳоро ба гурӯҳҳои зерин тақсим менамоянд:

1. Феълҳои аваленти ё ки феълҳое, ки актант надоранд.
2. Феълҳои яквалентӣ, ки танҳо як актант гирифта мешаванд.
3. Феълҳои дувалента, ки ду актант доранд.
4. Феълҳои севалента, ки се актант доранд.

Феъли to give – додани чизе се валента аст, зеро ки он се иштирокчиро дар назар дорад.

1. Касе, ки медиҳад.
2. Чизе, ки дода мешавад.
3. Касе, ки ба ӯ дода мешавад.

Муайян намудани шумораи актантҳо ба Л. Тенер имконият дод, ки ӯ хелҳо ва намудҳои ибораиҳои аз ҷиҳати сохтор тавзеъ сохта, имконияти феълҳоро дар ташаккулёбии ибораҳо тадқиқ намояд [17, с. 169].

Дар тадқиқи хусуиятҳои пайвастшавии воҳидҳои забон ва қонуниятҳои ташаккулёбии ибора ҳодисаи забонии валентноки мавқеи калон дорад.

Мувофиқи ақиаи Теньер феълҳо, ӯ дар асоси ин гурӯҳӣ лексикию грамматикӣ назарияи валентнокиро пешниҳод карда баромадааст.

Хусусиятҳои хоси пайвастшавӣ зоҳир менамояд, ки мувофиқи маънои мундариҷавии худ метавонад миқдори муайяни ҷузъҳои тобеъ, яъне иштирокчиёни амалро қабул менамоянд. Л. Тенер валентнокиро танҳо ба феълҳои менамуд ва худи валентнокӣ дар назарияи ӯ ин миқдори муайяни актантҳо (иштирокчиёни амал), ки ба феълҳо пайваст мешавад, маънидод карда мешавад [17, с. 76]

ранг кардан – to point
сохтан – to built
тарсонидан – to be afraid
тоқи дӯхтан – to sew the hat
дарро кушодан – to open the door
имтиҳон супоридан ва ғайра – to pass the exam [17, с. 22].

Ин гурӯҳи феълҳоро аз рӯи маънои конкретии амал ба зергурӯҳҳои гуногун тақсим кардан мумкин аст. Масалан: 1) феълҳои ҳаракат, ки ҷойгиркуни ва ҷойивазкунии предмет (объект)- ро ифода менамояд:

партофтан – to desert
ҳавола кардан – to throw
овехтан – to hang
гузоштан – to put on habg
афтодан – to drop
гелондан ва ғайра – to push and so on [17, с. 22].

Феълҳое, ки амали мутлақ ё натиҷаи амалро ифода менамоянд.

Шикастан – to brake
Сафед кардан – to white wash
Сохтан - to make
Оташро хомуш кардан ва ғайра – to mow the grass [10, с. 96].

Феълҳое, ки дар амалиёти риёзӣ истифода бурда мешаванд:

Шумурдан – to count
Тарҳ кардан – to dimish
Гирифтан – to take
Маводро шумурдан – o count [18, с. 68].
Адади оддиро ба таркибӣ тақсим кардан – to devide
Аз 150 70-ро тарҳ кардан ва гайра – de minish from 150 – 70
Ин гурӯҳи феълҳо зергурӯҳҳои маъноии дигарро низ ташкил медиҳанд.
Ҷузъи асоси бо феълҳои гуфтор, ҳолат ва кайфият, эҳсос ифода меёбад:
а) феълҳои гуфтор:
гуфтан – to say
сӯҳбат кардан - to have a talk
нақл кардан – to tell
ҳикояи аҷибе нақл ккардан – to tell the wonderful story [18, с. 69].
Ҷузъи тобеъшаванда дар чунин ибораҳо объекти гуфтор, суроғa ё ахборро ифода менамояд:
Ба касе гапи ростро гуфтан – to tell the truth
Дар хусуси воқеаҳои Ҷумҳури сӯҳбат кардан – to talk around Republic new` s.
Феълҳои идрок: *шунидан*
Дарк кардан – to consider
Ҳис кардан – to feel
Пай бурдан – to notice
Фикр каран – to think
Фикр рондан – to think
Андешиндан – to consider
Мулоҳиза кардан – to have talk [18, с. 28].
Ин гурӯҳи феълҳо ибораи объектие месозанд, ки дар онҳо объекие, ки дар онҳо обект предмети тафаккурро ифода менамояд:
Дар бораи қисмати миллат фикр кардан
Фикр рондан – to think
Андеша рондан – to consider
Феълҳои кайфият ва эҳсос:
Ғами касеро хӯрдан – to think about somebody[18, с. 30].
Дар бораи вақти беҳуда гузашта афсӯс хӯрдан – to be sorry for spending time
Ба касе газаб кардан – to be angry with somebody [10, с. 86].
Дар боло мо ҳангоми таснифоти феълҳо аз ҷиҳати маъно танҳо ба маъноии умуми категориявии феълҳои объектӣ бо ҷудокунии зергурӯҳҳои семантикии боз ҳам хурдтар мумкин аст. Чунон таснифот дар забоншиносии тоҷик фақат дар тадқиқотҳои типологӣ роҳ ёфта, ҳанӯз тадқиқи мукаммали худро наёфтааст. (пильницкий г. г 1973, 979;391) лекин дар забоншиносии тоҷик фақат тадқиқотҳои типологӣ роҳ ёфта, ҳанӯз тадқиқи мукаммали худро наёфтааст. [16. с, 147].
Муайян намудани шумораи актантҳо ба Л. Тенйер имконият дод, ки ӯ хел ва намудҳои ибораҳои феълиро аз ҷиҳати сохтор тавзеъ сохта, имконияти феълро дар ташаккул намудани ибораҳо тадқиқ намояд. Мисол:
I give a flower
Ман ба ӯ гул медиҳам [10, с. 176].
Назарияи валентнокии Л. Тенйер дар забоншиносии ҳозира мавқеи мустаҳкам гирифта ташаккули гунонгунҷабҳаҳои худро пайдо намуд, ки он пеш аз ҳама ба мушахскунии маънои худи мафҳуми валентнокии калима, қобилияти валентнокӣ, қонуниятҳои мантиқӣ, семантикӣ ва грамматикаи валентнокии калима, қобилияти валентнокии ҳиссаҳои гуногуни нутқ, маънои шакл ва зарурияти валентнокии калимаи пайваст вобаста аст.
Дар забоншиносии имрӯза мафҳуми валентнокӣ чунин маънидод карда мешавад. Валентнокӣ ин қобилияти феъл ё баъзан дигар ҳиссаҳои нутқест, ки барои дар атрофи худ пайдо намудани ҷойҳои муайян, ки бояд ишғоли карда шавад, имконият фароҳам меоварад (Степанов, Хельбич 1978, 151). Одатан ду навъи валентнокиро ҷудо мекунанд.
1. Семантикӣ ё семантикию математикӣ.

2. Валентнокии синтаксисӣ.

Дар валентнокии семантикӣ аъзоҳои валентнок, ки ҷойҳои ҷумларо пурра мекунанд, аргумент номида мешаванд ва ҳамаи структура (калимаи валентнок ва аргумент) созмони предикативию аргументӣ номида мешавад. Дар сатҳи валентнокии синтаксисии аргументҳо ва актантҳои мувофиқ меоянд. Агар дар назарияи Л. Теньер мафҳуми «актант» ин ду сатҳи номбурдаро таҷассум кунад, дар назарияи нав ба ду сатҳ семантикию синтаксисӣ ҷудо кардани валентнокӣ падидаи нав дар илми забоншиносист [17, с. 186].

Дар интиҳо ҳаминро мебоист хулоса намуд, ки чуноне дар боло зикраш рафт валетнокии феълҳои объэктивии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хело серистеъмол буда нақши муҳимеро адо менамоянд.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки хусусиятҳои созмонии ибораҳои объекти дар забонҳои қиёсшаванда бошад, мавқеи ниҳоятан муҳим дошта, ин чунин дар созмонёбии ибораҳои объекти валентнокии фелҳо низ назаррасанд.

АДАБИЁТ

1. Абдуллоходжаева К. Определение в таджикском и английском языках. Автореф. дисс. канд. филол. наук - Душанбе, 1972. - 21 стр
2. Аракин В. Д. Типология объективных словосочетаний в скандинавских языках // Типология германских литературных языков М., 1976. -124 с.
3. Аракин В. Д. Сравнительная типология английского и русского языков-М., 1979. 136 с.
4. Белошапкова В. А. Сложное предложение в современном русском языке. М., 1967. - 137 с.
5. Белошапкова В. А. Современный русский язык. Синтаксис. М., 1977. -213 с.
6. Блумфильд Л. Язык. М., 1968. - 227 с.
7. Виноградов В. В. Основные типы лексических значений слова // В Я, 1953, № 5. -стр 5.
8. Виноградов В. В. Вопросы изучения словосочетания // В Я, 1954. -стр 9.
9. Виноградов В. В. Основные вопросы синтаксиса предложения // «Вопросы грамматического строя». –М., 1955. -216 с.
10. Войнич Е. Л. Замбур Коммент Н. К. Матвеева М. Нашриёт. Ада-биёти бадей бо забони англисӣ. 1954. 304 с.
11. Джамшедов П. Дж. Очерки по сопоставительной типологии английского и таджикского языков. - Душанбе. 1988. - 126 с.
12. Есперсен О. Философия грамматики. М., 1958. -255 с.
13. Жирмунский В. М. О границах слова. // Морфологическая структура слова в языках различных типов. М. - Л., 1963. -292 с. 53.
14. Золотова Г. А. О синтаксической форме слова // Мысли о современном русском языке». М., 1969. -147 с.
15. Поченцов Г. Г. Конструктивный анализ структуры предложения, дис., доктор филол. наук. –М, 1968, 36 с.
16. Поченцов Г. Г. Синтагматика английского языка. Киев, 1976. -229 с.
17. Теньер Л. Основы структурного синтаксиса. М., 1988. - 270 с.
18. Ходжаева С. О. Ибораҳои феъли бо муносибати объектӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ. – Душанбе, 2002. – 186 саҳ.
19. E. l. Voynich. The Gadfly (NY: Henry Holt and Compony). – 1897, 245p

ОБЪЕКТНЫЕ СЛОВОСОЧЕТАНИЯ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье автор рассматривает о проблеме валентности объектных глаголов и особенности построения объектных. Глагольных словосочетаний в таджикском и английском языках, некоторые теоретические вопросы образования свободных глагольных словосочетаний с объектными отношениями.

Кроме того, отдельные вопросы синтаксической организации объектных словосочетаний в таджикском языке требуют более углубленного изучения и осмысления с точки зрения достижений современного синтаксисоведения (выявление системных отношений и установление моделей словосочетаний, валентность слова и

её роль в структурной организации словосочетаний, типы семантических отношений в словосочетаниях и др.).

Теоретические основы словосочетания и его прикладное исследование, как любой синтаксической единицы, в современном языкознании связаны с именами русских, а затем и советских лингвистов.

Основоположник современной теории словосочетаний В. В. Виноградов определяет словосочетание, как синтаксическую единицу, образуемую соединением двух или более знаменательных слов на основе подчинительной связи.

Ключевые слова: *объект, словосочетание, язык, способ, проблема валентность, глаголы и особенности, анализ, исследование, определения, фраза, предложения, метод.*

THE WAY OF CONNECTION OF OBJECTIVE WORD COMBINATION IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In the given article the author searched about the problem of the way of connection of objective word - combination in Tajik and English languages. Verbal word-combinations are in Tajik and English languages, which were preceded by some theoretical questions of the syntactical formation of free verbal word combinations with, object relations. In addition, certain issues of the syntactic organization of object phrase in Tajik language require more in-depth study and comprehension from the point of view of the achievements of modern syntax (the identification of the syntactic relations and the establishment of word combinations models, the valence of the word and its role in the structural organization of word combinations, type of semantic relations in word combinations, etc.).

The theoretical faundations of the words – combination and applied research of it, as any syntax unit, in modern linguistics are associated with the mane of Russian and later of Soviet linguistics. The founder of the modern theory of word combinations V. V. Vinogradov defines the phrase as a syntactic sac, formed by combining two or more significant words on the basis of subordinate communication.

It should be noted that the main connection verbial phrases organization in comperative languages are basic and plays the main role in linguistic.

Keywords*: connection, objective word – combination, language, meaning, search, the problem of valence, verbs, pecuarity, analyse, phrase, sentence, method.*

Сведения об авторе*:*

Махмадсолехи Махмадсодик *– докторант (Ph. D) третьего курса английского кафультета, Таджикский Государственный педагогический университет. E-mail: msoleh_90@mail.ru.*

About the author*:*

Mahmadsolehi Mahmadsodiq *– the third year of (Ph. D), Tajik Government State Univrrcity, after named S. Ayni. E-mail: msoleh_90@mail.ru*

УДК+92(тоҷик+42)

ПАЖӮҲИШЕ ДАР ЭТИМОЛОГИЯИ ЧАНД НОМВОЖАИ ҶУҒРОФИИ САДАИ МИЁНАИ КӮҲИСТОНИ МАСЧОҲ

Одинаев А.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Ҳарчанд оид ба номвожаҳои ҷуғрофии манотиқи мухталифи Тоҷикистон чанд тадқиқот ба анҷом расида бошад ҳам, вале таҳлили этимологии топониму микротопонимҳо ба тарзи дилхоҳ сурат нагирифта, дар ин замина пажӯҳиши ҷиддие рӯи кор наомадааст. Маҳз кам таваҷҷуҳ намудан ба ин масъала боиси он гардидааст, ки то кунун як даста топониму микротопонимҳо барои мардум номафҳум мебошанд. Номвожашинос Ҷ. Алимӣ менависад,

ки «донистани сарчашма ва ёдгориҳои таърихӣ, ки фарогири ахбору маълумот оид ба замони пайдоиши топонимҳои алоҳида ва шароитҳои маскун шудан дар минтақаи тадқиқӣ хеле муҳим аст» [2, 29].

Бояд таъкид намуд, ки муайян намудани этимологияи ҳатто як ё якчанд номвожа ҳам дорои аҳамияти калони илмӣ мебошад, зеро омӯхтани решаи як топоним метавонад барои мушаххас намудани маънии чанд номвожаи ҷуғрофии дигар кӯмак расонад.

Ю. А. Карпенко дуруст таъкид мекунад, ки «…аз мавзеи ҷуғрофӣ ба номи он наздик шуда, метавон онро таъйид ва мушаххас намуд ва дар сурати амиқ мулоҳиза рондан ҳатто этимологияи номро кушод. Меъёри ҷуғрофии этимологизатсияи топоним маҳз аз ҳамин иборат аст» [4, 11].

Дар минтақаи мавриди пажӯҳиш, ки аз ҷиҳати фарогирии номвожаҳои ҷуғрофӣ хеле бою рангин буда, топониму микротопонимҳои зиёдро дарбар мегирад, бо такя ба фарҳангу луғатномаҳои мавҷуда ва тадқиқотҳои дар ин замина ба анҷомрасида, этимологияи чанд номвожаро то қадри тавон муайян намудан имконпазир аст. Аз ҷумла:

Худгиф [номи се деҳа дар Кӯҳистони Масчоҳ- Худгифи Соя, Худгифи Офтобрӯ, Худгифи Боло] - **худг** дар як гурӯҳ забонҳои эронӣ дар шаклҳои бо ҳам шабеҳ омада, мафҳуми гидронимиро ифода мекунад, масалан дар забони язғуломӣ вожаи «хēк» ба маънии «об, чашма»; дар забони рошорвӣ вожаи «хāу»- «шохоб, дарёча»; дар забони ванҷи қадим «хек» ба ифодаи «об, ҷӯй»; дар забони мунҷонӣ «xuga» ба маънии «чашма»; дар забони вахонӣ вожаи «к’к» - «чашма»; дар забони рӯшонӣ [хуф] хāу- «об, чашма»; дар забони яғнобӣ «хок»- «об, чашма» омадааст» [5, с. 62]. Ҳамчунин дар сарчашмаҳои хаттии забонҳои эронӣ қаринаи ин вожаро дар шакли «ха, хо» - «чашма» [забони авастоӣ] [22, 158; 18, 56] мушоҳида намудан мумкин аст, ки ҳамаи онҳо аз як реша сарчашма мегиранд. Дар забони имрӯзаи осетинӣ низ калимаи «xu» мавҷуд аст, ки мафҳуми «об, ҷӯй, дарё»-ро ифода мекунад [22, 25]. Ба маънии **об, ҷӯ, чашма, шохоб, дарёча** ва умуман, гидроним корбаст гардидани ин калимаҳо дар гурӯҳи забонҳои эронӣ, ки аз як реша сарчашма мегиранд, ба хулосае омадан мумкин аст, топоними «Худгиф» низ аз ҳамон реша мебошад. Хусусан, он варианте, ки дар забони мунҷонӣ [xuga ба маънии чашма] меояд, шабеҳи қисамати «худг»-и номвожаи Худгиф аст, зеро мавқеи ҷуғрофии деҳа низ инро собит месозад. Ҳар ду қисмати ин номвожа [худг ва иф], дар якҷоягӣ маънии «чашмасор»-ро ифода мекунанд.

Рогиф[номи деҳа дар садаи Миёнаи Кӯҳистони Масчоҳ] **-** вожаи rāg дар забони суғдӣ ба гунаи’γ ва ба маънии «саҳрову дашт» мебошад. Rāγ аз ҳамин маънии аслӣ – дар забони яғнобӣ ба маънии «васеъ ва ариз» истеъмол мегардад [1, 77]. Ҳамчунин калимаи роғ дар ФЗТ ба маънии «домани фарохи сабзу хуррами кӯҳ, марғзор» омадааст [15, 2, 146]. Ғайр аз ин, дар водии Зарафшон мавзеъву маконҳоеро дучор омадан мумкин аст, ки дар таркиби номашон ҷазъи «роғ» доранд. Маслан Роғ, Падроғ [номи деҳот дар Кӯҳистони Масчоҳ] Утироғ [номи кӯҳ дар деҳаи Ревомутки Кӯҳистони Масчоҳ]. А. Л. Хромов низвожаи «роғ»-ро «чаман, марғзор, алафзор» [луг] маънидод намудааст [20, 27-31]. Топоними мазкур дорои маънии «чаманистон», «макони сабзу хуррам» мебошад.

Ревад [номи мавзеъ дар садаи Миёнаи Кӯҳистони Масчоҳ] - дар забонҳои яғнобӣ rówut, rout, суғдӣ’w’th= rāu̯at, хоразмӣ r’wyn «замин», «ҷой», авестоӣ ravan «водӣ», п. м. rōn «самт, ҷиҳат», осетинӣ ran (дар лаҳҷаи иронӣ) ва rauæn (дар лаҳҷаи дигорӣ) «ҷой» омадаст [19, 163]. Калимаи суғдии rāu̯at дар фарҳанги «Луғати фурс»-и Асадии Тусӣ дар шакли «ровад» омада, чунин маънидод шудааст: «ҷое бувад пушта- пушта ва фарозу нишеб ва сабза бар ӯ даста ва чарогоҳи чаҳорпой бошад». Дар забони имрӯзаи яғнобӣ ба ҷои ин вожа калимаи тоҷикии tagób/tigób истифода мешавад [19, 160-167].

Бароз–яке аз номвожаҳои серистеъмол дар садаи Миёнаи Кӯҳистони Масчоҳ мебошад, ки якчанд мавзеъҳои минтақаи мазкур тавассути он номугзорӣ шудаанд. Ин калима аз зумраи вожаҳои кӯҳан буда, оид ба сайри таърихи он муҳаққиқон ибрози андеша намудаанд. Дар китоби «Зебономҳои ориёӣ» номвожаи «Бурзу» сабт шудааст, ки муаллиф сарманшаи онро калимаи авестоии «буриз» («баланд, боланда») медонад[9, 106]. Аз ҳақиқат дур нест, ки «бурзин» ба калимаҳои авестоии «bareza», «buriz» ҳамрешаю аз рӯи маъно наздик мебошад.

Мӯбад Фирӯз дар асари худ «Бахше аз фарҳанги «Авесто»…» «bareza»-ро «бурз ва боло, баландқомат» маънидод намуда, нишон медиҳад, ки шакли ба он наздик «барз» [barz] дар забони курдӣ ба назар мерасад [16, 25]. Номвожаҳое, ки дар таркиби онҳо калимаи «бароз» истифода мешавад таърихан ба калимаи «bareza» ё «barzin» ҳамреша буданашон имкони қавӣ дорад. Вожаи «Harabareza» дар «Авесто» ба кор рафтааст, ки баъдтар ба таҳаввулоти фонетикӣ дучор гардида, ба «Албурз» мубаддал шудааст ва Мӯбад Фирӯз онро «кӯҳи баланд» маънидод кардааст [16, 25]. Мавқеи ҷойгиршавии ин гурӯҳи номвожаҳо маънии «баланд, боло» доштани вожаи мазкурро собит менамоянд.

Ваґничзор (номи чанд мавзеъ дар садаи Миёнаи Кӯҳистони Масчоҳ) -ваґнич калимаи яґнобӣ [waγnič]) буда, дар луґатномаҳо ба тариқи зайл ташреҳ гардидааст: «растании кутоҳқаде, ки меваи он истеъмол карда мешавад» [17, 163], «буттаест аз ҷинси настаранҳо мевааш монанд ба олуча, аммо хурд» [15, 2, 256];«гиёҳи мевадори буттаӣ, ки дар кӯҳҳо, кӯҳпояҳо, адир ва даштҳо мерӯяд; … мевааш сурхранг ва монанд ба олуболуст…» [3, 93], «…номи растанӣ; як навъ растании кутоҳқад, ки меваи он барои ґизо истифода мешавад» [6, 35].

Эшумзор (номи мавзеъ дар садаи Миёнаи Кӯҳистони Масчоҳ) эшим*«аз решаи суґдӣ ва яґнобии **веш, вайш** ба маънии алаф, гиёҳи хушбӯй бо баргҳои ҳаммонанд ба барги кашнич, ки дар сардараҳо ва кӯҳҳои баланд мерӯяд» [6, 36; 3, 100-101]*.

Ґуто (номи мавзеъ дар садаи Миёнаи Кӯҳистони Масчоҳ) – ґут гунаи фонетикии калимаи суґдии ***γūd*** буда, дорои маънии «харсанг, санги калон» аст [1, 77; 13, 62-66].

Ґарсич (номи мавзеъ дар садаи Миёнаи Кӯҳистони Масчоҳ)-ґар аз забони суґдӣ сарчашма гирифта, дорои маънии «кӯҳ» мебошад. Ин вожа дар забони русӣ ба шакли «гора» корбаст мегардад, ки муҳаққиқон сайри таърихии онро дар забонҳои қадим ба тариқи зайл нишон додаанд: забони умумиэронӣ gari ба маънии «кӯҳ», дар забони ҳиндуаврупоӣ gueri> ҳиндуориёӣ guori>ҳиндии қадим [санскрит] giri> авастоӣ gairi> мидӣ gairi> юнонии қадим gairika ба маънии «кӯҳ, кӯҳистон» [10, 44].

Ҷузъи дуввум «**-ич**» аст, ки муҳаққиқон онро топоформант шумурда, ба макон далолат намуданашро зикр кардаанд [20, 30].

Зойтӣ [номи мавзеъ дар садаи Миёнаи Кӯҳистони Масчоҳ]–зой дар забони суґдӣ ва яґнобӣ ба маънои замин ва киштгоҳ [6, 88] омадааст. Муҳақиқони забони яґнобӣ баромади онро ба Z’yh –и суґдӣ нисбат додаанд [5, 59].

Порут [номи мавзеъ дар садаи Миёнаи Кӯҳистони Масчоҳ]- «по-» гунаи тахфиф шудаи «под» мебошад, ки муҳаққиқони соҳа суґдӣ будани онро исбот намуда, ба маънии «ҷой, макон» истеъмол шуданашро таъкид кардаанд [20, 29]. Ин вожа дар таркиби номвожаҳои ҷуґрофӣ дар шакли «пад» низ ба мушоҳида мерасад, масалан Падроґ (деҳа дар Кӯҳистони Масчоҳ), Падрӯт (деҳа дар ноҳияи Панҷакент). Рӯд дар забони форсии қадим шакли **раута**-ро дошт, ки алҳол дар забони яґнобӣ истифода мешавад. Дар забони суґдӣ ва ҳамчунин забонҳои форсии миёна сурати «рӯт»-ро гирифт, ки табиист. Зеро дифтонги қадимаи «**ау**» дар давраи миёнаи инкишофи забонҳои эронӣ садоноки «ӯ»-ро медиҳад, «а» аз охир ихтисор мешавад, овози «т» бошад, ба «д» бадал мегардад. Аз ин ҷо дар форсии қадим**раута**; форсии миёна ва суґдӣ рӯт; тоҷикӣ – форсӣ рӯд истеъмол шудааст [12, 37]. Ҳар ду ҷузъ дар якҷоягӣ ифодагари мавзеи гидронимӣ буда, ба маконе далолат мекунанд, ки дар он ҷо об мавҷуд аст.

Чориф (номи мавзеъ дар садаи Миёнаи Кӯҳистони Масчоҳ)- чоркалимаи суґдӣ буда, дар луґат ба маънии «дараи танг» [6, 238], «саргаҳи дара, нови танг» омадааст [20, 27-31].

Чиґ (номи кӯҳ дар садаи Миёнаи Кӯҳистони Масчоҳ)-ба андеша мо ин вожа шакли каме тағйирёфтаи **истиґ** //**истих** мебошад, ки олимон баромади онро аз суґдии **st’yγ** дониста, дорои маънои «афрошта, қулла» буданашро зикр кардаанд [21, 9-16]. Дар луґатномаҳо ин вожа чунин шарҳ шудааст: «1. рост, ростқад, боло, рост истода. 2. қуллаи кӯҳ» [15, 2, 249]. Дар «Фарҳанги яґнобӣ – тоҷикӣ» калимаи «чуґак» ба назаррасид, ки «қуллаи кӯҳ» [6, 239] маънидод шудааст. Баъид нест, ки **чиґ** ва **чуґ** аз як реша сарчашма мегиранд, зеро дар забон бадалшавии садонокҳо ба ҳамдигар ҳодисаи маъмул аст, ки дар миёни ин вожаҳо умумияти савтӣ ва маъноӣ вуҷуд дошта, аз як реша маъхуз шуданашон аз эҳтимолдурнест.

Марғ (номи мавзеъҳои мухталиф дар садаи Миёнаи Кӯҳистони Масчоҳ) – ин калимадар забони суғдӣ ба шаклимarγ [mrγ] омада, дорои маънии «марғзор, беша, чаманзор» мебошад [1, 77]Дар фарҳангҳо ба гунаи зайл шарҳ гардидааст: «марғзор» [14, 104], «навъе аз гиёҳ, ки ба анбӯҳӣ рӯяд, бағоят сабзу нозук бошад…» [11, 251], «алаф, марғзор, чаманзор, алафзор» [15, 1, 645], «як навъ алафи худрӯи нозук, ки дар ҷои сернам мерӯяд» [6, 122].

Варғ (номи мавзеъҳои бисёр дар садаи Миёнаи Кӯҳистони Масчоҳ) – дар забони санскрит дар шакли vàsa ба назар расида, маънии садду банде, ки аз чӯбу хошок ва гиёҳ дар ҷилави рӯду наҳр банданд, омадааст [8, 1166]. Дар забонияғнобӣvarγ «банду садд» дар ҷӯй омада, «канори болии замин» дониста шудааст [17, 75; 6, 38].

Карафсак (номи чашма [гидроним] дар садаи Миёнаи Кӯҳистони Масчоҳ)–«карафс давоест монанди азвоин, бӯяш нохуш ва тез бошадва он аҷмуди вилоятест ва аз хавоси ӯ яке ин аст, ки каждумгазида агар бихӯрад, филҳол бимирад» [11, 165]. Карафсро дар забони яғнобӣ дар шакли карафш //карафшак ба қайд гирифта, чунин шарҳ додаанд: «як навъ растунии тундмазза, ки бо торон шабоҳат дорад ва барги он барги ҷувориро мемонад» [6, 101].

Кӯҳак (номи кӯҳ дар деҳаи Ревомутки садаи Миёнаи Кӯҳистони Масчоҳ)- кӯҳ дар «Авесто» - kauf, дар порсии бостон – kaufa, дар санскрит - kop ва дар паҳлавӣ – kof ё koромадааст [7, 466]. Ин вожаи дар минтақаи мазкур ниҳоят серистеъмол буда, дар таркиби номвожаҳои мураккаб ва топоним – ибораҳо иштироки фаъол дорад.

Бояд зикр намуд, ки муаяйн намудани маънии калима ва решаи он, хусусан номвожаҳои ҷуғрофӣ коре басе сангин буда, дақиқтарин маъникушоӣ ҳам эҳтимолӣ аст. Зеро бо гузашти солиёни дароз як гурӯҳ вожаҳо ба таҳаввулоти сохторию маъноӣ дучор гардида, аз маънии аслии худ ниҳоят канор рафтаанд ва муайян намудани решаи онҳо аз имкон берун гардидааст.

Таҳлили этимологии номвожаҳои ҷуғрофии садаи Миёнаи Кӯҳистони Масчоҳ шаҳодат аз он медиҳад, ки топониму микротопонимҳои ин минтақа дорои маънои баланд буда, ҳеҷ кадоме аз онҳо тасодуфӣ гузошта нашудаанд. Пас аз баррасии номвожаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки мардум зимни номгузории макону мавзеъҳо хусусияти ҷуғрофии онҳоро ба инобат гирифтаанд, ки маънои луғавии топониму микротопонимҳо ба макон мувофиқат мекунад. Бори дигар маълум мегардад, ки бидуни ба инобат гирифтани мавқеи ҷуғрофӣ ва ҷойгир шудани он ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намудани номвожа ғайриимкон буда, аз он маънии дилхоҳро берун кардан номумкин аст.

Дар маҷмӯъ, таҳлили маъноии номвожаҳои садаи Миёнаи Кӯҳистони Масчоҳ имконият медиҳад, ки мақоми номи ашхос, гиёҳу рустанӣ, ҳайвоноти ваҳшиву хонагӣ ва парандаҳо дар ташаккули микротопонимҳои минтақа муайян карда шавад. Маълум гардид, ки як гурӯҳи калони топониму микротопонимҳо дар заминаи номи рустаниҳо ва парандаву ҳайвонот шакл гирифтаанд.

АДАБИЁТ

1. Алиев, Б. Пасванди –**if** дар номҳои ҷуғрофии водии Зарафшон / Б. Алиев. – Номаи Пажӯҳишгоҳ. Фаслномаи Пажӯҳишгоҳи эроншиносӣ. Соли чаҳорум, шумораи шашум. – Душанбе, 2004. – С. 75–80
2. Алимӣ, Ҷ. Топонимика / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе, 1995. – 63 с.
3. Доро Начот. Фарҳанги Доро / Н. Доро. – Душанбе: Пайванд, 2012. – 608 с.
4. Карпенко, Ю. А. История этимологического метода в отечественной топонимике / Ю. А. Карпенко // Развитие методов топонимических исследований. – М., 1970. – С. 9–19
5. Маҳмадҷонов, О. О. Топонимия ва микротопонимияи қисмати шимолии водии Ҳисор / О. О. Маҳмадҷонов. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. –288с.
6. Мирзозода, С. Луғати яғнобӣ–тоҷикӣ / С. Мирзозода. – Душанбе, 2002. –235 с.
7. Мозандаронӣ, Ҳ. Ш. Фарҳанги «Шоҳнома». Номи касон ва ҷойҳо/ Ҳ. Ш. Мозандаронӣ. Нашри Балх. – Бунёди Нишобур, 1337. – 814 с.
8. Муин, М. Фарҳанги форсӣ (якҷилдӣ) / М. Муин. Чопои ёздаҳум. – Теҳрон, 1387. –1242с.
9. Пошанг, М. Зебономҳои ориёӣ / М. Пошанг. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 430 с.
10. Расторгуева, В. С. Сравнительно – историческая грамматика западноиранских языков. Фонология/ В. С. Расторгуева. – М., 1990. – 353с.
11. Ромпурӣ, Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс–ул–луғот. Ҷилди II. –Душанбе: Адиб, 1988. –416 с.

12. Рустамов, А. Топонимҳои суғдии дараи Киштут / А. Рустамов // Мактаби Советӣ. – Душанбе, 1976, № 11. – С. 33–38.
13. Тураев, Б. Вожаҳои суғдӣ дар топонимияи Яғноб / Б. Тураев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши филология. –Душанбе: Сино, 2008. –№2. – С. 62–66.
14. Ӯбаҳӣ, Ҳ. Тӯҳфат–ул–аҳбоб / Ҳ. Ӯбаҳӣ. –Душанбе: Ирфон, 1992. –288с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. – М. : СЭ, 1969. – 948 с. [205]
16. Мӯбад Фирӯзи Озаргушасп. Бахше аз фарҳанги Авасто ва татбиқи он бо форсӣ ва курдӣ / Мӯбад Фирӯзи Озаргушасп. – Шаҳриёр, 1337 хуршедӣ. – 105 с.
17. Хромов, А. Л. Говоры таджиков Матчинского района / А. Л. Хромов. – Душанбе, 1962. – 213с.
18. Хромов, А. Л. Еще раз о согдийском топоформанти-уβ // Известия АН Тадж. ССР. ООН, вып. 3 (32), 1968. - С. 85-87.
19. Хромов, А. Л. Таджикская микротопонимия долина верхнего Зеравшана и Ягноба // Ономастика Средней Азии. - М., 1978. – С. 58-62.
20. Хромов, А. Л. Историко–лингвистическое исследование Ягноба и Верхного Зеравшана: Авторефират... дис. кан. наук. филология. – Душанбе, 1970. –63с.
21. Хромов А. Л. Ягнобские архаизмы в топонимических названиях // Иранское языкознания. История, Этимология, типология (К 75–летию проф. В. И. Абаев). – Москва: Наук, 1976. – С. 160–167
22. Хромов, А. Согдийская топонимия родины Рудаки / А. Л. Хромов // Ёдбуди устод Рӯдакӣ [тартибдиҳанда А. Афсаҳзод]. – Душанбе: Дониш, 1978. – С. 27–31.
23. Хромов, А. Л. Вожаҳои суғдӣ дар гӯишҳои тоҷикӣ / А. Л. Хромов // Рӯдакӣ. Фаслномаи адабӣ–фарҳангии ройзании Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон. Вижаномаи забонҳои суғдӣ ва яғнобӣ. Соли даҳум, шумораи 24, пойизи 1388. – С. 9–16.
24. Цгаева, А. Дз. Топонимы Северной Осетии / А. Дз. Цгаева. – Орджоникидзе, 1971. – Т. 1. –228 с.

ВЗГЛЯД НА ЗНАЧЕНИЕ ГЕОГРАФИЧЕСКИХ НАЗВАНИЙ САДЫ СРЕДНЕЙ ГОРНОЙ МАСЧИ

В статье автор попытается исследовать некоторые географические названия сады Средней Горной Масчи, определить этимологию этих слов и показать позицию согдийских географических названий в системе географических названий данного региона. И это тоже не необоснованно, потому что когда-то в этих территориях жили те люди, которые говорили на согдийском языке и влияние этого языка видно из значения географических названий. Отмечается, что постановка данной проблемы имеет немаловажное значение, она служит для определения системы топонимов, микротопонимов, а также служит для сопоставления с географическими названиями других регионов.

Ключевые слова*: топоним, микротопоним, сады Средней Горной Масчи, географические названия, этимология, история языка, согдийский язык*

A GLANCE TO THE MEANING OF SOME GEOGRAPHICAL NAMES IN THE CENTRAL SADA OF THE MOUNTAIN MASTCHOH

Author made attempt in the article in order to consider some geographical names in the central part of Mountain Mastchoh district and to define their etymology and to show the position of sogdian geographical names in the same level with the Tajik words in the system of the geographical names in this location. It is without reason that this location proved to be the part of Sogdian's language territory and the influence of this language in the geographical names observes very well. It was noted that the discussion of this topic would prove great value to determine the system toponymy and microtoponymy and compare them with other geographical names of the regions.

Key words: *toponymy, microtoponymy, the Central sada of Mountain Mastchoh, geographical names, etymology, the history of the language, sogdian languages*

Сведения об авторе:

Одинаев Абдуманнон Иброхимович *- Худжандский государственный университет им. акад. Б. Гафурова (ХГУ) 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова 1, тел: +992927320206; E-mail: hammor@mail.ru*

About the author:

Odinayev Abdumannon Ibrohimovich *- the Khujand state university of the academician B. Gafurov (HGU) 735700, the Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Drive 1, ph. +992927320206; E-mail: hammor@mail.ru*

СИСТЕМА ГЛАГОЛОВ И СПОСОБ ДВИЖЕНИЯ В ВОДЕ НА РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Холиков А. Ю.
Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни

В русском языке основной глагол – плавать – является «сверхобобщенным». Общие глаголы движения также употребляются в данной сфере, но чаще всего в составе глагольных групп, например, идти под парусами, ходить на веслах. Данная особенность характерна и для таджикского языка. Глагол плавать может употребляться как в сфере активного, так и пассивного плавания, а также для обозначения движения судов. Особенность русской системы является то, что глагол плавать является парным глаголом. Пару ему составляет глагол плыть. Данные глаголы различаются по контекстам употребления. Когда мы говорим по-русски о том, что лодка плывет к берегу, спортсмены плавают в бассейне, по реке плывут льдины, по озеру плавают утки, мы имеем в виду перемещение субъектов в водной среде – а именно однократное и направленное (глагол плыть), либо неоднократное и/или разнонаправленное (глагол плавать). При этом так же, как глагол ненаправленного перемещения плавать не может быть использован в предложениях типа бревна быстро плавают по течению реки (правильный вариант плывут), так и глагол направленного перемещения плыть невозможен в контекстах наподобие у меня в супе плывет волос (плавает волос). Необходимо отметить, что последний контекст фактически не описывает перемещение. Фраза в супе плавает волос имеет скорее локативное значение и означает ‘в супе находится волос’, а выбор глагола, используемого для обозначения движения в воде, дополнительно подчеркивает, что речь идет именно о нахождении в водной, а не какой-либо иной среде. Таким образом, в русском языке, ненаправленное или разнонаправленное перемещение «склеено» с более или менее неподвижным нахождением в жидкой среде. Так глагол плавать выступает в ряде контекстов как позиционный глагол подобно глаголам сидеть, стоять, лежать. Это составляет еще одну особенность русской системы глаголов движения в воде.

Добавочное многообразие в таджикском языке будет касаться в первую очередь «водоёмных» и «озёрных» зон, которые связаны с артефактами плавания (например, наполненные воздухом кожаные бурдюки или глиняные кувшины специальной формы, которые использовались в Южной Индии в качестве вспомогательных плавательных средств) [Croft W. 1990 /2003].

При образовании таджикского языка важную роль сыграли заимствованные арабские слова, хотя таджикский язык является одним из древнейших языков азиатского региона, но за более четырнадцати веков принятия ислама постепенное адаптации арабских заимствований ощутимо. Иногда заметно, что эти лексические элементы не только были адаптированы к грамматическим стандартам на этом языке, но даже в некоторых случаях это привело к появлению совместных лексико-структурных стандартов. Существует также другие пути и средства гендерного выражения предписывающий заимствованиям, и таким образом существует мнение, которое подтверждает, что на сегодняшний день более 50% от состава слов словаря персидско-таджикского языка арабский.

В таджикском языке, как и русском, нет глаголов обозначающийся только активное или пассивное движение, поэтому *swim* и *drift* переводятся одинаково – плавать, *шино*

кардан. Мы можем использовать таджикский глагол «шино кардан» как в сфере активного, так и пассивного плавания, а также для обозначения движения судов. В система глаголов русского и таджикского языка, глагол «плавать» который переводится на таджикском «шино кардан» играет важный роль для обозначение движении в воде. Примеры:

Каик руи об характ мекунад.

‘Ребенок плавает в воде’.

Мавҷи об ҳама чубҳоро ба соҳил баровард.

‘Волны выкидывали бревна на берег’.

Дар дарёча гуспандон шиновари карда он тарафи сохил расидан.

‘По реке бараны плыли и выходили на берег’.

Шиноварон бисёр хуб шиновари намуданд.

‘Пловцы плавали очень хорошо’.

Разумеется, контакт с поверхностью воды не утрачивается, как у людей, таки и у животных, и корабли, и бревна. Все они плывут по воде горизонтально, и они погружены в воду лишь частично, и таким образом перемещаются с место на место. Сейчас же сперва мы обратимся к другому типу перемещения в воде, а именно «вертикальному» плаванию — оно может быть двух типов: либо это перемещение со дна водоема на поверхность *аз таги об баромадан* (выходить из под воды) –всплытие, или это перемещение с поверхности на дно *ба таги об рафтан* (входит под воду) – погружение. Данные области «горизонтального» и «вертикального» плавания независимы и языковеды в языкознание их не относят к единой системt, но специальное исследование соответствующих лексических средств не входило в нашу задачу и поэтому материал по «вертикальному» плаванию представлен частично.

Русской системы глаголов, обозначающих движение в воде, основывается на словообразовательных противопоставлениях: в них область плавания также обслуживается единственным глагольным корнем, а «обогащение» системы происходит за счет словообразовательных средств. Весь круг контекстов плавания в русском языке охвачен глаголом *плыть* и его коррелятом плавать. Данная пара применима и к людям, и к животным, и к рыбам, и к кораблям, и к сплавляемым бревнам. Однако это не значит, что в русской системе плавания нет противопоставлений. Русская система использует для этого не лексические, а морфосинтаксические средства (конструкции с *по* и другими предлогами, общие глаголы движения и бытийные предикаты).

В русском языке неконтролируемое погружение («утопание»), существенно различается для одушевленных существ (к которым, как обычно, примыкают суда) и предметов: если последние просто погружаются на дно, то первые к тому же гибнут. В частности, в русском языке глагол «тонуть» описывает только неконтролируемое погружение (в первую очередь живых существ, но также сюда относят и корабли). Если движение вниз управляемо (погружение подводной лодки или аквалангиста), то используют глагол «погружаться». Про неконтролируемое движение предмета говорят идти ко дну (к неуправляемым судам это выражение также применимо).

ЛИТЕРАТУРА

1. Глаголы движения в воде: лексическая типология / Ред. Т. А. Майсак, Е. В. Рахилина. М.: Издательство «Индрик», 2007. 752 с.
2. Словарь-справочник лингвистических терминов. Розенталь Д. Э., Теленкова М. А. Изд. 2-е. — Москва : Просвещение. 1976.
3. Национальный корпус русского языка [Электронный ресурс] – Режим доступа: www.ruscorpora.ru

4. Ярема Е.В. Способы выражения понятия «движение» в английском и русском языках // Молодые ученые/Сборник статей АГПУ. – Армавир, АГПУ. Вып. 5, 2007. – 171-172 с.
5. Ярема Е.В. Сравнительная характеристика глагола в русском, французском и английском языках //Ж-л. «Образование - Наука- Творчество». № 5, 2005 г. – Нальчик-Армавир. - 28-30 с.
6. Croft W. Typology and universals [Cambridge Textbooks in Linguistics]. 1st–2nd edition. Cambridge, 1990 /2003.

СИСТЕМА ГЛАГОЛОВ И СПОСОБ ДВИЖЕНИЯ В ВОДЕ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается система глаголов способа движения в воде в русском и таджикском языках и их использование в активном или пассивном движение. Таким образом, нам стало известно что в этих проанализирующихся языках глаголы плавать почти что одинаково используются.

Ключевые слова: *лексическая типология, глаголы колебание, глаголы плавание, глаголы способа движения.*

THE SYSTEM OF VERBS OF MOVEMENT IN THE WATER IN THE RUSSIAN AND TAJIK LANGUAGES

In this given article considered analyzing the system of verbs of movement in the water in the Russian and Tajik languages: The author also attempts to compose the system of verbs of movement in the water in the russian and tajik languages. In that way it became known that the verbs in two of this languages uses equally.

Key words: *lexical typology, verbs of swimming, verbs of sailing, the verbs of movement.*

Сведения об авторе:

Холиков Абдулманон Юсуфович *– ассистент английского факультета Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, Tel: (+992) 93-898-98-62.*

About the author:

Kholiqov Abdulmanon Usufovich *– assistant of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ainy, Tel: (+992) 93-898-98-62.*

УСТОД АЙНӢ ИДОМАДИҲАНДАИ РАВОБИТИ АДАБИЮ ФАРҲАНГИИ ТОҶИКОН ВА ЎЗБЕКҲО

Раҳмонзода А.
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тоҷикон аз ҷумлаи халқҳои кадимаи ориёӣ буда, бо таърих, фарҳанг ва адабиёти худ машҳур гардидаанд. Онҳо бо осори шифоҳиву хаттӣ, ёдгориҳои бузурги таърихӣ ва катибаҳои нодири худ дар тамаддуни башарӣ саҳми бузург гузошта, бо ин роҳ шуҳрати бештар касб кардаанд. Дар аксари ин катибаву осори гаронбаҳои хаттӣ андеша ва орзую омоли халқ ифода шуда, таассуроти ибтидоии мардум бо шакли содаву равон ифода шудаанд. Решаҳои ин фарҳанги ғанӣ тайи ҳазорсолаҳо ташаккул ёфта, як қисми таркибии он бо шаклу шеваи хос то замони мо расидаанд. Бунёди ин мероси гаронбаҳоро дӯстию рафоқат, хайрхоҳӣ, некию накукорӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ташкил медиҳанд. Тоҷикон дар ҳама давру замонҳо бо ин хислатҳои инсондӯстонаашон маҳбубият пайдо карда, дар бисёре аз сарчашмаҳои хаттӣ ин сифати неку писандидаашон ситоиш гардидаанд.

Халқи тоҷик баробари рушди фарҳангу адабиёт аз даврахои бостон бо мардумони гуногун робитаҳои зичи дӯстона барқарор намуда, ҳамеша кӯшиш ба харҷ медод, ки дар фазои сулҳу салоҳ ва якдиливу бародарӣ умр ба сар барад. Ҳамин андешаи ҳамзистии дӯстонаро аввалин маротиба Куруши Кабир дар Эъломияи худ ҷой дода, мардумро ба ҳамдилию бародарӣ даъват намуда буд. Ин пиндори башардӯстонаро минбаъд гузаштагони мо идома дода, бо аксари қавму қабилаҳо, дину мазҳабҳо бо эҳтиром муносибат менамуданд ва рафоқатро ҳамчун намунаи неки ҳамбастагӣ азизу муқаддас медонистанд. Дар ҳамин асос тоҷикон бо ҳамсоягони наздики худ, бахусус бо халқи бародари ўзбек, дӯстии мустаҳкам барпо намудаанд, ки он аз имтиҳони таърих сарбаландона гузаштааст.

Дар ҳақиқат, тоҷикон ва ўзбекон дар бисёр лаҳзаҳои ғаму шодӣ, барору нобаробарӣ, нокомию пирӯзиҳо бо ҳам буданд ва дар ҳама ҳолат дӯстию бародариро пос дошта, якдигарро иззату эҳтиром ва қадрдонӣ менамуданд. Ҳамин муносибат ба шарофати шахсиятҳои барҷастаи таърих дар қарни XV боз ҳам устувор гардид ва дар мисоли ҳамкориҳои адабию дӯстонаи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишер Навоӣ сифатҳои навро соҳиб гардид. Дӯстию рафоқат, эҳтирому муҳаббат миёни ин шахсиятҳои эҷодӣ ба дараҷае самимӣ будааст, ки муосиронашон аз ин хусни тафоҳум ва муоширати бузург борҳо ба некӣ ёдоварӣ кардаанд.

Махсусан, Мир Алишер Навоӣ дар бештари осораш, аз ҷумла дар асарҳои худ "Хамсат-ул-мутаҳаййирин", "Маҷолис-ун-нафоис", қасидаи "Тухфат-ул-афкор" ва як қатор достонҳои "Хамса" бузургӣ ва фазилати устодаш Абдураҳмони Ҷомиро зикр намуда, ба ӯ ихлосмандии зиёд доштанашро бо исрор таъкид кардааст. Ҳамчунин, дар пайравии устодаш дар даҳ ғазал назираи ҷавобия навишта, аз тарафи Мавлоно Ҷомӣ баҳои баланд гирифтааст. Махсусан, дар рисолаи «Хамсат – ул - мутаҳаййирин» Алишер Навоӣ панҷ паҳлуи ҳамкории худро бо устодаш Абдураҳмони Ҷомӣ бо муҳаббат баён карда, дар ҳар як фасл мақом ва мартабаи устодашро баланд бардошта, нақши ўро дар рушди адабиёт, фалсафа ва назарияи ирфон беназир донистааст. Бавежа, муошират ва муносибати некбинона ва хайрхоҳонаи устодашро борҳо таъкид карда, хислатҳои ҳамида ва бемисли ўро дар мактаби одамият беназир донистааст.

Сардафтари адабиёти классикии ўзбек Мир Алишери Навоӣ, инчунин, бо таъсири осори устодаш Мавлоно Ҷомӣ бо садоқате, ки ба забони тоҷикӣ доштааст, бо тахаллуси Фонӣ ғазалҳои ноби тоҷикӣ эҷод карда, онҳоро дар шакли девони алоҳида мураттаб сохтааст. Ин ғазалҳои шӯрангез ҷанбаи баланди лирикӣ дошта, эҳсосоти амиқи шоирро ифода менамоянд. Мавзӯи асосии ғазалҳои шоирро ишқ ташкил намуда, дар баъзе аз онҳо масъалаҳои иҷтимоӣ ва ирфонӣ низ ифода гардидаанд.

Минбаъд аз Алишери Навоӣ оғоз карда, чи дар назми ӯзбек ва чи дар назми тоҷик падидаи зуллисонайнӣ, яъне бо ду забон эҷод кардан, ба таври васеъ ривоҷ пайдо намуда, аксари адибон бо як маҳорати хос шеърҳое таълиф кардаанд, ки ними он ба забони тоҷикӣ ва нимаш ба забони ӯзбекӣ мебошанд. Пас аз он, ин анъана дар эҷодиёти шоирони асрҳои XVI- XX Махмур, Маъдан, Нодира, Анбар - Отун, Адо Гулханӣ, Ҳозиқ, Ачзӣ, Туғрал, Айнӣ ва дигарон мақоми махсус пайдо карда, бо ин сабк шеърҳои ҷолиб арзи ҳастӣ намуд.

Дар ҳақиқат, ин ду адиб дар замони худ барои мардумонашон хидмати шоиста карда, ба хазинаи бекарони шеъру шоирӣ, ҳикмату фалсафа, шариату тариқат, одаму одамгарӣ осори гаронбаҳоро ба мерос мондаанд, ки аз онҳо аҳли башар истифода намуда, ба хираду дониш ва рафоқату дӯстии онҳо таҳсин хондаанд. Ба қавли адабиётшинос А. Афсаҳзод "осори илмӣ ва адабии Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ чун ситораҳои рахшони осмон фурӯзон буд ва то ҳоло анвори он кам нашуда меояд.

Ҳамин хислатҳои неки дӯстонаи адибони номбурдаро шоирони баъдӣ идома дода, ба он сифатҳои нав ҳамроҳ кардаанд. Махсусан, адибони ӯзбек, аз қабили Турдӣ, Машраб, Махмур, Гулханӣ, Увайсӣ, Нодира, Муқимӣ, Фурқат, Убайдуллои Завқӣ дар пайравии адибони тоҷик Камоли Хуҷандӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Восифӣ, Бедил, Зебуннисо, Аҳмади Дониш, Шамсиддини Шоҳин ва дигарон ғазалу қасида, достону маснавӣ ва асарҳои насриро ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ таълиф кардаанд.

Дар садаи XX устод Садриддин Айнӣ идомадиҳандаи анъанаҳои неки чандасраи равобити дӯстонаи тоҷикон ва ӯзбекон буда, дар ин роҳ хидмати шоистаеро ба анҷом расондааст.

Устод Айнӣ бо адибони ӯзбек - Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ, Абдулло Қодирӣ ва Ғафур Ғулом ҳамкории наздики эҷодӣ барқарор карда, дар тарбияи онҳо нақши назаррас дорад. Вай аз аввали қарни XX бо ду забон - тоҷикӣ ва ӯзбекӣ асар эҷод карда, ба тақдири халқи ӯзбек ва сарнавишти фарзандони он баҳои воқеӣ додааст. Махсусан, дар тазкираи "Намунаи адабиёти тоҷик" дар қатори адибони барҷастаи тоҷик аз сухансароёни тоинқилобии ӯзбек, ки дар қаламрави Мовароуннаҳр умр ба сар бурдаанд, ёд карда, нахустин шуда, доир ба шарҳи ҳол ва осори онҳо маълумот додааст. Вай дар ин тазкираи комили худ доир ба осори гаронбаҳои Мир Алишер Навоӣ ва эҷодиёти Лутфӣ, Муҳаммад Солеҳ, Акмал, Гулшанӣ, Нодира, Машраб ва дигарон баҳои баланд дода, намунаҳои ашъори тоҷикӣ ва ӯзбекии онҳоро оварда, нақшашонро дар рушди адабиёти ҳарду халқ таъкид намудааст. Масалан, вай дар бораи Машраб маълумот дода, аз ҷумла менависад: "Машраби Намангонӣ - исмаш Боборахим аст. Дар соли 1123 ҳиҷрӣ дар Қундуз ба фатвои уламо ва ҳукми Маҳмудбии Қатаған шаҳид карда шуд. Девони туркии Машраб мавҷуд аст. Уламо ва зуҳҳодро сахт танқид мекунад…"[ ]1 .

Дар баробари ин, устод Айнӣ ду асари бунёдии дигар дар бораи ду адиби ӯзбек - Муқимӣ ва Алишер Навоӣ таълиф карда, нақши онҳоро барои адабиёт ва фарҳанги тоҷику ӯзбек рӯшану барҷаста муайян кардааст. Вай соли 1943 рисолаи "Муқимӣ ва давраи ӯ" ва соли 1948 рисолаи "Мир Алишер Навоӣ" - ро ба забони ӯзбекӣ ба табъ расондааст. Пасон вай асари дуюмашро ба забони тоҷикӣ низ аз нашр баровардааст.

Ҳамзамон, устод Айнӣ соли 1940 "Хамса"-и Навоиро ба забони ӯзбекӣ чоп намуда, ба "Хамса"-и талхискардааш муқаддимаи муфассал навишта, нақши Мир Алишер Навоӣ ва Мавлоно Ҷомиро дар рушди адабиёт ва ирфон, инчунин, дӯстии ин ду халқ возеҳ шарҳ медиҳад.

Дар ин мақола, устод Айнӣ ба сифати адабиётшинос муҳимтарин паҳлӯҳои эҷодиёти Алишер Навоиро шарҳ дода, махсусан ҳунари ӯро дар достонсароӣ васеъ таҳлил менамояд. Донишманди барҷастаи тоҷик ба ҳар як достони адиби ӯзбек таваҷҷуҳ зоҳир карда, маҳорат ва камолоти ҳунарии шоирро амиқбинона бозгӯ месозад ва нақши ӯро дар адабиёти ӯзбек ва рушди назми ҳамосию лирикӣ беназир медонад.

Нахустин маротиба устод Айнӣ доир ба ҳаёту эҷодиёти Навоӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» маълумот ҷамъ оварда, дар адабиётшиносии нави садаи XX Навоиро ба доираи адибони классики форсу тоҷик дохил намудааст. Доир ба ин масъала устод Айнӣ дар асари худ чунин ишора кардааст: «Ҳарчанд амир Алишерро дар зайли

шуарои форсу тоҷик навиштан мувофиқи ризои худаш нест, аз он ҷо ки дар форсӣ ҳам ба бисёртарин шуарои форс баробарӣ, балки фузунӣ мекард, дил нахост, ки ин маҷмӯа аз намунаи ашъори обдори ӯ бебаҳра бимонад» 2 .

Устод бо ин таъкиди худ бартарӣ доштани ашъори Навоиро аз баъзе шоирони тоҷик махсус таъкид карда, ба фаъолияти эҷодии ӯ ва ашъори баландмазмуни ин мутафаккир баҳои воқеӣ медиҳад ва номи ӯро дар қатори адибони тоҷик қайд карда, оид ба зиндагӣ ва маҳорати шоирии Алишер Навоӣ дар тазкираи худ маълумоти саҳеҳ ворид менамояд.

Айнӣ баъди нашри «Намунаи адабиёти тоҷик» дар мақолаи худ таҳти унвони «Ҷавоб ё ин ки мусоҳаба» дар қатори ҳафт масъалаи пураҳамияти адабӣ инчунин оид ба тахаллуси Навоӣ баҳс карда, доир ба ин масъала дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ изҳори назар менамояд.

Ҳамин андешаҳои устодро адабиётшинос Ҳ. Шодиқулов ниҳоят арзишманд дониста, қайд мекунад, ки «аз ҷавоби Айнӣ ба Б. Азизӣ дар гирди тахаллуси тоҷикии Навоӣ асосан, ду хулоса пеши назар меояд: устод ҳамон вақт дар ҷараёни омӯзиши дақиқкорона ва ҳаматарафаи таърихи адабиёти ӯзбек буда, ба тадқиқи фундаменталии муҳимтарин масоили ин мероси гаронбаҳо тайёрӣ медидааст»3 .

Яъне, солҳои бистум як давраи тайёрӣ буд, барои устод Айнӣ, то ин ки солҳои баъд фаъолияти илмии худро дар навоишиносӣ ривоҷ бидиҳад.

Устод Айнӣ ба таҳқиқи амиқи ҳаёту эҷодиёти Навоӣ аз соли 1938 дар арафаи омодагиҳо ба ҷашни панҷсадсолагии шоир шуғл варзидааст. Баъдан, соли 1941 монографияи худ «Алишери Навоӣ»-ро таълиф намудааст, ки ба сабаби ҷанг танҳо соли 1948 ба шакли китоби алоҳида чоп шудааст. Дар мақолаи нахустин – «Мир Алишери Навоӣ» (1938), ки аз чор қисмат иборат аст, устод Айнӣ ба таври мухтасар оид ба тарҷумаи ҳол, авзои иҷтимоиву сиёсии замони шоир маълумот дода андаке хусусиятҳои мухталифи эҷодиёт ва вежагиҳои ғоявию эстетики ашъори Навоиро таҳлил намудааст. Ӯ дар ин мақола, бахусус робитаи Навоиро5 ба адабиёти тоҷикӣ ба мулоҳиза гирифта, махсус таъкид намудааст6, ки «Мир Алишери Навоӣ бо адабиёти тоҷикӣ (форсӣ) тарбия ёфт, Фирдавсӣ, Аттор, Низомӣ, Саъдӣ ва дигар классикҳои адабиёти тоҷикиро омӯхт ва аз Ҷомӣ барин классики давраи охирини адабиёти тоҷикӣ шахсан, тарбия ва таълим гирифт. Дар натиҷа яке аз беҳтарин шоирони замони худ гардид»4.

Таҳқиқи ҳаёту эҷодиёти Навоӣ, дӯстии Ҷомиву Навоӣ, муҳити адабӣ ва авзои сиёсиву иҷтимоии қарни XV махсусан, дар рисолаи «Алишери Навоӣ» хеле вусъат ёфтааст. Рисола аз даҳ боб, хотима ва эзоҳот иборат аст. Дар боби нӯҳ намунаи ашъори форсӣ-тоҷикии Навоӣ оварда шуд, пас аз он таҳлили арзишҳои он аз ҷониби муаллифи рисола анҷом дода шудааст. Устод Айнӣ, чунонки худ хулоса кардааст, дар рисолааш масоили марбут ба «замони зиндагӣ, тарҷумаи ҳол, фаъолияти сиёсиву ҷамъиятӣ ва эҷодиёти адабии» Навоиро5 хеле муфассал таҳқиқ намудааст. Яке аз ҷиҳатҳои муҳимми рисолаи Айнӣ дар он аст, ки ӯ махсусан ба тарғибу таҳлил ва муайян намудани сифату мазмуни ашъори форсиву тоҷикии Навоӣ диққат дода, бори дигар ба забони тоҷикиву арабӣ таҳсил дидани ӯро таъкид намудааст6. Бояд тазаккур дод, ки маҳз ба василаи ин намунаҳо нахустин маротиба оммаи хонандагон, махсусан ҷавонон бо ашъори тоҷикии Навоӣ шинос шуданд. Аз ҷумла, устод Айнӣ ба қазияҳои марбут ба жанри муаммо фасли махсус ҷудо карда, маҳз барои ҷавонон тарзи муаммогӯӣ ва равиши посух додан ба онро таҳлил намуда, аҳамияти иҷтимоии вайро дар он замон нишон додааст.

Устод Айнӣ тамоми паҳлӯҳои эҷодиёти Навоиро бо тартиби муайян дар асоси меъёру талаботи илми адабиётшиносӣ таҳлил карда, ба осори ин чеҳраи бузурги адабӣ бо диди отифонаи худ баҳогузорӣ менамояд. Махсусан, устод Айнӣ диққати асосиро ба таҳлили «Хамса»-и Навоӣ равона карда, ба ин асари панҷгона баҳои баланд дода, онро ба сифати аввалин хамсаи туркӣ-ӯзбекӣ муаррифӣ кардааст.

Устод Айнӣ доир ба аҳамияти ин асар ва нақши он дар рушди адабиёти ӯзбек махсус ишора карда, «Хамса» -и Навоиро, ки дар равияи хамсасароии Низомию Амир Хусрав таълиф ёфта буд, дар мисоли достони «Фарҳоду Ширин» шарҳ дода, баҳои нобиғаи аср - Мавлоно Абдураҳмони Ҷомиро барои тақвияти фикраш иқтибос кардааст7.

Пасон, устод Айнӣ таъсири Мавлоно Ҷомӣ ба Мир Алишер Навоиро дар достонсароӣ махсус ишора карда, нақши ӯро дар эҷоди ин асарҳо муҳим арзёбӣ кардааст. Бешак, Мавлоно Ҷомӣ ба вай неру бахшида, барои офаридани ин асарҳои баландмазмун мусоидат кардааст ва онҳоро намунаи беҳтарини назми туркию ӯзбекӣ дониста, нақши муаллифи онро дар рушди хамсасароӣ беназир донистааст. Ҳамин ҷиҳати масъаларо устод Айнӣ низ ишора карда, ба маҳорати достонсароии Мир Алишер Навоӣ баҳои баланд додааст. Муҳаққиқи гавҳаршинос –устод Айнӣ ба ҳар як достон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба маҳорати эҷодии шоир баҳои баланд додааст. Агар ба таърихи робитаҳои адабиву дӯстии деринаи тоҷикону ӯзбекҳо назар афганем, мебинем, ки дар ин маврид устод Айнӣ бештар ба масъалаи дӯстии Навоӣ ва Ҷомӣ чун таҷассуми дӯстии ду халқи бародар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Устод Айнӣ дар ҳамаи навиштаҳояш оид ба ҳаёту эҷодиёти Навоӣ ба масъалаи дӯстиву ҳамкории Ҷомиву Навоӣ диққат дода, онро рамзи дӯстиву рафоқати тоҷикону ӯзбекҳо чи дар гузашта ва чи замони кунунӣ донистааст. Гузашта аз ин, тибқи ахбори рӯзномаи «Ленинский путь» аз якуми январи соли 1941 С. Айнӣ таълифи рисолаеро оид ба ҳаёту эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ – ин симои марказии адабиёти асри XV ба нақша гузошта будааст. Лекин бо сабабҳое ин нақша амалӣ нагардида, китобе, ки дар тафаккури ӯ тайёр буд, нонавишта мондааст. Вале новобаста ба ин хидмате, ки устод аз тариқи мухталиф ва бахусус дар дохили таълифоташ оид ба Навоӣ дар боби омӯзиши Ҷомӣ кардааст, сазовори тақдир буда, ба тадқиқи махсус ниёз дорад.

Устод Садриддин Айнӣ дар кулли асарҳое, ки ба Мир Алишер Навоӣ бахшидааст, ҳамеша аз муносибатҳои хуби устоду шогирд – Мавлоно Ҷомӣ ва Навоӣ ёд карда, дӯстии онҳоро дар рисолааш бо чунин суханони эҳсонпарвар хулоса кардааст:

«Алишер ба Ҷомӣ дар вақти 18-19 сола будани худ шогирд шуда будааст. Ин алоқа рафта-рафта аз дараҷаи алоқаи устодӣ ва шогирдӣ гузашта, ба дараҷаи падарӣ ва фарзандӣ расид. Дар вақти вафоти Абдураҳмони Ҷомӣ бо вуҷуди он ки ӯ фарзанди калон ва хешовандони наздик дошт, аз подшоҳ гирифта, то оммаи халқ Навоиро соҳиби мурдаи Ҷомӣ медонистанд ва ба ӯ таъзия мерасониданд»8.

Ба замми ин, Айнӣ ошкор намудааст, ки Абдураҳмони Ҷомӣ ба Навоӣ на танҳо устоду шогирд, балки роҳнамои сиёсӣ низ ба ҳисоб рафта, Навоӣ бо маслиҳатҳои муфиди ӯ маъмурияти давлатии худро пеш мебурдааст.

Ҳамин дӯстию рафоқат дар мукотибаҳои рафиқонаи Ҷомию Навоӣ ва ашъори ҷавобияи онҳо бештар эҳсос шуда, ҳар кадоми он нишонаи эътимод ва садоқати ин ду мутафаккир маҳсуб меёбанд. Дар ин бора устод Айнӣ низ махсус ишора карда, аз қасидаи Мавлоно Ҷомӣ ёд карда, ҷавоби Мир Алишер Навоиро намунаи барҷастаи дӯстии ин ду шахсият донистааст. Устод Айнӣ аз ин тариқ ихлосмандии Навоиро нисбат ба Ҷомӣ таъкид намудааст. Илова бар ин, аз нақлу қайдҳои устод Айнӣ ҳувайдост, ки вай аз афкори фалсафӣ, ғояҳои баланди иҷтимоию ахлоқии қасидаҳои ҳар ду адиби мазкур муассир шудааст.

Масъалаи ташвиқу тарғиби дӯстии Ҷомиву Навоӣ, ки аввалин бор аз ҷониби устод Айнӣ ба илми адабиётшиносии муосир ворид шуд, минбаъд доманаи васеъ пайдо карда, ба ҳайси як мавзӯи мукаммали алоҳида ба риштаи таҳқиқ кашида шуд. Солҳои баъдӣ дар ин мавзӯъ

А. Мирзоев, Ш. Ҳусейнзода М. Шакурӣ, А. Афсаҳзод. А. Маниёзов,

Ҳ. Шодиқулов, К. Олимов, Х. Шарифов, А. Абдуллоев,

А. Сатторзода, С. Начмиев, А. Зуҳуриддинов, С. Воҳидов ва дигарон мақолаву рисолаҳои пурарзиш интишор намуданд.

Гузашта аз ин, устод Айнӣ ба бисёре аз адибони ӯзбек ҳаққи устодӣ дошта, аксари онҳо дар хотироташон аз муҳаббат ва меҳрубонии ӯ бо самимият изҳори назар кардаанд ва дар ин бора хотироти худашонро ба табъ расондаанд. Ҳамчунин, дар пайравии устод Айнӣ асар офарида, мактаби адабии ӯро таҳким бахшидаанд. Махсусан, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ, Абдулло Қодирӣ ва Ғафур Ғулом аз мактаби устод гузашта, соҳиби дастовардҳои зиёде гардидаанд. Доир ба ин масъала муҳаққиқи робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек М. Қӯшҷонов қайд мекунад: "Устод Айнӣ ва Абдулло Қодирӣ дӯстони хеле наздик буданд. Онҳо зуд-зуд бо ҳам мулоқоту суҳбат мекарданд. Айнӣ ба Тошканд сафар мекард ва Абдулло Қодирӣ ба Самарқанд меомад. Абдулло

Қодирӣ дар асарҳояш борҳо аз Айнӣ ёд мекунад ва ҳамчунин, устод Айнӣ дар асарҳояш номи Абдулло Қодириро зуд-зуд зикр кардааст"9 .

Устод Айнӣ, инчунин, донандаи хуби забони ӯзбекӣ буда, анъанаи зуллисонайниро идома додааст. Дар солҳои бистуму сиюми асри ХХ бошад, мақолаҳои зиёди устод Айнӣ ба забони ӯзбекӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳои Ӯзбекистон чоп шуда, дар онҳо адиб халқи заҳматкаши ӯзбекро барои ба даст овардани саводу дониш ва рушди мактабу маориф даъват кардааст.

Ҳамин анъанаи неку писандида ва дӯстиву рафоқати ду халқи ҳамсояро баъдан, ду шахсияти барҷастаи фарҳангу сиёсат - Мирзо Турсунзода ва Шароф Рашидов идома дода, ба он мазмунҳои баланди инсондӯстона ва башардӯстона ҳамроҳ намудаанд.

Нависандагони тоҷик Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Пӯлод Толис, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Саттор Турсун, Адаш Истад, Урун Кӯҳзод, Абдулҳамид Самад ва дигар адибони тоҷик дар мавзӯи дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек очерку ҳикоя, қиссаву роман навишта, бо аксари адибони шинохтаи ӯзбек робитаи дӯстона ва эҷодӣ доштанд. Махсусан, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Шавкат Ниёзӣ, Адаш Истад ба сафарҳои корӣ ба шаҳрҳои Тошкент, Бухоро, Самарқанд, Тирмиз ва Фарғона рафта, бо хонандагону донишҷӯён вохӯриҳо доир мекарданд ва ба онҳо дар боби дӯстию бародарӣ, ваҳдату осоиштагӣ сухан гуфта, оид ба асарҳои худ маълумот медоданд. Ҳамзамон, асарҳои адибони ӯзбекро бо забони тоҷикӣ тарҷума карда, хонандагони тоҷикро бо сарнавишти халқи ӯзбек, ҳаёту рӯзгори онҳо ошно менамуданд.

Дар баробари ин, борҳо асарҳои сухансароёни тоҷик ба забони ӯзбекӣ ва асарҳои шоирону нависандагони ӯзбек ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда, ба муносибати рӯзҳои адабиёт ва санъати Ӯзбекистони бародар солҳои 80- уми асри ХХ дар ду маҷмӯа - "Чароғи фурӯзон" ва "Чашмаи хурӯшон" асарҳои адибони ӯзбек ба забони тоҷикӣ тарҷума ва чоп гардидааст.

Дар ҳақиқат, баргузор шудани даҳаҳои адабиёт ва санъат миёни халқҳои тоҷику ӯзбек аз солҳои панҷоҳуми қарни гузашта ба ҳукми анъана даромада, якчанд маротиба Рӯзҳои адабиёт ва санъати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардидаанд, ки онҳо дар таҳкими робитаҳои дӯстонаи халқҳои тоҷику ӯзбек нақши назаррас бозидаанд. Ин рӯзҳо ба тантанаи ҳақиқии дӯстии халқҳо табдил ёфта, дар аксари марказҳои илмию адабӣ ва фарҳангии ҳарду кишвар чорабиниҳо ва вохӯриҳо доир шуда, мардум аз ҳунару истеъдоди адибону ҳунармандони тоҷику ӯзбек завқ бурдаанд. Ба шарофати ҳусни тафоҳум ва назари некбинонаи ҳарду ҷониб ин анъана аз нав эҳё шуда, соли гузашта Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Ӯзбекистон доир гардиданд, ки он аз ҷониби шаҳрвандони ҳарду кишвар ба хубӣ истиқбол гардиданд.

Ин дӯстию бародарӣ дар давраи ба истиқлолияту озодӣ расидани ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон сатҳи сифатан нав касб намуд. Дар фосилаи беш аз чаҳоряк асри Истиқлолияти давлатӣ, ду кишвари дӯст робитаҳои ҳасанаи ҳамсоягиро боз ҳам таҳкиму таҳвият бахшида, дар самтҳои мухталифи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ ба дастовардҳои назаррас ноил шудаанд.

Дар воқеъ, дӯстии ин ду халқ аз қадим на танҳо дар анъанаву суннатҳо ифода меёфт, балки дар робитаҳои фарҳангию адабияшон низ таҷассум гардида, шуҳрати беандоза касб мекард. Ба шарофати ташрифи меҳмони олиқадр Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва сиёсати адабпарваронаю фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин дӯстӣ боз ҳам рушд карда, пару боли тоза гирифт ва пайғоми меҳру муҳаббат ва рафоқату бародарии ин халқҳоро чун кабӯтарони сулҳ ба дуриҳои дур бурда, номи ҳарду халқро дар арсаи ҷаҳонӣ боз ҳам бештар машҳур гардонид.

Махсусан хидмати Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар барқарории робитаҳои дӯстона бебаҳс мебошад. Сарварди давлати тоҷикон аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадани худ дар бораи дӯстии ду халқ назари некбинона баён карда, то ба имрӯз дар ақидааш устувор мондааст. Дар бисёри

мавридҳо дар суханронихои худ Пешвои миллати тоҷикон аз дӯстию рафоқати ин ду халқ изҳори назар карда, ба таърихи дӯстиии тоҷикон ва ӯзбекҳо баҳои баланд додааст. Махсусан, вай дар арафаи ҷашни 600 – солагии Мавлоно Ҷомӣ аз дӯстии бесобиқаи ин миллатҳо дар мисоли ду мутафаккир – Мавлоно Ҷомӣ ва Навоӣ ёдовар шуда, навиштааст: «Дӯстӣ ва садоқати Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ намунаи барҷаста ва ибратомӯзи дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек ба шумор меравад»10.

Дар даҳсолаи дуюми садаи ХХ1 бо эҳё шудани робитаҳои фарҳанию адабӣ ва ҳамкориҳои дӯстона миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекситон нияти нек буда, ба рушди минбъадаи ин ду кишвар мусоидат хоҳад намуд. Умедворем, ки дар таҳкими робитаҳои адабии тоҷикону ӯзбекон низ ин рӯйдоди муҳимми таърихӣ саҳифаи наверо боз хоҳад намуд.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2010. – С. 126
2. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2010. – С. 82
3. Шодиқулов Ҳ. Айнӣ – муҳаққиқи адабиёти ӯзбек. – Тоҷикистони Советӣ, 18. IX. 1981, № 218
4. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷ. 11. Китоби якум. - Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. - С. 204.
5. Ҳамон китоб. – С. 266
6. Ҳамон китоб. – С. 336, 365.
7. Ҳамон китоб. – С. 358-359.
8. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 11. Китоби якум. - Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. - С. 280.
9. Кошчанов М. Айни и узбекская литература / Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи VII. – Душанбе: «Дониш», 1991. - С. 148
10. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – С. 284.

С. АЙНИ – ПРОДОЛЖАТЕЛЬ ТАДЖИКСКО-УЗБЕКСКИХ ЛИТЕРАТУРНЫХ И КУЛЬТУРНЫХ СВЯЗЕЙ

В статье подробно рассматривается роль С. Айни в развитии литературных и культурных связей между таджикским и узбекским народам в 20 веке. Действительно, многие писатели и поэты Узбекистана считали С. Айни своим устодом и учителем. Великий устод Айни внёс огромный вклад в формировании и развитии новых тенденций в литературе народов Средней Азии начала ХХ века. Кроме того, он как литературовед заложил основу современного литературоведения в регионе. Устод С. Айни отлично знал таджикский и узбекский языки, которые помогли ему активно участвовать в литературной жизни таджикского и узбекского народов. В целом, можно считать С. Айни основоположником новых тенденций в узбекско-таджикских литературных связей.

Ключевые слова: *С. Айни, литература, культура, литературные связи, литературоведение, новые тенденции, узбекская литература.*

S. AINI, AS A CONTINUER OF TAJIK-UZBEK LITERATURE AND CULTURAL RELATIONSHIPS

This article deals with the role of S. Aini in development of literature and cultural relations between Tajik and Uzbek people in XX century. Actually, most of the writers and poets of Uzbekistan considered S. Aini their ustod and teachers. The distinguished ustod Aini brought great contribution to formation and development of new tendency in the literature of the people of Central of Asia from the beginning of XX century. In addition to it, he as a philologist put a foundation of modern literature in the region. Ustod S. Aini knew Tajik and Uzbek languages excellent which helped him actively to participate literature life of Tajik and Uzbek people. In general, it can be considered S. Aini as a founder of new tendency Tajik and Uzbek literature relations.

Key words*: S. Aini, literature, culture, literature relations, literary, a new tendency, Uzbek literature.*

Сведение об авторе:

Рахмонзода Абдуджабор Азиз *– академик Академии науки Республики Таджикистан Президентский советник по социально-экономическим вопросам*

About the autor:

Rahmonzoda Abdujabbor Aziz *– academic Academi science Repablic of Tajikistan* Presidential Adviser For social issues relationship with the community.

ИЛЁ АБӮМОЗӢ НАМОЯНДАИ БАРҶАСТАИ АДАБИЁТИ МАҲҶАР

Сайфуллоев М. Н.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улугзода

Илё Абӯмозӣ соли 1898 дар деҳаи ал-Муҳайдисаи ноҳияи Бакфиё, ки қисми шимолии Лубнон ҷойгир буд, ба дунё омадааст. Таълимоти ибтидоияшро дар мактаби ҳамин деҳа, назди калисои деҳаашон гирифтааст [14, 367].

Илё Абӯмозӣ яке аз машҳуртарин шоирони “Маҳҷар” дар аввалҳои қарни бистум ба ҳисоб меравад. Дар оилаи миёнаҳол ба воя расида, аз ин рӯ, натавонист ҷуз дар мактаби ибтидоии деҳааш ҷои дигар таҳсил намояд. Ҳангоме ки фақр дар Лубнон шиддат гирифт, Илё соли 1902 бо мақсади тиҷорат ба Искандарияи Миср ҳамроҳи амакаш, ки ба фурӯши тамоку машғул буд, сафар карда, девони аввалинашро ҳамон ҷо дар синни бистсолагӣ бо номи «Девони Абӯмозӣ» ба табъ мерасонад.

Онҷо бо Антун Ал-Ҷамил ва Амин Тақиюддин, ки аллакай маҷаллаи Аз-Зуҳоро таъсис дода буданд, вохӯрд. Антун Ал-Ҷамил аз заковат ва истеъдоди ӯ ба тааҷҷуб афтод ва ӯро ба ҳамкорӣ бо маҷалла даъват намуд.

Аввалин қасидаҳои ӯ дар ҳамин маҷалла ба табъ расидаанд. Кор то ба ҷое расид, ки ҳатто шеърҳояшро дар девоне гирд овард ва ба он номи “Ёддоштҳо” -ро гузошт. Он китоб соли 1911 дар яке аз нашриётҳои мисрӣ аз чоп баромад. Сипас ӯ ба иншои шеърҳо дар мавзӯъҳои сиёсӣ ва ватандӯстӣ пардохт. Аз таъқиби ҳукуматдорон эмин намонда, водор шуд, ки ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳиҷрат намояд. Он ҷо чор соли аввал дар шаҳри Синсиннатии Иёлоти Огаё зиста, ҳамроҳи бародараш Бакр Мурод ба тиҷорат машғул шуд.

Соли 1916 ба Ню-Йорк омада, бо Ҷуброн Халил Ҷуброн дӯстӣ пайдо мекунад ва бо кӯмаки вай қисмати дуюми девонашро аз чоп мебарорад ва дар таъсиси мактаби адабии “Робитаи қаламӣ” дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳамроҳи Ҷуброн Халил Ҷуброн ва Михаил Нуайма саҳм гузошт.

Дар саҳифаҳои маҷаллаи “Самир,”- ки соли 1929 ба табъ мерасид, аксарияти адибони маҳҷарӣ, хусусан адибони маҳҷарии шимолӣ, осори манзуму мансури худро нашр менамуданд. Ин нашриёт фаъолияташро то вафоти шоир - соли 1957 идома додааст [5, 3].

Соли 1927 девони Илё Абӯмозӣ бо номи «Ал-ҷадовил» (“Наҳрчаҳо”), ба табъ расида, ӯ соли 1929 маҷаллаи «Ас-самир» (“Достонсарой”)-ро таъсис дода ва соли 1946 бошад, девони навбатиаш таҳти унвони «Ал-Ҳамаил» (“Буттазорҳо”) рӯи чопро дид.

Бояд қайд кард, ки танҳо баъди нашри девони «Ал-ҷадовил» шуҳрати шоир боло рафт, мавзӯи асосии девони мазкур «Фалсафаи ҳаёт» мебошад. Инсонгарӣ ва хусусияти воқеию вижагии тааммулпазирӣ дар шеъри шоир бештар аст. Илё Абӯмозӣ аз ҷумлаи шоирони табиатдӯст аст, аз ӯ инчунин чанд ҳамоса бо номҳои «Ал-ҳикояту-ул-азалия» (“Ҳикояҳои ҷовидонӣ”), «Ат-талосим» (“Тилисмҳо”) ва «Ат-тину машҳуратун» (“Гил машҳур аст”) ба мерос мондааст [6, 367].

Муҳаққиқоне мисли Ҷирҷи Сайдаҳ бар ин боваранд, ки ҳиҷрати шоир аз Миср ба Амрико ва дур буданаш аз дунёи араб ба шахсияти шоир таъсири амиқе дорад. Илё Абӯмозӣ бар асари муҳоҷириат аз тақлиди шоироне, чун Борудӣ, Сабрӣ, Шавқӣ ва Ҳофиз Иброҳим раҳои ёфта шеъраш рӯҳи тозае ба худ гирифт ва ин амр сабаб шуд, то ба сурудани шеърҳои бошукӯҳ, чун “Фалсафаи ҳаёт”, даст занад ва дар адабиёти “Маҳҷар” ба унвони як намояндаи асил муаррифӣ мешавад.

Муҳимтарин хусусияти шеъри Абӯмозӣ тааммул аст, ки он умуман ба шоирони маҳҷари шимолӣ хос мебошад.

Абӯмозӣ дар тамоми осораш ду сабки комилан ҷаззобро таҷриба намудааст. Дар оғоз шогирди мактаби классикӣ буда, дар шеър тақлид аз гузаштагон менамуд, алфозро беш аз маъно қадр мениҳод. Минбаъд пас аз пайвастан ба маҳфили "Робита қаламӣ" марҳилаи нави фаоълияти Илё Абӯмозӣ оғоз меёбад, ки тӯли он классисизмро бо романтизм дар ҳам меомезад.

Сарзамини Лубнон то нимаи асри XIX зери салтанати Усмонӣ буд ва дар садаи нуздаҳум ҷомеаи кишоварзӣ бо шакли суннатӣ ба ҳисоб мерафт ва истеҳсолоте, ки ҷомеаи онрӯзаи Лубнон ба он ниёзи фаровон дошт, беравнақ буд, ин вазъият мардумро дар вазъи сахт мегузошт.

Аз ҷониби дигар, густариши рӯзнома ва рӯзноманигорӣ, тарҷумаи китобҳои ғарбӣ, мавқеияти ҷуғрофии Лубнон ва сайёҳӣ ва ҳузури мубаллиғони динӣ аз кишварҳои ғарбӣ заминаҳоеро фароҳам оварданд, то бисёре аз мардуми Лубнон, ба хусус ҷавонон, бахти худро дар мусофират санҷиданд.

Ин амр сабаби пайдоиши падидаҳои муҳоҷират дар миёни лубниҳо шуд. [9, 97].

Эҷоди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии аврупоиву амрикоӣ дар Лубнон, аз ҷумла, мактабҳое, ки дар Лубнон аз сӯи амрикоиҳову аврупоиҳо бунёд гардиданд, нақши бисёр муассире дар муҳоҷирати лубниҳо ба он кишварҳо дошт. Ҳамин тавр, ин мактабҳо фарҳангу имконоти он кишварҳоро ба ҷавонони лубнонӣ муаррифӣ мекарданду заминаеро барои муҳоҷирати онон фароҳам меоварданд.

Лубниҳо бештар ба кишварҳои ғарбӣ аз тариқи кишварҳои арабӣ, ба хусус Миср муҳоҷират карданд. Миср дар ду давра бештар пазирои муҳоҷирони лубнонӣ буд, яке дар замони ҳукумати Иброҳимпошо (1832м.) ва дигаре ҳангоми ишғоли Миср аз тарафи англисҳо (1882м.). Дар давраи дуввум бархе аз лубниҳои муҳоҷир ба савдо пардохтанду дере нагузашта, дар дунёи илму фарҳанг низ ворид шуданд ва байни онҳо метавон шоирону нависандагонеро, ба монанди Ҷурҷӣ Зайдон, Ал-Ҳилол, Яъқуб Сарруф ва Форс Нимр-поягузори маҷаллаи "Ал-Муқтатаф" ва Илё Абӯмозӣ, пайдо намуд [1, 114].

Илё Абӯмозӣ дар соли 1900 дар ёздаҳсолагӣ ба далели шароити бади иҷтимоӣ ва сиёсии Лубнон, монанди бисёре дигар аз ҳамватанони худ, ба Миср муҳоҷират кард. Ӯ ёздаҳ соли зиндагии худро дар Миср гузаронид. Миср дар ин даврон зери ҳукумати англисҳо буд ва пеш аз муҳоҷирати Илё Абӯмозӣ оҳангҳои мухолифати мардуму равшанфикрони мисрӣ ба ҳукумати англисҳо шунида мешуд. Онон хостори раҳоӣ аз ҳукумати англисҳо буданд ва мекӯшиданд вазъияти иҷтимоӣ ва озодии сиёсиро хубтар кунанд. Илё пас аз Миср соли 1912 озими Амрико шуд ва то охири умр (1957) дар он ҷо умр ба сар бурд.

Аз паёмадҳои муҳимми муҳоҷират шиносоӣ бо фарҳангҳои ҷадид ва иртиботи наздиктар бо он аст, ин ошноӣ уфуқҳои тозаеро мекушояд. Шоирони "Маҳҷар", ки аз ватани худ кӯч баста, ба кишварҳои гуногун сафар карда буданд, заминаи ошноӣ бо фарҳангҳои гуногун барои онон фароҳам омад ва таъсири фаровоне бар тағйир ва таъдили андешаҳои онон дошт. Шеваи тафаккуру андешаи шоирони "Маҳҷар" дар пайи таъсирпазирӣ аз фарҳанги кишварҳои аврупоӣ нисбат ба табиати дунё, дин ва ғайра дигаргун шуд ва ногаҳон ба далели ошноӣ бо осори афроде, монанди Эдгар Оланпу ва дигарон, нисбат ба зиндагию марг тағйир кард.

Илё Абӯмозӣ, ки шавқи фаровоне ба мутолиа дошт, дар даврони муҳоҷират ба Миср бо шеъру андешаи шоироне, монанди Аҳмад Шавқӣ, Халил Мутрон, Ҳофиз Иброҳим, ошно гашт, тавассути мутолиаи рӯзномаҳои сиёсӣ, монанди рӯзномаи "Ливо", бо афкору андешаҳои озодихоҳона бештар наздик шуд. Он замон дар Миср ду ҷараёни фикрӣ паҳлӯи ҳамдигар рушд мекард, яке ҷараёни фикрие, ки аз сӯи ал-Азҳар ҳидоят мешуду бештар тамоюли динӣ дошт, дигаре ҷараёни фикрие, ки реша дар дунёи Ғарб дошт ва санъати тарҷума дар ин замина нақши барҷастае дошту мисриёнро бо адабиёту андешаҳои Мағрибзамин ошно месохт. Дар канори ин маворид кушодашавии донишгоҳҳои мисрӣ дар соли 1908 кӯмаки фаровоне ба шиносоии ҷавонони мисрӣ бо тамаддуни Ғарб кард ва бархе аз андешамандон ба номи Миср аз ин умур ба хубӣ истиқбол карданду бисёре аз ҷавонони мисриро барангехтанд, то барои таҳсили улум

ба донишгоҳҳои ғарбӣ сафар кунанд. Ин маврид дар шаклгирии андешаи Илё Абӯмозӣ нақши босазое дошт ва ӯро тарғиб кард, то барои фурӯ нишондани шавқу рағбати хеш ба Амрико сафар кунад.

Ба таври куллӣ, дар ин солҳо Илё Абӯмозӣ дар фазое тарбият ёфт, ки, аз як сӯ, Миср аз ҷанбаҳои гуногун бо фарҳангу тамаддун ва адабиёти Ғарб ошно шуд ва ин ошноӣ заминаҳои муносибе барои андешаҳои озодихоҳона дар баробари ҳукумати англис фароҳам оварду ба ҷунбиши миллӣ кӯмаки фаровоне расонд, аз сӯи дигар, ҳамин мавзӯъ тазодде миёни ҳомиён ва ҳаводорони андешаҳои суннатӣ ва навгаро падид оварду ин тазод замина ва ҳаракатро барои ҷавонони Миср ва муҳоҷирон, аз ҷумла Илё Абӯмозӣ фароҳам сохт.

Илё Абӯмозӣ замоне, ки дар Миср умр ба сар мебурд, ба сиёсат даст мезад, чун аз пушти фаъолиятҳои сиёсӣ ба хатари ҷиддӣ мувоҷеҳ шуд, ба Амрико рӯй овард. Муборизаи сиёсии Абӯмозӣ аз ғавғоҳо ва ҷанҷолҳои таблиғотӣ орӣ буд. Ӯ беҳтарин силоҳи муборизаро қаламу беҳтарин роҳи ҷиҳодро ҳунармандӣ мешуморид.

Илё Абӯмозӣ аз шеъри иҷтимоӣ шурӯъ кард, фазои истибдодӣ ва вазъияти сиёсии итимоии Миср сабаб шуд, ки шоир дар баробари мавзӯе, чун ишқу табиат, ба масъалаҳои сиёсиву ватанӣ таваҷҷуҳ кунад. Зуҳури ислоҳотгарони бузурге, монанди Муҳаммад Абдуҳу ва Сайид Ҷамолуддин, Асадободӣ, Рашид Ризо шӯру ҳаяҷони хоссеро дар фазои илмию фикрии Миср ба амал овард, уфуқҳои ҷадидеро пеши рӯи нависандагони араб кушод. Илё Абӯмозӣ зери таъсири муҳити фикрии Миср монда, андешаҳову эҳсосоти худро ба масоили сиёсиву иҷтимоӣ тавъам сохт ва онҳоро ба забони ҳунар дар қалби шеър баён дошт. Дар радифи мушкилоти иҷтимоию сиёсии ҷомеае, ки шоирони “Маҳҷар” аз ҷумла, Илё Абӯмозӣ, ба он ҷо муҳоҷират карда буданд, андӯҳ, дардҳо ва беморихову парешонихое, ки дар оғоз ба ҳузури шоирони “Маҳҷар” хос буд, онҳоро бедор сохт, ки дар вуҷуди ин нигоҳи амиқе ба масаълаи ҳастӣ дошта бошанд.

Ноумедӣ ва эҳсосу ғаму андӯҳ ва дурӣ аз ватану хонавода, аз ҷумлаи масоиле буд, ки эҳсоси ғурбату гӯшагириро барои шоирон “Маҳҷар” дар пайдоиши ин авомил боис шуд, ки ба дунболи он шоирон ба масоили ҳастӣ рӯй ованранд. Садои шоир дар фазои хосси дур аз ватан касеро, ки ба ӯ ҳамдам шаваду унс бигирад, намеёбад; ноумедию бадбахтӣ ва нодорӣ пайваста зеҳни ӯро ба худ машғул медорад, ки аз умед дар он хабаре нест.

Албатта, ҳамаи шоирони “Маҳҷар” ин гуна набудаанд, ки шакку тардид ва рӯҳи пурсишгаре дар шоирон ғолиб бошад, балки шароити пешгуфта сабаб шуд, ки ба навъе дар баробари ҳаводиси сахт сари таслим фуруд ованранд. Метавон намунаи барҷастаи ин андешаро дар шеъри маҳҷарӣ дар андешаҳои Илё Абӯмозӣ ёфт.

Илё Абӯмозӣ пас аз Миср ба Амрико сафар кард, шароити иҷтимоию сиёсии Амрико, дар он замон бо Лубнону Миср қобили муқоиса набуд. Шоир дар Амрико, агарчи дар зоҳир аз нобасомониҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеаи худ дур шуда буд, вале ба далели ишқе, ки ба Ватан дошт, пайваста ғарқи андешаву тафаккур буд. Дар ин миён авзои адабии Амрико кӯмаки фаровоне ба рушди андешаи Илё мерасонд. Дар даврони Илё дар Амрико ва дигар кишварҳои ғарбӣ мактабҳои адабии фаровоне зуҳур карда буданд, ки ҳар кадом бо нигоҳи хосси худ ба нақду таҳлили масоили иҷтимоӣ мепардохт. Мактаби романтикӣ яке аз ин мактабҳоест, ки аз муҳимтарин шохисҳои он шавқ ба ватан, паноҳ овардан ба табиат, ба хусус боғу бӯстон, рӯй овардан ба маъсумияти аздастрафта, тааммуқу тааммул дар зот ва рӯй овардан ба гӯшагирӣ ва ғарқ шудан дар ғам буд. Шоирони “Маҳҷар”, аз ҷумла Илё Абӯмозӣ, ба далели таъсирпазирӣ аз ин мактаб дар зиндагӣ ва масоили марбут ба он таомули фаровоне кардаанд, ба гунае ки ин жарфандешӣ сабаб гардид, ки то гароишҳои сӯфиёна дар миёни онон зуҳур кард ва бад ин унвон василаи бӯрун рафтан аз бухрони зиндагӣ менигаристанд. Илё Абӯмозӣ, ки худ аз пайравони ин мактаби адабист, сахт ба дунболи он чангол мезад, то ба жарфнигорӣ дар ҳастӣ ва дар ҷустуҷӯи ҳалли муаммои ҳастӣ бошад.

Онон бо ибтикору эҷоди тағйироти бунёдӣ дар қолабу ва мӯҳтаво таҳаввули шигарф дар шеъри араб ба вуҷуд оварданд, чи гунае ки дар адабиёти муосир шеъри “Маҳҷар” ба сурати шохае ҷудогона баррасӣ мешавад. Бе тардид вуқӯи ҷанг ва ба

дунболи он кушта шудани инсонҳои бегунох, ҳар инсонро ба изтирорб меорад, ки хонавода, дӯстон ва ошноёни худро дар ҷанг аз даст бидиҳад ва сокит бошад ва ором ба зиндагии худ идома диҳад, балки дар ин мавзӯъ андешаву тааммул меварзад ва дар паи роҳкории тозае барои хуруҷ аз ин бӯхрон мегардад. Вуҷуди ҷанги ҷаҳонии аввал ва дуввум ва бӯҳронҳои дохилии Амрико дар даврони Илё Абӯмозӣ сабаб шуд, то адибону шоирон ин падидаи нохушро дар шеър инъикос диҳанд ва, аз тарфи дигар, сабаб мешуд, то андешаи ҳассосе дар муаммои ҳастӣ пуррангтар шавад [1, 102].

Шабоҳат ба ин шароит замони зиндагии Илё Абӯмозӣ дар сарзамини Лубнон, ки таҳти сарварии императори усмонӣ буд, бисёр шадидтар буд; зеро ин кишвар ба далели парокандагии нажодӣ ва вуҷуди мазоҳиби гуногун гӯшаи муносибе барои фурӯзон шудани шуълаҳои ҷанг буд. Ба тавре ки ҷангҳои дохилии ин кишвар ба зиндагии мардум халале ворид менамуд. Вуҷуди фирқаҳои мухталиф, аз тарафи дигар, ҷавлонгоҳи қудратҳои ҷаҳонӣ шуда буд ва ҳар як аз кишварҳои муқтадир ба баҳонаи ҳимоят аз фирқаи хос дар авзои дохилии Лубнон дахолат мекарданд. Дар воқеъ бояд гуфт, ки “Рабеъ-ул-охари қарни нуздаҳум, яъне ҳамзамон бо таваллуди Абӯмозӣ, кишвари Лубнон таҳаввулоти муҳиммеро шоҳид буд; ба тавре ки метавонем ин давраро давраи қавмиятҳо ва наҳзати миллатҳо аъриф намоем; чаро ки инсон дар пайи талош барои суботи вуҷуди худ ва ибрози шахсияти худ баромад мекард” [2, 200].

Ба ҳар ҳол, бояд гуфт, ки мардуми Лубнон бо шароити сиёсӣ – иҷтимоии сахте ҳамчун ҷангҳои дохилӣ, муҳоҷират мувоҷеҳ буданд ва табиатан ин шароит дар нигориши онон ба бархе масоил, аз ҷумла зиндагӣ, нақши муассире доштааст.

АДАБИЁТ

1. Алӣ Асғар Азизпурӣ. Тасирпазирии Илё Абӯмозӣ аз Умри Хайём. [www. sid ir.].
2. Абдусаттор Абдушукур . Таърихи адабиёти араб, А Абдусатторов. – Душанбе: Деваштич, 2008.
3. Қосим Мухторӣ. Нигоҳи татбиқи ба симои дунё дар ашъори Илё Абӯмозӣ ва Умари Хайём. Баҳористони сухан фаслномаи лисон-ул-мубин мақолаи илмӣ-пажӯҳишӣ, № 30, [www. sid ir.].
4. Муҳаммад Ҷаъфари Асғарӣ. Хушбинӣ дар шеъри Илё Абумозӣ ва Муҳаммадҳусейни Шаҳриёр. Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ. Соли аввал, № – 2. Теҳрон, 1389 ҳ. – 30с.
5. Нигоҳе ба аносири иҷтимоии сурудаҳои Илё Абумозӣ ва дидгоҳи вай дар бораи инсони ҷомеаи замони хеш. Таҳияи Амири Фараҳнокӣ. Донишкадаи таҳсилоти такмилӣ. – Теҳрон, 1385.
6. Таърихи адабиёти маҳҷар. Тарҷума бо забони форсӣ. Мутарҷим Умарӣ Фуруқ. – Теҳрон, 2016с.
7. Таърихи адабиёти маҳҷар. Тарҷума бо забони форсӣ. Мутарҷим Умарӣ Фуруқ. – Машҳад, [www. sid ir.].
8. Тоҷиддин Мардонӣ. Саҳифаҳое аз равобити адабии арабу аҷам. [гузашта ва имрӯза]- Душанбе : – “Ирфон, ” 2010. -236 с.
9. Торик (Лубнон-Бейрут), 1960. № 4
10. Эҳсон Аббос. Шеър-ул-арабӣ фи ал-маҳҷар. Бейрут, 1982.
11. Ҷурбузадор Абдулкарим. Рубоёти Хайём. Теҳрон, 1371ҳ.
12. Ромӣ Аҳмад. Рубоиёти Хайём. Бейрут, 2000с.
13. Мауш Солим. Илё Абӯмози байни шарқ ва ғарб. – Бейрут, 1997с.

۴۱. تألف محمد عبد المنعم خفاجی: دراسات فی الأدب العربی الحدیث ومدارسه،جزءالأول بیرت م۱۹۹۶- هـ۱۴۱۲

ИЛЬЯ АБУ МАДИ КАК ЯРКИЙ ПРЕДСТАВИТЕЛЬ ЛИТЕРАТУРЫ МАХДЖАР (ЭМИГРАЦИИ)

Автор в своей статье ставит целью ознакомить таджикского читателя с известным арабским поэтом Ильей Абу Мади, который являясь ливанского происхождения, получил в Америке как арабоязычный поэт широкую популярность. Илья Абу Мади в начале XX века эмигрировал в США, где внёс весомый вклад в формировании литературного движения “Ассоциация пера”, тем самым участвуя в развитии арабоязычной литературы “Махджар”.

Ключевые слова: *Ливан, Египет, эмиграция, Илья Абу Мади, Махджар, “Ассоциация пера” литературная школа, арабская поэзия, мотив.*

ILYA ABU MATHI AS AN OUTSTANDING REPRESENTATIVE OF MAHJAR LITERATURE

The author in his article tries to familiarize the Tajik readers to the Arabic poet Ilya Abu Mathy, who was born in Lebanon, and became famous among American readers as an Arabic speaking poet. Ilya Abu Mathi in early years of the XX century emigrated to USA, where he made a great influence on the formation of "Pen Association", and by this way taking part in the development of Arabic speaking literature of "Mahjar".

Keywords: *Lebanon, Egypt, emigration, Ilya Abu Mathi, Mahjar, "Pen Association", literary school, Arabic poetry, motive.*

Сведения об авторе

Сайфуллоев Муслихиддин Хайбуллоевич *- доктор (Phd) первого года кафедры теории и истории таджикской литературы Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, Тел. +(992)900-51-55-59.*

About the author:

Sayfulloev Muslihiddin Haybulloevich *– doctorate student (PhD) of the 1st year of the Theory and History of Tajik Litareture Chair of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda. Address: 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Cell: (+992) 900515549*

ФРИДРИХ РЮККЕРТ ВА АДАБИЁТИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ

Ғуломова З. А.

Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кишвари соҳибтамаддуни Олмон ховаршиносонеро тарбия ва ба камол расонидааст, ки эшон умри азизи хешро нисори омӯзиш, пажӯҳиш, тарғиб ва ташвиқи адабиёти форсии тоҷикӣ, таъриху фарҳанги ғании тоҷикон намудаанд.

Воқеан, агар мо аз даричаи чашму дили хеш ба таърихи ҳамкориҳои илмӣ ва фарҳангии ин ду кишвар лаҳзае назар андозем, мебинем, ки он нобиғаҳо беҳтарин заминаҳоро барои дирӯзу имрӯзи иртиботи фарҳангии халқҳои тоҷику олмонӣ ва дигар мардумони аврупоӣ гузошта бо амри таърих пули фарҳанги халқҳоро ба ҳам пайвастаанд.

Фридрих Рюккерт аз зумраи ҳамин гуна ховаршиносоне буд, ки дар ин ҷода бо истеъдоди худододу хирмани дониши бегазандаш дили мардумони зиёдеро тасхир намуда, сазовори баҳои баланди ховаршиносони Шарқу Ғарб гардидааст.

Донишманди тоҷик Хайрулло Сайфуллоев дар пешгуфтори китоби хеш «Пули дӯстӣ» [1, 3] як андешаи арзишманди сафири вақти Олмон дар Тоҷикистон Ҳаралд Лёшнерро ба маврид меоварад:

„Die Beziehungen zwischen unseren beiden Ländern sind freundschaftlich. Zwischen Tadschiken und Deutschen bestehen in Deutschland und in Tadschikistan herzliche Kontakte. Wir sind uns nahe. Was uns so eng verbindet, geht weit in die Geschichte zurück und findet seine lebendige Ausprägung auch in den kulturellen Beziehungen der Gegenwart zwischen unseren beiden Ländern“ [1, 3].

“Муносибатҳо байни ҳарду кишвари мо дӯстонаанд. Байни тоҷикону олмониҳо дар Олмону Тоҷикистон пайвандҳои самимӣ мавҷуданд. Мо бо ҳам наздикем. Он чӣ, ки моро ин қадар ба ҳам зич мепайвандад, аз таърих сарчашма мегирад ва инъикоси зиндаи худро низ дар пайвандҳои фарҳангии муосири байни ҳарду кишвари мо меёбад.”

Фридрих Рюккерт 16-уми майи соли 1788 дар шаҳри Швайнфурти Олмон ба дунё омадааст. Падараш ҳуқуқшинос буда, хоҳони дар ин ришта таҳсил намудани фарзандашро дошт. Рюккерт дар силсилаи шеърҳояш соли 1829 ҷаҳони кӯдакии хешро ба тасвир гирифта, дар он заминаи омӯзиши забондониашро ба рӯҳонии пире иртибот медиҳад. Ӯ дар синни ҳабдаҳсолагӣ ба донишгоҳи Вюртсбург дохил шуда, ба омӯзиши ҳуқуқ мепардозад, аммо майлу хоҳиши ӯ на ба ин касби бо хоҳиши падар интихобнамуда, балки бешта ба илми суханшиносӣ ва асотирӣ равон буд.

Ф. Рюккерти 23-сола 30-юми марти соли 1811 рисолаи номзадияшро дар мавзӯи (“De idea philologiae”) “Ғояи филология” дар шаҳри Йена дифоъ намуд. Муҳтавои рисолаи илмӣ дар байни суханшиносони насли пешин шубҳа ба вуҷуд овард, чунки пажӯҳишгари ҷавон мустақилии фарҳангии забон ва адабиёти юнонии аз рӯи анъана гиромиро маҳдуд месохт. Дар он андешаи ягонагии забонҳо ва ваҳдати рӯҳи инсон, ки дар шеър ифода мегардад, ҷойгоҳи асосӣ дошт. Ӯ адабиёти Шарқро ҳамчун мабдаи ҳаёти маънавии юнонӣ меҳисобид, ки ба ин ҳанӯз Ҳердер ва Ҳёлдерлинг пеш аз Ф. Рюккерт истинод оварда буданд. Ба Ф. Рюккерт муяссар гардид, ки аз андешаҳои худ рӯзи баррасии рисолаи номзадияш дифоъ кунад. Ин аз машғул будани Рюккерт бо омӯзиши забон ва адабиёти Шарқ дарак медиҳад.

Фридрих Рюккерт бо сабаби носозии вазъи сиёсӣ соли 1817 Штутгартро тарк намуда, ба Свис ва Италия сафар намуд. Ҳангоми бозгашт аз Италия ӯ дар шаҳри Вена ба муддати якчанд ҳафта меҳмони ховаршинос Ҳаммер Пургштал мегардад. Ховаршинос Ҳаммер, ки тарҷумаҳояш аз ғазалиёти шоири бузурги форсу тоҷик Ҳофизи Шерозӣ, дар рӯҳияи эҷодии Гёте инқилобе ба вуҷуд оварда, ӯро ба эҷоди асари ҷаҳонафрӯзи «Девони Ғарбӣ - Шарқӣ» водор намуда буд, Фридрих Рюккертро низ илҳом бахшид. Баъд аз бозгашт ба Ватан вай дар олами китобҳои Ҳаммер бахшида ба эҷодиёти адибони форсии тоҷикӣ ғуттавар гардида, ба эҷоди шеърҳо камар баст ва нахустин меваи он “Гулҳои шарқӣ” мебошад. Ӯ бо ҷидду ҷаҳди беандоза ба омӯзиши забон ва адаби мардумони Шарқ камар баста, пайваста ба баргардони онҳо машғул шуда, пайдарпай онҳоро ба нашр мерасонид. Ҳамзамон вай силсилаи “Ғазалҳо”-и хешро дар пайравии ашъори Ҷалолиддини Балхӣ эҷод намуда, ба ин васила жанри ғазалро ба забони олмонӣ ворид намуд ва баъд аз ин вай ба худ тахаллуси шоирии Фраймундро интихоб кард.

Ӯ зимистони соли 1820 аз Эберн ба Кобург барои ҳамкорӣ намудан бо нашриёти “Фрауенташенбух”омада, бо духтари соҳибхоназани худ Луиза Витаус-Фишер шинос мешавад ва ба ӯ дил мебандад. Онҳо бо аҳду паймони ҳамдигар моҳи декабри соли 1821 оила бунёд мекунанд. Ин зан барои Фридрих Рюккерт олиҳаи ормонӣ мегардад ва ҷозибаи ишқ Луизаро модари даҳ фарзанд месозад.

Бинобар сабаби калон будани оилааш шоир мебоист ягон кори даромаднокеро пайдо кунад, то оилаи худро таъмин карда тавонад. Тирамоҳи соли 1826 Фридрих Рюккерт ба вазифаи профессори забонҳои Шарқ дар Эрланген даъват мегардад. Дар он ҷо ӯ бо забони санскрит ошно мегардад ва ин забон диққати Фридрих Рюккертро сахт ба худ ҷалб мекунад, ки ин боиси омӯзиши ҷиддии адиб мегардад. Соли 1828 ӯ дар баробари корҳои нав оид ба адабиёти форсию арабӣ аввалин шеърҳои худро бо забони санскрит пешниҳод менамояд. Солҳои 1833-1834 ду фарзанди хурдии Фридрих Рюккерт, писарчаи панҷсола ва духтарчаи сесолаи барои падар бисёр азиз аз олам мегузаранд, ки марги ҷигарбандон барои шоир ва мутарҷим хеле гарон буд. Фридрих Рюккерт аз дарду ғам беш аз чорсад “Суруд дар бораи марги фарзанд” эҷод мекунад ва онҳоро ба фарзандонаш эҳдо мекунад. Шоири олмонӣ вижагиҳои жанри ғазалро чунин хуб аз худ карда буд, ки шеъои “Суруд дар бораи марги фарзанд”-ро дар ҳамин жанр иншо кардааст. Дар шаҳри Эрланген донишманди ховаршинос худро дар байни ҳамкоронаш танҳо ҳис мекард. Соли 1841 Фридрих Рюккерт дар шаҳри Берлин ба ҳайси ховаршинос ба кор шурӯъ мекунад. Ӯ аз соли 1841 то соли 1848 дар ҳамин шаҳр буд. Ин ҷо низ ба ховаршиноси олмонӣ писанд наомад ва ӯ худро танҳотар эҳсос мекард, гарчанде ӯ дар иҳотаи як зумра шогирдонаш ба монанди Макс Мюллер, Рихард Гоше, Фридрих Ҳайнрих Дитересӣ ва Паул де Лагарде буд. Адиб миқдори зиёди тарҷумаҳои нави хешро ҳамин шаҳр нашр намуд. Фридрих Рюккерт зимистони соли 1848 ба Нойзес меояд. Ӯ бештар ба корҳои филологӣ ва муқоисаи забонҳо машғул мегардад. Моҳи марти соли 1848 ӯ бемор мегардад. Вазъи саломатии ҳамсари меҳрубонаш Луиза низ бад мегардад ва ин зани мушфиқу ғамхор соли 1857 аз дунё мегузарад. Марги ҳамсари ормонӣ барои шоир ва мутарҷим хеле гарон буд.

Чи тавре ки дар боло низ зикр гардид, Ф. Рюккерт соли 1818 ба Вена меояд ва ба омӯзиши забонҳои форсӣ, арабӣ ва туркӣ пардохта, дар тӯли чанд ҳафтае забонҳои форсӣ, арабӣ ва туркиро аз худ мекунад. Истеъдоди ҳайратовари забономӯзии вай ба он дарачае буд, ки ҳама гуна забони навро дар тӯли шаш то ҳашт ҳафта аз худ мекард.

Зикр бояд кард, ки Рюккерт донишманди ҳайратангези забону адабиёти Шарқ буда, баробари ин зиёда аз чил забон ба монанди забонҳои форсӣ, арабӣ, ҳиндуӣ, албанӣ, романӣ, славянӣ, арманӣ, ҳабашӣ, авастоӣ, озарӣ, англисӣ, эстонӣ, финӣ, фаронсавӣ, юнонӣ, яҳудӣ, урду, итолиёӣ, курдӣ, лотинӣ, латишӣ, литвонӣ, малайӣ, португалӣ, русӣ, санскрит, шведӣ, испанӣ, мисрӣ, туркӣ ва дигар забону лаҳҷаҳоро медонист, вале то поёни умраш аз забонҳои форсӣ, арабӣ ва ҳинду тарҷумаҳо анҷом медод.

Ф. Рюккерт достонҳои зиёд шоҳасари адабиёти ҷаҳон «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ, беш аз ҳаштод ғазали Ҳофиз, «Маҳабҳарата»-и ҳиндӣ, «Бӯстони»-и Саъдӣ, ғазалиёти Ҷомӣ, девони шоири араб Имр-Ул-Қайс, ғазалиёти Ҷалолиддини Балхиро ба забони олмонӣ тарҷума намудааст.

«Аммо бо вуҷуди ин тароҷуми манзуме, ки мутаҷовиз аз сад ҳазор байт аст шӯҳрати асили Рюккерт натиҷаи тарҷумаҳое аст, ки аз забони форсӣ ба забони модарии худ ба амал оварда» [2, 69].

Тарҷумаи номвари «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ аз ҷониби Фридрих Рюккерт зинаи таърихӣ ва марҳилаи тозаест, дар фаъолияти тарҷумонии ӯ. Ба тарҷумаи «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ Фридрих Рюккерт ҳанӯз бармаҳал машғул гардида буд, ки ин кору амали ӯ пеш аз ҳама ҳамчун як кори омодашавии нахустин барои тарҷумаи ин шоҳасар ба ҳисоб меравад. Ӯ соли 1819 ҷилди якуми нашри олмонии «Шоҳнома»-ро, ки аз ҷониби Лумсден баргардон шуда буд, дастрас намуда, аз он барои худ вожаномае омода месозад (аз мактуби ба Ҳаммер навиштааш 12. 12. 1819). Аз мактуби ба Платен навиштаи ӯ (аз 12-уми феврали соли 1821) бармеояд, ки бинобар сабаби давом надоштани ин ҷилд ӯ аз идомаи кор худдорӣ менамояд. Аз номаҳои соли 1823 навиштаи Рюккерт маълум мегардад, ки ӯ бо роҳҳои гуногун донишҳои худро оид ба вазну қофияҳои «Шоҳнома» ҷило додааст. Соли 1835, замоне маълум гардид, ки ховаршиноси ҷавон Жюл Мулл (1800-1876), ки хуни олмонӣ дошту шаҳрванди қонунии Фаронса шуда буд, «Шоҳнома»-ро тарҷума ва чоп карданист, ӯ боз ба он рӯ овард. Достони «Rustam und Suhrab», яъне тарҷумаи «Рустам ва Сӯҳроб» нахуст соли 1838 дар Эрланген ва сипас соли 1846 дар Штуттгард ба чоп расид. Ин достонро Фридрих Рюккерт бо эҳсоси баланд пазируфта, онро дар сурати ихлос ва меҳрварзӣ ба Йоҳан Волфганг Гёте эҳдо намудааст. Сипас ин тарҷума солҳои баъдина дар дохили маҷмӯаҳои ҷудогона чандин бор ба нашр расида, байни хонандагони зиёди Аврупо ва Русия хеле эътибор ёфт.

Дар доираҳои адабӣ ва фарҳангии Русия ба миён омадани “Рустам ва Сӯҳроб”-и В. А. Жуковский [1] (1783-1852) низ рӯйдоди бузурги адабӣ буд. Аз таъкиди профессор И. С. Брагинский бармеояд, ки маҳз ҳамин “Рустам ва Сӯҳроб”-и дар пайравии озод ба Фридрих Рюккерт эҷодшудаи В. А. Жуковский, дар тӯли як аср сарчашмаи асосӣ барои хонандаи рус дар шинохти «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ будааст. [3, 266].

Раванди мушоҳида ва андешаҳои мо боз аз корномаи Фридрих Рюккерт сари «Шоҳнома»-ву Фирдавсӣ аз он башорат медиҳад, ки соли 1851 Рюккерт боз бо рӯҳи илҳоми тоза ба кор оғоз намуд. Фридрих Шпигел (1820-1905) аз соли 1838 шогирди Фридрих Рюккерт буда, он замон ӯ забони санскрит ва грамматикаи забони форсиро дар шаҳри Эрланген меомӯхт. Ӯ аз соли 1849 то соли 1890 ба ҳайси профессори забонҳои шаркӣ дар ин шаҳр фаъолият намуда, дар ин давра (1851-1868) китоби “Авесто” - ро ба забони олмонӣ тарҷума карда, ба шарҳу тавзеҳи ин пажӯҳишгар нашр гардид, ки он асари асосии ӯ ба ҳисоб меравад. Фридрих Рюккерт ба воситаи ӯ зуд зуд аз китобхонаи донишгоҳ китоб ба даст меовард, аз ҷумла «Шоҳнома»-ро, ки онро тарҷума намудааст. Дар он замон ба даст овардани китобҳои илмӣ аз имрӯз дида хеле мушкил буданд, бинобар ин шогирдаш Фридрих Шпигел рӯзи 9-уми моҳи марти соли 1852 аз устодаш Фридрих Рюккерт хоҳиш мекунад, то ба ӯ «Шоҳнома»-ро пас баргардонад, зеро аз китобхонаи Мюнхен, ки онро аз онҷо гирифта буд ва дар дасташ як сол боз нигоҳ медорад, баргардонидани китобро талаб доранд. Фридрих Рюккерт узр пеш оварда, қайд менамояд, ки охир ӯ он нияти доштаашро ҳоло анҷом надодааст. Ӯ на танҳо ҳиссаи зиёди китобро тарҷума намудааст, балки тарҷумаашро таҳрир низ намудааст. Ва дар охир ӯ баъд аз тайёр намудани он танҳо тозанависии матнро хоҳиш намудааст.

Рӯзи 29-уми марти соли 1853 ба Фридрих Рюккерт дӯсташ Стокмар аз Англия нашри Турнерро мефиристад. Рюккерт онро бо нашри Мюлл, ки 4 ҷилдашро дар ихтиёр дорад, муқоиса намуд. Фридрих Рюккерт пурра бо ин машғул гардида, нашри Мюллро на танҳо ҳамчун замина барои тарҷума истифода мебарад, балки тақризи муфассал менависад. Тақризи тарҷумаи Мюлл дар маҷаллаи «Ҷамъияти ховаршиносии Олмон» [4, 69] ба чоп расид.

«Шоҳнома» дар тарҷумаи Фридрих Рюккерт пас аз маргаш дар се ҷилд [5] (ҷилди якум дар соли 1890, ҷилди дуюм дар соли 1894 ва ҷилди сеюм дар соли 1895) бо мундариҷаи хеле пурра аз ҷониби пажӯҳишгари осору рӯзгори Фридрих Рюккерт - Э. А. Байер ба чоп расонида шуд.

Тарҷумаҷои Ф. Рюккерт аз ҷониби симоҳои дурахшони илму адаби олмонӣ сазовори баҳои баланд гардидаанд. Яке аз даҳоёни адабиёти ҷаҳон, донандаи бисёр хуби тамаддунҳои Ғарбу Шарқ Йоҳан Волфганг Гёте (1749–1832) роҷеъ ба осору зиндагиномаи Ҳаким Фирдавсӣ, ки тавассути тарҷумаҳои олмонии «Шоҳнома» ва рисолаҳои ховаршиносон бо он ошноии хуб дошт, ба тарҷумаҳои Ф. Рюккерт баҳои баланд додааст, зеро «он чи ки Гёте аз як мутарҷими нағз тақозо кард, Рюккерт онро дар асарҳои тарҷума кардааш амалӣ намуд» [6, 162].

Ҳамчунин ховаршиноси номии олмонӣ Анна Мариа Шиммел роҷеъ ба тарҷумаҳои Фридрих Рюккерт ба чунин хулоса расидааст: «Рюккерт он кавкаби пурнури осмони шарқшиносӣ ва он дурри фариди ақди шоирони олмонӣ бо тарҷумаҳои худ баргузидатарин осори шеъри форсиро дар дастраси милали олмонӣ қарор додаст. Зебоии ин тарҷумаҳо бо вуҷуди камоли диққат дар ҳифзи маъно ва риояти сурати шеъри аслӣ ба ростӣ моҳирулуқул аст ва бояд гуфт то кунун ҳеҷ шоире ва ҳеҷ олиме дар зери ин гунбади фирӯзагун ба эҷоди назири онҳо тавфиқ наёфтааст» [7, 68]. Ва боз ҷои дигар мегӯяд, ки «Die meisten Orientalisten…begrüßten das Erscheinen der Rückertischen Nachdichtung mit Freude und Bewunderung, und Theodor Nöldeke, der Altmeister der deutschen Orientalistik, und durch seine iranistischen Arbeiten besonders befugt zu urteilen, erklärte in seiner Rezension in der Zeitschrift der Deutschen Morgenländischen Gesellschaft den Firdosi für eines der größten Meisterwerke Rückertscher Übersetzungskunst, dessen Übertragungen auch als philologisches Hilfsmittel für Orientalisten wertvoll seien» [8, 114].

«Шарқшиносони зиёди олмонӣ тавлиди тарҷумаи шеърҳои Рюккертро бо хурсандию шавқу завқ истиқбол кардаанд ва Теодор Нёлдеке, устоди ховаршиносии олмонӣ, ки ба вижа тавассути корҳои эроншиносиаш ҳаққи муҳокима намуданро дорад, дар тақризи худ дар рӯзномаи «Ҷамъияти ховаршиносии Олмон» Фирдавсиро («Шоҳнома»-ро З. Ғ.) ба яке аз шоҳасари санъати тарҷумонии Рюккерт эътироф кардааст ва тарҷумаҳои ӯ барои ховаршиносон низ ҳамчун воситаи ёрирасони филологӣ дорои аҳамиятанд».

Мавзӯи баррасии тарҷумаҳои аз забонҳои шарқӣ анҷом додаи шоиру мутарҷими олмонӣ Фридрих Рюккерт доманадор буда, андешаҳо низ сари ин тарҷумаҳо зиёда ҷолиби диққатанд.

Дар бораи «Шоҳнома» - и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ дар тарҷумаи Фридрих Рюккерт мақолаҳои зиёд иншо шудаанд ва мо аз таҳлили баргардонидани он ин ҷо даст кашида, танҳо ҳаминро ишора мекунем, ки достонҳои «Шоҳнома», ба вижа достони «Рустам ва Сӯҳроб» бо рӯҳи фоҷиавии хеш дили хонандаи Аврупоро тасхир кард ва қадру эътибори Фирдавсию «Шоҳнома»-ро боз хеле боло бурд. Донишманди тоҷик Валӣ Самад дар рисолаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва Чернишевский» [9, 106-110] доир ба пайванди Н. Г. Чернишевский ба “Рустам ва Сӯҳроб”-и Фридрих Рюккерт нигоштааст: “Рюккерт он қадар аз Фирдавсӣ ба ваҷд омада ва илҳом гирифтааст, ки зимни тарҷума озод андешида.... то андозае аз сужети Фирдавсӣ дур рафтааст. Аз ин ҷост, ки донишманди тоҷик С. Воҳидова ба хулосаи ҷолибе расида “тарҷумаҳои олмонии Ф. Рюккертро аз «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ ёдгории дурахшони синтези шарқию ғарбӣ дониста, ҳамзамон “прочно вошедшая в собственную поэзию Ф. Рюккерта” [10, 86] хондааст”.

Хидмати Фридрих Рюккерт дар муаррифии фарҳанги Шарқ дар Ғарб, ба вижа дар Олмон хеле бузург буда, ба туфайли тарҷумаҳои ӯ аз забонҳои шарқӣ, пеш аз ҳама забони форсии-тоҷикӣ дар омезиши ду фарҳанг нурбор ба чашм мерасад.

Ин ҷо беихтиёр хулосаи ховаршиноси номвар Анна Мариа Шиммел ба ёд мерасад ва хулосаҳои моро таҳвият мебахшад:

«Акнун, ки якчанд сол аз вафоти он шоири баландпоя мегузарад, шоиста аст, ки паёми ӯро аз нав бишнавем то дӯстони мо дар Машриқзамин азамати хидмати Рюккертро дар шиносонидани фарҳанги шарқӣ дар Урупо бишносанд ва то милали олмонизабон аз баракати тарҷумаҳои ӯ азамати фарҳанги Исломӣ ва ҷамоли шеъри форсиро дарёбанд» [11, 67].

Ховаршиноси барҷаста Фридрих Рюккерт 31-уми январи соли 1866 ин ҷаҳонро падруд гуфт. Ӯ то лаҳзаҳои охири умр ҷоннисорона аз забонҳои форсӣ, арабӣ ва ҳинду ба забони олмонӣ тарҷума карда, ҷаҳони маънавии олмониҳоро ҳусни дигар бахшид.

Мушоҳида ва андешаҳои мо сари ҷойгоҳи таърихӣ ва адабии Фридрих Рюккерт моро ба хулосае овард, ки маҳз тарҷумаҳои аз «Шоҳнома» анҷомдодаи Фридрих Рюккерт, ба вижа тарҷумаи «Рустам ва Сӯҳроб» яке аз корҳои арзишмандтарин дар соҳаи ховаршиносӣ эътироф шуда, ба таърихи пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику олмонӣ як фасли дурахшонро эҳдо кард ва ҳусни илми ховаршиносии олмониро дар Аврупо нурафшон намуд.

АДАБИЁТ

1. Хайрулло Сайфуллоев. «Мосты дружбы» - (очерки таърихӣ-публистикӣ). . Д. : 2005, 3с.
2. Friedrich Rückerts (1788-1866). Ausgewählt und eingeleitet von Schimmel, Annemarie. Übersetzungen persischer Poesie. Wiesbaden 1966. S. 69.
3. И. С. Брагинский. Из истории таджикской и персидской литератур. -М. : Наука, 1972.
4. Zeitschrift der Deutschen Morgenländischen Gesellschaft (ZDMG) 8, 1854, 239-69; 10, 1856, 127-282c
5. Firdousi`s Königsbuch (Schahname) übersetzt von Friedrich Rückert. Aus dem Nachlass herausgegeben von E. A. Bayer. Sage I-XIII. Berlin 1890;
Sage XV-XIX. Berlin1894:Sage XX- XIX. Berlin 1895.
6. Islam und Abendland. Band 7. Mahmoud Alali-Huseinat: Rückert und der Orient. Frankfurt am Main. Berlin. Bern. New York. Paris. Wien 1992. S. 162.
7. Friedrich Rückerts (1788-1866). Ausgewählt und eingeleitet von Schimmel, Annemarie. Übersetzungen persischer Poesie. Wiesbaden 1966. S. 68.
8. Schimmel, Annemarie: Orientalische Dichtung in der Übersetzung Friedrich Rückerts. Bremen 1963. S. 114.
9. Валӣ Самад. Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва Чернишевский. Нашри II. -Д. : Адиб, 2005.
10. Санавбар Вохидова. Иранистика и таджиковедение в Германии (XVIII-XX вв.). -Д. : 2001, 86с.
11. Friedrich Rückerts (1788-1866). Ausgewählt und eingeleitet von Schimmel, Annemarie. Übersetzungen persischer Poesie. Wiesbaden 1966. S. 67.

ФРИДРИХ РЮККЕРТ И ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКАЯ *ЛИТЕРАТУРА*

История переводов востоковеда Фридриха Рюккерта с восточных языков, особенно с персидского на немецкий язык является очень ценным. В статье речь идет об истории переводов Фридриха Рюккерта, которая свидетельствует о взаимоотношение и дружбе таджикских и немецких народов. Особенно перевод поэмы "Рустам и Сухраб" из «Шахнаме» Фирдоуси ознакомил европейцев с великим творением персидско-таджикского поэта. Автор статьи показывает любовь Фридриха Рюккерта как к «Шахнаме» Фирдоуси, так и к Востоку в целом. Переводы Фридриха Рюккерта дали серьёзный толчок в истории востоковедения Европы, и особенно немецкого народа.

Наконец, думается, что данная статья в какой-то степени будет полезной для дальнейшего развития немецкого востоковедения и его взаимодействия с персидско-таджикской литературой.

Ключевые слова: *Хаким Фердоуси, Шахнама, Литературные и культурные ссылки, Переводы, Западная и Восточная цивилизации, Фридрих Рюккирт, Востоковед, Европа, Переводческая деятельность.*

FRIDRIKH RUCKERT IN PERSIAN – TAJIK LITERATURE

The history of orientalist Fridrikh Ruckert|'s translations in Persian and German languages is very interesting and valuable. The article deals with the history of the orientalist Fridrikh Ruckert translations

that clarify the literary relations of Tajik and German people. Therefore according to Fridrikh Ruckert knowledge about the oriental languages, specificly the Persian directed to "Shohnoma" of Firdavsi, first of all "Rustam and Suhrob" that with its sad content have touched the heart of European reader and brought a great authority to the author of the "Shohnoma".

Finally, this article to some extend will develop the later oriental based topics of the German and their link with Persian – Tajik Literature.

***Key words**: Hakeem Firdavsi, to Shakhnama, Literary compilation, Translators, West Saharan territories, Friedrich Rukkert, Expert, European, Translation.*

Сведения об автора:

***Гуломова Зухро Абдурахмоновна** - Академия науки Республики Таджикистан. Институт изучения проблем стран Азии и Европы. Отдел Европы и Америки. Город Душанбе, улица Хусейнзода 35. Электроная почта: gulomowa. suhro@mail.ru; Телефон: +(992) 935851060*

***About the autor**:*

***Gulomova Zuhro Abdurahmonovna**. Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan Institute of Studying the Problems of Asian and European Countries. Department of European and America. Dushanbe, St. Huseinzoda 35. Email: gulomowa.suhro@mail.ru; Tel: +(992) 935851060*

МЕСТО ЭССЕ В ИССЛЕДОВАНИИ ПРОФЕССОРА АСАДУЛЛО САДУЛЛОЕВА

Сироджова Н. Р.

Таджикский национальнй университет

Таджикская литература, наряду с поэзией, имеет ценнейшую богатую вековую прозу. Документальная таджикская проза имеет свои характерные особые ценности, расцвет и новаторство этого периода (приходится на 20 –ые годы XX века). Во второй половине XX века, развитие и прогресс документальной прозы, имел место тщательного и внимательного исследования. Невозможно представить формирования документальной прозы и его развития, без литературной поэтики, построения культуры речи, использования литературных слов, литературной эстетической осознанности, и в целом творческого мышления. Исследователь Х. Шарифов, отмечает, что: «Исследование прозы, с точки зрения исторического развития, умелого использования пера, его яркий расцвет приходится на последние 40-50 лет» [7, с. 4].

Развитие современной документальной таджикской прозы отчетливо просматривается в творчестве таких писателей, как С. Айни, С. Улугзода, М. Турсунзода, Дж. Икроми, Ф. Мухамадиев, Б. Рахимзаде и др. С этой точки зрения исследователь этой области А. Саъдуллоев пишет следующее: «…документальная проза, является одним из важных аспектов таджикской культуры и литературы в XX веке. Судьба такого вида прозы, с точки зрения литературоведов, считается бесценным»[3, с. 17].

Все написанное на основе полученных достоверных фактов, алиби, произошедших конкретных событий, являются документальной прозой. В этом плане исследователь А. Саъдуллоев отмечает: «Сегодня, каждое произведение, в котором рассказываются о событиях происходящих в мире, о положении в мире, в котором отражается действительность, в них рассказывается о духовной ценности и культуре, оценивая их современный публицистический мотив, можно отвести к различным группам документальной прозы»[3, с. 69].

Документальная проза, прежде всего, началась снаписания статьей, писем, репортажей, фельетонов, очерков и др. печатных изданий, которые описывали ежедневные события. В XX веке, ряд известных учёных, таких как А. Хамди, А. Мунзим, А. Фитрат, С. Айни, на страницах таких печатных изданий, как «Қутилиш», «Искра революции», «Голос таджика» опубликовали свои статьи, очерки и

информацию о поездках, цель которого являлась освещения ежедневных событий происходящих в нашей жизни.

Нужно отметить, что первый этап документальной прозы начинается с описания путевых заметок и путевых дневников, в которых сюжет рассказов начинается от имени путешественника, который рассказывает, о том, что он увидел и услышал во время своих поездок и походов, в котором описывается события, происходящие в жизни, безкаких-то либо художественных воображений.

В этом плане с точки зрения исследователя А. Садуллоева «документальная персидско-таджикская проза изъял многие элементы событий из путевых заметок и путевых дневников. Он отмечает, что жанр путевых заметок и дневников, определялось самими авторами. Насир Хусрав в «Сафарнаме» (Путешествие), пишет: «длина пути составляла две тысячи двадцать километров, и на этом пути все, что я увидел и услышал, передал без каких-то либо изменений» [3, с. 71].

Второй этап развития документальной прозы, начинается с написания очерков и рассказов, заметок и эссе, основной сюжет которых рассказывает и описывает настоящий быть, важность происходящих социальных событий в обществе, в котором известны источники и личности.

В случае с жанром путешествия, эссе, очерков и др. документальных жанров, профессор А. Садуллоев провел очень большую плодотворную исследовательскую работу.

Одним из исследователей жанра ЭССЕ в стране считается профессор А. Садуллоев, который показал своё высокое профессиональное умение инавыков исследования вэтой области.

Асадулло Садуллоев назвал ЭССЕ «одним из безупречных самостоятельных жанров в литературной и публицистической области». Им написана специальная книга, под названием: «ЭССЕ. Размышление о жанре и его эволюции».

Исследователь в этой книге, подробно описывает об истории появления, развития и особенности тем, основных значениях эссе, в котором подробно изучает ряд написанных ЭССЕ таджикских писателей и публицистов. Эту книгу по праву можно считать подробным исследованием жанра эссе.

Исследования профессора А. Садуллоева в русле изучения ЭССЕ определяет, что: «жанр эссеизм в 60-х годах прошлого века официально вошел в таджикскую литературу, лидером этого жанраявлялся писатель ФазлиддинМухаммадиев» [5, с. 58].

«ФазлиддинМуҳаммадиев является первым профессиональным литератором, который, свои литературные произведения начинал с написания ЭССЕ самыми лучшими из них являются цикл «Дӯстон тоҷи сар». А также «Илҳом», «Ёди накӯ», «Мирзо муаллим», «Баракат ба коратон» являются лучшими ЭССЕ своего времени [5, с. 58].

А. Садуллоев также отмечает, что в жанре эссе, внесли свой большой вклад и другие таджикские писатели, такие как: А. Самад, Саттор Турсун, М. Наджмиддинов, Джонибек, Урун Кухзод, Шодон Ханиф, Бахтиёр Муртазоев [5, с. 59].

С точки зрения профессора А. Садуллоева, жанр эссе, отражает поставленные вопросы, изучения и объяснения которых являются важными. Исследователь изучив ЭССЕ А. Самада, Р. Мардона, Дж. Акобирова, К. Мирзоева, пришел к мнению: «...ЭССЕ – это жанр, в котором мышление играет важную роль, отражает жизнь, где пропагандируется культурные наследия и ценности» [3, с. 27].

Таким образом, можно сказать, что предмет отражения публицистики – это отражения актуальной действительности и её цель, донести до масс важность, правдивость информации. Именно при посредническом характере публицистических жанров, можно отразить действительность, культурные и общественные проблемы, который еще крепче укрепляет связь с общественностью и массами.

Исследователь А. Саъдуллоев имеет определенную точку зрения к жанру ЭССЕ и говорит следующее: «Эссеизм современной публицистики, является одним из важных процессов современной коммуникации» [4, 23]. Метод исследования А. Саъдуллоева в жанре ЭССЕ отличается от исследования исследователей наших и зарубежных стран, таких как И. Усманова и Ромена Роллана. Во первых, исследователь изучил с основания

появление этого жанра, также внимательно изучил ЭССЕ зарубежных писателей, ознакомился рядами работ первоисточниками этого жанра.

Некоторые исследователи не придерживают и не признают жанр – эссе, в том числе И. Усмонов говорит следующее: «То, что говорят эссе, это в основном очерки, заметки, статьи, в которых говорится об ограниченных событиях. Кажется, что эссе, тоже как литературный очерк, один из видов публицистики. В полном смысле оно помещается в рамки вышесказанного журналистики и особенности ее напоминая, как другого жанра, нет необходимости» [6, с. 136].

По нашему мнению, позиция А. Саъдуллоева о жанре-эссе по сравнению с другими исследователями правильная, потому что, профессор А. Саъдуллоев полностью исследовал особенности жанра-эссе, и доказывает это на основе фактови примеров.

Другой таджикский литератор Абдулхамид Самад, в своем творчестве, написал и создал такие эссе, в которых отражаются глубокие смыслы отражающей действительности. Социально-культурная направленность публицистических произведений писателя настолько значима и актуальна, что вопросы, поднятые им в своих произведениях, воспринимаются как социальные проблемы. Исследуя его творчество, А. Саъдуллоев, отмечает: «Абдулхамид писатель, который не может штамповать слова. Его почерк всегда безупречен» [1, с. 46]. В ЭССЕ «Доблестный мужчина словесности» (Шермарди қаламрави сухан), посвященный горькой судьбе писателя С. Улугзаде, анализируя его, он пишет: « …писатель подвергся резкой критике и лишению, после миграции своего сына Азиза. С. Улугзаде остался верным отцовскому долгу, а все удары советского режима он сумел стойко пережить и не потерять самообладания. Все, что он написал в последующие годы, показывает большую зрелость писателя, его глубокое знание истории и быта своего народа. Мне кажется, что все то время, когда Улугзаде не печатался, - это был большой урон для таджикской литературе. С. Улугзаде остался верным отцовскому долгу, а любовь к сыну сохранилась в его сердце [1, с. 52]. А. Самад разъяснил каждый пункт этого в своем эссе, от которого он становится более привлекательным и интересным.

ЭССЕ « Доблестный мужчина словесности» А. Самада, исследователь считает мыслительным произведением и делит его на три периода: « внешний вид человека, его мышление и его взгляды на действительность происходящих событий». Во время изучения некоторых ЭССЕ таджикских писателей, связанных с темой отражающий действительность, А. Садуллаев останавливается на ЭССЕ писателя А. Самада и отмечает его активность в отражении соответствующей действительности, выявляется его роль в литературе как талантливого, ответственного за судьбы страны и остро реагирующего на повседневную жизнь народа писателя. Публицистические произведения А. Самада, необычайно широкие по своему тематическому диапазону, жанрово - стилистическому многообразию, отображают во всей глубине социальную позицию, гражданскую ответственность и нравственно-философские взгляды этого известного художника слова.

Исследователь творчества А. Самада Насиба Кучарова о публицисте говорит следующее: « ЭССЕ А. Самада отражающий жизнь и деятельность отдельных личностей таджикского народа, которые внесли огромный вклад в развитии литературы и культуры нашего народа, весьма своевременно и в них говорится об успехах и достижениях нашего народа» [2, с. 112].

Все сторонний анализ и выявление особенностей развития таджикской публицистики в целом, а также творчества отдельных писателей - публицистов является одной из важных проблем отечественной журналистики и литературоведения. Опираясь на те жизненно важные направления, которые происходят в нашей жизни, они пишут свои произведения.

Раджаб Мардонов является одним из известных журналистах и публицистах, который долгие годы работал и служил для таджикской публицистики и журналистики. Его ЭССЕ печатались в периодической печати.

В его очерках во всех подробностях описывается настоящая социальная направленность жизни со всеми его достижениями и недостатками. Например, в

повести «Огонь сердца» главный герой которого является Анвар Каландаров, он описывает настоящую действительность о жизни и трудовой деятельности этого героя.

Он является действительной личностью, вклад, которого в развитии таджикского строительства очень весом. Из исследований А. Садуллоева становится известным, что: « Анвар является действительной личностью, и его вклад в развитии сельского строительства в 40-50 годы очень высок. В сюжете он описывается, как требовательный и жесткий руководитель, несмотря на свою требовательность и жесткость, достигает высоких результатов» [3, 146].

«Воздух накалялся. Солнце сияло высоко над хлопковыми полями и пекло как от огня. Председатель (Анвар Каландаров) думал, что земля и воздух накалились до такой степени, что может произойти какая-то трагедия. Трагедия происходила на самом деле, высоковольтные электрические провода лежали на земле, они горели и предоставляли собой страшную картину. Горела земля, и по линии электропроводов направлялась к высоким шестам. А если они ударятся об это железо? Страх за это его подтолкнуло его вперед».

Другой момент этой повести, исследователь А. Садуллоев отмечает: «Этот момент считается дозволенным, потому что в дальнейшем события развиваются и герой в состоянии волнения и переживания, раздумывает как ему поступить, с другой стороны он изображает историю Анвар»; « Языки пламени шли вверх. Было такое ощущение, что горел он весь сам. Попытался разъединить провода. Но кончики пальцев обгорели и пошел дым. Солнце спряталось, исчезла земля. Доблестный человек после гибели в памяти остаётся живым» [5, 266].

Из анализов исследователя следует, что литератор Р. Мардон, описывает каждую черту своего героя, его внутренние переживания, как отмечено, повесть описывает различные события жизни героя, начиная с самого начала его трудовой деятельности. И жизнеописания Анвара начинается с первых шагов его работы, его участия во второй мировой войне, участие ворошении Вахшской долины.

Писатель Р. Мардон в лице своего положительного героя, описывает личность, который наделен высоким патриотическим чувством долга и человечностью. В отрицательном образе, он представляет человека, которому не присущи патриотические и человеческие чувства.

Анализируя эту повесть мы приходим к мысли, что одним из качеств описания героя писателем, публицист считает развитие общества результатом совершаемых поступков людейи изучив характер каждого героя своего произведения, изучив их общение, вклад в развитии общества, тяжесть времени, говорит о выборе и взгляде этих героев на современную действительность. Таким образом, эта повесть имеет глубокие мотивы и в сердцах своего читателя оставляет глубокий след, возбуждает в нем высокие чувства патриотизма и национального единства.

Кароматулло Мирзоев является из числа тех писателей и литераторов, который вошел в литературу через журналистику. В его публикациях, в книги очерков и эссе, рассказов, анализ его загадок публикаций о нестабильности в жизни, говорит А. Садуллаев [3, 191].

Повесть К. Мирзоева «Знак жизни» (1994) имеет простой сюжет. Главная героиня повести Сахиба, учитель Рабиев (её отец), директор школы. Сюжет повести таков: Сахиба, дочь учителя Рабиева, без согласия директора школы, назначается учительницей в школу своего кишлака. После интриг устроенных приспешниками-учителями директора этой школы, она узнает о том, что ее отца убили именно эти люди, за его правдивость и справедливость. Смысл и рассказ повести «Знак жизни» очень прост, но в жизни гораздо сложнее. Несправедливость жизни, интриги, ничтожество людей, писатель, критикуя их и называет это болезнью: «Алчность, интриги, воровство, сломленные жизни, доходят до такой степени, что это болезнь может из одного маленького села, распространится на всю страну»[3, 191].

Исследователь А. Саъдуллоев выражает своё отношение к героям К. Мирзоевам и говорит следующее: «Многие герои К. Мирзоева являются его знакомыми, которые живут в одной махалле вместе с ним, которые часто с ним спорят и пытаются «поговорить о разных качествах людей» и объяснять писателю [3, 191]. В другом случае

он говорит: « автор в своем произведение темы детально всё исследует и это является его характерной чертой» [3, 191].

Для уничтожения этой болезни, автор использует хорошие приёмы и пытаясь предотвратить эту болезнь, он говорит: « для предотвращения этой болезни хороши все приёмы, но было бы лучше, если каждую рану, вырезали бы скальпелем справедливости»[3, 192].

Автор всегда в своих произведениях придерживается справедливости и надеется на его победу. И в образе героини повести Сохибы, он изображает умную, бесстрашную, справедливую девушку, и для победы справедливости, она ведет борьбу со своими врагами. Исследователь А. Садуллаев пишет: «К. Мирзоев во всех своих произведениях, изображает в лице женщин (девушек) их активность по сравнению с мужчинами» [3, 192].

Похожие на это, несколько произведений автора, исследователь, изучив пришел к выводу, что в каждой из них рассказывается о реальных случаях имеющих место в жизни, загадка времени и реальность героев, говорится о вмешательстве публицистики и описание героев в конкретном времени.

Как показывают анализы, место документальной прозы, в творчестве таджикских писателей, о которых упоминалось выше, имеют свою особенность. Из этого следует, что творческая школа этого или иного писателя и публициста, составляют не только последователи, но и особенность взгляда, становления вопроса, образ размышления и выводы, являются отличительной их чертой.

В современной таджикской литературе написаны также такие произведения, как «Вода- расцвет» Мухиддина Ходжазод, « Извилины дороги» Аминджона Шукухи, в которых рассказываются действительность и персонажи с именами и фамилиями, местом их жительства, и это факт говорит о том, что документальная таджикская проза отвечает жанровым требованиям.

В области документальной прозы и жанр ЭССЕ профессор А. Садуллоев провел и завершил тщательное научное исследование, в своих исследованиях он выражает свою точку зрения о документальной таджикской прозе и написал специальное произведение, «Свойства литературы», в котором подробно рассказывает о всех сторонах документальной таджикской прозы с точки зрения охвата и действительности.

ЛИТЕРАТУРА

1. Кучарова Н. А. Публицистика А. Самада (Публитсистикаи Абдулҳамид Самад) / Кучарова Н. А. - Душанбе, 2016. - 192с.
2. Саъдуллаев А. Жанри маърифатомӯз (Доир ба баъзе масъалаҳои назария ва амалияи эссеи муосир). Маҷмӯаи мақолаҳо оид ба таҳсилоти журналистӣ/ Просветительский жанр (Сказана о проблемы теоретических и практических современных эссе). Сборник статей по вапросам журналисткого образования. - Душанбе: ООО « Азия - принт», 2008. -232с.
3. 3. Саъдуллоев А. Свойства литературы (Хосияти адабиёт). (Бунёди пайванди каломи бадеъ бо ичтимоъ). - Душанбе: Адиб, 2000. - 256с.
4. Саъдуллаев А. ЭССЕ. Размышления о некоторых аспектах жанра и его эволюции. - Душанбе, 2010. - 120с.
5. Саъдуллоев А. Цветы жизни (Рангҳо зиндагӣ). Маҷмӯаи мақолаҳо ва эссеҳо. - Душанбе: Адиб, 2007. - 344с.
6. Усмонов И. Жанры публицистики (Жанрҳои публитсистика.) – Душанбе, 2009. -138 с.
7. Шарифов Х. Теория прозы (Назарияи наср). – Душанбе, 2004. – 150 с.

МЕСТО ЭССЕ В ИССЛЕДОВАНИИ ПРОФЕССОРА АСАДУЛЛО САДУЛЛОЕВА

В данной статье анализируется мнениее исследователя А. Саъдуллоева о появлении жанра ЭССЕ в таджикской документальной прозы, а также опираясь на его книги «Хосияти адабиёт» (Свойства литературы), «Рангхои зиндаги» (Цвета жизни), «ЭССЕ» (ЭССЕ) определяются особенности ЭССЕ в таджикской документальной прозы. В статье автор стремится раскрыть практические аспекты деятельности исследователя. Асадулло Саъдуллоев считается одним из выдающихся ученых, внесший большой вклад в исследовании жанр ЭССЕ в таджикской документальной прозы.

Ключевые слова: *ЭССЕ, документальная проза, публицистика, события, мнения, очерк, повесть, писатель, автор, исследователь, документальные прозы, исследования, публицистические жанры, создание, общества.*

THE ATTITUDE OF ESSAYIN RESEARCHES OF PROFESSOR ASADULLOSADULLAEV

This article analyzes the views of the researcher A. Sadulloev about the appearance of Tajik journalism, and relying on his books "Khosiyati Adabiot" (Properties of Literature), "Ranghoi zindagi" (Colours of the Life), "Esse" (Essays) determines the features of the Tajik documentary prose. The author seeks to reveal the practical aspects of the researcher's activity. Asadullo Sadulloev is considered one of the outstanding scholars who made a great contribution to the history of the Tajik journalism and genre of essay.

Key words: *essay, documentary prose, Journalism, events, opinions, feature, narrative, essay, writer, author, researcher, documentary prose, research, journalistic genres, creation, societies.*

Сведения об авторе:

Сироджова Нигина Раджабовна *– аспирант кафедры телевидения и радиовещание Таджикского национального университета E - mail: sirodzhova91@mail.ru, тел: +(992)903883891*

About the autor:

Sirojova Nigina Rajaabova *- postgraduate research Deportment of the televetion and radio Tajik national university E - mail: sirodzhova91@mail.ru, phone: +(992)903883891*

ХАБИБ ЮСУФИ - ПЕРЕВОДЧИК РУССКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

Назарова Р. С.

Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

Хабиб Юсуфи, проявляет большой интерес не только к произведениям поэтов и мыслителей Востока, но и к достижениям общественной философской мысли европейских стран, сочинениям авторов нового времени, а также к произведениям крупных представителей, английского французского и немецкого просвещения.

Для формирования личности и развития творчества Хабиба Юсуфи решающее значение имела, несомненно, передовая р культура и литература великого русского народа. Один из наиболее самобытных художников слова, твердо стоящий на почве национальных художественно-политических традиций, таджикский поэт, прекрасно понимал значение творческого усвоения опыта русской культуры и литературы. Относительно творческой личности Хабиба Юсуфи глубоко сворйственна способность верного и тонкого понимания духовной, поэтической культуры русского народа.

Несомненно, Х. Юсуфи был одним из первых поэтов – таджиков не только данной библиотеки, но и всего Таджикистана, так как таджикская библиотека – одна из старейших библиотек РТ. Именно таковой была библиотека времен таджикского поэта. Х. Юсуфи, мастер слова, искренно любил прохладный и тихий читальный зал библиотеки. Там он находился в ином мире, в светлом и желанном мире книг, науки, поэзии. Х. Юсуфи засиживался в библиотеке до поздней ночи. Он читал, обдумывал те самые книги Спенсера, Бокля, Дарвина и энциклопедические словари. А мастера перевода больше всего влечет русская литература. Отсюда, из Душанбе, Х. Юсуфи увозил на фронт книги полюбившихся русских поэтов. Пушкин, Лермонтов, Крылов, Некрасов, Белинский, Чернышевский, Тургенев, Салтыков-Щедрин, Толстой — вот писатели, которых следует назвать, прежде всего, говоря о художниках слова и мыслителях, оказавших глубокое влияние на формирование творческого облика таджикского поэта Абая. Наряду с классиками Х. Юсуфи внимательно читает и современных поэтов, таких как Я. П. Полонский, И. А. Бунин и др. Именно в русской литературе Х. Юсуфи нашел ответы на все животрепещущие вопросы, которые выдвинуты историческими условиями жизни таджикского народа.

Как истинный выразитель чаяний своего народа, Хабиб Юсуфи увидел единственно верный путь, по которому должна идти таджикская степь: путь сближения с Россией — Россией Ломоносова и Пушкина, Белинского и Чернышевского, Толстого и Щедрина, путь соединения судеб таджикского и русского народов. Вот почему Хабиб Юсуфи отважно вступил в единоборство со всем косным, консервативным, реакционным, что мешало социальному и культурному развитию края. Вот почему Х. Юсуфи, так страстно полюбивший русскую литературу и видевший в ней великую общественную силу, стал первым пропагандистом и популяризатором лучших произведений русских писателей среди таджикского народа.

Для Хабиба Юсуфи произведения русских писателей были оружием в борьбе с деспотизмом и произволом властителей, с суеверием и отсталостью, в борьбе за просвещение народа. В этот период русский язык сыграл для таджикского народа ту же роль, что и в свое время, французский для – русского. Россия, именно через французский язык познакомилась с европейской культурой. Х. Юсуфи был первым человеком, который понял историческую роль русского языка, и в «Книге слов» он высказывает эти мысли.

Будучи самобытным национальным поэтом, сыгравшим после Пушкина великую роль в дальнейшем развитии русской литературы и литературного языка, Лермонтов перешагнул границы родной литературы, его творчество стало достоянием всех наций и народностей, населявших Россию той эпохи. В этом сказались и величие его редкого таланта, и сила общечеловеческих идей гуманизма, свободы, равенства и братства народов, которые он выражал, и его гордая непримиримость к общественным порокам, мужественный протест против лжи и несправедливости, против насилия и угнетения.

Лермонтов, как и Пушкин, полюбился нам впервые по переводам Хабиба Юсуфи, осуществленным в 30-40 годы двадцатого столетия. Именно таджикский поэт открыл таджикам новый мир не только русской, но и западноевропейской поэзии. Пушкин, Лермонтов и Крылов были как раз теми писателями, которые не подражали, а творчески, самостоятельно и оригинально подошли к литературе Запада и переняли ее лучшие достижения. Осваивая ее путем творчества великих русских поэтов, Хабиб Юсуфи, в свою очередь, сроднил их с таджикским народом, перенес в таджикскую землю идеи народности, просвещения и гуманизма. По переведенным на таджикский язык лермонтовских произведений, Хабиб Юсуфи познакомил таджикского читателя с творчеством Гейне и Гете.

Следует заметить, что больше всего Х. Юсуфи переводил произведения М. Лермонтова — около двадцати стихотворений. Лермонтов был, наряду с Пушкиным, любимым учителем таджикского поэта. И не случайно «Парус» Лермонтова был переведен Х. Юсуфи почти дословно. Только в последней строфе поэт несколько смягчил лермонтовский мотив, перефразировал третью и четвертую строки третьей строфы: «бедняга, он, мятежный, у бога днем просит бури ночи».

Академик М. Шукури был прав, когда писал: «С большой тщательностью и особой любовью переводил Х. Юсуфи стихи Лермонтова. Из них «Кинжал», «Выхожу один я на дорогу», «Дары Терека», «Парус», отрывки из «Демона» до сих пор остаются непревзойденными по мастерству среди переводов русских классиков на таджикский язык» [9. с. 34].

Любовь таджикского поэта к Лермонтову видна не только в его переводах. Собственное творчество Х. Юсуфи поэта целиком проникнуто духом гневной поэзии гениального русского поэта. Х. Юсуфи выступает против баев и мулл, против волостных правителей и сатрапов самодержавия, против всех тех, кто не трудится, кто сидит на шее народа, сеет раздор, склоку, клевету.

У Хабиба Юсуфи очень много стихов, которые по духу, идее, настроению перекликаются с лермонтовскими. Факты сходства тем и мотивов произведений русского и казахского поэтов налицо. Чтобы убедиться в этом, достаточно сравнить стихи «О моя Родина» Х. Юсуфи со стихотворением Лермонтова:

Что без страданий жизнь поэта?
И что без бури океан?

Он хочет жить ценою муки,
Ценой томительных забот.
Он покупает неба звуки,
Он даром славы не берет.

У них можно обнаружить немало сходного и в способе выражения чувства неудовлетворенности, одиночества и разочарования. Но, сетуя на свою горькую участь, на одиночество, на тупость невежд, Х. Юсуфи призывал в конце жизни не к отречению от борьбы, а к порыву, к свету, к полету ввысь:

Чтоб скорбь на плечи не легла,
Чтобы в тупик не завела,
Душа, должна ты встрепенуться…
И снова — ВВЫСЬ, и снова в путь…
(Перевод Л. Озерова.)

Жажда жизни, света, бурных страстей и страданий берется от Лермонтова, от кипучих источников его мятежной жизнеутверждающей поэзии.

Имена Пушкина и Лермонтова издавна произносятся на таджикском языке рядом. И это, прежде всего потому, что они и в переводе Х. Юсуфи шли рядом.

В лучезарных стихах жизнерадостной поэзии Пушкина, основой которых является гуманизм, и в яростных, клокочущих ненавистью, горечью и разочарованием стихах лермонтовской поэзии есть общее, роднящее и сливающее эти две струи в единое русло: это — пламенная любовь к Родине, к своему народу, к его языку и культуре, уважение и братское сочувствие к другим народам, ненависть к угнетению и насилию, жажда жизни, свободы, счастья и любви. Х. Юсуфи, переводя стихи Лермонтова, пророчески указал поэтам будущих поколений, кого им в первую очередь изучать и переводить на родной язык.

ЛИТЕРАТУРА

1. Жиреншин А. Х. Юсуфи и его русские друзья. - Душанбе: Дониш, 1979. 126с.
2. Жанболатов Р. Поэзия грустной мысли // Памир. - 2005. -№3. . - 5с
3. Каратаев М. Свет русской культуры. - Душанбе:Ирфон, 1975. - 280с.
4. Митрофанов А. Х. Юсуфи и Лермонтов // Памир. - 1995. -№8. -14с
5. Шукуров М. Обновление . - М. :Худ. лит., 1980. - 11-30с.

ХАБИБ ЮСУФИ - ПЕРЕВОДЧИК РУССКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

В данной статье автором исследовано творчество известного таджикского поэта Хабиба Юсуфи. Автор анализирует переводы произведений русской литературы таджикскими поэтами. В статье показан сопоставительный анализ стихотворений русского поэта М. Ю. Лермонтова и таджикского поэта.

Ключевые слова: *поэт, Хабиб Юсуфи, творчество, перевод, стихотворение, автор, сопоставительный, любовь.*

HABIB YUSUFI TRANSLATER OF THE RUSSIAN LITERATURE.

In this article the author researches creation of the famous Tajik poets H. Yusufi. The author analyses translation composition of the Russian literature from the Tajik poets. The author shows compare analyses of poets of the Russian poet M. YU. Lermontov and the Tajik poet.

Key words*: poets, creation, translation, poet, an author, love.*

Сведение об авторе

Назарова Рамзия Саъдуллаевна *– аспирантка 3 курса Таджикского государственного педагогического Университета имени Садриддина Айни Телефон: +(992)918 218488 Email: mayzik_99@mail.ru*

About the autor:

Nazarova Ramziya Sadulloevna - *postgraduate research 3th of the Tajik steat pedagogical University named affter S. Aini Phone: +(992)918 218488 Email: mayzik_99@mail.ru*

ҶАНБАИ МУҚОВИМАТ ДАР ОСОРИ ХАЛИЛУЛЛОҲ ХАЛИЛӢ

Сӯфиё Ҷ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Аз вуқӯи кудатои ҳафтуми саври 1357 хуршедӣ таҳаввулоти бисёре дар арсаҳои гуногуни фарҳангу ҳунари Афғонистон рӯнамо шуд, аз ҷумла шеър, ки пешинаи куҳан дар ин кишвар доштааст.

Паёмадҳои ин воқеа дар шеъри Афғонистонро аз ду ҷанба метавон баррасӣ кард:

1. Султа ёфтани ҷараёни шеъри чапӣ дар расонаҳои давлатӣ аст.

2. Пайдоиши он чи, ки акнун онро шеъри муқовимат меноманд.

Воқеият ин аст, ки шеъри чапӣ - марксистӣ дар Афғонистон пеш аз ин ҳам собиқа дошт ва шоироне ҳамчун Борик Шафеӣ, Сулаймон Лоиқ, Абдуллоҳ Ноибӣ, Дастгири Панҷшерӣ ва Асадуллоҳ Ҳабиб мунтасаб ба ин ҷараён буданд.

Ҳатто бероҳ нест агар бигӯем, ки ин даста шоирон дар шаклгирии шеъри нав дар Афғонистон нақше умда доштаанд. Вале он чи дар шеъри ин гурӯҳ беш аз ҳар чиз ҷилва дорад, ғалабаи тааҳҳудоти идеология бар тааҳҳудоти ҳунарӣ аст. Ҳамин қазия шеъри ононро ғолибан сареҳ, шиорӣ ва аз лиҳози бадоеи ҳунарӣ фақир сохтааст.

Ин фақри пуштивонаи ҳунарӣ ва дар айни ҳол норизоияти мардум аз ҳаводорони марксизм ба сабаби амалкардҳои ифротии онон пас аз кудато, дар маҷмӯъ сабаб шуд, ки ин ҷараёни адабӣ аз пӯёӣ ва зоишгарӣ бебаҳра бимонад ва чунин шуд, ки мо тадовуми онро дар шоирон ҷавони он давра эҳсос намекунем.

Дар муқобил, ба табаии хезишҳои мардум алайҳи режим чанд ҷараёни пӯёи шеърӣ низ дар дохил ва хориҷи кишвар шакл мегирад, ки онҳоро дар маҷмӯъ метавон «шеъри муқовимат» донист.

Дар дохили кишвар, чун заминаҳои зуҳур ва бурузи сареҳи мухолифат бо режим муҳайё набуд, шеъри муқовамате, ки шакл гирифт, бештар намодин буд ва рӯйкард ба қолабҳои навин дар он ғалаба дошт. Бо ин ҳам баъзе аз суханварони Афғонистон дар ин солҳо давронҳои кӯтоҳ ё тӯлонии зиндонро таҷриба карданд.

Албатта фазои нисбатан бози сиёсӣ дар солҳои охири давлати коммунистӣ ба ин шоирон маҷоли таҳарруки бештаре дод ва онон тавонистанд бо таҷаммӯъ дар конунҳое ҳамчун «Иттиҳодияи нависандагони Афғонистон» фаъолиятҳои шеърии худро мутамаркизтар ва ошкортар созанд.

Аз ин гурӯҳ шоирон метавон Абдулқаҳҳори Осӣ, Партав Нодирӣ, Шабгир Пӯлодиён, Афсар Раҳбин, Лайло Сароҳат Равшанӣ ва Абдусамеъ Ҳомидро ном бурд, ки бештари онон дар сояи дониш ва таҷрибаи адабии Восифи Бохтарӣ болида буданд.

Аммо дар хориҷ аз кишвар аввалин бориқаҳои шеъри муқовиматро дар Покистон метавон суроғ гирифт, бо ҳузури чанд тан аз шоирони пешкисвати Афғонистон ҳамчун Халилуллоҳ Халилӣ ва Абдурраҳмон Пажвок. Дар ин солҳо баъзе аз фаъолони сиёсӣ ва ҷиҳодӣ мисли Сайид Исҳоқ Ҳусайнӣ (Дилҷӯ) ва Абдулаҳади Торшӣ низ осоре қобили таваҷҷуҳ дар ин замина падид оварданд. Дар маҷмӯъ, ин гурӯҳ суннатитар аз шоирони дохили кишвар буданд ва ҳатто дар маворидe лаҳне шиорӣ дар коршон эҳсос мешуд.

Даргузашти баъзе аз шоирони муқими Покистон ва иштиғоли баъзе дигар аз онҳо ба фаъолиятҳои сиёсӣ сабаб шуд, ки ҷараёни шеъри муқовамати Афғонистон дар Покистон ҷой нагирад. Ба ин авомил бояд афзуд адами таҷонуси забонии муҳоҷирони афғон ва ҷомеаи мизбонро, ки табъан монеаи рушди як насли шоири ҷавони форсизабон дар он кишвар мешуд.

Аммо як шохаи дигари аз шеъри муқовамати Афғонистонро дар муҳити муҳоҷират дар Эрон метавон пай гирифт. Ҳамзабонии мардум ва омодагии муҳит барои парвариши шоирони ҷавон сабаб шуд, ки як насли нисбатан навҷуй ва пӯё аз шоирони муҳоҷир дар Эрон падид ояд.

Шохиси муҳимми шеъри ин насл лаҳн ва ҳолу ҳавои тоза аст, ки бештар дар қолабҳои куҳан ва гоҳе дар қолабҳои навин рух намудааст. Таъсирпазирии суварӣ ва мӯҳтавоӣ аз шоирони имрӯзи Эрон, аз дигар шохисаҳои ин гурӯҳ аст.

Ва дар канори ин бояд аз фаъолиятҳои адабии шоирони Афғонистон дар кишварҳои ғарбӣ ёд кард. Албатта дар ин кишварҳо ба сабаби ноҳамоҳангиҳои забонӣ ва фарҳангӣ шеъри муқовамат натавонист дар насли баъдӣ тадовум ёбад.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки ҳарчанд кудатои коммунистӣ ва таҳаввулоти пас аз он ба сабаби рукуд ва дар мавориде нобудии маҳофил ва ниҳодҳои фарҳангӣ ба фарҳанг ва адабиёти Афғонистон садамоти бисёре ворид кард, шеъри ин кишвар ба таври ғайримустақим бахраҳои мусбате ҳам аз ин таҳаввулот бурд.

Муҳимтарини ин самарот бархурд ва тамосест, ки шоирони Афғонистон ба табааи оворагиҳо ва муҳоҷиратҳо бо ҷараёнҳои адабии хориҷ аз кишвар ёфтанд ва тавонистанд роҳҳои тозае дар шеъри Афғонистон боз кунанд, ки то кунун таҷриба нашуда буд.

Аз назари мӯҳтавоӣ низ ба сабаби тааҳҳудоти иҷтимоӣ ва сиёсие, ки хоҳ нохоҳ бар ухдаи шоирон гузошта шуд, шеъри Афғонистон беш аз пеш бо ҷомеа ва масоили он аҷин шуд ва бад-ин тартиб пуштивонаи мӯҳтавоӣ ва отифии неруманде ёфт, ки дар чанд қарни ахир дар шеъри ин кишвар дида нашуда буд.

Зикри ин нукта аз аҳамият холӣ нахоҳад буд шеъре, ки дар ин солҳо алайҳи низоми марксистӣ ва мутаҷовизони русӣ падид омад, бехтарин мисдоқ барои мафҳуми «шеъри муқовимати Афғонистон» аст. Албатта, густурдагии ин ҷараён ва тааддуди шоирони он дар ҳадде аст, ки наметавон ҳукми воҳиде барои ҳама содир кард. Маъмул он аст, ки шеъри Афғонистон дар ин солҳоро дар се ҳавза баррасӣ мекунанд: ҳавзаи дохили кишвар, ҳавзаи Эрон ва ҳавзаи Покистон.

Ин адабиёт, чунонки дар Эрон ҳам таҷриба шуд, бештар дарунмояи чапи марксистӣ ва чапи мутамоил ба Чин дошт. Дар ин давра шоироне зуҳур карданд, ки сурати корашон ғолибан навандешона буд ва мӯҳтавои он муборизаҷӯёна ва албатта бо ҳамон гироишҳо, ки гуфтем. Аз ин гурӯҳ Сулаймон Лоиқ, Борик Шафеӣ ва Асадуллоҳ Ҳабибро ба унвони чеҳраҳое шохис метавон ном бурд. Инҳо, албатта, шоирони бисёр тавоно набуданд ва бештар шуҳраташон ҳам ба воситаи мақомҳое тазмин шуд, ки баъдан дар даврони ҳукумати коммунистҳо ба даст оварданд.

Вале ба ростӣ ин гурӯҳро метавон шоирони муқовамат номид? Дар ин бояд тардид кард, чун ҳаминҳо ду даҳа баъд дар сафи зидди муқовамат истоданд. Ба воқеъ шеъри онон навъи адабиёти мултазами коргарӣ бо гароиши шадид чапӣ буд ва камтар ҳолати хатдиҳии муборизотӣ барои гурӯҳе аз мардумро дошт.

Зиндаёд устод Халилӣ ва пайвастани ӯ ба сафи муҷоҳидон алайҳи ҳокимони режими коммунистӣ ба ваҷоҳати онон афзуд ва тавонист бинои шеъри муқовимати Афғонистон дар хориҷ аз кишварро поягузорӣ кунад. Шеъри «Наврӯзи оворагон»-и ӯ дар қолаби оҳанг даромад ва тавассути хонандагони муҳоҷир хонда шуд ва ин албатта дар эҷоди рӯҳияи зиддидавлатӣ дар мардум беасар набуд.

Шеъри Халилӣ ҳам аз лиҳози фаннӣ устувор аст ва устодона ва ҳам аз лиҳози мӯҳтаво ҷомеъ аст ва ҷиҳатдиҳанда. Яъне дар маҷмӯаи осори ӯ барои бисёре аз масоил ва мавзӯоти рӯз метавон шеър ёфт, он ҳам шеърҳое, ки метавонад гурӯҳи умдае аз мухотибони шеърро писанд ояд. Вале инкор наметавон кард, ки ӯ шоири қасидасаро буд ва бо навгароиҳои роиҷ дар ҳавзаи шаклу сурат чандон миёнаи хубе надошт. Навгароии ӯ ғолибан муҳофизакорона аст, аз навъи кори Маликушшуаро Баҳор ва Аллома Иқболи Лоҳурӣ. Аз ин гузашта, наметавон уфти кайфи осори давраи муқовамати ӯро нодида гирифт, ки метавонад ҳам ношӣ аз вусъати ҳавзаи мухотибон бошад ва ҳам ношӣ аз кухулати устод, аз ҳамон гуна, ки масалан дар шеърҳои поёни умри Шаҳриёр ҳам метавон дид. Бо ин ҳам, ӯ то солҳо шохистарин шоири муқовимати Афғонистон буд ва номовартарини онҳо бо шеърҳои аз ин даст:

Ватандори далери ман, бинозам чашми мастатро,
Ватан дар интизори бозуи кишваркушои туст!
Ба хок афкан, ба хун тар кун, ба бодаш деҳ, дар оташ сӯз,
Аз ин бадтар чӣ мебошад, ки душман дар саройи туст?!
Нигоҳи орзуманди ватан сӯи ту мебинад,
Ки рӯзи имтиҳони ханҷари ҷангозмои туст.
Зи фарёди туфангат ҷуз садои ҳақ намеояд,
Зи Хайбар то Мадина гӯшҳо вақфи садои туст.

Чӣ зеботар аз ин нақше, ки бинад дидаи таърих,
Ки ту ханҷар ба каф, душман фитода зери пойи туст.
Худоҷӯӣ, ватанхоҳӣ, сарафрозию озодӣ,
Ба хуни шермардон нақш бар рӯйи ливои туст. [4, 457]

Ҳарчанд шеъри муқовимат дар адабиёти муосири Афонистон собиқае дорад, вале он дар эҷодиёти Халилуллоҳи Халилӣ мақоми хосса дорад. Х. Халилӣ ва дигар ҳамсафони ӯ дар солҳои мушкили ҷанг ва муқовимати дохилӣ дар муҳоҷират барои мардуми муборизе, ки барои рифоҳияти Афғонистон дар сангарҳо меҷангиданд, бо сухани худ ва ашъори даъваткунанда ба муборизаҳои ватанхоҳӣ баромад карда, онҳоро рӯҳбаланд мекард ва баён медошт, ки ватан аз онҳо умеди пирӯзӣ дорад.

АДАБИЁТ

1. Асозода Х. Адабиёти садаи ХХ-и форсии тоҷикӣ /Х. Асозода. –Душанбе, 1996. -161 с.
2. Асозода Х. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он /Х. Асозода. -Душанбе:Маориф, 1991. -127 с.
3. Орзу, Абдулғафур. Нақди Халилӣ /А. Орзу. Ҷилди аввал:Тарона. -Машҳад, 1375ҳ. ш. -816 с.
4. Халилӣ, Халилуллоҳ. Девони ашъор. Бо муқаддимаи Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ /Х. Халилӣ. - Теҳрон: интишороти “Ирфон”, 1387 ҳ. ш. -674 с.
5. Халилӣ, Халилуллоҳ. Баргҳои хазонӣ ё пайванди дилҳо. Гирдоваранда ва ношир Муҳаммадҳошими Умедвори Ҳиротӣ Х. Халилӣ. - Теҳрон: чопхонаи «Ҳайдарӣ», 1336 ҳ. ш. - 328 с.
6. Халилӣ, Халилуллоҳ. Найнома /Х. Халилӣ. - Кобул, 1337 ҳ. ш. -156 с.
7. Халилӣ, Халилуллоҳ. Суруди хун. Муқаддима ва гузиниши
8. Абдулҳайи Хуросонӣ /. Халилӣ. -Теҳрон, 1368ҳ. ш. -218 с.
9. Халилӣ, Халилуллоҳ. Куллиёти ашъор. Ба кӯшиш ва
10. эҳтимоми Абдулҳайи Хуросонӣ /Халилӣ. -Теҳрон: нашри “Балх”, 1378 ҳ. ш. -846 с.
11. Халилӣ, Халилуллоҳ. Девони ашъор. Таҳия ва танзими Салоҳиддини Салҷуқӣ. Ба кӯшиши Муҳаммадкозими Козимӣ /Х. Халилӣ. -Теҳрон: нашри “Ирфон”, 1385 ҳ. ш. -870 с.

ИСТОЧНИК СОПРОТИВЛЕНИЯ В ПОЭЗИИ ХАЛИЛУЛЛОХ ХАЛИЛИ

В данной статье автор выдвигает своей мнение о сопротивленние на при творчество Халилуллох Халилӣ.

Автор статьи подверждает, что поэт является одним из просветителов Афганистана и они вместе со своим единомишленикими обосновали данную стихотворную форму в современном литературе Афганистана.

Ключевые слова: *стихи, сопротивление, Халилуллох Халилӣ, идеология, социальные изменение, голос спроведливости, произведения, основа, Афганистан.*

THE SOURCE OF RESISTANCE IN POETRY OF KHALILULLOH KHALILI

In this article, the author discussed her idea about the resistance of Khalilulloh Khalili poetry. She mentioned that the litterateur was one of the intelligent of afghan poet. In that Afghan state time he was against communist regime and Khalilulloh Khalili with his composition was like – minded person of the poem foundering in Afghanistan.

Keywords: *Poem, resistance, Khalilulloh Khalili, ideology, social changings, the sound of like – minded, poetry, source, Afghanistan.*

Сведения об авторе:

Суфиё Джаннатмир *аспирантка кафедры теории и истории таджикской литературы Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. E-mail: sofiya waziry@yahoo. com*

About an author:

Sofiya Jannatmir *– post graduator of the chair of the theory and history of Tajik literature in TSPU named after S. Ayni. E-mail: sofiya. waziry@yahoo. com*

ТАСВИРИ ФОҶЕАИ ТЕМУРМАЛИК ДАР «САДДИ САЙҲУН»- И МУҲИДДИН ХОҶАЗОД

Бобоҷонова М.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Нависандаи халқии Тоҷикистон Муҳиддин Хоҷазод аз зумраи адибонест, ки дар рушду равнақи адабиёти муосири тоҷик нақши равшан гузоштааст. Ин нависандаи чирадаст 3 ноябри соли 1938 ба дунё омада, солҳои бачагиаш дар кишвари Ставропол гузаштааст, зеро оилаи онҳо дар солҳои 30-юм бо сабаби сиёсатҳои замон ба ин сарзамини дурдаст бадарға шудааст. Ӯ соли 1946 ба Осиёи Миёна баргашт ва чанде дар Хуҷанд истиқомат кард. Соли 1961 пас хатми факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва соли 1964 баъди хатми курси олии филмноманависии Маскав фаъолияти меҳнатиаш минбаъд дар моҳномаи "Садои шарқ", студияи "Тоҷикфилм" ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, ҳамзамон бо кори эҷодӣ тавъам идома ёфтааст. Фаъолияти эҷодии Муҳиддин Хоҷазод аз соли 1960 оғоз гардида, солҳои 60-70-ум китоби ҳикояҳо ва повестҳояш бо номи "Ба ҷои узр" (1965), "Нони ҳалол" (1970), "Нишони муҳаббат" (1974) ба табъ расидаанд.

Самараи ҳамкориҳояш бо бунёдгузорони боргоҳи нури Норак романи сеҷилдаи "Об – рӯшноӣ" (10) мебошад, ки солҳои 1973-1976 ба табъ расидааст.

Муҳиддин Хоҷазод минбаъд низ таълифи осори калонҳаҷмро дар заминаи сохтмонҳои бузург идома дода, дар бораи сохтмони Роғун ва Сангтӯда асарҳои «Кӯҳ бе варта нест» ва «Барқи дили Сангтуда»-ро таълиф намуд (9).

Романи "Нанг ва номус" (11) соли 1982 навишта шуд. Аз рӯи филмномаи М. Хоҷаев филмҳои ҳунарии "Оташи зери хокистар" (1965), "Асрори ниёгон"(1970) ва бисёр филмҳои мустанад ба навор гирифта шудаанд.

Дар тамоми асарҳои нависанда муҳаббати самимӣ нисбат ба халқу ватан эҳсос гардида, дар баробари офаридани чеҳраҳои таърихӣ ва ҳамзамонони мо, ки дар шароитҳои гуногун зиндагӣ ба сар бурдаанд, кӯшиш ба харҷ додааст, ки робитаи маънавии байни инсонҳоро нишон диҳад. Дар осори Муҳиддин Хоҷазод насли имрӯз бо ахлоқи ҳамида, маданияти баланд, садоқату вафо, ягонагӣ ва ваҳдат ҳамчун меросбарони аҷдоди боифтихори худ тасвир гардидаанд.

Аз нимаи солҳои 80-уми асри XX нависанда ба эҷоди драма низ даст зада, чандин асарҳои драмавӣ ба вучуд овардааст. Драмаи аввалинаш "Об-рӯшноӣ" ном дошта, соли 1985 дар Театри давлатии Маяковский ба саҳна гузошта шуд. Баъдан драмаҳои "Бандаи нафс"(1986), "Офат" (1987), "Самаки айёр" (1988), "Фалакро ҳар назар аз роҳи кин аст" (1989), "Саодати васл"(1995) ва "Садди Сайҳун" (1997) офарида шудаанд.

Драмаи «Садди Сайҳун»-и Нависандаи халқии Тоҷикистон Муҳиддин Хоҷазод дар асоси фоҷеаи ҳуҷуми муғулон ба Осиёи Миёна ва баёни корнамоиҳои Темурмалик таълиф гардидааст.

Драмаи мазкур ҳаҷман бузург нест, он аз ду парда ва ҳафт намоиш иборат буда, тасвири воқеоти ҳамлаи муғулро аз соли 1220 то соли 1240 дарбар мегирад. Қаҳрамонони асар низ чандон зиёд нестанд ва тибқи қонунияти осори саҳнавӣ интихоб шудаанд. Инҳо Темурмалик – малики шаҳри Хуҷанд, Шайх Рукнидин – пешвои мазҳабии шаҳри Хуҷанд, ҳамсари Темурмалик Маликахонум, ки баъдан ҳамсари Улоқнӯён мегардад, мардони утрорӣ, самарқандӣ ва бухорӣ, ки ҷонибдорони Темурмаликанд, сарлашкари муғулон – Улоқнӯён, муғули якчашма, Аҳмади тоҷири хуҷандӣ ва дигар фидоиёни хуҷандӣ мебошанд.

Воқеаҳо дар қалъаи обии Темурмалик мегузаранд. Нависанда дар ибтидои драма вазъи замонро зимни сӯҳбати байниҳамдигарии иштирокчиёни асар - мардони самарқандӣ, утрорӣ ва бухорӣ, ки дар бораи ваҳшиёнати муғулон аз дида ва мушоҳидаҳои бевоситаи худ нақл мекунанд, оғоз бахшидааст. Воқеот дар замоне мугузаранд, ки аллакай лашкари муғул аксари шаҳрҳои калони мадании даврро ғасб намуда, ба самти Хоразму Хуҷанд пеш меоянд. Аз нақли онон маълум мегардад, ки маҳз парокандагӣ, тарсуӣ ва муттаҳид набудани мардум боиси беш аз пеш қувват гирифтани зулму таддӣ, шикасти пайдарпайи давлатҳои Осиёи Миёна ва ғасб гардидани шаҳрҳо аз тарафи лашкари муғул гардидааст. Марди утрорӣ нақл мекунад, ки мардум аз ваҳшати муғул то ба дараҷае гирифтори тарсу ваҳм гардидаанд, ки ҳатто ба як нафар муғули танҳо ҳам муқобилат карда наметавонанд: «Ман бо 17 нафар дар роҳ мерафтам. Саворе аз муғулон ба мо расид ва амр дод, ки дастҳои хамдигарро бубандед. Ҳамраҳон ҳариб, ки ба гуфтаи ӯ итоат кунанд. Ба эшон гуфтам: ӯ як нафар аст, мо 17 тан. Мо чаро ӯро накушем? Гуфтанд: Метарсем. Гуфтам: Ӯ ин соат шуморо

кушад, наметарсед? Касе ба иҷрои гуфтаи ман ҷасорат накард. Оқибат ман ӯро куштам ва ба ин ҷо омадам» (8, 15).

Аз нақли марди самарқандӣ маълум мегардад, ки на танҳо мардуми маҳаллӣ, балки ҳокимону шоҳони муқтадире чун Муҳаммади Хоразмшоҳ дар лаҳзаҳои охир на дар фикри ҳимояи мардум, балки дар фикри гурехтан ва ҷони худро аз хатар раҳонидан буданд. Ин ҳақиқати таърихиро нависанда ҳангоми ба унвони Темурмалик мактуб навиштани Хоразмшоҳ ошкор мекунад. Хоразмшоҳ, ки аз муваффақият ва ғалабаҳои пай дар пайи муғулон ба тарсу ҳарос афтода буд, ба ғайр аз фирор кардан дар сар ҳавои дигаре надошт. Ин аст, ки ба Темурмалик навишта буд: «Чораи кори худ созед ва барои худ гурезгоҳе ба даст оваред, то аз чанги ҳаводис эмин бошед…» (8, 16). Номи Муҳаммади Хоразмшоҳ дар пйеса маротибаи дигар аз забони тоҷири хуҷандӣ – Аҳмад садо медиҳад. Аҳмад мегӯяд: «Модоме, ки Муҳаммади Хоразмшоҳ роҳи муросоро пеш гирифтааст, мо кистем, ки пеши ӯ (муғулон) муқобилат кунем?» (8, 18). Дар ин сухан, бори дигар муаллиф бар ин ҳақиқати таърихӣ, ки Муҳаммади Хоразмшоҳ натавонист бо вуҷуди лашкари зиёд доштан дар баробари ҳуҷуми муғул муқобилат намояд, ишора намудааст.

Ҳамин тариқ, аз оғози пйеса нависанда аз даҳшате, ки ба наздикӣ дар шаҳри Хуҷанд ба зуҳур омаданаш ба ҳақиқат наздик аст, маълумот дода, авзои замонро дар муколамаҳои кӯтоҳи мардони утрорию самарқандӣ бо Темурмалик ошкор мекунад. Бояд гуфт, ки ҳар ҳафт намоишномаи пйеса як масъалаеро дарбар гирифтааст. Дар намоишномаи аввал ташаннуҷи авзои замон ва тадбирандешии Темурмалик ва атрофиёнаш, дар намоиши дуюм хиёнати Аҳмади хуҷандӣ, дар намоишномаи сеюм расидани хабари бо хиёнат боз карда шудани дарвозаҳои Хуҷанд ба Темурмалик, дар намоишномаи чорум тасвири зиёфат дар ҳузури Улоқнӯён ва малики Хуҷанд интихоб шудани Аҳмади тоҷир, дар намоиши панҷум пас аз муборизаҳои шадид ёрону наздикон ва дӯстони хешро аз даст дода, азми тарки Хуҷанд кардани Темурмалик тасвир гардидааст.

Дар драма чанд образи асосӣ амал мекунанд, ки диққати асосии муаллиф ба онҳо нигаронида шудааст. Инҳо образи Темурмалики қаҳрамон ва образи Шайх Рукниддин мебошанд. Ҳамчунин, барои пурратар офаридани симои қаҳрамонони асар муаллиф образҳои Аҳмади тоҷир ва сарлашкари муғулон Улоқнӯён, ҳамсари Темурмалик Маликахонум, писари Темурмалик Матин, духтари Улоқнӯён - Гулсанам мебошанд. Нависанда симои Темурмаликро бо такя ба образҳои ормонии шоҳоне офаридааст, ки дар осори панду ахлоқии гузаштагони мо роҷеъ ба сифати шаҳриёрон ва ҳокимони одил баён гардидаанд. Бешубҳа, муаллиф пеш аз офаридани симои Темурмалик маҷмӯи сифатҳоеро аз осори гузаштагон дар бораи хислату характери шоҳони одил омӯхта, сипас онро дар симои Темурмалик мунъакис намудааст. Аз ин рӯ, образи Темурмалик дар асар ҳамчун ҳокими ботадбир, хирадманд ва адолатпарвару некхоҳ мушоҳида мегардад.

Дар ҳеч як аз бахши асар майдонҳои ҷанг тасвир нашуда, диққати асосӣ ба кушодани симои қаҳрамони асосии асар – Темурмалик равона карда шудааст. Дар натиҷа, симои ҳокими хуҷанд дар тасвири нависанда ҳамчун малики ҷавон, одил, ботаҷриба, дурандешу бомулоҳиза, далеру шуҷоъ, бо рою тадбир, босабри таҳаммул тасвир шудааст. Таҷрибаи ӯ бахусус ҳангоми анҷом додани корҳои омодагӣ ба муҳорибаи зидди муғулон ва андешидани тадбирҳои ҷангӣ ташаккул ёфта, аз назари атрофиёнаш низ пинҳон намемонад. Ӯ дар лаҳзаҳои душвортарин ҳам манфиатҳои шахсиро аз манфиатҳои халқу мамлакат боло намегузорад: «Вақте таҳдиди душман дар пеш аст, одам андешаи хонадони худ не, ҳамдиёрони худ мекардааст» - мегӯяд Темурмалик, ки ин моҳияти андеша ва ҷаҳонбинии қаҳрамонӣ ва ватанпарастӣ доштани ӯро ошкор мекунад. Суханони яке аз иштирокдорони асар, ки ба Темурмалик мегӯяд - «Малик бояд бо осоиш видоъ кунад ва роҳатро ба раият гузорад…» низ муносиби ҳоли Темурмалик аст.

Дар ин муҳорибаи нобаробар Темурмалик то имконияти охирин бар зидди муғулон мубориза мебарад, вале пас аз ғасб шудани Хуҷанд тариқи роҳи обӣ ба поёноб ҳаракат мекунад.

Темурмалик аз забт гардидани Хуҷанд рӯҳафтода гардида бошад ҳам, аз муборизa даст намекашад, ӯ мехоҳад ба сарзаминҳое равад, ки мардумаш бо нафрати бепоён бар зидди муғулон муборизa мебаранд. Ӯ дӯстони худро ҷамъ карда мегӯяд: «Дӯстонам, ману шумо акнун имкони дар ин хок оромона зиндагӣ кардан надорем. Аз ҳамин рӯз эътиборан хоку замине, ки дар он хуни нофамон рехтааст, барои ману шумо бегона аст. Душман бо забти Хуҷанд ором намегирад. Мо ба мадади онҳое меравем, ки ба мо мадади худ дареғ доштанд» (8, 33).

Яке аз хислатҳои Темурмалик, ки дар драмаи мазкур ба равшанӣ тасвир шудааст, шикастнопазирӣ ва ноумед нашудани Темурмалик дар баробари лашкари беҳисоби муғул мебошад. Темурмалик хуб медонист, ки дар парокандагӣ ва алоҳидагӣ бар лашкари сершумори муғул ғолиб омадан имкон надорад, бинобар ин ҳам ба муборизаи якҷоя бо лашкари Хоразм умед мебаст ва роҳҳои нави муборизаро андеша мекард. Номаи Хоразмшоҳ умедҳои ӯро барбод дода, бошад ҳам рӯҳияи ӯро шикаст дода натавонист.

Маълум аст, ки драматург дар асари худ наметавонад аз тамоми ҷузъиёти воқеаҳо тасвир намояд ва монанди осори ҳамосӣ барои офаридани симои ҳаматарафаи қаҳрамони марказӣ аз он истифода барад. Баръакс, нависандаи драма бо овардани як ё ду воқеаҳои муҳим мекӯшад мақсади маромиҳешро дар асар амалӣ намояд. Дар «Садди Сайҳун» яке аз унсурҳои сужетофар ҳамчун ёдгории ватани азиз хоки Хуҷандро ҳамроҳ гирифтани Темурмалик мебошад. Тасвири ин лаҳзаро нависанда М. Хоҷазод монанди устод Садриддин Айнӣ дар китоби «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» ба қалам додааст. Чунончи, ҳангоми сафар аз Хуҷанд Темурмалик бо худ як каф хок мебардорад ва ба ёрон рӯ оварда мегӯяд: «Аз хоки Ватан нишон гирифтам, ҳар кӣ аз мо пештар ҳалок шавад, аз ин хок ба сари синааш пошед»(7, 33). Тибқи тасвири нависанда «Ёрон аз ин сухани ҷонкоҳи Темурмалик ба риққат омада, аз ҳамдигар рӯ мегардонанд, то оби дидаи якдигарро набинанд» (8, 33). Нависанда бо ҳамин суханон бо дилкашолӣ аз Хуҷанд рафтани Темурмаликро тасвир карда бошад ҳам, ин манзара дар қиёс бо лаҳзаи шабеҳи дар «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» тасвиргардида, ки бешубҳа нуқтаи олии баёни хислати ватандӯстонаи Темурмалик мебошад, фарқи куллӣ дорад. Тибқи тасвири устод Айнӣ Темурмалик ин розро, ки баёнгари то кадом андоза ба обу хоки Ватан дилбаста будани ӯро ифода мекунад, ба касе ифшо накардааст (1). Пас аз қаҳрамонона ҳалок гардидани Темурмалик ин як каф хоки Ватан ва мактуби ватандӯстонаи ӯ, ки дар миёнаш баста шуда буд, ба даст меояд. Асар ҳам бо тасвири ҳамин лаҳза хотима меёбад, вале дар драмаи М. Хоҷазод ин лаҳза ба андозаи тасвири Айнӣ муассир набаромадааст.

Дар драмаи М. Хоҷазод Темурмалик пас аз гузашти бист сол ба Хуҷанд ҳамчун қаландар бармегардад ва ба дидори писари бистсолааш Матин мерасад.

Дар ин муддат Ӯлоқнӯён хеле солхӯрда ва фориғбол гаштааст. Ӯ ҳамсари Темурмалик – Маликахонумро ба занӣ гирифта, соҳиби як духтар, бо номи Гулсанам мегардад. Писари Темурмалик – Матин, ки акнун ҷавони навхати 20-сола аст, дар канори дарёи Сир, дар кулбаи вайронае зиндагӣ мекунад. Ӯлоқнӯён хуб медонад, ки ӯ писари Темурмалик ва Маликахонум аст, вале ӯро душмани худ намеҳисобад, зеро ӯ бо духтараш Гулсанам нисбати додару хоҳарӣ дорад. Ҳатто мехоҳад ӯро ба назди модар ва хоҳараш Гулсанам биёрад: «Аз миён бист сол гузашт. Дар ин миён, душманҳо дӯст шуданд, дӯстҳо душман» - мегӯяд Ӯлоқнӯён ба ҳамсараш Маликахонум, ки моҳияти андешаи ӯро ошкор мекунад.

Вале чун ҷанговари матинирода, бо вуҷуди гузаштани солиёни зиёд ҳисси ватандӯстӣ ва нафрати сӯзони Темурмалик нисбати муғулон кам нагардида буд. Ин хислати Темурмалик ҳатто аз нигоҳи сарлашкари муғулон Улоқнӯён низ пӯшида намемонад.

Улоқнӯён ҳангоми вохӯрии кӯтоҳ бо Темурмалик, ки саранҷом ба ҷанги тан ба тан меанҷомад, ба мардонагии Темурмалик ишора карда, рӯйрост мегӯяд: «Медонистам, ки мардӣ, аммо надониста будам, ки то охир чунин мемонӣ. Мардон имон намефурӯшанд…» (8, 40). Ӯ дар муддати солҳои зиёде, ки дар Мовароуннаҳр қарор дошт, хиёнатҳои ҳокимону маликонро, ки боиси шикасти давлатҳои бузурги минтақа ва қаландарсифат гардидани ҳокими диловаре чун Темурмалик гардида буд, хуб дарк

мекунад: «Медонам сабаби қаландар гаштани туро. Чун донистӣ, ки маликони диёр дар ғами хешанд, ба мамолики дигар сафар кардӣ. Чун дидӣ, ки он ҷо низ дар ғами шиками худанд, қаландар гаштӣ» (8, 42). Ин ҳақиқати талх, ки аз забони душман садо медиҳад, бозгӯи сабаби асосии шикасти мардуми Мовароуннаҳр аз дасти ғосибони муғул буд, аз ин рӯ, Темурмалик бо дили пур аз дарду алам иқрор мекунад: «Ростиро завол нест».

«Ӯлоқнӯён: Ростиро завол ҳаст, Темурмалик. Ба ин ҳол афтодани ту заволи рости аст. Дар аҳди Сомон шумо ҷамъ будед, мо парешон, ҳоло мо ҷамъем, шумо парешон… (8, 42)

Чунонки аз ин муколама маълум мегардад, Темурмаликро на ғами ҷудоӣ аз зану фарзанд, балки худхоҳию хиёнати ҳамдиёрон бештар ранҷ додааст. Бинобар ҳамин ҳам, сухани охирини Ӯлоқнӯёнро пазируфта, ба ҳақиқати он иқрор мешавад. Дар баробари мардонагии Темурмалик сарлашкари муғул оҷиз мемонад. Ин аст, ки дар задухӯрди нобаробар бо лашкариёни муғул Темурмалик қаҳрамонона ҳалок мегардад.

Дар асари нависанда Муҳиддин Хоҷазод образи Темурмалик на танҳо ҳамчун қаҳрамони ватандӯст ва далер, балки чун шахси донишманд ва ҳомию муттакои аҳли илму адаб низ тасвир шудааст. Барои тасвири ин ҷанбаи хислатҳои Темурмалик нависанда образи алломаи шаҳр ва аҳли тақво Шайх Рукниддинро, ки маслиҳатчии Темурмалик дар лаҳзаҳои зарурӣ мебошад, офаридааст. Таваҷҷӯҳи Темурмалик ба Шайх Рукниддин аз ибтидои драма баръало эҳсос мегардад. Замоне, ки Аҳмади тоҷир мехост барои кушодани дарвозаҳои Хуҷанд бо уламои шаҳр машварат кунад, пеш аз ҳама, ба Шайхи мазкур рӯ овард, вале Шайх андешаи Аҳмадро напазируфт, баръакс тадбири дар миёнаи дарё садди сангин сохтани Темурмалик ва идома додани муборизаро писандид. Муколамаҳое, ки байни Темурмалик ва Шайх Рукниддин сурат мегиранд, ба драма тобиши дигар бахшидааст. Зеро нависанда кӯшиш намудаст, образи Шайхро тарзе тасвир намояд, ки хонанда дар симои ӯ дараҷаи тафаккур ва андешаи шахси рӯҳонии соҳиби мартабаи баланди илмиро маърифат намояд. Чунин тарзи андеша ва баён гоҳо ба тағйир ёфтани забон ва сабки баёни муаллиф мусоидат намуда, аз осори панду андарзӣ ва ахлоқӣ низ баҳра ҷустани ӯро нишон медиҳад. Чунончи, суханони зерин, ки Шайх дар ҳузури сарбозони Темурмалик баён мекунад, аз андарзҳои Анӯшервони Одил бардошт шудаанд: «Яке аз мулук ҳакимеро пурсидааст, ки тадбир беҳтар аст, ё шуҷоат? Ҳаким ҷавоб додааст: Шуҷоат монанди теғ аст ва тадбир ба мисоли дасти қавӣ. Ҳар киро даст ба теғ бошад, коре тавонад кардан, аммо теғро агар даст набошад, беҳуда хуни мардум резад»(8, 19). Каломи зерини Темурмалик аз суханони Яъқуби Лайси Саффорӣ гирифта шудааст: «Донистам, ки шарбати марг чашиданист ва бори фанову фавт кашиданӣ. Ҳар гоҳ дар дори баланд талаф шавам, беҳ, ки дар кори паст бимирам…» (4, 235).

Бо офаридани симои Шайх Рукниддин нависанда ба чанд масъалаи муҳим ишора менамояд:

1. Дар шаҳрҳои мадании тоҷикон аз мавқеъ ва нуфузи хоса бархурдор будани аҳли фазл, бахусус уламо ва ҷойгоҳи арзанда доштани онҳо дар ҳалл намудани масъалаҳои муҳими давлатдорӣ
2. Идома ёфтани суннати қадимаи шоҳону ҳокимону хукмфармоён дар заминаи таваҷҷӯҳ ба аҳли илму адаб
3. Офаридани симои Темурмалик чун ҳокими донишманд ва бомаърифат. Бояд гуфт, ки дар драмаҳои Меҳмон Бахтӣ ва Сотим Улуғзода ба ин паҳлӯи хислати Темурмалик ишора нашудааст.

Образи дигаре, ки дар асари М. Хоҷазод тасвир гардидааст, Аҳмади хуҷандии тоҷир мебошад, ки номаш дар таърих ҳамчун хоин ва ватанфурӯш сабт гардидааст, дар пйесаи мазкур низ бо ҳамон хислату симои таърихиаш зуҳур мекунад. Ӯ шахси тамаллуққор, беномус ва хиёнатпеша тасвир шудааст, барои мансабу вазифа аз ягон кори паст низ рӯ намегардонад. Бо хиёнат дарвозаҳои Хуҷандро ба муғулон боз мекунад, ҳамсари Темурмаликро ба хизмати Улоқнӯён мебарад. Зеро дар симои муғулон ӯ на душмани хунхор, балки дӯстони ғамхорро мебинад, аз ҳамин сабаб барои ин «қаҳрамониҳояш» Ӯлоқнӯён ба ӯ мансаби маликии шаҳри Хуҷандро мебахшад. Симои Аҳмади хуҷандӣ дар асар дар муқоиса бо драмаи «Нангбардори Хуҷанд»-и Меҳмон Бахтӣ аз лиҳози дараҷаи иштирок дар воқеаҳо лаҳзавӣ офарида шудааст. (2)

Бинобар ин, ӯ танҳо дар намоишномаи чорум, дар лаҳзае, ки муғулон дар яке аз ӯрдаҳои шаҳри Хуҷанд ҷашни шодӣ ороста, ғалабаи хешро тантана мекарданд, пайдо мешавад. Аз раванди воқеаҳо саранҷоми зиндагии ӯ равшан намегардад, танҳо дар поёни асар аз сухани Темурмалик маълум мегардад, ки ӯ пас аз ғасб гардидани Хуҷанд аз тарафи муғулон ба қатл расидааст.

Драмаи Муҳиддин Хоҷазод воқеан фоҷеавист. Дар пеши чашми Темурмалик ҳамсари ӯро таҳқир кардани муғулон, минбаъд ҳамсари Улоқнӯён гардидани ӯ, ки бо беномусӣ ва даюсии хоинон рух медиҳад, воқеан дардноку аламовар ва гӯшношуниду нафратбарангез аст. Вале нависанда барои нишон додани ваҳшиёнати муғулон ва хиёнати бархе ҳамватанон, ки ба хотири ба даст овардани мансаб ва сарват аз ҳеч гуна разолату пастӣ рӯй намегардоднанд, ба офаридани чунин манзараҳо даст задааст.

Дар охири асар, аз дасти муғулон ба қатл расидани Темурмалик ва писараш Матин хонандаро ба хулосаҳои мантиқии дигаре меоварад: Фоҷеаи кушта шудани Темурмалик музаффарияти Улоқнӯён ва шикасти Темурмалик нест, балки барои Улоқнӯён низ паёмадҳои фоҷеабор дорад. Магар баъди ин ҳодиса Улоқнӯён зиндагии осудаи оилавиро идома дода метавонад? Магар ин фоҷеа ва марги бародар Гулсанам ва модари ӯ Маликахонумро бетараф гузошта метавонад? Ҳаргиз! Нависанда бо чунин тарзи тасвир ҷангро маҳкум менамояд, зеро ҳама гуна ҷанг фоҷеа аст, ҷанг ғолибу мағлуб надорад.

Саранҷоми фоҷеа ва поёни кори Темурмалик, лаҳзаҳои набарди охирин, кушта шудани Темурмалик ва писараш Матин дар асари Муҳиддин Хоҷазод бо он чи устод Садриддин Айнӣ дар асари хеш тасвир кардааст, шабоҳат дорад, вале тафовутҳо низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

- Дар асари устод Айнӣ муколама ва набарди охирини Темурмалик бо сарлашкари муғулон - Катағанӯғлон сурат мегарад, на бо Улоқнӯён.

- Номи писар ва ҳамсари Темурмалик дар асари устод Айнӣ зикр нашудааст.

- Ҳамсари Темурмалик-Маликахонумро ба занӣ гирифтани Улоқнӯён ва соҳиби духтаре бо номи Гулсанам гардидани ӯ бофтаи тахайюли М. Хоҷазод буда, дар асари Айнӣ дида намешавад.

- Дар драмаи М. Хоҷазод Ӯлоқнӯён писари хурдии Чингизхон муаррифӣ гардидааст, ки ба ҳақиқати таърихӣ рост намеояд.

Инчунин, дар қиёс ба драмаи «Нангбардори Хуҷанд»-и Меҳмон Бахтӣ асари Муҳиддин Хоҷазод аз чунин имтиёзот бархурдор аст:

- Забони пйеса хеле содаву равон аст. Дар он ҷумлаҳои тӯлонӣ ва мураккаб истифода нашудаанд.

- тарзи баён низ оммафаҳм буда, ончунонки дар драмаи Меҳмон Бахтӣ мушоҳида мегардад, кӯшишҳои ба забон ва тарзи баёни классикӣ ифода кардани фикр мушоҳида намешавад.

-дар пйесаи Муҳиддин Хоҷазод сужет хеле сода офарида шудааст, фикрҳо, тасвирҳо ва воқеаҳо мӯъҷаз ва барҷаста тасвир шудаанд. Воқеаҳо зуд инкишоф меёбанд ва ба дараҷаи ниҳоӣ мерасанд.

Ҳамин тариқ, драмаи «Садди Сайҳун»-и Муҳиддин Хоҷазод Темурмалик ҳамчун қаҳрамони ватандӯст, диловар, қавирода ва ботадбир тасвир шуда, то лаҳзаҳои охирини умр бо нафрати бепоён бар зидди душман муборизa мебарад. Дар қиёс бо дигар драмаҳое, ки дар бораи Темурмалик офарида шудаанд, танҳо дар драмаи Муҳиддин Хоҷазод ҳокими донишманд ва дӯстдори аҳли илму маърифат будани Темурмалик махсусан таъкид мегардад, ки паҳлӯи дигари хислати қаҳраони асарро ошкор месозад. Аз тарафи муаллиф чунин тарзи масъалагузорӣ ва ҳалли он аз ғояи марказии асар бармеояд. Азбаски пйесаи мазкурро муаллиф ба муносибати 1100-солагии таҷлили давлати Сомониён таълиф кардааст, бо ин роҳ нишон медиҳад, ки дар тӯли таърих ҳамеша хиёнат, ноҷавонмардӣ, худхоҳӣ, номуттаҳидӣ боиси ҳалокат ва шикасти давлатҳои абарқудрат мегардад.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ, Садриддин. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Исёни Муқаннаъ. / С. Айнӣ. - Душанбе: «Маориф», 1978. -167с.

2. Бахтӣ, Меҳмон. Тилисми Сайҳун. // Садои Шарқ. – 2006. № 2, . 84-112с
3. Ғафуров, Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав/ Б. Ғафуров. - Душанбе: «Дониш», 2008. – 870с.
4. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои 1Х-Х1У. Мураттиб ва муҳаққиқ: Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. - Душанбе: "Амри илм", 1999. – 1008с.
5. Мирмухсин. Худжандский крепость. - Москва: «Советский писатель», 1991. – 395с.
6. Қозӣ, Неъматуллоҳ (Шикеб). Темурмалик – амири Хуҷанд (романи таърихӣ)/ Н. Қозӣ. - Теҳрон, 1376. - 387 с.
7. Улуғзода, Сотим. Темурмалик (драма). // Садои шарқ, № 1, 1969
8. Хоҷазод, Муҳиддин. Садди Сайҳун. // Сайҳун, № 5-6, 2001, 14-43с
9. Хоҷазод, Муҳиддин. Романи сегона. /М. Хоҷазод. -Хуҷанд: “Ношир”, 2008. -534с.
10. Хоҷазод, Муҳиддин. Об-рӯшноӣ. Роман/М. Хоҷазод. - Душанбе: «Ирфон», 1978. – 264 с.
11. Хоҷазод, Муҳиддин. Нанг ва номус. Роман/М. Хоҷазод. - Душанбе: «Ирфон», 1982. – 256 с.
12. Хоҷазод, Муҳиддин. Кӯҳ бе варта нест. Роман/М. Хоҷазод. - Душанбе: «Адиб», 2003. – 176с.
13. Хоҷазод, Муҳиддин. Дурри парешон. /М. Хоҷазод. - Душанбе: «Адиб», 2016. – 160с.
14. Хоҷаева, М. Сипаҳсолори номвари таърих //М. Хоҷаева. – Хуҷанд, 2004, № 2 (100). – 123-129с

ОПИСАНИЕ ТЕМУРМАЛИКСКОЙ ТРАГЕДИИ В «САДДИ САЙХУН» МУХИДДЕНА ХОЖАЗОДА

Одним из известных изображений таджикской истории, кто образов таджикской истории, которые героически сражались против монгольских захватчиков, был Термурмалик, мэр города Худжанда. Образ Темурмалика и его героизм были описаны в нескольких работах средневековья. Также он известен как храбрый мэр и защитник города Худжанда в современных литературных произведениях.

Эта статья исследует образ Темурмалика в драме народного писателя Таджикистана Мухиддина Ходжазода. Исследователь сделал вывод, что писатель и драматург Мухиддин Ходжазод, опираясь на исторические и литературные произведения, подробно изложил образ Темурмалика.

***Ключевые слова**: драма, Образ Темурмалика, Мухаммад Хорезмшох, Ахмади Худжанди, Монголия, Улокнуйон, Хорезм.*

DESCRIPTION OF TEMURMALIK TRAGEDY IN “SADDI SAYHUN” OF MUHIDDIN KHOJAZOD

One of the famous images of Tajik history who fought heroically against Mongolian invaders was Termurmalik, Khujand city mayor. Temurmalik image and his heroisms were described in several works of the Middle Ages. Also he is described as a brave mayor and protector of Khujand city in modern literary works.

This article explores Temurmalik image in the drama of People’s Writer of Tajikistan Muhiddin Khojazod. The researcher made a conclusion that writer and dramatist Muhiddin Khojazod relying on historical and literary works had created image of Temurmalik in detail.

***Keywords:** drama, Temurmalik image, Muhammad Khorazmshoh, Ahmadi Khujandi, Mongolian, Uloqnuyon, Khorazm.*

Сведение об авторе:

***Бободжонова Мадина Хайдарджоновна** - аспирант кафедры современной таджикской литературы Худжанского государственного университета имени академика Б. Гафурова (Республика Таджикистан, г. Худжанд), E-mail: missmrustamova@mail.*

About the author:

***Bobojonova Madina Haidarjonovna**, post-graduate of modern Tajik literature department under Khujand State University named after academician B. Gafurov (Tajikistan, Khujand), E-mail: missmrustamova@mail.ru*

НАҚШИ МАҲФИЛИ ТЕЛЕВИЗИОНИИ «МУШОИРА» ДАР КАШФИ ИСТЕЪДОДҲОИ ҶАВОН

Ализода А. Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳаққиқ С. Муратов доир ба нақш, мақом ва мартабаи телевизион сухан ронда менависад: «Дар давоми 70 соли аввали мавҷудияти табъу нашри китоб дар ҷаҳон 10 миллион нусха китоб чоп шудааст, ки аз нигоҳи теъдод хеле зиёд ба назар мерасад. Вале адади нашр ба ҳисоби миёна аз 300 нусха зиёд набуд. Имрӯз, пас аз 70 соли мавҷудияти телевизион, як барнома имкон дорад, ки зиёда аз миллион нафар тамошобинро дар назди оинаи нилгун ҷамъ орад, аммо дар мавридҳои алоҳида шумораи онҳо ба миллиардҳо мерасад…. Телевизион-ин дунёи масофаҳои гумшуда. Чашми оламбини башарият ва гӯши оламшунави инсоният аст» [6, с. 3]

Телевизион ва радио на танҳо нерӯи пешбарандаи сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, балки василаи муҳимтарини тарғиби идеология, таҳкимбахши робитаҳои ҳамзистии башарӣ буда, дар боло бурдани сатҳи маънавиёт, дониш, ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ ва дар рӯҳияи садоқат ба миллату меҳан тарбия намудани насли нави ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол мусоидат мекунанд. Онҳо ба сифати рукни муҳимтарини тақвиятбахши падидаҳои миллӣ, афкори солими ҷомеаро ҳамбаста намуда, ҷиҳати рушди нерӯҳои ақлонии ҷомеа, кашфи истеъдодҳои тоза ва тарғиби сарватҳои миллӣ саҳми арзанда гузошта меоянд.

Аз ин рӯ, мавриди таҳқиқ қарор додани гуфтор, барнома, намоиш ва маҳфилҳои маъруфу машҳури чи радиоӣ ва чи телевизионӣ аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ доранд. Омӯзиши ҳаматарафаи паҳлуҳои гуногуни маҷаллаи телевизионии «Баҳористон», намоиши панду ахлоқии «Беғараз панд», маҳфили «Чойхонаи дилкушо», ки аввалӣ 30 сол, дуюмӣ 20 сол ва сеюмӣ 10 сол дар эфир буданд, ҳамчунин ба риштаи таҳқиқу тадқиқ кашидани маҳфилҳои радиоии «Шоҳномахонӣ», «Маснавихонӣ», «Бедилхонӣ», гуфтори «Падида», ва ғайра дар ошкор сохтани моҳият, аҳамият, унсурҳои ҷолибсозӣ, таъсирнокӣ ва сабабҳои маҳбубият пайдо кардани онҳо ёрии амалӣ мерасонад.

Дар хусуси ин маҳфил аввалин бор адабиётшинос Раҳим Ҳошим дар мақолааш «Суҳбат бо рафиқони ҷавонам» ёдовар шуда гуфтааст: «Чанд маҷлиси «Мушоира», ки телевизион аз охирҳои соли 1969 сар карда ташкил намуд, оғози бисёр хубест ва дар он як гуруҳ ҷавонон хеле фаъолона иштирок мекунанд. Аммо роҳбарикунандагон ба таҳлили ҳаматарафаи шеърҳои хондашаванда намепардозанд ва бештар фақат бо сар ҷунбондан иктифо менамоянд. Ба фикри ман дар ин баромадҳо ба ҷои бисёр чиз хондани бисёр касон панҷ-шаш шеърро хонда таҳлил кардан ва камбудиҳои онҳоро нишон додан беҳтар аст. Барои ин бо шеърҳои хондашаванда пешакӣ шинос шудани роҳбарикунандагон лозим меояд» [10, с. 261].

Санаи ба эфир рафтани намоиши аввалини маҳфил аз гуфти устод Раҳим Ҳошим- «охирҳои соли 1969» саҳеҳ нест. Аз Бойгонӣ дарёфтем, ки шумораи аввалини маҳфил 23 ноябри соли 1968, аз соати 20-30 то 21- 10 дақиқа, яъне дар ҳаҷми 40 дақиқа бо номи «Мушоира» аз тариқи Телевизиони Тоҷикистон намоиш дода шудааст. Шумораҳои дигари маҳфил бо ҳамин ном тайи соли 1969 ва нимаи аввали соли 1970 пешкаши бинандагони Телевизиони Тоҷикистон гардонида шудаанд. Зимни пажуҳиши маводи Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз сенарияи 7 шумораи маҳфили «Мушоира»-ро дарёфт намудем [11].

Таҳқиқгари радиову телевизион Саидмуроди Хоҷазод дар китобаш «Таърихи телевизиони Тоҷикистон» дар бораи маҳфили телевизионии «Мушоира» айнан чунин гуфтаст: «Намоиши дигари хотирмон «Мушоира» ном дошт ва онро идораи барномаҳои бадеӣ 21-уми феврал (соли 1970 дар назар аст. – А. А. Х.) манзури тамошогарон сохт. Барандагии намоиш бар дӯши шоири номӣ Боқӣ Раҳимзода гузошта шуд. Дар намоиши аввал донишҷӯёни Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.

И. Ленин ва Институти давлатии педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко мусобиқаи байтбарак намуданд, баъдан чунин мусобиқаҳо миёни донишҷӯёни дигар донишкадаҳо ва умуман ҷавонон дар «Мушоира» доир шуданд, ки шавқовар баромаданд. Мутаассифона, барнома бо сабабҳои гуногун бармаҳал қатъ гашт» [8, с. 75].

Ба назари мо сабаби бармаҳал қатъ гаштани ин маҳфили ҷолиб ба таври мустақим ба эфир рафтани он буд. Новобаста ба ин маҳфили эҷодии ҷавонон «Мушоира», ки аз 23 ноябри соли 1968 то 28 марти соли 1970, яъне қариб якуним сол мунтазам дар эфири Телевизиони Тоҷикистон пешниҳоди бинандагон мешуд, дар кори кашфи истеъдодҳои ҷавону умедбахш нақши хеле муҳим бозид.

Маҳфили «Мушоира» дар тарзи ҷолиб ва тамошобоб тарҳрезӣ гашта буд. Он дар студияи калони телевизион, ки имрӯз ҳам ҳаст, мегузашт. Дар ду тарафи баранда ва коршиносони даъватшуда донишҷӯёни Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ДМТ) ва Институти давлатии педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко (ДДОТ ба номи С. Айнӣ) менишастанд ва навиштаҳои худро мехонданд. Иштирокчиёни доимии маҳфил аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Раҳмат Назрӣ, Ҷумъа Қувват, Ширин Бунёд, Амонбек Шоҳзода, Латофат Кенҷаева, Султонмуроди Одина, Алии Хуросонӣ, Абдурашид Хӯҷамқулов ва дигарон буданд. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айниро Абдулҳамид Самад, Камол Насрулло, Назри Яздонӣ, Султон Шоҳзода, Муҳтарами Ҳотам, Зиё Абдулло ва донишҷӯёни дигар намояндагӣ мекарданд.

Муаллифи лоиҳаи ин маҳфили телевизионӣ адиб Меҳмон Муҳаббатов (Меҳмон Бахтӣ) буд. Сенарияи намоишҳоро Меҳмон Бахтӣ, Равшан Ёров ва Ҷумъабой Почоев таҳия менамуданд. Ба ҳар маҳфил ду-се коршиносон ба мисли Тӯрақул Зеҳнӣ, Раҳим Ҳошим, Нодир Шанбезода, Атахон Сайфуллоев, Аълохон Афсаҳзод, Муҳиддин Фарҳат даъват мешуданд.

Барандаи доимии маҳфили «Мушоира» Шоири Халқии Тоҷикистон Боқӣ Раҳимзода буд. Устод ҳар дафъа мавзӯи маҳфили навбатиро эълон мекард, то ки ҷавонони дигар ҳам аз тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ ба ин маҳфил ҷалб гарданд. Мактубҳои навқаламонро устод қироат мекард ва ҳусну қубҳи шеъру ҳикояҳои ба маҳфил омадаро баён медошт.

Як сабаби маҳбубияту маъруфият пайдо кардани маҳфили «Мушоира» ба ҳунару истеъдоди фитрӣ, хушсуханӣ, хушгуфторӣ ва сухандонии барандаи он – устоди зиндаёд Боқӣ Раҳимзода марбут буд. Устод гоҳе ба хотири ҷолибу тамошобоб баромадани намоиш, гоҳе бо нияти ҷалби таваҷҷуҳи ҷавонони навқалам ба барнома, гоҳе бо мақсади ба онҳо фаҳмонидани ин маъно, ки ба кори эҷодӣ на аз рӯи ҳавову ҳавас, балки ба таври ҷиддӣ ва пайваста машғул шаванд, аз таҷрибаи бои эҷодии худ лаҳзаҳо, пандҳо ва мисолҳои ибратбахшро бо шавқу завқ ва лутфи ба худ хос ёдоварӣ мекард. Яке аз онҳо ин аст: - «Вақте ки дар Самарқанд дар курси таълиму тарбия мехондам, дар назди курси мо маҳфили адабӣ амал мекард…

Рӯзе муаллим Роҷӣ ба мо мужда оварданд, ки баъд аз дарс устод Лоҳутӣ ба маҳфили адабии мо меомадаанд. Мо устод Айнӣ ва Лоҳутиро ботантана пешвоз гирифтем. Баъд аз баромади устод Лоҳутӣ ба ду –се нафар талабагоне, ки шеър менавиштанд, сухан доданд. Вақте ки навбат ба ман расид, ман хеле бо тантана ба минбар баромада, бо овози баланд як мухаммасеро, ки нав навишта будам ва ба назарам шеъри бисёр хубе менамуд, ба хондан сар кардам. Дар ёд дорам, банди аввали мухаммас бо ин байт сар мешуд:

Маро куштӣ, ту эй хубони олам дар сари зулфат,

Тараҳҳум кун ба ҳоли ин ғариби бекас аз лутфат.

Баъди хондани банди дуюм устод маро аз хондан боздошта гуфт:

–Рафиқ шоир, вай золима шуморо кушта буд, боз чӣ гуна ба ҳоли шумо раҳм кунад?

Ин эрод бо як лутфи ба Лоҳутӣ хос гуфта шуда буд на барои ранҷонидани ман. Вале ман аз асп фаромада бошам ҳам, аз узангу нафаромада гуфтам:

–Устод, агар ҷои мисраъҳоро иваз кунем, чӣ мешавад?

Ин узри бадтар аз гуноҳ буд. Яъне, аввал ба ҳоли ман тараҳҳум кунаду баъд кушад» [7, с. 64 -65].

Аз бойгонӣ варақгардон кардани ҷузваи (папкаи микрофонӣ) маҳфил аз 29 декабри соли 1969 нақли дигари Боқӣ Раҳимзодаро ба ёд овард, ки онро низ шогирдони «Мушоира» хеле хуб дар хотир дорем. Мавзӯи ин мафҳил – эҷоди назира ба байтҳои интихобии шоирони маъруф дар бораи Ватан буд:

Эй меҳрубон Ватан, ба раҳат ҷонфишон манам,
Дастонсаро ба васфи ту бо сад забон манам.
(Абулқосим Лоҳутӣ)

Ватан, дар ҳар кӯҷо омад ба сар форам ҳавои ту,
Ман аз он сӯи укёнус бишнидам садои ту.
(Мирзо Турсунзода)

Замин аз они ман асту замон аз они ман аст,
Муҳаббати ватанам умри ҷовидони ман аст.
(Муҳаммадҷон Раҳимӣ) [13, с. 154-155].

Устод Боқӣ супориш доданд, ки ба ин байтҳо дар рафти маҳфил назира нависед. Навқаламон мувофиқи тавони худ ба байтҳои тавсияшуда назира навиштанд. Устод назираҳои навиштаи шогирдонро таҳлил карда, бурду бохти онҳоро гуфта дод ва таъкид намуд, ки шумо хеле ғайрат кардаед, назираҳои хуб гуфта тавонистаед. Дар вақташ як шоири ҷавон, таъкидан гуфт устод, ба байти Абулқосим Лоҳутӣ мана ин тавр назира гуфта буд:

Эй Ватан, меҳри туро сад бӯса хоҳам карду рафт,
Ҳар ваҷаб хоки туро самбӯса хоҳам карду рафт.

Байти навиштаи ӯ вазн дошт, қофия дошт, радиф дошт, аммо мазмун надошт, зеро на меҳрро бӯса карда мешавад, на хокро самбӯса.

Маҳфили телевизионии «Мушоира», аз як тараф, ҷавонони эҷодкорро рӯҳбаланд менамуд, онҳоро ба бинандагони сершумор муаррифӣ мекард, аз тарафи дигар, навқаламонро водор месохт, ки ба адабиёт, ба шеъру шеърхонӣ, сухандониву суханварӣ ҷиддан машғул шаванд, маҳсули эҷодкардаашонро пайваста таҳриру такмил диҳанд ва суфтаю пухта намоянд. Яке аз ҳамин гуна ҷавонони заҳматдӯст – узви фаъоли маҳфили «Мушоира» шоири ҷавон Раҳмат Назрӣ буд. Ҳарчанд «нахуст шеъри ӯ соли 1966 ҳангоми мактабхониаш дар маҷаллаи «Машъал» ба табъ расида буд [3, с. 5], иштироки мунтазамаш дар ин маҳфил боиси ташаккул ва пешравию такомули эҷодиёташ гардид. Як қатор шеърҳои солҳои 1968 – 70 эҷодкардаи Раҳмат Назрӣ, ба монанди «Шаби танҳоӣ» (тазмин ба байти устод Айнӣ - - «Шаби танҳоӣ, дили ман хун шуд, Дили ман хун шуд, шаби танҳоӣ»), «Ба духтари арғуштӣ», «Тарона» бори аввал тариқи ҳамин маҳфили телевизионӣ пешниҳоди бинандагону дӯстдорони ашъори рангини шоир гардида буданд.

Раҳмат Назрӣ «Ба духтари арғуштӣ» ном шеърашро 17 маи соли 1969 дар маҳфил қироат карда буд [12, с. 150]. Баъдан шоир онро аз нигоҳи мундарича, қофия, забону услуб такмил дода бо номи «Арғуштӣ» дар маҷмӯаҳояш ҷой додааст. Ба мисли ҳамин ӯ «Тарона» ном шеърашро, ки бори аввал 28 марти соли 1970 дар маҳфили «Мушоира» хонда буд [14, с. 166], ҳаматарафа таҳрир ва мисраъҳои онро аз нисф зиёд ихтисор карда бо номи «Бебозгашт» дар маҷмӯаи «Ҳафтранг» ба табъ расонидааст:

Эй навбаҳори ман,
Аз нав сурур ёфт дили беқарори ман.
Аз нав ба ханда лолаву насрину настаран
Идона мерасад ба дари рӯзгори ман.
Аз нав ба марзи дил
Уммед дона кошт…

Мурге, ки дар дили ману дар орзуи ман
Масти таронаҳои ғамангез лона дошт,
Бар ошёни куҳнаи худ аз чи бар нагашт,
Имсол дар куҷост,
Имсол дар куҷои ҷаҳон зору бенавост? [3, с. 31].

Ҳамин меҳнатдӯстӣ, серталабӣ ва заҳматҳои пайвастаи Раҳмат Назриро Шоири Халқии Тоҷикистон Муъмин Қаноат таъкид карда гуфтааст: «Заҳмати суханро, масъулияти шеърро осон намегирад. Барои боз ҳам пухтатар, рехтатар кардани шеъри хеш ҳар ибораро, ҳар таркибро, ҳар тасвирро ҳунармандона ва шоирона таҳқиқ мекунад ва ин таҳқиқ дар речаи кори эҷодӣ ва андешапардозии Раҳмат Назрӣ ҳамеша ҳаст на барои як бор. Ин аст, ки ӯ шеърҳои қаблиашро низ борҳо мавриди таҳқиқи худ қарор медиҳад ва ҳарферо, нуқтаеро нигоҳеро дар шеъри хеш пурратар месозад. Ин шоир ҳамеша дар ҷустуҷӯ ва такопӯ буда, дар ҷодаи заҳмати шоирӣ ҳеҷ гоҳ хотирҷамъиву қаноатмандиро дӯст надорад» [3, с. 7-8].

Раҳмат Назрӣ дар яке аз маҳфилҳои «Мушоира» шеъри «Тоқии гулдӯзӣ»-ашро қироат намуд. Баъди тавсияҳои устоди зиндаёд Лоиқ Шералӣ онро ба куллӣ аз нав таҳрир кард, ҳаҷмашро кутоҳ сохт ва мазмунашро низ пурқувват намуд. Баъди коркарди дубора ин шеър «Давлати сар» ном гирифта, ҳамагӣ аз чор байт иборат шуд:

Бар сарам тоқии гулдӯзии тоқи қаламӣ,
Нусхаи гунбади афрӯхтаи ахтари ман.
Ба сарам пӯпаки он тоҷи баланди хуршед,
Нақши шерозаи он номаи бахтовари ман.
Дар муаммои гули ранг ба рангаш пинҳон
Орзу ҳамчу дуои падару модари ман:
- Кош, дар роҳи ҷавонӣ набарад боди ғурур
Ҳеҷ гаҳ давлати сар, тоқии ман аз сари ман [3, с. 28].

Шоири маъруф Раҳмат Назрӣ дар ҷашни 80 – солагии устод Боқӣ Раҳимзода бо як меҳру муҳаббат ва садоқати шогирдона суханҳои зеринро ба забон овард: «Устод Раҳимзода истеъдодҳои ҷавонро аз миёни мардум, аз деҳаҳову шаҳрҳо ҷустуҷӯ дошт, шеърҳои навқаламонро ба чоп тавсия мекард, ба адибони ҷавон дар роҳи дуру дароз ва пур аз шебу фарози адабиёт фотиҳаи нек медод. Ҳангоми дар мактаби миёна хонданам чор шеъри ман дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» ба табъ расида буд. Ин шеърҳо ба устод писанд меоянд. Сипас устод маро аз шаҳри Кӯлоб ба Душанбе пеши худ даъват кард. Росташро гӯям, ман он вақтҳо аз рӯи ҳавову ҳавас шеър мегуфтам, умеди шоир шудан надоштам. Мехостам, ки меъмор шавам. Зеро солҳои мактабхонӣ ба расмкашӣ бештар шуғл меварзидам. Аз адабиёт дида, фанҳои дақиқро хубтар аз худ карда будам. Вале вохӯрии аввалин бо устод Б. Раҳимзода роҳи маро дигар сохт. Бо тавсияи ӯ ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шудам… Ифтихор дорам, ки маҷмӯаи нахустинам «Барги сабз» бо сарсухани устод, бо фотиҳаи неки устод ба табъ расидааст. Ман агар имрӯз ба ҷое расида бошам, бо шарофати устод Боқӣ Раҳимзода расидаам»[9].

Адиби шинохта ва шоири вахдатсаро Ҷумъа Қувват ҳам узви фаъоли маҳфили «Мушоира» буд. Ӯ низ бархе аз шеърҳои худро бори аввал аз тариқи ҳамин маҳфили телевизионӣ ба бинандаҳои «ойинаи нилгун» пешниҳод месохт. Барои мисол ӯ шеъри машҳури «Нони гандум»-ашро, ки баъдан суруди маҳбубу дӯстдоштаи мардум гардид, бори аввал дар маҳфили эҷодкорони ҷавон – «Мушоира» (17 майи соли 1969) қироат карда буд. Шеъри дар маҳфил хондашуда чунин шакл дошт:

Нон **бошад ҷони одам,**
кудрату дармони одам
Зеби дастурхони одам,
иззату меҳмони одам.
Мепарастам нони гандум,
Хӯшаю ҳар дони гандум.

Ганҷи беҳамтоӣ гандум,
фахри ҳотамҳои гандум,
Ҳастии дунёст гандум,
матлаби дилҳост гандум.
Мепарастам нони гандум,
Хӯшаю ҳар дони гандум.
Дар баҳорон мекашад сар,
сабзааш чун нури ханҷар,
Хӯшааш чун зулфи духтар,
донааш ҳамранги ахтар [12, с. 146].

Дар нусхаи таҳрирёфтаи шеър калимаю ибораҳо, мисраъҳо ва байтҳои таъкидкарда ба шакли хеле мавзун, хушоянд ва равону мантиқан дуруст ислоҳ гардидааст.

Дар суҳбат бо муаллифи ин сатрҳо Ҷумъа Қувват иброз дошт: «Намоиши «Мушоира»-еро, ки «Нони гандум»-ро хонда будам, устодон М. Турсунзода ва М. Қаноат тамошо кардаанд. Рӯзи дигар маро ба назди М. Қаноат даъват карданд. Устод бо хушнудӣ маро қабул карда, ҳусну қубҳи шеърамро ба ман фаҳмонданд ва маслиҳатҳои судманд доданд. Ман шеърро дубора таҳриру тасҳеҳ карда, бо тавсияи устод Қаноат онро ба маҷаллаи «Садои Шарқ» бурдам. Дере нагузашта дар шумораи 1-и соли 1970 чоп шуд».[16] Нусхаи таҳрирёфтаи шеър ин аст:

Нон бувад чун ҷони одам,
Қудрату дармони одам,
Зеби дастурхони одам,
Иззати меҳмони одам.
Мепарастам нони гандум,
Хӯшаҳою дони гандум.

Ранҷи деҳқон аст гандум,
Ганҷи деҳқон аст гандум,
Файзи даврон аст гандум,
Номи мардон аст гандум.
Мепарастам нони гандум,
Хӯшаҳою дони гандум.

Дар баҳорон мекашад сар,
Сабзааш чун нӯги ханҷар,
Хӯшааш чун зулфи духтар,
Донааш ҳамранги ахтар.
Мепарастам нони гандум,
Хӯшаҳою дони гандум.

Орди гандум беҳ аз зар,
Дар сафедӣ шири модар,
Кулчааш чун рӯи дилбар,
Баҳри ободии кишвар,
Боз аз сар, боз аз сар
Мепарастам нони гандум,
Хӯшаҳою дони гандум [4, с. 46].

Ҷумъа Қувват бори дуюм ба бандҳои асосии шеър даст нарасонда бошад ҳам, байти василаи «Нони гандум»-ро дар шакли:

Мепарастам нони гандум,
Хӯшаи пурдони гандум

таҳрир карда, дар маҷмӯаи аввалини худ, ки бо ҳамин унвон соли 1982 ба табъ расид, ҷой дод [5, с. 7-8]. Дар сарсухани худ ба ин китобча Шоири Халқии Тоҷикистон

Гулрухсор Сафиева махсусан доир ба шеъри «Нони гандум» гуфтааст: -«Калимаи нон дар ҳама лафзу забонҳо муқаддас аст, аммо барои кӯҳистониён, ки гандумро дар болои теппаҳои санглох ва харсангҳо мекориданд, қиммати махсусе дорад. Шояд, аз ин рӯ нони кӯҳистон ба назари ман бӯи санг мекунад. Ҷумъа Қувват дар ҷодаи шеър роҳгузари тасодуфӣ нест. Ӯ аллакай як панҷа гандуми ақлу дили худро ба замини қоғази сафед бо умед пошида, чун сумалаки наврӯзӣ ба мардуми худ пешниҳод кардааст» [5, с. 3].

Шоири халқии Тоҷикистон Ширин Бунёд аз аввалин иштирокчии маҳфили «Мушоира» буд. Ӯ ҳам шеър эҷод мекард, ҳам ашъори шоирони маъруфро бо эҳсосот мехонд.

Омӯзиши ҷузваҳои дар Бойгонӣ маҳфузбудаи «Мушоира» нишон дод, ки дар маҳфили нахустини он (23 ноябри соли 1968) шоири ҷавон Ширин Бунёд –донишҷӯйи курси якуми факултаи филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба байти имтиҳонии:

«Орзу болу пари инсон аст,
Дили беишқ мазористон аст» -

назираи зеринро эҷод кардааст:

Дар пари орзу сафар дорам,
Аз гули ишқ дил гулистон аст.
Аз фурӯғи чароғи ишқу умед,
Шаби зулмот субҳи рахшон аст.
Орзу ҳеҷро кунад чизе,
Орзу ганҷ дар дили кон аст.
Орзу буд он ки насли башар,
Фотеҳу меҳмони кайҳон аст.
Дилам аз ишқу орзую умед
Дӯстон, мисли чашма ҷӯшон аст [11, с. 167].

Мутаассифона, ин назираи муваффақи Ширин Бунёд дар маҷмӯаҳояш чоп нашудааст.

Дар маҳфилҳои дигар Ширин Бунёд шеърҳои тозаи худро мавриди таҳлили Б. Раҳимзода, Т. Зеҳнӣ, Н. Шанбезода ва дигар адибону олимони даъватшуда қарор додааст. Чунончи, дар маҳфили «Мушоира» (17 майи соли 1969) адиби ҷавон мусаммати мураббаи «Шеъри ман»-ро қироат кардааст, ки аз чор банд иборат аст:

Ба дастат шеъри ман, биншастӣ дар пушти тиреза,
Бигӯ хонандаи ҳассос аз шеърам чӣ меҷӯйи?.
Дар он гумкарда роҳе нест, на як қиссаи саргум
На шӯри нола ёбию на акси шоми андӯҳӣ.

Дар он ишқи ту ҳасту шуълаҳои меҳри поки ту
Дар он акси рухи ёри туву тавсифи хуршед аст
Дар он ишқи ҳаёту ишқи олӣ, ишқи инсонӣ
Дар он фардои мову туст, ҳам дунёи уммед аст.

Маҷӯ оҳанги ҳузангези дай аз шеъри ман ҳаргиз
Дар он нақши баҳори дилрабою бӯйи Наврӯз аст
Дар он ҳарфи хунук ҳаргиз маҷӯ аз рӯйи дилсардӣ
Ниҳон дар мисраъҳои сабтгашта як ҷаҳон сӯз аст.

Дар он асло наёбӣ ту нишон аз бенишониҳо,
Дар он акси садои ҷовидонии шаҳидон аст.
Ба дастат шеъри ман, онро маяфкан зери пои худ,
Дар он тақдири ман, тақдири ту, тақдири инсон аст [12, с. 149].

Ширин Бунёд мисли дигар эҷодкорону ҳамсолони хеш, ки болотар дар бораашон сухан рондем, пайваста шеърҳои қаблиашро ҳам аз ҷиҳати ғоя, мазмуну мундариҷа, ҳам аз ҷиҳати вазну махсусияти навъҳои шеърӣ, воситаҳои тасвир, санъатҳои бадеӣ, услуб, забон такмил дода, онҳоро суфтаю пухта ва равону хушоҳанг мегардондааст. Масалан, мусаммати «Шеъри ман»-ро, ки аввалин маротиба дар «Мушоира» хонда буд, солҳои тӯлонӣ гаштаю баргашта аз нигоҳи риояи таносуби калом, тасвир, қофия, ифодаи матлаб ва дигар унсурҳои шеърӣ дигар карда, онро танҳо дар маҷмӯаи сеюмаш –«Шоҳи Тирандоз» (1991) пешкаши хонандагони ашъори рангинаш намудааст. Барои ба назари мухлисони ашъораш равшан гаштани заҳматҳои пайвастаи муаллиф нусхаи охирини ин шеърро меорем:

Ба дастат шеъри ман, андеша меронӣ сари ҳар байт,
Бигӯ, дардат ба ҷонам, боз аз шеърам чӣ меҷӯӣ?
Дар он не кӯрароҳе ҳаст, не як қиссаи саргум
На шӯри нола ёбию на ашки шоми андӯҳӣ.

Дар он ишқи ман асту шуълаҳои меҳри поки ту,
Дар он акси ҷамоли гулрухону васфи хуршед аст.
Дар он ишқи баҳору зиндагонӣ, ишқи инсонӣ,
Дар он фардои мову туст, ҳам дунёи уммед аст.

Маҷӯ тасвири яъсу ноумедиҳо зи шеъри ман,
Дар он ранги баҳори нозанину бӯи Наврӯз аст.
Дар он ҳарфи хунук асло маҷӯ аз рӯйи дилсардӣ,
Ниҳон дар мисраҳои нарм-нармаш як ҷаҳон сӯз аст.

Маҷӯ аз шеъри ман савту навои номуродиҳо,
Дар он акси садои ҷовидонии шаҳидон аст.
Ба дастат шеъри ман, онро маяфкан зери пои худ,
Дар он тақдири ман, тақдири ту, тақдири ёрон аст [2, с. 157].

Ҳамин мушкилписандӣ ва заҳматдӯстии Ширин Бунёдро Шоири Халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ дар сарсухани ба маҷмӯаи аввалини адиби ҷавон –«Бомдод» навиштааш равшану возеҳ ифода кардааст:

«Қариб даҳ сол аст, ки Ширин Бунёд шеър машқ мекунад. Дар ин миён ӯ ду бор дар курс–конференсияи адибони ҷавон иштирок карда, аз устодони шеъри имрӯз маслиҳатҳо гирифт, аз асрори сухан бештар бохабар шуд, дар хусуси интихоби мавзӯъ, тарзи адо ва санъати шеър баҳраҳое бардошт… ӯ бо хоксорию бурдборӣ он ҳама эроди рафиқонро ба инобат гирифта, шеърҳояшро таҳриру такмил карда, нишон дод, ки аз уҳдаи кашидани бори вазнини сухан мебарояд… Мо ҳам ин сарсуханро бо он умед навиштем, ки «Бомдод» барои назми мо рӯзи офтобӣ оварад» [1, с. 3-4].

Маҳфили эҷодкорони ҷавон – «Мушоира» дар кашфи истеъдодҳо дар ҳунари суханӣ, шеърхонӣ ва ровигӣ низ нақши муайяне гузоштааст. Баъзе намоишҳои ин маҳфил махсус ба қироати шеърҳо, ҳикояҳои лирикии адибони тоҷик ва дигар халқҳо бахшида мешуд. Аз ҷумла, дар маҳфиле, ки рӯзи 21 феврали соли 1970 доир гаштааст, шеърҳои С. Айнӣ «Суруди Зафар», А. Лоҳутӣ «Шамшери душман бишканем», М. Турсунзода «Байраҳи Ватан», М. Миршакар «Мактуб ба модар», Ғаффор Мирзо «Посбон ҳушёр бош!» ва Лоиқ «Суруди хайрбод» - ро шогирдони донишгоҳҳо қироат кардаанд [15, с. 90-98]. Дар маҳфили рӯзи 28 марти соли 1970 баргузоргардида бошад, ровиёни шеърҳои С. Айнӣ «Бомдоди баҳорон», М. Турсунзода «Посбони мақбара» ва А. Шукӯҳӣ «Насими анбарафшон» Ширин Бунёд ва Султонмуроди Одина будаанд [14, с. 154, 156-157].

Натиҷаи омӯзиши нозукиҳои шеърхонӣ ва хониши муассир, ба назар гирифтани эродҳои устодон Б. Раҳимзода, Р. Ҳошим, Т. Зеҳнӣ ва дигар коршиносон дар ҳамин маҳфил буд, ки баъдтар аъзои «Мушоира» –шоир Назри Яздонӣ ва гӯянда Абдурашид

Хӯҷамқул барои қироати маҳфили машҳури «Шоҳномахонӣ»-и радиои «Тоҷикистон» ҷалб гардиданд.

ПАЙНАВИШТ

1. Бунёд Ш. Бомдод. Маҷмӯаи шеърҳо / Ш. Бунёд //. -Душанбе: Ирфон. 1982. - 48 с.
2. Бунёд Ш. Шоҳи Тирандоз. Маҷмӯаи шеърҳо / Ш. Бунёд //-Душанбе: Адиб. 1991. - 240с.
3. Қаноат М. Вожаҳои сарнавишт // Назрӣ Р. Ҳафтранг. Душанбе:Адиб. 2002. - 472с.
4. Қувват Ҷ. Нони гандум / Ҷ. Қувват // Садои Шарқ. 1970, № 1. -160с.
5. Қувват Ҷ. Нони гандум . Маҷмӯъаи шеърҳо / Ҷ. Қувват // -Душанбе: Ирфон 1982. -48с.
6. Муратов С. ТВ-эволюция нетерпимости (история и конфликты этических представлений) / С. Муратов // -М. : Логос, 2001. - 238 с.
7. Раҳимзода Б. Дар ҷабҳаи мубориза / Б. Раҳимзода // Ёди устод Лоҳутӣ -Душанбе : Адиб. 1987. – 272 с.
8. Хоҷазод С. Таърихи телевизиони Тоҷикистон / С. Хоҷазод //-Душанбе: Деваштич. 2007. - 288 с.
9. Хӯҷамқулов А. Зи Боқӣ ҳам сухангӯ, ҳам сухан монд / А. Хӯҷамқулов // Омӯзгор. 1990. 5 июн.
10. Ҳошим Р. Суҳбат бо рафиқони ҷавонам / Р. Ҳошим. Сухан аз устодон ва дӯстон // -Душанбе : Ирфон. 1980. - 272 с.
11. Мушоира. 1968, 23 ноябр. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (СБНҲҶТ), фонди 384, номгӯи 6, парвандаи 414. -
12. Мушоира. 1969, 17 май. СБҲҶТ, фонди 384, номгӯи 6, парвандаи 421.
13. Мушоира. 1969, 29 декабр. СБҲҶТ, фонди 384, номгӯи 6, парвандаи 421. -
14. Мушоира. 1970, 28 март. СБҲҶТ, фонди 384, номгӯи 6, парвандаи 436.
15. Мушоира. 1970, 21 феврал. СБҲҶТ, фонди 384, номгӯи 6, парвандаи 434. –
16. Суҳбати муаллифи мақола бо шоир Ҷумъа Қувват. 2018. 20 май

РОЛЬ ТЕЛЕВИЗИОННОГО КЛУБА «МУШОИРА» (ПОЭТИЧЕСКОЕ СОСТЯЗАНИЕ) В ВЫЯВЛЕНИИ ЮНЫХ ТАЛАНТОВ

Телевидение и радио являются не только важным средством политической, экономической и социальной культуры, но и ещё мощным рупором идеологической пропаганды, фактором укрепления гуманитарных связей, повышения уровня нравственности, мировоззрения, национального самосознания и самопознания у нового поколения независимого Таджикистана.

Весом вклад телевидения и радио в дело развития интеллектуального потенциала общества, здоровой общественной мысли, выявлении новых талантов, и представления национальных ценностей. Поэтому всестороннее изучение популярных теле и радиопередач имеет огромное теоретическое и практическое значение. В статье речь идёт именно об одной из таких телепередач, которая регулярно, выходило в эфир с 23 ноября 1968 года по 28 марта 1970 года и велась под названием «Мушоира» на Таджикском телевидении, которая сыграла заметную роль в выявлении новых и обнадёживающих талантов.

Автор в результате исследования архивных материалов, сценариев передач, бесед с их участниками, сравнения оригиналов стихотворений, зачитанных в ходе передач с последующими вариантами, опубликованными в поэтических сборниках молодых авторов, приходит к выводу, что телеклуб «Мушоира», с одной стороны, вдохновляла творческую молодёжь, и представлял широкому кругу зрителей пробы и пера, то с другой стороны, способствовала их воспитанию их становлению, как творческих личностей.

Весьма интересным представляется заключение автора о том, что если проект телепередачи всесторонне разработан и обдуман, отвечает требованиям времени, вкусам зрителей, к тому же если ещё ведущий остроумен и обладает чувством юмора, а приглашенные эксперты демонстрируют свою компетентность, то передача обязательно увенчается успехом.

В ходе исследования автор приходит к выводу, что телекуб «Мушоира» в своё время открыла новые имена и способствовала дальнейшему продвижению по литературной стезе молодых талантов, таких как Абдулхамид Самад, Камол Насрулло, Рахмат Назри, Ширин Бунёд, Назри Яздони, Джума Кувват, Зиё Абдулло и др.

***Ключевые слова**: поэтическое состязание, молодые поэты, талант, поэтическое подражание, поэт, ведущий, архив, микрофонная папка, телевизионный клуб, выявление.*

ROLE OF TELEVISION CLUB «MUSHOIRA» (POETIC COMPETITION) IN IDENTIFICATION OF YOUNG TALENTS

The television and radio are not only important means of political, economic and social culture, but also still a powerful loud-hailer of ideological promotion, a factor of strengthening of humanitarian communications, increases in level of morality, outlook, national consciousness and self-knowledge at new generation of independent Tajikistan.

The contribution of television and radio to development of intellectual potential of society, healthy social thought, identification of new talents, and representation of national values is powerful. Therefore comprehensive study popular a body and broadcasts has huge theoretical and practical value. In article it is about one of such telecasts which it is regular, aired from November 23, 1968 to March 28, 1970, it was conducted under the name "Mushoira" on the Tajik television and which has played a noticeable role in discovery of the new and encouraging talents.

The author as a result of a research of archival materials, scenarios of transfers, conversations with their participants, comparison of originals of the poems read during transfers with the subsequent options published in poetic collections by young authors comes to a conclusion that she Mushoira teleclub if she on the one hand, inspired creative youth, and presented to a wide range of the audience of test of their feather, then on the other hand, promoted their education to their formation as creative persons.

The conclusion of the author that if the draft of the telecast is comprehensively developed and considered, meets the requirements of time, tastes of the audience is submitted very interesting besides if still the leader is witty and has sense of humour, and the invited experts show the competence, then transfer will surely be crowned with success.

During the research the author comes to a conclusion that she a telecube of Mushoir has opened new names in due time and promoted further advance on a literary path of young talents, such as Abdulkhamid Samad, Kamol Nasrullo, Rakhmat Nazri, Shirin Bunyod, Nazri Yazdoni, Dzhuma Kuvvat, Ziyo Abdullo, etc.

Keywords: *poetic competition, young people poet, talent, poetic imitation, poet, leader, archive, microphone folder, television club, identification.*

Сведения об авторе:

Ализода Абдурашид Худжамқул *– Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, дотсент кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон(+992) 900-900- 432.*

About an author:

Alizoda Abdurashid Xudjamkul, *Tajik National University, candidate of philological sciences, associate professor of department of television and broadcast of the faculty of journalism. Address: 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Tel.: (+992) 900-900-432.*

ҚАСИДАҲОИ САЙФИ ИСФАРАНГӢ ВА МАҲОРАТИ МАЪНИОФАРИИ ШОИР ДАР ОНҲО

Раҳматова О.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Сайфи Исфарангӣ (1175/6-1260/1) дар шумори он суханваронест, ки бо эҷоди осори бадеии манзуми саршори маъниҳои тоза, таҷассуми мазмунҳои гуногуни ҳаётӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, зебопарастӣ, мадҳӣ ва гоҳе фалсафӣ мақоми ҳунарии хешро дар навъҳои мухталифи адабӣ, бахусус гуфтани қасида бозтоб намудаву соҳибэҳтиром гардидааст. Қисми асосии ашъори Сайфи Исфарангиро қасида ташкил медиҳад. Дар матни мавриди истифодаи мо 198 қасида, дар маҷмӯъ 7431 байт мавҷуд аст, дар ҳамин асос ба маҳорати маъниофарии мавсуф сухан хоҳем ронд.

Вақте ба маҳорати шоирии ин суханвари асил баҳои илмӣ доданӣ мешавем, бояд иҷмолан ба қасидасароёни пеш аз ӯ, яъне устодонаш дар ҷодаи эҷод ва ҳамзамононаш назар андозем. Ба ин маънӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ дар бораи сабку услуби се тан аз гӯяндагони бузурги назми пештар аз Сайфи Исфарангӣ гузашта, албатта дар қасида; Анварии Абевардӣ, Хоқонии Шервонӣ ва Асириддини Ахсикатӣ андешаронӣ намуда, қайд менамояд, ки ҳар яке аз ин шоирон дар эҷоди худ сабк ва равиши махсус доранд ва бо вуҷуди қасидасаро будан ба якдигарашон монанд нестанд. Дар «Тазкирату-ш-шуаро»-и Давлатшоҳ омадааст: «Арбоби фазл Асирро дар шоирӣ мусаллам медоранд ва баъзеро муддао он аст, ки сухани ӯ бар сухани Хоқониву Анварӣ фазл дорад ва баъзе ин даъворо мусаллам намедоранд. Инсоф он аст, ки ҳар яке аз ин се фозилро шеваест, ки дигарро нест. Асир суханро донишмандона мегӯяд ва Анварӣ салиқаи суханро хубтар риоят мекунад ва Хоқонӣ аз тумтароқи лафз бар ҳама фазл дорад».

Сайфи Исфарангӣ ба ҳунари баланди ин се қасидасаро қоил буд ва онҳоро ҳамчун устоди маънавии худ эътирофу эҳтиром мекард, аз ҷумла, бештар Хоқонии Шервониро, ки гуфтааст:

К-ин тарз нагуфта-ст аз арбоби сухан ҳаргиз
То ғояти аҳди ман кас аз паси Хоқонӣ [2, 467].

Ин ҷо ба он маъност, ки Сайфи Исфарангӣ офаридаҳои худро дар қимат он қадар баланд медонад, ки ҳатто Хоқонии Шервонии устоди маънавияш агар онҳоро мехонд «дурри баҳри шеър»-и ӯро бешубҳа месутуд. Ва ё:

Ҳам ту шиносӣ, ки ман мулки суханро ба ҳақ
Вориси Хоқониям, бастаи Шервон наям [2, 316].

Давлатшоҳи Самарқандӣ поёнтар дар бахши зикри Мавлоно Сайфуддини Исфарангӣ доир ба ҷаззобияти қасидаҳои шоир сухан ронда, ин ишора ва таъкидро дорад: «… дар суханварӣ мартабаи олӣ дорад ва девони ӯ мутаориф аст ва дар маҷлиси Улуғбек-султон девони ӯро доим уламову фузало мутоила карандӣ ва сухани ӯро бар сухани Асируддини Ахсикатӣ тарҷеҳи тамом доданд, аммо ин ҳол мукорибаи азим аст. » [4, 131].

Шоир зимни қасидаҳои худ аз ашъораш, равиши эҷоди бадеияш ҳунари шоириаш, қимати ашъораш, дар мазмуну муҳтаво ва сабку услуби баён аз адибони замонаш пешдаст будани худ, дӯшиза будани табъаш, яъне тозабаёниҳояш маъонии бикру мондгории офаридаҳояш ва ғ. дар чанд маврид ишораҳо ва ҳатто фахрияҳое дорад, ки иқтибос намудани байте аз онҳоро дар ин ҷо бамаврид медонем:

Булбулам, к-аз пардаҳои ғайб месозам наво,
Нестам тӯтӣ, ки дар ҳарфе бувад такрори ман [2, 427].

Дар ин байт Сайфи Исфарангӣ таъкид ба шеваи нигориши худ дорад, ки содаву равону дилнишину гӯшнавоз аст ва навгониҳои он таронаҳониҳои тоза ба тозаи булбулро мемонад.

Сайфи Исфарангӣ дар як қасидаи ба садри давлату дин Садриддини Хуҷандӣ, ки шояд аз табори Оли Хуҷандиёни муқими Эрон будааст, аз шеъри баландмазмуни худ фахр карда мегӯяд:

Бод асар з-ин ду байт туҳфа ба Эрон барад,
Хоки Самарқандро боҷ диҳад Байлақон [2, 372].

Бо ин ки қасоиди шоир аз нигоҳи мазмунсозӣ ва маъниофарӣ дар ҷою мақоми худанду зимни ин боб ба он равшанӣ меандозем, замона шоирпарвар набуд. Шоирони давр, аз ҷумла Сайфи Исфарангӣ, ба дарбори як ҳоким, ё садр, ё муфтӣ, ё қозӣ ва… побанди доимӣ набошанд ҳам, вале аз рӯи тангдастӣ, нодорӣ, бенавоӣ, барои таъмини маишат феодалонро мадҳу ситоиш мекарданд. Касби шеъру шоирӣ дар назди аҳли ҷоҳ қадру қимате надошт, бозори калони шеъри шоирон касодӣ ёфта буд. Бинобар ин шоирон бо сабаби ранҷише маҷбур буданд, ки дар ашъори худ иллатҳои замонаро фош намоянд. Баъзан мадҳияҳояшон бе подош мемонд ва баъзан бо умеди дастгирие қалам

ба даст мегирифтанду коғаз сиёҳ мекарданду подоши ночизе дармеёфтанд. Ҳатто шеъри хуб харидор надошт, ки шоир таъкид мекунад:

Бар сари бозори аҷз аз бехаридорӣ, ки ҳаст,

Ришта-ришта дурру гавҳар мефурӯшам ройгон [2, 361].

Бале, Сайфи Исфарангӣ дар каломаш аз корбурди таркибу ибораҳои шевои «гавҳари маънинигор», «пардаҳои ғайб», «шоири сеҳрофарин», «маонии бикр», «Оби Ҳаёт», «рӯҳи қудс», «тарзи гуфтан», «шаробхонаи нӯш», «дурри маънӣ», «дили маънинигор», «гуҳар суфтан» ва монанди инҳо устокорона истифода намуда, аз ин зовия иқдомот ва тозакориҳояшро дар мазмунсозию маъниофарӣ хеле шоиста ва боиста ба субут мерасонад. Доманаи мавзӯи мазмунсозӣ ва маъниофарӣ дар «Девон»-и шоир, ба хусус қасидаҳои ӯ, вусъати хосаеро дорост, ки дар як мақола маҷмӯи онро фароҳам овардан ғайриимкон аст. Ин ҷо бештар саъй бар он меравад, то мазмунсозӣ ва маъниофарии суханвар ба василаи корбурди калима, таркибу ибора, мусталаҳоти симоофарӣ баррасӣ шавад. Дар ин маворид Сайфи Исфарангӣ бо тамоми майлу рағбат бо истифодаи забони ноби модарӣ аз санъатҳои бадеии маънавию лафзӣ устокорона ва рамузфаҳмона кор мегираду аз такрори андеша ҳамеша худро дар канор нигоҳ медорад. Инро мо пеш аз ҳама дар истифода аз санъати талмеҳ мебинем.

Дар қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ санъати талмеҳ барои мазмунсозӣ ва маъниофарӣ хеле зиёд ва бамаврид истифода гардидааст. Талмеҳоти шоир дар ин жанри шеърӣ аз нигоҳи мавзӯъ ва муҳтаво гуногун буда, дар онҳо қиссаҳои қадимии мардуми Машриқзамин, мавзуъҳои ишқӣ, ҳодисаҳои таърихӣ, қиссаҳои Қуръонӣ, аҳодиси набавӣ, қиссаҳои ошиқонаи мардумӣ ва динӣ, саргузашту лаҳзаҳои ҷолиби сипаришудаи пайғамбарон, асотири мардуми эронитабору арабӣ ва ғайра хеле муъҷаз ва шоирона таҷассуми худро ёфтаанд.

Талмеҳҳоеро, ки Сайфи Исфарангӣ барои мазмунсозӣ ва маъниофарӣ дар қасидаҳояш мавриди истифода қарор додааст, метавон ба гурӯҳҳои зайл таҚсимбандӣ намуд:

1. Бо истифода аз номи ашхоси асотирии мардуми Машриқзамин, бахусус эронитабарон ва ғайри онҳо, мисли Ҷам, Ҷоми Ҷам, Искандар, Симурғ, Сулаймон, Рустам, Фаридун, Заҳҳок, Ҳоруту Морут, Сиёвуш, Суҳроб, Афросиёб, Кова, Юсуф, Лайлӣ, Маҷнун, Фарҳод, Хусрав, Ширин ва дигарон.

Масалан, дар байти зер Сайфи Исфарангӣ аз се қаҳрамони асосии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ; Сиёвуш, Рустам ва Афросиёб ном бурда мегӯяд:

Кини ман аз рӯзгор бозталаб, ҳамчунон-к

Кини **Сиёвуш** хост **Рустам** аз **Афросиёб** [2, 117].

Агар аз байти болоии Сайфи Исфарангӣ маънӣ бардорем ин тавр аст, ки «рӯзгор»-и замони шоир дар зулмпешагӣ Афросиёб аст, «ман»-и шоир Сиёвуш ва Рустам бошад ҳамоно мамдуҳи вай Баҳоуддини Марғинонӣ аст. Байти мазкур ҷанбаи иҷтимоӣ дошта, аз донишу биниши жарфи гӯянда гувоҳӣ медиҳад.

Сайфи Исфарангӣ бо талмеҳан истифода намудани номҳои асотирӣ, монанди Рустам (Коми бозичаи номуси адӯ гир, аз он - к – Даҳшати ҳамлаи Рустам набард саффи куланг), Заҳҳоку Фариддуну Кова (Бар сари Заҳҳок зад теғи Фариддун дирафш – Чун дами Кова бизад беш дар он рӯз дам), қиссаи симурғу Золу Сому Наримон (Мову суханпарварию тарбияти ӯ – Шаҳпари Симурғу Золу Сому Наримон), Юсуф (Ту агар Юсуфи аҳдӣ ба малоҳат, ман низ – Чу Азизам ба ҳунар, чанд кунӣ хор маро?), Искандар (Шабҳо ба бӯи чашмаи нӯши ту меравад – Дар зулмати ҳиҷоб чу Искандар офтоб). Лайлӣ ва Маҷнун (Ҷонро назари ту пойбанд аст – Чун Маҷнунро ҳавои Лайло) бо роҳи мазмунсозӣ барои худ ва шеъри худ маъниҳои тоза кашф намуда, муҳтавои қасидаҳояшро ғанӣ гардонидааст.

2. Бо истифода аз шахсиятҳо ва афсонаву ривоятҳои динӣ, ки таҚозои давру замони суханвар буд ва зиёда аз ин бештари қасидаҳои мадҳии ӯ ба садрҳои вақт бахшида шуда буданд. Сайфи Исфарангӣ дар гуфтаҳояш ишораҳое ба Одаму Ҳавво, Тӯфону Нӯҳ, Дами Исо, Асои Мӯсо, Халил, Яди байзо, дарахти Тӯбо, Оби Зиндагӣ, Муҳаммад (с), Тури Сино, Оташи Намруд, Чашмаи Ҳаёт, Алӣ ибни Абитолиб, Умар (а) дорад, ки дар

мазмунсозию маъниофарӣ аз онҳо моҳирона кор гирифта тавонистааст. Масалан, шоир дар қасидаи ба вазири Муҳаммади Хоразмшоҳ Низомулмулк Муҳаммад Солеҳ бахшидааш ба муносибате аз Исо ва хар ёд карда мегӯяд:

Имрӯз туӣ, ки мешиносӣ
Эъҷози Масеҳ аз дами хар [2, 252].

3. Мазмунсозию маъниофарӣ бо истифода аз тасаввури пешиниёни банӣ-башар роҷеъ ба пайдоиш сохти кайҳону сайёраҳо, ба монанди гови Замину моҳӣ, ки тибқи ишораҳои асотирӣ-мардумӣ гӯё Замин дар болои шохи гов асту гов бар болои моҳӣ. Баҳром ситораи ҷанговар, Зуҳра – мутрибаи фалак, Суҳо – ситора, Ноҳид, Парвин, Уторид, Муштарӣ, бурҷҳои осмонӣ, номи моҳҳои соли ниёгон зимни талмеҳан корбаст намудан аз онҳо. Намуна:

Зарраи хоки Самарқанд аст он, к-аз гавҳараш
Акс бар ойинаи афлок **Парвин** мекунад [2, 210].

Ноҳид ҳамон сайёраи Зуҳра аст, ки онро мутриби фалак номанд ва олиҳаи зебоӣ, суруду рақс ва хушию тараб баршуморанд. Яъне, ин ҷо маънӣ он аст, ки Уторид Ноҳидро дар базми хушии мамдуҳи шоир дида, аз ӯ асрори ҳақиқатро омӯхтааст ва ғ.

4. Бо истифода аз воқеаҳои таърихӣ ва ашхоси таърихӣ, монанди Маҳмуду Аёз, Сабуктегин, Фағфур, Қизил Арслон, Халлоҷ, Ҳасану Ҳусайн ва монанди инҳо. Мисол:

Баҳона ҷилваи бахт аст, гарна ҳоҷат нест
Ҷамоли давлати **Маҳмудро** ба зулфи **Аёз** [2, 270].

5. Бо истифода аз воқеаҳои фарҳангӣ, ном бурдан дар қасидаҳо аз аҳли илму адаб ва осори онҳо, ки Сайфи Исфарангӣ ба эшон таваҷҷуҳ доштаву эҳтирому муҳаббат ба эҷодиёташон доштааст, монанди «Шоҳнома», Абӯалӣ ибни Сино ва асари бегазанди ӯ «Қонун», Хоқонии Шервонӣ, Масъуди Саъди Салмон, Уқлидис, Ҷоланус, Мансури Халлоҷ, Авесто ва дигарон талмеҳан аз онҳо ном бурдану истифода намудан низ ба мазмунсозӣ ва маъниофарии шоир бетаъсир намондааст, мисолҳои зиёди дар қасоиди ӯ ҷойдошта гӯёи андешаанд. Сайфи Исфарангии дар ҳақиқат шоири мазмунсозу маъниофар аз «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ ин бардошти ҷолибро дорад, ки на пешиниён ва на баъдинагони суханвар нисбат ба асари безаволи «донои Тӯс» гуфтаанд. Ӯ мегӯяд:

Мақсуд зи **«Шоҳнома»** шеър аст,
Не ҷанги **Сифандиёру Рустам** [2, 333].

Аз ин байт бармеояд, ки гӯяндаи он қасидаҳояшро на ба хотири мадҳу ситоиши ин ё он мамдуҳ, балки ба хотири шеъри асил суруда будааст. Албатта подоши заҳмати ҳар кас бояд бошад, то гузораи рӯзгор гардаду бори зиндагонии гӯяндаро бардорад.

Суханвари асил аз Масъуди Саъди Салмон ин тавр ёд мекунад ва маънии нозуке месозад:

Маҳмудиву зи чанги аҷал монда хасмро
Масъуди Саъдвор нафас дар ҳисори ной [2, 461].

6. Сайфи Исфарангӣ бо истифода аз номи маконҳои ҷуғрофӣ, ки воқеаҳои асотирӣ ва таърихӣ дар он ҷойҳо рӯй додаанд, монанди Чин, Чину Мочин, Санамхонаи Чин, Ҳиндустону Сарандеб, Бомиён, Тури Сино, Кӯҳи Бесутун, Садди Искандар, роҳи Ҳиҷоз талмеҳан кор гирифта, бар ашъораш маъонии тоза ворид сохтааст. Ин ҷо бо овардани чанд мисол иктифо меварзем ва ин ҳама албатта дар алоқамандӣ бо мамдуҳони шоир аст:

Гар сояи ҳиммати ту рӯзе
Зар андозад ба **Чину Мочин**.
Гардад чу саҳифаи сутурлоб
Ойинаи офтоб пурчин [2, 407].

Чун бештари касидаҳои мадҳии шоир мадҳиянду онҳо дар базмҳои фараҳбахши мамдуҳ хонда мешуданд, мавсуф дар онҳо гоҳе аз пардаҳои «Шашмақом», монанди «Раҳовӣ», «Ушшоқ», «Шаҳноз» ва ғайра ном бурдааст[2, 471].

Шоири қасидасаро аз пурмазмун ва тозагии маънои ашъори худ бо фахр мегӯяд:

Суратнамой ойинасон нестам, аз он-к

Дар табъи ман маонии бикр аст сад ҳазор [2, 245].

Ин «маъонии бикр»-ро Сайфи Исфарангӣ албатта тавассути калимаву таркибу иборот бо истифода аз санъатҳои бадеии маънавию лафзӣ, ки аксарашон зодагони табъи худи ӯянд, рӯйи коғаз оварда, бо ҷилои тоза ба мо мерос гузоштааст. Дар ин маврид санъати **ташбеҳ** дар мазмунсозӣ ва маъниофарии ӯ мавқеъи вижа дорад ва ҳатто дар тамоми шеърҳои ғиноии шоир, истифодаи ташбеҳ барои муайян намудани ҷиҳатҳои гуногуни олами зоҳирию ботинии инсонҳо, нишон додани изтиробу ҳаяҷони қаҳрамонони лирикӣ муҳим мебошад. Ин санъати лирикӣ аз воситаҳои аввалиндараҷаи шеъри ғиноӣ ба шумор меравад.

Бояд гуфт, ки истифодаи ташбеҳ яке аз муҳимтарин хусусиятҳои сабки баёни Сайфи Исфарангӣ ба шумор рафта, тавассути он метавонем ба паҳнои забону услуби шоир назар намоем. Дар ин ташбеҳсозиҳо суханвар аксар аз адоти ташбеҳ, мисли «ҳамчун», «чун», «ҳамчу» «чу», «монанди», «ҳамчунон», «чунин» истифода карда, ки ба мазмунсозӣ ва маъниофарии ӯ бетаъсир набуданду теъдодашон бениҳоят зиёд аст. Масалан, бо истифода аз адоти ташбеҳи «чун» лабро ба субҳ монанд кардан:

Лабаш чун **субҳ** агар хандон намояд,

Чу хотам лаълро дандон намояд [1, 28].

Дар мисолҳои болоӣ **лаб** ба **субҳ**, **боди сабо** ба дасти **арӯсон, ёсамин** ба **Фарҳод** монанд карда шудааанду маънӣ офаридаанд. Ин монандкуниҳо бевосита аз зеҳни гӯяндаи он баромада, зодаи табъи Сайфи Исфарангӣ мебошанд.

Навъи дигар ташбеҳ ин бе ёридиҳандаи ташбеҳ сохтани ташбеҳ аст ва ин навъи ташбеҳро ташбеҳи мавкиб номидаанд. Мисолҳо:

Эй тири фитнае, ки бувад ҳазрати туро

Ходим Зуҳал, сафир Қамар, чодар офтоб. [2, 119]

Тавре аз мисолҳои оварда маълум мешавад, агар як рукни ташбеҳ адоти ташбеҳ бошад, рукни дигар ҳатман ваҷҳи ташбеҳ аст. Агар таври дигар гуфта шавад, ҳамон сифати муштараки ду чиз асоси ташбеҳро ташкил менамояд.

Дар қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ ташбеҳҳои пӯшида ҷой доранд. Дар ин қабил ташбеҳҳои сохтаи шоир монандкунанда ва монандшаванда ҳамчу калимаи муракаб зикр гардида, як ҷузъи он ташбеҳшаванда ва ҷузъи дигараш ташбеҳкунанда аст. Чунин ташбеҳҳои таркибиро дар қасидаҳои суханвар хеле зиёд дучор меоем, монанди «мурассаъкулоҳ», «муламмаъқабо» (Оразу холи турост ходими Руму Ҳабаш – Шоми мурассаъкулоҳ, субҳи муламмаъқабо), «гавҳарнигор» (Омад хаёли дилбару гавҳарнигор шуд…), «гулнигор» (гардани тобуси гулнигори шафақро…), «зардчеҳра» (Гил мехурӣ чу шона аз ин зардчеҳраӣ…), «ҷавзонигор» (Фалак исобаи ҷавзонигор барбандад) ва ғайра, ки дар худ сифатҳои гуногунро таҷассум намуда, забони баёни шоирро равон ва оҳангнокии ашъорашро афзудаанд.

Дар адабиёти мо барои мазмунсозию маъниофарӣ яке аз симоҳои бадеии анъанавӣ «шаъму парвона» аст, ки одатан ба маъшуқаю ошиқ нисбат дода мешавад. Аммо Сайфи Исфарангӣ дар байти зер маъшуқаро ба шамъ ва офтобро ба парвона ташбеҳ дода маънии нав месозад ва мегӯяд:

Шамъест орази ту, парвона офтобаш

Парвонасон чӣ дорӣ чандон дар изтиробаш. [2, 291]

Дар мисраи дувум ёридиҳандаи монандӣ пасояндаи – **сон** ба ташбеҳи шоир, ки дар мисраи аввал аст, қуввати нав бахшидааст.

Сайфи Исфарангӣ дар мазмунсозӣ ва маъниофарӣ дар баробари истифодаи зиёд аз санъатҳои бадеии болоӣ, ки то ҷое ба таври муфассал зикрашон рафт, боз аз санъатҳои бадеии маънавию лафзии дар адабиётамон роиҷ, монанди истиора, муболиға, тавсиф, таззоду муқобила, маҷоз, ташхис, саволу ҷавоб таҷнис, хелҳои саҷъ ва амсоли инҳо устокорона ва моҳирона кор гирифтааст.

Яке аз ин санъатҳои бадеӣ, ки дар қасидаҳои шоир бори маънӣ кашидааст, истиора мебошад. Истиора дар шеър ба маънии орият гирифтани чизе меояд ва дар он «…дар

асоси монандии ду ҳодиса калимае ба худ маънои маҷозӣ мегирад. Яъне истиора ба ташбеҳ хеле наздик аст, дурусттараш ин, ки дар асоси инкишофи минбаъдаи ташбеҳи пӯшида ҳосил шудааст» [3, 83]. Мисол:

Наргиси масти хобро боз кушо ба рӯи гул,

Нағмаи булбулон шунав, хез, ба рақс андар о [2, 61].

Наргис - чашм аст, ки истиора шуда омадааст. Ин гуна мисолҳо зиёданд.

Дар байтҳои иқтибосшуда ба воситаи симоҳои маҷозии «ҳиҷоби шаб», «соқии шаб», «кӯчаҳои уфуқ», «оташи меҳр», «гилеми шаб» гӯянда аз дамидани субҳ башорат додааст. Масалан, «ҳиҷоби шаб» истиора аст, зеро ба ҷои «пардаи торикӣ» омадааст.

Дар мисоли зер Сайфи Исфарангӣ аз санъати ташхис кор гирифта, манзараи лаб кушодани уфуқро таҷасссум месозаду ба уфуқ ҷон мебахшад:

Чун уфуқ аз дами сабо ғунчасифат кушод лаб,

Шуд гули меҳр тоза дар фасли сияҳ шаби баҳор[2, 21].

Дар ин мисол дар барорабри ташхисонидан, яъне ба ҷон даровардани ҷом, ҳамчунон дар мисраи чаҳорум табассуми лаби ҷом ба субҳ ташбеҳ шуда омадааст.

Сайфи Исфарангӣ дар маъниофарӣ аз бозӣ дорондани сухан ва сохтани иғроқ низ бархурдор буд ва эҷодиёти худро бо ин санъати сухан низ оро додааст. Фахриддин Алии Сафӣ дар хусуси як иғроқи дар замони ӯ машҳури Сайф ин ишораи ҷолибро дорад: «… мисоли дигар аз шеъри Сайфи Исфаранг, аз фузало ва шуарои Мовароуннаҳр аст. Вай дар яке аз қасидаҳои худ дар санъати иғроқ байте дорад, ки ҳамаи аҳли ин замон иттифоқ кардааанд, ки он байт баробар аст ба девоне:

Суниши лаъл резад аз парри Хумой дар ҳаво

Гар бибарад зи куштаи лаъли лаби ту устухон [5, 279]!

Чун қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ аксар мадҳиянд, шоир дар онҳо барои баробари васфи болохонадори мамдуҳ дар мазмунсозию маъниофарӣ аз санъати муболиға ва дараҷаи баландтари он иғроқ низ хеле зиёд истифода намуда, ба сухани ноб сухан зам намудааст. Масалан, шоир садри Самарқанд Шамсуддин Тоҳирро бо истифода аз санъати иғроқ чунин васф мекунад:

Ҳамеша то ки раги хуни лаълро хуршед

Ба сӯи чашмаи теғи хаёл бикшояд.

Мисоли садри туро бод он нафоз, ки кӯҳ

Ба пеши ӯ камари имтисол бикшояд [2, 180].

Бояд гуфт, ки ин санъати бадеӣ қасидаҳои суханвари Исфарангиро аз нигоҳи маънӣ аз ҳар ҷиҳат зарифу обдор намудааст ва намунаҳояш ҳам хеле зиёд аст.

Дар қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ вобаста ба мавзӯъу муҳтавоҳояшон ҳамчунон аз санъати бадеии киноя ба қадри лозима истифода гардидааст. Масалан, «шери аҷал» дар ин байти шоир киноя аз марг аст:

Шери аҷал шикори ҳасуди ту мекунад,

Сайдаш ҳалол бод, ки калби муаллам аст [2, 144].

«Нилиқафас», киноя аз осмони кабуд:

Тӯтии шаккарситони нутқ, гӯ, ором гир,

К-андар ин нилиқафас ҳангоми гуфторе намонд [2, 9]

Ҳамчунон дар қасидаҳои шоир калима ва таркибу ибораҳои «Шери фалак», киноя аз офтоб; «болобаланд», киноя аз дилбарони маҳруру саркаш; «остин бар задан», киноя аз кореро ба анҷом расонидан; «Саги дар», киноя аз хизматгори содиқ; «девори ғайрат» киноя аз боварӣ; «дуди дил» киноя аз сӯзу гудоз, ғаму ғусса; «дар гил будани пой» киноя аз побанд будан; «Мисри карам» киноя аз саховатмандӣ; «оташи теғ» киноя аз сӯзиш ва буррандагӣ; «чашмаи равшан» киноя аз офтоб; «лаъл» киноя аз лаб; «лӯлизани сапедафурӯши шаб», киноя аз моҳтоб; «нигорхонаи Чин» киноя аз ҷои сернақшу серсурат; «шердил» киноя аз далер, шуҷоъ; «булбули минбарнишин» киноя аз суханвари тавоно ва ғайра бори маънӣ кашида, шеъри шоирро гӯшнавозу рангин ва дилнишин кардааанд.

Сайфи Исфарангӣ дар қасидаҳояш барои мазмунсозию маъниофарӣ аз санъатҳои бадеӣ хеле бисёр истифода намудааст, ки мисолҳои дар боло овардашуда, кам бошанд ҳам, баёнгари андешаанд.

Барои Сайфи Исфарангӣ санъати бадеии тазоду муқобила низ дар маънисозӣ аз санъатҳои дӯстдошта будааст:

Бас дар шаби дароз, ки ман хун гиристаам,

Дар оташи ҳавои ту то рӯз чун кабоб [1, 21].

Шоир дар маъниофарӣ дар баробари истифода аз санъатҳои бадеии дар шеъри замонаш роиҷ, ҳамчунон бо истифода аз калимаву ибораву таркиботи нав, ки аксар зодаи табъи ӯянд, таҳаввули маънавӣ ва ҳунари шоиронаашро афзудааст. Вай дар ин самти эҷод ба таъбири худаш, «дили маънинигор» ва «шеъри тар» (З-оби азби равони шеъри тарам – Баҳри хушки арӯз Ҷайҳун бод) дорад, ки мақбули ҳамагон аст. Ба ин маънӣ, калимаву таркибу ибораҳои «Симурғи ваҳм», «дарёдил», «суратнамо», «ҷони маънинигор», «заҳри аҷал», «ҷони ширин» ва ғайра табъи гӯяндаро рангин ва каломи ӯро ширину хушгувор намудааанду намоёнгари эҷодкори асил буданаш мебошанд:

Аз лутфи маҷлиси ту кайфиятест зоҳир

Дар **бод** рӯҳбахтӣ, дар **бода** хушгуворӣ [2, 457].

Мақолу зарбулмасалҳо, калимаву таркибҳои зидмаъно ва афоризмҳои дар қасидаҳояш истифодакардаи шоир маснӯӣ набуда, табиияанд ва бардошт аз ҳаёт мебошанд ва дар ҳар маврид ҳақиқати ҳолро баён намудаанд, монанди «мор дар ганҷхона» (Ҳар ҷо ганҷест, қулфи онро – Мифтоҳаш дар даҳони мор аст), «нӯшу неш» (Занбӯр, ки нӯш зодаи ӯст – Аз суҳбати неш сӯгвор аст), «меҳру кин» ва «хавфу рачо» (Ба меҳру кини ту дар асл хилқат ар н-ояд, - Миёни хавфу рачо корзор бархезад), «зӯру зор» (Бар фалак чун назаре нест суи бешаи ӯ – Шерро аз саги ҷаббор чӣ ҷои шаґаб аст). Дар мисоли охир он маъно кушода мегардад, ки зулм метавонад бузургтарин қудратро аз пой афтонад.

Сайфи Исфарангӣ дар баробари ин бо истифода аз калимаҳои ҳаммонанди гуногуншакл (омонимҳо) ҳам аз такрорҳо канорагарӣ кардаасту ҳам таркиби луґавии ашъорашро ґанӣ гардонидааст. Вай дар баробари калимаи **дунё** калимаҳои **ҷаҳон, гетӣ, олам, чарх, пири зол, сипеҳри пир, кайҳон;** калимаи **офтоб** калимаҳои **хуршед, хур, шамс, меҳр;** калимаи **пиёла** калимаҳои **ҷом, қадаҳ, соґар, мино, коса, аёґ**; калимаи **ґам** калимаҳои **андуҳ, кулфат, ґусса, ранҷ, машаққат, заҳмат, меҳнат**; калимаи **чашм** калимаҳои **басар, наргис, дида, назар;** калимаи **хома** калимаҳои **қалам, сарир, килк**; калимаи **душман** калимаҳои **хасм**, **рақиб, адӯ, ҳариф, бадхоҳ** ва ґайраро ба кор мебарад, ки ин калимаҳои синонимӣ дар худ тобишҳои гуногуни маъонӣ доранду онҳо бо тақозои вазн оварда шаванд ҳам, дар навбати сонӣ барои такрор нашудани калима истифода гардидаанд. Барои ин аз қасидаҳои шоир метавон мисолҳои зиёде овард.

Зимни қасидаҳо андешаҳои ҳакимона ва панду ахлоқии шоир дар мазмунсозиву маъниофарӣ мавқеи вижа доранд. Эҷодкоре, ки чандин дарбору даргоҳи шоҳу мансабдорони замонро дидаву худ ґурбати зиёдеро аз сар гузаронидааст, албатта аз каму кост, баду нек, шодию ґам, дорою банда, гармию сардии зиндагии вақт огоҳии тамом дошт ва дидаю шунидаҳояшро низ бамаврид дар қасидаҳояш ҷой додааст:

Ошиқӣ, мафкан сипар аз ҳамлаи ґавґои ҳиҷрон,

Сусттире бошад он, к-ӯ бори пайкон барнадорад [2, 189].

Ниҳоят, таҳқиқу баррасии қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ баёнгари онанд, ки офаридаҳои шоир тавассути корбурди саноеъи бадеӣ, ишорат ба ашхоси асотирию таърихӣ, ёди қиссаву достонҳои пайґамбарон ва ґайра мазмунофариҳое аз худ нишон додаасту он ҳама ба таҳаввули маънавӣ ба ҳунари шоирии суханваранд. Сайфи Исфарангӣ бо истиқбол аз шеваи баён ва устокорона ба кор гирифтани калимаву таркибу ибораҳо ба ґанои каломи мавзун муваффақ шуда, мақом ва ҷойгоҳи хосаи вайро дар қасидасароӣ муайян намудаанд. Зиёда аз ин, дар коргоҳи тахайюл ва андешаҳои маънинигори шоир офаридаю самбулҳои мустаъмали шеъри тоҷикии форсӣ огоҳона истифода шуда бошанд, боз ҳам навҷӯӣ ва навгониҳои ӯ аз ҳунари беназир ва диди баландаш гувоҳӣ медиҳад. Умуман, ҷои таъкид аст, ки мафҳумҳову вожаҳо,

таркибу ибороти шоирона ба ҳадде ба мазмунбандиҳои ӯ коргар омадаанд, ки дар сарорсари қасидаҳояш, агарчи асосан мадҳиянду ба мамдуҳони алоҳида равона карда шудаанд, бӯю таровати маъонии бикр машомҳоро муаттар месозад.

АДАБИЁТ

1. Исфарангӣ, Сайф. Мунтахаби ашъор / Сайфи Исфарангӣ. Тартибдиҳанда ва муаллифи сарсухан Лола Сулаймонова. – Душанбе: Дониш, 1978. – 128 с.
2. Исфарангӣ, Сайф. Девон/ Сайфи Исфарангӣ. Тасҳеҳ ва таҳқиқи дуктур Зубайда Сиддиқӣ. - Мултон, Покистон. Бидуни соли нашр. – 752 с.
3. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. -Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.
4. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкират-уш-шуаро / Давлатшоҳи Самарқандӣ. Таҳияи Мухлиса Нуруллоева. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 544 с.
5. Сафӣ, Фахриддин Алӣ. Латоифу-т-тавоиф. – Теҳрон, 1336. -С. 279.

В статье рассматриваются навыки создания смысла в казидах Сайфи Исфаранги (1175 / 6-1260 / 1). Из речи красноречивого поэта-писателя Мавераннахра видно, что он мог использовать соответствующие слова, выражения, пословицы красивых людей и выразительные средства и стилистические устройства, такие как сравнение (сравнение), метафора, аллюзия, гипербола, повторение, вопрос и ответ и его касиде имеет смысл.

Ключевые слова: *Сайфи Исфаранги, поэт, касида (ода), певица касида, стилистическое устройство, сравнение (сравнение), метафора, аллюзия, гипербола, создание смысла, оригинальные значения, структура, выражение, пословицы, говорящие.*

SAIFI ISFARANGI QASIDAS AND POET'S MEANING CREATION SKILL IN THEM

The article deals with meaning creation skills in Saifi Isfarangi's (1175/6-1260/1) qasidas. It is obvious from the speech of eloquent Maverannakhr poet-writer that he could use appropriate words, expressions, beautiful people's proverbs and expressive means and stylistic devices such as simile (comparison), metaphor, allusion, hyperbole, repetition, question and answer and make his qasidas meaningful.

Keywords: *Saifi Isfarangi, poet, qasida (ode), qasida singer, stylistic device, simile (comparison), metaphor, allusion, hyperbole, meaning creation, original meanings, structure, expression, proverbs, saying.*

Сведения об авторе:

Рахматова Озодахон*, соискатель кафедры классической литературы Худжандского государственного университета им. Б.Гафурова, тел .: +992931605400*

About the author:

Rahmatova Ozodakhon, *researcher in the Classical Literature Chair of Khujand State University named after B.Ghafurov, Tel.: +992931605400*

ДАРУНМОЯ ВА ЗЕБОИШИНОСИИ БАЛОҒИИ СУРУДАҲОИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Мустафо Х.

Донишгоҳ озоди исломии гармсори Эрон

Ба манзури шинохт ва баррасии ҳарчи беҳтари асари ҳунарии ҳар ҳунарманд, қабл аз ҳар чизе донистани вазъи иҷтимоии замони ӯ аҳамияти бисёр дорад. Зеҳнияти ҳар шоири баргирафта ва таъсирёфта аз ҷомеаест, ки дар он нафас мекашад. Дар қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ-қамарӣ Эрон, бавижа Озарбойҷон таҳти нобасомониҳои ношӣ аз ҳамлаи вайронгари Ҷингиз ва хонадони ӯ буд. Камоли Хуҷандӣ мутаваллиди авоили қарни ҳаштум аст. Яъне ҳамаср бо замони поёни султагирии муғулон дар Эрон. Шайх Камол дар тӯли умри тӯлонии худ, шоҳиди даврони ошуфтаи муғулон ва темуриён буда,

ки ҳар се – Озарбойҷонро маркази аслии ҳукумати худ қарор доданд. Дар тайи ин солҳо шоири мутааҳҳид ва жарфандеши мо, бисёре аз тасвирсозиҳои мавҷуд дар ашъорашро бо илҳом аз вазъияти мусибатбори ҳоким бар сари мардуми ситамдидаи Озарбойҷон, халқ намудааст. Забони таънаомез ва риндонаи вай, ки бо вуҷуди ирфонӣ будан ба хубӣ авзои номулоими иҷтимоӣ ва бекифояти кордорони умури ҷомеаро ба тасвир микашад, сабаби зоиши барҷастагиҳои бисёре дар ашъор вай гардидааст.

Шайх Камолиддинмуҳаммад Абӯаҳмади Хуҷандӣ ҳамасри шоирони номдоре чун Саъдии Шерозӣ, Ҳофиз, Аттори Табрезӣ, Маози Табризӣ, Салмони Совачӣ, Қосим Анвор, Имод Фақеҳи Кирмонӣ, Хоҷуи Кирмонӣ ва дигарон будааст. Шайх Камол тарбиятёфтаи мактаби Шайх Зайнуддин Хофӣ аст ва дар маҳзари вай мароҳили тариқатро ба марҳалаи камол расонда ва муридони бисёре дар ҳалқаи вай гардомадааст. Шеъри ирфонии Шайх Камол ба далели пардохтан ба ботин ва дарунумур, мутазаммин нукоти дақиқ ва зариф ва ишороти пухтаи ирфонӣ аст. Камол шоире аст, ки ба забон ва адаби араб ишроф дошта ва иддаои ҳампоягии ӯ бо шоирони тозизабон низ беасос набудааст. Аз ин рӯ истифода аз алфози арабӣ кам корбурди замони вай ва низ ибороти комили арабӣ дар шеъраш малҳуз аст. Бар ин асос, порае аз оёти Қуръон ва аҳодиси авлиё ва бузургони дин ва ҳатто амсол ва ҳукми арабӣ дар қолаби талмеҳ ва гоҳ тазмин низ ба чашм мехӯрд.

Таъсирпазирии вай аз шоирони тавоное чун Саъдӣ, Ҳофиз ва Ҳоқонӣ дар пурмоягӣ ва ғанибудани ашъораш машҳуд аст. Назми муссаҷаъ ва саршор аз санъати адабии ашъори Камол гувоҳи ин муддаост. Ороҳо ва сановоти адабии сухан ӯро аз шакли одӣ мубарро сохта ва қоматашро бо зеварҳои адабӣ оростааст. Аз сӯи дигар, вуфуру таркиботи тоза ва алфози бадеъ низ ташбеҳот ва истиороти бикр, ғаробат мазомин ва таъбирот мояи дилпазирии сухани ӯ гардидааст.

Шоир аз тарафи дигар барои зикри далоили ғами ҳосил аз ишқ ва маъшуқ ва сӯхтагии қалби хеш аз ороиши ҳасана таълили мадад меҷӯяд, илал ва таобири зебоиро дар эроди ин мақсуд баён мекунад, ки гоҳ ба ин иллат ҳинҷорҳои мутадовил забонеро мешиканд ва каломи шигифтангез ва ғариб халқ менамояд. Баҳрагирии Камоли Хуҷандӣ аз ороҳои лафзӣ чун ҷинос ва нағмаи ҳуруфӣ ва ғайра тасовири зебои халқ мекунад, ки намоёнгари ҳунар ва тавони шоирии вай аст. Девони Камоли Хуҷандӣ дафтари арзанда ва саршор аз ҳунару гавҳар ва ба гуфтаи худи шоири чун боғе аз гулҳои маонӣ аст:

Боғест пур аз гули маонӣ,
Девони Камол тозааш дор.
Шеъри дигарон чу хор бастӣ,
Перомуни ӯ ба ҷойи девор.
То сунбулу наргисаш начинанд,
Дуздон кулли риёзӣ ашъор.
(Камоли Хуҷандӣ, с1021)

Мушобеҳати ғазалёти Камол ба Шайхи Аҷалӣ беш аз дигар шоирон буда, бо ин тафовут, ки Саъдӣ аз номардумиҳои рӯзгори худ бо мулоямат сухан ронда, бархилофи шоирони пархошгари қарни ҳаштум аз ҷумла Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ ва Авҳадии Мароғаӣ. Ин шоирон маъмулан бо забони кӯбанда ва пурсалобат, ки дар пӯшиши нарм аз иҳом зиннат ёфта, ба насиҳат ва андарзи каҷандешони рӯзгори хеш пардохтаанд:

Ҳама айби халқ дидан на муруват асту мардӣ,
Назаре ба хештан кун, ки ту ҳам гуноҳ дорӣ
(Саъди1382, ғазали 58, байти 3)

Ҳамчунин Камол аглаб аз иборот ва вожагони Саъдӣ истифода карда, ки аз лиҳози фаннӣ бисёр шабеҳи ғазалёти Саъдӣ аст:

Эй аз биҳишт ҷуз ваюу аз раҳмат ояте,
Ҳакро ба рӯзгори ту бо мо иноятe
(Ҳамон ғазали 531, байти 1)

Бузургтарини ғазалсарои форсӣ, Ҳофиз дар «Девон»-и Камол ҳузури чашмгир дорад. Дар бисёре аз абёти девони Камол бо таркибот ва вожагоне рӯбарӯ ҳастем, ки нохудогоҳ ашъори Ҳофизро ба зеҳн мутабодил месозад. Ҳамчунин вазни арӯз ва зарби оҳанги бархе аз ғазалёти Камол бо Ҳофиз мушобеҳот доранд.

Бар ин асос мавзӯи пажӯҳиш, бо такя бар ашъори девони Камоли Хуҷандӣ, ба гунае мабсуттар бо раҳоёфти таҳлилӣ ва бо бахрагирӣ аз равиши аснодӣ ва китобхонае дар қолаби мақолаи илмию пажӯҳише маврид мадоқа қарор гирифтааст.

1-1. Баёни масъала:

Ҳамон гуна, ки гуфта шуд «Девон»-и Камоли Хуҷандӣ дафтари арзанда ва саршор аз ҳунар, гавҳар ва ба гуфтаи худи шоир чун боғе аз гулҳои маонӣ аст. Шоири нозукхаёл ва борикбаён, барои равшанӣ ва эзоҳи бархе аз мазомини баланд ва жарф аз аносири хаёл ва зеварҳои сухан ҳамчун ташбеҳот ва истиороти бикр, услуб муодила (тамсил) ва ғайраҳоро баҳра бурда, то каломи беҳтар ва содатар ба гӯши дили хонандаи асараш, бинишинад. Аз ин рӯ, нигоранда дар ин таҳқиқ, зимни баррасӣ ва таҳлили дарунмоя ва ҷанбаҳои балоғӣ ва зебоишинохтии сурудаҳои Камоли Хуҷандӣ ба думболи посухгӯӣ ба саволҳои бунёдии зер будааст:

1 -девони ашъори Камоли Хуҷандӣ баъди дарунмоя аз кадом мазомин ва мазиятҳои мӯҳтавоӣ бархудор аст?

2- рӯйкарди Камол дар тааммуқ ва тавсеаи ороёҳо ва сановти адабӣ баъди зебоишиносии балоғӣ чигуна арзёби мешавад?

1-2. ***Зарурат ва аҳамияти таҳқиқ:***

Дар бораи «Девон»-и Камоли Хуҷандӣ то кунун мавзӯоти мутанаввеъ навишта шудааст, аммо аз лиҳози зебоишиносӣ ва баррасии ҳамаҷонибаи дарунмоя дар канори сановти адабӣ ва забоншинохти сурудаҳои ӯ токунун пажӯҳиши ҷомеа сурат нагирифтааст. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки Камоли Хуҷандӣ дар зумраи шоирони тавонои қарни ҳаштум маҳсуб мешавад, ҷойи холии таҳқиқӣ дар ин бора махсус аст.

1-3. ***Пешина таҳқиқ:***

Китобҳо ва мақолотӣ дар бораи Камоли Хуҷандӣ, девони вай, зиндагинома ва баррасии татбиқии шоироне чун Саъдӣ ва Ҳофиз навишта шудааст. Маҷмӯае аз мақолоти Камоли Хуҷандӣ тавассути интишороти Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ ба чоп расидааст, ки шомили мақолоти муртабит ба Камоли Хуҷандӣ то соли 1375 мебошад. Ҳамчунин мақолае дар хусуси китобшиносии ин шоир тавассути Сайидормон Ҳусайни Обёрикӣ тадвин шудааст, ки мақолот ва котибиро, ки муртабит бо Қамоли Хуҷандӣ ҳастанд, дарбар дорад.

2- баҳсу баррасӣ

2-1- забоншиносӣ

2-1-1- ҷанбаи луғавӣ

Мушаххасҳое, ки дар ин қисмат мавриди таъкид мебошад, навъи далолати вожаҳост, масалан вожаҳои ҳиссӣ ҳастанд ё зеҳнӣ, равшан ё тира, ом ё хос, бидуни нишонаанд ё нишондор ва оё шоир аз намод ва ишороти хосе дар вожагони асари адабӣ истифода кардааст ё хайр? бо баррасии лоиҳаи вожагони ашъори Камоли Хуҷандӣ ба рамзи вожаҳои боризи зер даст меёбем:

2-1-1-1- **ишорот хамрия:**

- асомии монанд: шоҳид ва шароб, бодаи ҳалол, май, мудом, соқӣ, офият, маст, алам, меҳнат, хароб, айш, мастона, соғар, ҷом, лаби ҷом, хуморӣ, мутриб.

- сифотӣ ҳамчун: покбоз, тарабангез, сарандоз, фориғдил, хандонлаб, шикастаҳол, бадном, шӯх ва шанг, малул, махмур.

- таркибот ва изофат, ташбеҳӣ ва истиорӣ чун: лашкари ғам, лаби ёр, бодаи ноб, ҷоми ҷафо, шароби равшан, масти оламсӯз, шоҳиди шӯх ва шинг.

- ҳолот ва қуюди ҳамонанд: лаб ниҳодан, лаб бозгирифтан, гарм шудан ва...

2-1-1-2- **ишороти тағаззулӣ.** Вожаҳои монандӣ: фитна, зулф, сунбул, наргис, бут, лаъл, лаъли обдор, занахдон, анбар, сунбул, чашм, наргис, дӯст, душман, дард, ғам, ишқ, нек, бад, мӯнис, вафо, роҳ, рӯҳ, мастур, гул, маҳ, фусун, ранг, ҷанг, нафас, сабо,

суман парварда, ҷонпарвар, боди сабо, машшота, пероя ва мафоҳими ҳамчун хок раҳи дӯст шудан.

2-1-1-3- **ишороти динӣ.** ишороте чун: Каъба, зоҳид, таҷаллии Ҳақ, ҳурӣ, Кавсар, биҳишт, фирдавс ва ҷаҳаннам, тӯбо, ризвон, қиёмат, намоз, қибла, саҷда.

2-1-2-4- **рамзагони ниҳоди сиёсат.** Подшоҳ, хоҷа, ғулом, мӯҳтасиб.

2-2- **дарунмояи ашъори Камол.** Метавон ашъори Камолро аз назари дарунмоя ва мояҳои бунёдии бар пояи мазомини зер тақсим кард:

2-2-1- **мазомини ошиқона**

Ишқ ва дилдодагӣ аз асоситарин мавзӯотест, ки дар ашъори Камоли Хуҷандӣ бо он мувоҷеҳ мешавем. Шоир гоҳ аз хат ва холу чашму абрӯи зебои маъшуқ сухан мегӯяд ва гоҳ аз сӯзу гудоз ва беқарориҳои ошиқона. Ҷое аз рақиб, ки дар пайи маъшуқ даст наёфтани ӯст, гила менамояд ва ҷойи дигар гила аз номулоимот ва ғаддориҳои маъшуқи хеш дорад:

Рақиб сохт ду чашм тирам ба захми кабуд,
Ду даҷла буд равон, чашми ман шуд акнун нил.

(Хуҷандӣ, 1372, ғазали 670, байти 4)

Тавсифоте, ки гоҳ шоир аз маъшуқи худ ироа медиҳад ва ташбеҳоте, ки дар пайи он меофаринад, намоёнгари ҳунармандӣ ва тавонои болои вай аст:

Гулу рухсори ту доранд ба ҳам якрангӣ,
Лаби ширину даҳонат ба шакар ҳамтангӣ.
Ба маломат нашуд аз лавҳи дили он нуқтаи хол,
Ки сиёҳӣ натавон шуст ба об аз зангӣ.
Холҳои сияҳи ту ба занхдон гӯӣ,
Даҳанат кард зи бим тангӣ…

(Ҳамон, ғазали 1057, абёти 1-3)

Ҳамчунин таззоде, ки ба тасвир кашидани чеҳраи маъшуқ аз Камол мебинем худ баёнгари намунае аз борикбинӣ ва зарофати табъии вай аст. Гоҳ ончунон маъшуқи хешро тавсиф менамояд ва худро дар висоли вай наздик меёбад ва гоҳ ваҷҳи дигареро нишон медиҳад ва парда аз маъшуқи сангдили худ бар медорад:

Эй бути сангдил охир суст паймони макун,
Бо мани мискин, ки лоф ишқ маҳкам мезанам.

(Ҳамон, ғазали 103, байти 3)

Камоли Хуҷандӣ шоир ва орифи тавонои қарни ҳаштуми ҳиҷриро бояд ҷузъи шоирони бузурге донист, ки бар хилофи халқи девони комил ва ҷомеъ, натавонист ба он дараҷа аз шуҳрат ва бузургие даст ёбад. Ончи ғазали Камолро нисбат ба шоироне чун Ҳофиз ва Саъдӣ мутамоиз месозад, ғазалҳои ороста ба ташбеҳот ва истиороти бадеъ ва нағз, саноеи бадеӣ, лафзӣ, маънавӣ ва таъбироти нав аст, ки бар хилофи Ҳофиз ва Саъдӣ, ки мазмуни дерёб ва саршор аз иҳом доранд, ғазали вай содафаҳм ва латифтар аст. Ғазалҳои ошиқонаи Камол мамлӯъ аз алфози латифу рақиқ ва эҳсоси ширин ва комилан ороста ва музайян аст.

Бо таҳқиқу пажӯҳиш дар «Девон»-и Камоли Хуҷандӣ дар қисмати баррасии забонӣ, наметавон вежагии хосе барои вожагоне, ки Хуҷандӣ маврид истифода қарор додаст, баён намуд, аксар ин вожагон дастмояи истифодаи бештари шоирони қарни ҳаштум будааст.

Аммо, дар заминаи дарунмоя, Камоли Хуҷандӣ ба хубӣ аз мавзӯоти васеи дар девон баҳра бурдааст, гӯё ба тамоми мавзӯот ишроф доштааст.

Сайтараи дониши Камоли Хуҷандӣ ва ошноии ӯ бо таърих ва фарҳангу адаби форсиву арабӣ дар девонаш машҳӯд аст. Он чи, ки Камолро аз дигар шоирон мутамойиз месозад устоди вай дар истифода аз аносир ва фунун балоғат мебошад. Вай барои халқ асари таъсиргузор ба ҳар яке аз аркони зебосозӣ назм, бо зарофат ва нуктасанҷии тамом такя намудааст ва ба ҷои муносиб ба кор гирифтааст. Аммо шабоҳати сабкӣ ва қаробати андешаи вай бо шоирони бузурге чун Ҳофиз ва Саъдӣ каме аз ҷовидонагии вай мекоҳад.

АДАБИЁТ

1. Эдвард Б. Аз Саъди то Ҷомӣ, тарҷумаи Алиасғар Ҳикмат, чопи дуввум. – Теҳрон, 1339.
2. Ҳофиз, хоҷа Шамсуддин Муҳаммад. девон, чопи чаҳорум, Теҳрон, 1388.
3. Камоли Хуҷандӣ. Девони ашъор, тасҳеҳ ва муқобила: Аҳмад каримӣ, чопи нахуст, Теҳрон, 1372.
4. Баҳоуддин Хуррамшоҳӣ. Ҳофизнома, чопи ҳафтум, Теҳрон, 1375.
5. Шамсуддинмуҳаммад ибни Қайси Розӣ, Алмуъҷам фи маъойири ашъор-ул- алъҷам, Теҳрон.
6. Шайх Муслиҳ ибни Абдуллоҳ Саъдӣ. Девони ғазалёт, ба эҳтимом Халил Раҳбар, Теҳрон, 1382.
7. Ҷалолуддин Ҳумойи. Фунуни балоғат ва саноати адабӣ, Теҳрон, 1373.
8. Роҷер Вебстар. Пешдаромаде бар мутолиаи назарияи адабӣ, тарҷумаи Илоҳа Даҳануӣ, Теҳрон, 1382.
9. Маъсума Маъданкан. Вежагиҳои мумтози шеъри Камол Хуҷандӣ, 1376, номаи фарҳанг, чопи баҳор шумора 9, с55-64.
10. Сайид Муҳаммад Ҳусайнӣ (1377) . Талмеҳ ва иҳом дар шеър Камол Хуҷандӣ, матнпажӯҳии адабӣ, чопи поизи шумораи 5, с. 65-86.

ГЛУБОКИЙ СМЫСЛ И ЭСТЕТИКА В СТИХАХ КАМАЛЯ ХОДЖАНДИ

Вторая половина восьмого века или эпоха Темуридов считается временем персидской литературы и искусства и особенно мистической литературной расцветки. В этот период кульминации и возвышения мы приходим к видным писателям и поэтам, таким как шейх Камол Хаджанди, чья слава была омрачена великими и известными поэтами восьмого века, такими как Хафез Ширази. Камол Ходжанди должен считаться художником-мистиком, который написал о теософии в своем собственном благочестии и целомудренном стиле. Он обучается под руководством Шейха Зейналидина Хафи. Результатом этого красноречивого поэта школы Эраги является полная поэтическая работа, включающая восемь тысяч линий, а также оды и его сонеты. Камол Ходжанди использовал оды в своем аккламации и использовал сонет для выражения таких понятий, как любовь, теософия, проповедь и нерезиденты. Простота и беглость в выражении, учитывая сильные литературные стили в стихах Камаля, позволили читателям его произведений легко понять его стихи и постигнуть глубокое рвение и мистический талант шейха. Сделать свой язык лучше и поэтично для ушей своих читателей, этот дотошный и тактичный поэт прекрасно использовал элементы воображения и красоту языка для освещения некоторых глубоких понятий. Итак, в настоящей статье будут рассмотрены и проанализированы смысл, выразительные аспекты, а также эстетика стихов Камола Ходжанди.

Ключевые слова: *Камол Ходжанди, стихи, глубокий смысл, эстетика*

THE DEEP MEANING AND AESTHETICS IN KAMAL KHOJANDI'S POEMS

The second half of eighth century or Teymouri era is considered as the time of Persian literature and art and especially mystical literature blossom. During this period of climax and elevation, we come to prominent writers and poets such as Sheikh Kamal ALdin Mohammad Abo Ahmad Khajandi, whose fame has been overshadowed by great and famous poets of eighth century such as Shams Aldin Mohammad Hafez Shirazi. Kamal Khojandi Should be considered as an artist mystic who has written about theosophy in his own piety and chastity style. He is trained under the supervision of Shekh Zein Aldin Khafi. The result of this eloquent poet of Eraghi's School is a complete poetical works including eight thousands lines and also odes and his sonnets. Kamal Khojandi has used odes in his acclamation and has used sonnet for expressing concepts such as love, theosophy, sermon and peremptory- educational issues. Simplicity and fluency in expression considering strong literary styles in Kamal's poems has enabled the readers of his works to understand easily his poems and comprehends the deep eagerness and mystical talent of the Sheikh . To make his language better and poetic for the ears of his works readers, this meticulous and tactful poet has used beautifully the elements of imagination and the beauties of language for illuminating some profound concepts . So, in the present article, the meaning, the

expressive aspects and also the aesthetics of Kamal Khojandi's poems will be considered and studies.
Key words: *Kamal Khojandi, poems, deep meaning, esthetics.*

Сведения об авторе:
Мустафо Худоёрӣ *старший преподаватель кафедры язык и литературы, Исламский Университет. E-mail: mkhodayari20@yahoo.com*
About the author:
Mustafo Khudoyori, *senior lecturer of the language and literature departments of the Islamic University. E-mail: mkhodayari20@yahoo.com*

БАҲСИ БАЁН ДАР БАДЕИ МАЪНАВӢ (БАР МАБНОИ "БАДОЕЪУ-С-САНОЕЪ"-И АТОУЛЛОҲ МАҲМУДИ ҲУСАЙНӢ)

Юсуфов У.
Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Чаро илми баён дар бадеи порсии тоҷикӣ маъмул нест? Чаро балоғиёни порсии тоҷикӣ онро ҳамчун илми мустақили балоғат баррасӣ накардаанд? Ин пурсишҳо посухи илмӣ мехоҳанд ва нигоранда саъй намудааст, ки ба онҳо дар доираи тавони худ посух бигӯяд.

Посухи аввал, ин ки Муҳаммад Умари Родуёнӣ бори нахуст дар илми бадеи порсии тоҷикӣ рисолаи "Тарҷумону-л-балоға"-ро дар пайравӣ ба балоғати арабӣ, хусусан китоби "Маҳосину-л-калом"-и Ҳасани Марғинонӣ навишт ва ба ин васила унсури арабӣ ба бадеи мо роҳ ёфт. Ҳар он чи ба забони порсии тоҷикӣ мувофиқ ва писандида уфтод, дар рисолаи худ дарҷ кард, ҳар он чи ба назараш нописандида ва мувофиқ намуд, фурӯ гузошт. Нигоранда, исбот карда буд, ки Муҳаммад Умари Родуёнӣ бунёнгузори "методология (равишшиносӣ)-и бадеи порсӣ" мебошад [13] (мақолаи "Нақши "Тарҷумону-л-балоға дар бадеи порсии тоҷикӣ"). Мувофиқи ин равиш, баъзе аз мабоҳиси илми зотия дар силки саноеъ оварда шуд. Вале бояд ба ин нукта таъкид кард, ки илми балоғати арабӣ дар он замон ҳанӯз ба се илм: маонӣ, баён ва бадеъ ҷудо нашуда буд ва ба ин далел равиши таълифи Родуёнӣ комилан дуруст ва мантиқӣ буд. Дар асоси ин равиш Рашиди Ватвот "Ҳадоиқу-с-сеҳр ва дақоиқи-ш-шеър" ва Шамси Қайси Розӣ "ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъори-л-Аҷам"-ро таълиф карданд. Хусусан, Шамси Қайси Розӣ, ки дар замони ӯ (садаи XIII) илми балоғати арабӣ, аз ҷониби Саккокии Хоразмӣ ба се навъ: илми маонӣ, баён ва бадеъ тақсим шуда буд, ба ду далел: дастрасӣ надоштан ба ин китобҳо ё амдан пайравӣ накардан ба усули нигориши онҳо, ин навгониро сарфи назар кардааст. Ҳатто ин усул дар рисолаи "Бадоеъу-л-афкор фӣ саноеъи-л-ашъор" низ риоят шудааст, ҳарчанд Ҳусайн Воизи Кошифӣ анвои зиёди санъатҳоро ба бадеи порсӣ ворид сохтааст. Ин амал, яъне нодида гирифтани навгониҳои илмӣ, ба ақидаи назариясанҷони муосир Ҷ. Ҳумоӣ, М. Ш. Кадканӣ, С. Шамисо, А. Сатторзода, Х. Шариф ва дигарон яке аз сабабҳои "истоӣ" (мунҷамид) –и бадеи порсии тоҷикӣ гардидааст, ки мо низ ҷонибдори андешаи онҳо ҳастем.

Равише, ки Муҳаммад Умари Родуёнӣ асос гузоштааст, бидуни шак, равиши таълиф дар бадеи порсии тоҷикӣ баргузида шудааст. Аксари бадеънигорони порсии тоҷикӣ чун Тоҷулҳаловӣ, Шарафуддини Ромӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдуқаҳҳор ибни Исҳоқ мутахаллис Шариф, Низомуддин Аҳмад...Саидмаҳмуди Нишот, Ҷамолуддини Ҳумоӣ, Тӯрақул Зеҳнӣ, Муҳаммади Фишоракӣ, Абдунабӣ Сатторзода ва дигарон онро идома дода, мабоҳиси илми баён - ташбеҳу истиора ва киноява маҷозро дохили илми бадеъ ва аз муҳассаноти маънавия баршумурдаанд.

Аз миёни бадеънигорони қадими порсии тоҷикӣ танҳо Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ бархе аз мабоҳиси муҳимми бадеъи маънавиро ҷудо намуда, дар низоми мустақиле баррасӣ кардааст. Нахуст онро ба анвои дувуми муҳассаноти маънавия ҷудо карда, равиши таҳқиқи онро аз ду баҳс иборат медонад. Баҳси аввал "Дар баёни саноее, ки ба иттифоқи фусаҳои араб аз муҳассаноти зотияи каломанд ва шуарои Аҷам онро дар силки саноеъ овардаанд" ном дорад. Он дар хусуси шарҳи санъатҳои ташбеҳ ва навъҳои он, истиорат, тамсил, киноят ва таъриз тахсис ёфтааст.

Чунонки дида мешавад, Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, дар унвони баҳси аввал масъалаҳои мавриди баҳсро, дар асоси назариёти фусаҳои араб ба "муҳассаноти зотияи калом", яъне илми баён баррасӣ карда, ба иборати дигар, бори нахуст дар бадеи порсии тоҷикӣ тафовути онро дарёфта, ба таври ҷудогона ва алоҳида баён намудааст. Ва муҳимтар аз ҳама, далел ва сабаби онро дар "тамҳид" ё дебочаи рисолаи худ ба гунаи илмӣ зикр кардааст, ки аз нигоҳи муҳаққиқони бадеи порсии тоҷикӣ дур мондааст.

Тибқи гуфтаи ӯ зебоиҳои калом ба ду навъ: зотия ва аразия ҷудо мешаванд. Баёни навъи аввалро илми балоғат гӯянд ва онро ба сабаби бисёрии мубоҳиса ду илм сохтаанд: яке илми маонӣ ва дигаре илми баён. Навъи дувумро илми тавобеи балоғат гӯянд ва онро ба сабаби қиллати мубоҳиса нисбат ба илми балоғат як илм сохтаанд, илми бадеъ [12, 12].

Ва далели ба зебоиҳои зотия мутааллиқ будани баҳси баёнро чунин иброз доштааст: "Ва шоирони Аҷам баъзе аз зебоиҳои зотия, ки машҳур, мустаъмал ва мутадовила бувад, мисли ташбеҳ ва истиорату киноят ба зебоиҳои аразия зам кардаанд" [12, 12]. Яъне, ба иллати қиллати баҳси илми баён онро ҳамчун ҷузви илми бадеъ овардаанд.

Аз бадеънигорони муосир Абдулқайюми Қавим (Фунуни адабӣ, баён), Ҷалил Таҷлил (Маонӣ ва баён), Мирҷалолуддини Каззозӣ (Баён), Сируси Шамисо (Баён ва маонӣ), Беҳрӯзи Сарватиён (Фанни баён дар офариниши хаёл), Муҳаммад Алавимуқаддам ва Ризо Ашрафзода (Маонӣ ва баён) дар фанни баён таълифоти ҷудогона нигошта, онро ҳамчун яке аз илмҳои мустақили балоғати порсӣ муаррифӣ намудаанд.

Илми баён, ба қавли маъруфи бадеънигорони қадим "адои маънои воҳид ба туруқи мухталиф" буда, дар хусуси ташбеҳ, истиора, маҷоз ва киноя баҳс мекунад. Аксари бадеънигорони порсӣ мӯътақид бар ин ақида ҳастанд, ки он ҷузви санъатҳои бадеӣ мебошад, вале Сируси Шамисо мегӯяд, ки он "ҷузви зоти адабиёт буда, барои ороиши калом нестанд ва итлоқи санъат бар онҳо саҳеҳ нест" [8, 26].

Мавзӯи илми баён баҳс дар бораи тасвирҳои шоирона мебошад. Мухтассоти усулии илми баён, ки мубтанӣ бар тахайюл аст, метавонад дар ҳар забон вуҷуд дошта бошад. Аз ин рӯ, намунаҳои сареҳи онро метавон дар адабиёти гузаштаи мо, аз қабили суғдӣ, хоразмӣ, паҳлавӣ ва порсии дарӣ дарёфт. Баъзе аз муҳаққиқон "шеваҳои мухталифи адои маънои воҳид"-ро, ки хосси илми баён аст, бо абзорҳои гуногуни нақкошӣ муқоиса карда, ба хулоса омадаанд, ки он "роҳи вуруд ба дунёи адабиёт" аст [7, 15]. Шоирон ба ашёву ҳаводиси олам дигаргуна менигаранд ва дигаргуна сухан мегӯянд. Шоир лафзро ба гунае мавриди корбаст қарор медиҳад, ки ба василаи он маъноро дар ҳайати хаёл баён кунад. Аз ин рӯ, забони шеър ҳувияти мустақил дошта, меъёри баррасии забон бештар ба худ хусусиёти ташбеҳӣ, истиорӣ, маҷозӣ ва киноӣ мегирад. Маҳз ба ҳамин хотир, Сируси Шамисо илми баёнро "дастури забони адабиёт" номидааст [7, 17].

Одатан, бахши нахусти илми баён дар ағлаби рисоили бадеи порсии тоҷикӣ, аз ҷумла дар рисолаи БС **ташбеҳ** мебошад.

Ташбеҳ, ба қавли ӯ, иборат аст аз монанд кардани чизе ба чизе дар васфе. Ва он чиз, ки ӯро ташбеҳ кунанд, мушаббаҳ гӯянд ва онро, ки ташбеҳ ба ӯ кунанд мушаббаҳу биҳи хонанд ва он васфро ваҷҳи шабаҳ" [11, 149]. Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ дар пайравӣ аз равиши бадеиёни порсӣ ташбеҳро бар ҳафт қисм ҷудо карда, аз ҷумла дар хусуси ташбеҳи акс мефармояд: "Он аст, ки чизеро ба чизе монанд кунанд ва боз акс кунанду дувумро ба аввал ташбеҳ кунанд" [12, 152]. Ва аз қавли Рашиди Ватвот ёдовар мешавад, ки "Дар санъати ташбеҳ некӯтар ва писандидатар он бошад, ки агар акс карда шавад ва

мушаббаҳ ба мушаббаҳун биҳи монанд карда ояд, сухан дуруст ва маънӣ рост ва некӯ, чун ташбеҳи “ҳилол” ба наъл” ва ташбеҳи “наъл” ба “ҳилол” ва ташбеҳи “зулф” ба “шаб” ва ташбеҳи ҳам ба “зулф” некӯ бувад” [1, 271; 12, 155].

Ғолибан мақсуди ӯ аз некӯтар ё аҳсан он аст, ки дар ваҷҳи ташбеҳ тафовут миёни мушаббаҳ ва мушаббаҳ биҳи фоҳиш набошад, чунонки дар қуввату шуҷоат ташбеҳ кунанд рӯбоҳро ба шер, ки акси ин ташбеҳро ҳеч кас намеписандад. Лекин дурустии сухани Рашид ба ин нукта асос дорад, ки чун “ғайриакмал бо азҳарро ташбеҳкунанда гардонанд аз барои муболиға иддао акмалият ё азҳарияти ӯ кунанд. Вагарна чун аз камоли ҳусни ташбеҳ тавон дошт онро, ки ғайри акмал ё азҳарро мушаббаҳ биҳи созанд ва акмал ё азҳарро мушаббаҳ, ҳарчанд ки тафовути фоҳиш набошад” [12, 155].

Аммо аксари бадеиён бар ин бовaранд, ки ташбеҳи некӯ ва писандида ташбеҳи музмар мебошад.

Чунонки Р. Мусулмонқулов ақида дорад, ки Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ навъҳои ташбеҳро ҷудогона баён карда, таърифот ва шавоҳиди Шамси Қайс ва Рашиди Ватвотро қисман, бодиққат ва аз лиҳози касбӣ баррасӣ кардааст [3, 63], ки то андозае нодуруст мебошад. Агар назариёти соҳиби БС-ро дар ин замина аз нигоҳи имрӯзӣ арзёбӣ бикунем, он дар сатҳи ибтидоӣ қарор дошта, ҷанбаҳои гуногун ва доманадори баҳси ташбеҳро, хусусан ташбеҳ ба эътибори тарафайн (ҳиссӣ, ақлӣ,) хаёлӣ ва ваҳмӣ, муфрад, муқайяд, мураккаб, ваҷҳи шабаҳи таҳқиқӣ ва тахайилӣ, ташбеҳи тамсил, ташбеҳи машрут, ташбеҳи муҷмал ва муфассал, изофаи ташбеҳӣ, аҳрози ташбеҳ ба лиҳози шакл (ташбеҳи малфуф, ташбеҳи мафрук, ташбеҳи ҷамъ) фаро нагирифтааст.

Ҳарчанд дар садаи XV дар қаламрави Фарорӯду Эрон дар мадрасаҳо аз рӯи рисолаҳои Саккокии Хоразмӣ, Ҷоруллоҳи Замахшарӣ, Тафтозонӣ, Қутбуддини Шерозӣ, ки Атоуллоҳ онҳоро ҳамчун сарчашмаҳои рисолаи худ муаррифӣ карда, таълим мегирифтанд, ки дар онҳо аҳрози илми баён муфассал баён шуда буд. Вале соҳиби БС сабаби дарҷ накардани афкори онҳоро дар оғози баҳси ташбеҳ чунин иброз кардааст, ки “дар ин навъ фикрҳои донишмандони араб нақл карда нахоҳад шуд. Ва иктифо ба қавли шуарои Аҷам карда хоҳад шуд” [12, 149]. Ин нукта, ба назари мо, ду ҷанба дорад: *ҷанбаи нахуст* он аст, ки Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ ба қавли худаш тибқи назариёти “тариқи шуарои Аҷам” амал карда, ба суннатҳои адабии гузаштагон, ки Родуёнӣ, Рашиди Ватвот ва Шамси Қайс поягузорӣ намудаанд, арҷ гузоштааст. *Ҷанбаи дувум*, он ки бадеиёни порсии тоҷикӣ, аз ҷумла Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ ҳар нуктаи муҳимме, ки дар доираи забони порсии тоҷикӣ мегунҷад, интихоб карда, баъдан вориди илми баён сохтаанд. Аз ин манзар, миёни илми баёни арабӣ ва порсии тоҷикӣ тафовутҳои сохторӣ, маъноӣ ва истилоҳии зиёде мавҷуданд, ки дар оянда ба таҳқиқи онҳо хоҳем пардохт.

Санъати ташбеҳ аз ҷумлаи умдатарин ва роиҷтарин василаҳои тасвири ҳунарӣ дар адабиёт мебошад. Адибон аз ташбеҳ ва навъҳои гуногуни он, -менависад А. Сатторзода, - ба хотири барҷаста намудани маънӣ, равшанӣ андохтан ба маънӣ, мушаххас сохтани симое, тасвире, чизе ва унсуре истифода кардаанд [6, 101].

Истиора аз ҷумлаи машҳуртарин муҳассаноти калом буда, дар ҳама забонҳо шоеъ аст. Он дар назариёти Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ навъе аз маҷоз мебошад. Ӯ мегӯяд, ки “маҷоз бар анвоъ” аст, вале мутаассифона аз онҳо ёд намекунад. Гузашта аз ин, ӯ мулоҳизаи Рашиди Ватвотро дар хусуси он ки “ ҷамеи анвои маҷозро истиорат ном карда” нодуруст меҳисобад ва онро аз ғалатҳои машҳур ё хилофи урф медонад [12, 156].

Соҳиби БС дар оғози матлаби худ дар бораи “маҷоз ва ҳақиқат” баҳси кӯтоҳе кардааст, ки баъдҳо доманаи он вусъат ёфта, мавриди таваҷҷӯҳи бадеънигорон қарор гирифтааст. Ончи онро истиорат гӯянд, он аст, ки маҷоз ба алоқаи мушобиҳат бошад миёни мавзӯъ ва маънӣ, ки мурод аст, чунонки дар лафзи “шер” ва маънии “марди далер” [12, 156].

Моҳияти истиора ва ташбеҳ як ҳастанд. Агар аз вуҷӯҳи ташбеҳ (мушаббаҳ, ваҷҳи шабаҳ ва адоти ташбеҳ) танҳо мушаббаҳ биҳи боқӣ монад, онро низ истиора гӯянд. Ҷалолуддини Ҳумоӣ онро ба ингуна ташреҳ додааст: “яке аз ду тарафи ташбеҳро зикр ва тарафи дигарро ирода карда бошанд” [11, 250]. Фарқи истиора аз ташбеҳ он аст, ки

агар дар ташбеҳ мушаббаҳ ва мушаббаҳ биҳи ҳар ду зикр шавад дар истиора танҳо мустаорун минҳу бо алоқаи мушобиҳат ё қарина меояд.

Соҳиби БС хитоб ба ғайри инсон, монанди ҳайвонот, набототу ҷамодот ва мунозирае, ки шуаро миёни эшон гӯянд, чун мунозираи теғу қалам, рӯзу шаб ва шамъу гулро аз қабили истиорат донистааст. Шамси Қайс онро ба санъати маҷоз марбут медонад [5, 366], вале Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ дар ин бахш аз санъати маҷоз, ки ҷузви муҳим ва таркибии бахши илми баён мебошад, сарфи назар кардааст .

Маълум нест, ки ба кадом иллат Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ аз истилоҳоти марбути истиора ва анвои он, аз қабили мустаорун лаҳу, мустаорун минҳу, қарина (лафзию маънавӣ ё ҳолию мақолӣ), алоқаи маҷози мурсал ва истиора, аксоми истиора (таҳқиқия ё мусарраҳа [мусарраҳаи мутлақа, мусарраҳаи мушарраҳа, мусарраҳаи муҷаррада], билкиноя ё макния, тахйилия [макнияи тахлйилия], мурашшаҳа, табаия (феълӣ), қариб, баид, вифоқия, инодия ва истиораи мураккаб лаб фурӯ бастааст.

Дар ташбеҳ “иддаои шабоҳат” ва дар истиора “иддаои яксонӣ” аз хусусиёти зотии онҳо ба шумор мераванд.

Абдулқайюми Қавим истиорaро “ташбеҳи мухтасар” [10, 101] ва Сируси Шамисо аз қавли фарангиҳо “ташбеҳи фишурда” [7, 57] номидаанд. Ба назари ин ҷониб, истиора забонро эъҷоз бахшад ва шеърро зевар бошад.

Атоуллоҳ Ҳусайнӣ **тамсил**ро ҳамчун санъати алоҳида муаррифӣ кардааст, ки саҳеҳ нест. Ӯ миёни тамсил ва истиораи муҷаррад тафовут гузошта, аввалиро хуштар гуфтааст [12, 157]. Он яке аз навъҳои истиора буда, баъдан истиораи тамсилӣ номида шудааст. Абдунабӣ Сатторзода бо истинод ба “Маҷмаъуссаноеъ”-и Низомуддин Аҳмад истиораи тамсилиро аз ҷумлаи маҷози мураккаб бо истиора баршумурдааст [6, 105].

Аз бадеънигорони муосир Сируси Шамисо навъҳои адабии тамсил ва устураро ба бахши истиорагунаҳо дохил кардааст, ки мақбул нест.

Таърифи киноя дар рисолаи Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ ноқис ва муғлақ баён шудааст: “Он аст, ки аз маъние аз маонӣ таъбир кунанд ба лафзе, ки мавзеъ аст аз барои лозим ва тобеи ӯ бар ваҷҳе, ки агар иродаи мавзеъ аз лафз кунанд, раво бошад”. Таърифи нисбатан дақиқ ва комили маҷоз ба қалами Ҷалолуддини Ҳумоӣ мансуб аст: “Киноя дар луғат ба маънии пӯшида сухан гуфтан аст ва дар истилоҳ суханест, ки дорои маънии қарибу баид бошад ва ин ду маънӣ лозиму малзуми якдигар бошанд, пас гӯянда он ҷумларо чунон таркиб кунад ва ба кор барад, ки зеҳни шунаванда аз маънии наздик ба маънии дур мунтақил гардад” [11, 255-256]. Ва мисолҳоеро, ки низ шоҳид овардааст, ба меъёру маҳаки таърифи киноя мутобиқат надоранд. Вале дар баробари ин, ба як нуктаи муҳим ишора мекунад, ки дар рисолаҳои пешини бадеи порсии тоҷикӣ дида намешавад: “аксар истеъмоли таъриз дар забони порсӣ дар изо ва гоҳе дар ғайри он мебошад. Чунонки вақте бихоҳӣ касеро бахил бошад, изо ва сарзаниш бикунӣ, хитоб ба дигаре бикунӣ ва гӯӣ:

Туро чун азиз аст зар ҳамчу ҷон,

Чӣ сон барканӣ оқибат дил аз он?» [12, 158; 6, 170].

Соҳиби БС таъризро ҳамчун санъати мустақил баррасӣ мекунад ва бо итминони қавӣ фарқи онро аз маҷоз ва киноят муайян месозад. Мувофиқи гуфтаи Атоуллоҳ “таъриз он аст, ки лафзе маъние қасд кунанд ба тариқи ишорат ва сиёқи иборат бе он ки лафзеро дар он маънӣ ва истеъмол кунанд. Пас, маънии таъриз мадлули лафз аз рӯи ишорат ва савқи иборат бошад, на аз рӯи истеъмоли лафз дар он” [12, 168].

Баъд аз ишора дар бораи он ки таъриз дар бадеи порсии тоҷикӣ асосан барои истифодаи маъноии ғайриҳақиқии калом барои баёни матлабе корбаст мегардад, муаллиф таъкид мекунад: “Ва аз баёни маънии таъриз муҳаққақ шуд, ки таъриз на маҷоз аст, на киноят ба ҷиҳати он ки дар маҷоз лафз мустаъмал аст дар маънии маҷозӣ; ва дар киноят дар маънии киноятӣ. Ва дар таъриз лафз дар маънии таъризӣ мустаъмал нест, балки дар маънии дигар мустаъмал аст ва ишорат аст ба маънии таъризӣ” [12, 158; 3, 64-65].

Баҳси дуюмро муаллиф “Дар баёни он чи фусаҳои араб онро дар муҳассаноти калом эътибор накардаанд ва номе наниҳода ва шуарои Аҷам аз он ҷумла

шумурдаанд”, тахсис додааст. Ин фасл санъатҳои тааҷҷуб, сеҳри ҳалол ва таърихро фаро мегирад. Чунончи, аз унвони ин фасл бармеояд ва муаллиф онро махсус зикр мекунад, ки фусаҳои араб онро дар муҳассаноти калом эътибор накардаанд, бад-ин далел, ки дар бадеи арабӣ он вуҷуд надорад. Ин санъатҳо, ки Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, ба таври мустақил ва алоҳида овардааст, махсуси бадеи порсии тоҷикӣ мебошанд. Ба иборати дигар, онҳоро бадеънигорони порсии тоҷикӣ вазъ кардаанд. Бояд гуфт, ки бадеънигорони порсӣ санъатҳои зиёдеро, аз қабили иҳом, суолу ҷавоб, дурӯ.... . ибдоъ карда, вале ба сабаби он ки зери таъсири бадеъ ё умуман балоғати арабӣ монда буданд, ибтикороти худро низ бо истилоҳоти арабӣ баён мекарданд. Ин навгониҳо дар навъҳои адабӣ (маснавӣ, рубоӣ, фард, дубайтӣ, тарҷеъбанд), арӯз (баҳрҳои махсуси порсии тоҷикӣ ва вазнҳои нав) низ ба назар мерасанд, ки дар боби “Навгониҳо ва ибдооти балоғиёни порсии тоҷикӣ” баён хоҳем кард. Масалан, санъати тааҷҷубро бори нахуст Родуёнӣ дар рисолаи худ оварда, ки аз мухтареоти ӯст. Родуёнӣ дар таърифи ин санъат менависад: “... шоир суханро аз маҳалли ошнои чунин нафй кунад ва ба маҳалли бегона собит кунад, ё чизеро кам кунад, ба ҷое, ки он ҷой бад-он чиз маъруф бувад ва мавҷуд ва ба ҷойгоҳи мухолиф наёяд ё чизеро бе сабаб собит кунад ва монанди ин бар сабили тааҷҷуб бувад” [4, 60]. Пас аз ӯ, Рашиди Ватвот [1, 704], Ҳусайн Воизи Кошифӣ [9, 103] ва Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ дар бораи ин санъат таърифи мухтасар медиҳанд. Аз ҷумла, дар БС навишта шудааст, ки тааҷҷуб – он аст, ки дар калом аз чизе ҳайрат ва шигифт намоянд” [12, 159; 3, 65].

Санъати дувуме, ки дар ин бахш зикраш рафтааст, сеҳри ҳалол мебошад. Бояд ба ин нукта таъкид кард, ки дар такя ба навиштаи М. Каззозӣ дар муқаддимаи “Бадоеъу-л-афкор фӣ саноеъи-л-ашъор” ин ҷониб санъати сеҳри ҳалолро аз ибдооти Ҳусайн Воизи Кошифӣ дониста буд [14, дастнавис]. Бад-ин далел, ки “Бадоеъу-л-афкор фӣ саноеъи-л-ашъор” нисбат ба “Бадоеъу-с-саноеъ”-и Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ пештар таълиф шудааст.

Сеҳри ҳалол, бинобар навиштаи Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, он аст, ки дар калом лафзе биёранд, ки ба ҳар яке аз собиқ ва лоҳиқи худ мутааллиқ тавонад буд. Монанди лафзи “дигар” ва лафзи “аз ғуссаву ғам” дар байти охири рубоӣ:

Ҳамчун мани бетолеъ, нодида мурод,
Меҳнатзада нозода аз гетӣ бод!
Эй шоҳ, ба ҷон расида карам дигар,
Аз ғуссаву ғам, фиғон, ки ҷон хоҳам дод” [12, 159].

Ин таърифро Р. Мусулмонқулов кӯтоҳ ва мушаххас арзёбӣ кардааст [3, 65].

“Таърих” ҳамчун санъати бадеӣ бори нахуст дар БС ба мушоҳида мерасад, ки таърифи он ба қарори зер аст: “Он аст, ки дар нақли амре лафзеро, ки ба ҷиҳати ҳарфҳои мактуби аз рӯи ҳисоби ҷумал (абҷад-У. Ю) мувофиқи таърихи он бошад, таърихи он созанд. Ва ҳусни ин амал ба он аст, ки он лафз муносиб бошад” [12, 159; 3, 65). Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ камоли ҳусни санъатро ба ду ваҷҳ медонад: Яке, таркиби таърих тавил набошад ва ҳисоби он саҳл бошад ва дувум, хусусияти вақт аз он зоҳир гардад. Агар ин ду ваҷҳ дар шеър биёяд он ҷомеъ ва акмал бувад [12, 160]. А. Сатторзода онро дар бахши истилоҳоти шеърӣ ҷой додааст [6, 248-250].

Агар ба масири таърихии рушду таҳаввули балоғат, бахусус бадеи порсии тоҷикӣ чашмандозе намоем, мебинем, ки аз оғоз то садаи XV илми бадеъ ҳанӯз дар ваҷҳи сода ва ибтидоӣ қарор доштааст. Мусаллам аст, ки дар сабки нигориши Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ дар бадеи порсии тоҷикӣ бори аввал нишонаҳои равиши илмӣ риоят шудааст. Ваҷҳи муҳимми ин рисола дар он мебошад, ки муаллиф бо дарки зариф илми баёнро дар охири илми бадеъ ба гунаи мустақил ҷой додааст. Дар ин асос, Соҳиби БС-ро дар баробари он ки бори нахуст низоми саноеи бадеиро дар бадеи порсии тоҷикӣ ба се қисм: лафзӣ, маънавӣ ва муштарак ворид сохт, метавон бо ҷуръат поягузори илми бадеи порсии тоҷикӣ номид.

АДАБИЁТ

1. Ватвот Рашид. Ҳадоиқус-с-сеҳр фӣ дақоиқи-ш-шеър.
2. Кошифӣ Ҳусайн Воиз Камолуддин. Бадоеъу-л-афкор фӣ саноеъи-л-ашъор. Бо муқаддима ва саъй ва феҳристҳои Р. Мусулмонқулов. –Москва: Наука. 1977. -246 с.

3. Мусульманкулов Р. Персидско-таджикская классическая поэтика X-XV вв. –Москва: Наука, 1989. -240 с.
4. Родуёнӣ Муҳаммад Умар. Тарҷумону-л-балоға. Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми профессор Аҳмад Оташ. –Теҳрон: Асотир. 1362. – 290 с.
5. Розӣ Шамси Қайс. Ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъори-л-аҷам. Тасҳеҳи Сируси Шамисо. – Теҳрон: Илм, 1388. -640 с.
6. Сатторзода А. Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ (дар заминаи навиштаҳои пешиниён ва имрӯзиён). –Душанбе: Адиб, 2011. -380 с.
7. Шамисо С. Баён ва маонӣ. –Теҳрон: Фирдавс, 1374. – 256 с.
8. Шамисо С. Нигоҳе тоза ба бадеъ. –Теҳрон: Митро, 1383. Вироиши севум. – 208 с.
9. Кошифӣ Ҳусайн Воиз Камуолуддин. Бадоеъу-л-афкор фӣ саноеъи-л-ашъор. Виростаи ва гузоридаи Мирчалолуддини Каззозӣ. –Теҳрон: Нашри марказ. 1369. -387
10. Қавим Абдуқайюм. Фунуни адабӣ, Баён. –Кобул. 1361.
11. Ҳумоӣ Ҷалолуддин. Фунуни балоғат ва синоати адабӣ. –Теҳрон: нашри Ҳумо, 1367. 2 ҷилд. – 448 с.
12. Ҳусайнӣ Атоуллоҳ Маҳмуд. Бадоеъ-ус-саноеъ. –Душанбе: Ирфон, 1974. - 222 с.
13. Юсуфов У. Нақши «Тарҷумону-л-балоға»-и Родуёнӣ дар ташаккули илми бадеи порсии тоҷикӣ.
14. Юсуфов У. “Бадоеъу-л-афкор”-и Кошифӣ ва рушди назариёти адабӣ дар садаи XV. Паёми донишгоҳ. Хуҷанд (зери чоп).

ОБСУЖДЕНИЕ ДУХОВНОСТИ В ПОЭТИЧЕСКОМ РЕЧИ (НА ОСНОВЕ «БАДОЕЪУ-С-САНОЕЪ» АТОУЛЛОХИ МАХМУДИ ХУСАЙНИ)

Бывшие таджикско-персидские литературные критики связывают истоки поэтической речи с красноречием / риторикой. В этом отношении этот феномен имеет особое значение, и его исследование изложено в моральной части. Атоллоха Махмуд Хусейни признает причину этого - отсутствие и небольшое количество научных споров. Автор этой статьи, основанный на презентации Атоллоха Махмуди Хусейни, пытается отделить взгляды таджикско-персидских литературоведов, изолируя происхождение риторики / стилистики поэтической речи и доказывая их причины и недостатки с использованием научного подхода.

***Ключевые слова**: наука, метафора, аллегория, аллегория, секри-ореол, история, Бадоеъу-с-саноеъ, Атоллоха Маумуди.*

DISCUSSION OF SPIRITUALITY IN POETIC SPEECH (BASED ON "BADOE'U AL-SANOE" BY ATOULLOHI MAHMUDI HUSAINI)

The former Tajik-Persian literary critics attribute the origin of poetic speech to eloquence / rhetoric. In this regard, this phenomenon is given special importance and its study is outlined in the moral part. Atoulloh Mahmoud Husseini acknowledges the reason for this - the absence and a small number of scientific disputes. The author of this article, based on the presentation of Atolloch Mahmoudi Husseini, tries to separate the views of Tajik-Persian literary scholars by isolating the origin of the rhetoric / stylistics of poetic speech, and proving their causes and shortcomings using a scientific approach.

***Key words**: science, metaphor, allegory, allegory, seqri halol, history, Badoeu-s-sanoy, Atoullo Maumudi Hauseini.*

Сведения об аторе:

***Умриддин Юсуфов**, докторант Института языка и литературы имени Рудаки, Академия наук Республики Таджикистана. email:nushin74@mail.ru; tel: 992 919 04 55 75*

About the author:

***Umriddin Yusufov**, Doctoral candidate of the Institute of Language and Literature named after Rudaki, Academy of Sciences of Tajikistan; tel: 992 919 04 55 75; email:nushin74@mail.ru*

УДК 82-1/-9

ОТРАЖЕНИЕ ПРОСВЕТИТЕЛЬСКИХ ИДЕЙ В ВОСТОЧНЫХ ПОВЕСТЯХ И. А. КРЫЛОВА

Муллоев Ш. Б.
Российско – Таджикский (Славянскоий) университет
Галимова М.
Таджикский государственный институт культуры и искусств им. М. Турсунзаде

Если бы трагическая случайность оборвала жизнь Ивана Андреевича Крылова (1769—1844) до того момента, как он стал знаменитым русским баснописцем, его имя и тогда вошло бы в историю мировой культуры, заняв почетное место среди крупнейших писателей, предшественников А. С. Пушкина. Творчество Крылова неразрывно связано с традициями русского Просвещения XVIII в., с художественными достижениями Новикова, Фонвизина, Державина, Радищева.

Трудно переоценить роль тесного общения Крылова на почве творческих поисков с такими видными его современниками, как И. Г. Рахманинов, французские философы и просветители Вольтер и Мерсье, актер и писатель И. А. Дмитревский, «товарищи» по типографии и общим интересам П. А. Плавильщиков и А. И. Клушин.

Характерной чертой личности Крылова всегда являлась необычайная активность восприятия современной ему литературной жизни. Он вступает в литературу, когда новые романтические тенденции сталкиваются с доживающим свой век классицизмом. С другой стороны, тогда же активно пробивает себе дорогу новое литературное направление – сентиментализм, возглавляемое И. И. Дмитриевым и Н. М. Карамзиным. В обстановке сложного сосуществования и борьбы разных литературных школ и направлений Крылов выделяется подчеркнутой независимостью собственной литературной позиции. Он не примыкает ни к одному литературному направлению.

Однако Крылов по-своему откликался практически на все основные животрепещущие проблемы жизни, «используя художественный опыт не только своих единомышленников, но и литературных противников: И. И. Дмитриева и Н. М. Карамзина. Самобытный талант Крылова вырастает на основе усвоения традиций русской просветительской сатиры, прежде всего сатиры Новикова и Фонвизина» [2, с. 190].

В то же время Крылов остро чувствовал, как далека от реальной действительности современная ему литература, какое резкое несоответствие обнаруживается между настоящей жизнью и вымышленным, условным миром, миром, существующим только в воображении писателей. Поступки и речи большинства персонажей крыловских произведений, будь то прозаическое произведение или басня, имеющие свою логику, оказываются смешны и нелепы с точки зрения здравого смысла. События предстают, таким образом, одновременно в нескольких ракурсах: все зависит от того, чьими глазами на них смотреть. Гиперболизируя то, что достойно осмеяния, Крылов стремится отвратить читателя и зрителя от ложных и предвзятых мнений.

Свою просветительскую программу писатель осуществляет и в прозаических жанрах, к которым он обращается в конце 1780-х гг. и как переводчик, и как оригинальный автор. Первыми выступлениями Крылова-прозаика исследователи считают сатирические этюды, опубликованные в журнале «Утренние часы» (1788): «Роднябар», «Модные торговки», письмо к издателю с описанием приемной знатного барина. Темы и образы этих этюдов непосредственно соотносятся с отдельными главами крыловского журнала «Почта духов» (1789). Это были преимущественно литературные журналы. Однако и в литературной форме передовой журналист того времени Крылов сумел осветить ряд острых социальных проблем, в частности - критиковал дворянское сословие. Под видом переписки духов, гномов и других фантастических существ потустороннего мира он критиковал самодержавие, крепостной строй, дикость и жестокость дворян-помещиков, взяточничество чиновников.

В «Почте духов» просветительские идеи Крылова выражены через актуализацию проблемы власти, которая возникает непосредственно в контексте рассуждений одного из персонажей, сильфа Дальновида, об общественной пользе мизантропов: «Если бы при дворах государей находилось некоторое число мизантропов, то какое счастие последовало бы тогда для всего народа! Каждый государь, внимая гласу их, познавал бы тотчас истину. Один мизантроп истребил бы в минуту все те злодеяния, кои пятьдесят льстецов в продолжение целого месяца причинили» [5, с. 49]. В «Почте духов» присутствует и своеобразная сюжетная реализация этого просветительского тезиса – письмо XLV от сильфа Выспрепара «о бытии его в столице Великого Могола» в тот день, когда юный наследник Великого Могола вступил на престол. В письме сильфа изображен молодой повелитель, который выступает в роли того «естественного человека», с образом которого в просветительской литературе ассоциирован положительный идеал. Могол – это не идеальный образ государя, но и не его антипод (наиболее распространенные типы государя в литературе Просвещения). Все старания вельмож направлены на то, чтобы заставить правителя смотреть на мир иными глазами, уничтожить в нем добрые врожденные качества, умение трезво и справедливо рассуждать. Юный Могол от природы добр, как и всякий другой человек, и задача мудреца не в том, чтобы исправить его, а в том, чтобы не допустить его развращения. Монарх окружен сладкоречивыми льстецами-вельможами, нежелающими пропустить к нему писателя, «скитающегося по всей земле под предлогом искания истины» [5, с. 278]. Когда же писатель все-таки встречается с Великим Моголом, то восхваляет истину, призывая монарха следовать ей: «Если государи не любят истины, то и сама истина, со своей стороны, не более к ним благосклонна. Есть, однако ж, такие примеры, что она и коронованных глав имела своими любимцами» [5, с. 279-280].

Молодой монарх относится к этим словам вполне благосклонно, однако впоследствии удаляется смотреть «забавное, чувствительное и великолепное зрелище» с той же благосклонностью к его устроителю, а итог всему этому сюжету подводит сильф Выспрепар: а я полетел в свой путь, проклиная подлость льстецов, которые, кажется, в том полагают свою славу, чтоб сердца монархов отвращать от добродетели, и заграждают истине путь к престолу» [5, с. 284].

Таким образом, проблема власти тоже распадается под пером Крылова на два уровня: в письме сильфа Выспрепара отчетливо проведена грань между идеальным монархом, образ которого существует только в плоскости абстракции, выраженной в слове писателя, и реалистическим образом, далеким, впрочем, от идеала. Этот смысловой диссонанс на уровне проблемы власти становится особенно очевидным оттого, что Крылов с позиции просветительской мысли облек свое рассуждение о монархе и истине в традиционный условный колорит «восточной повести» – устойчивой литературной формы просветительской политической утопии.

Вообще термин «восточная повесть» употреблялся в европейских литературах XVIII в. в нескольких значениях: во-первых, так назывались произведения сказочного характера, переведенные с восточных языков, например, многотомный сборник «Тысяча и одна ночь», изданный во Франции в 1704-1717 гг. ; во-вторых, подражания восточным повестям и сказкам и, в-третьих, просветительские повести чаще всего сатирического содержания, в которых восточный колорит носил условный, завуалированный характер. «Восточная повесть» как жанр литературы эпохи Просвещения служила утверждению идеи рационального государственного устройства, основанного на деятельности идеального монарха, воспитание которого возлагалось автором, как правило, на мудрого вельможу.

Примечательно, что использование жанровой формы «восточной повести» для создания образа идеального правителя в «Почте духов» пока еще не обладает ярко выраженными чертами традиционного литературного приема, однако уже в письме сильфа Выспрепара заметен характерное смещение акцентов: восточная повесть изображала идеальных монархов как реально существующих, у Крылова же реальный монарх Могол только может стать таковым, полюбит истину. «В этом сдвиге акцентов,

- отмечает О. Б. Лебедева, - предвестие того пародийного разворота, который жанр восточной повести приобретет в публицистике Крылова начала 1790-х гг. » [6]. Другой важнейшей темой «Почты духов» становится разоблачение словесного маскарада, прикрывающего истинную суть социальных отношений. Крылов стремится вернуть словам их настоящее значение. О подлинном содержании многих понятий люди забывают или делают вид, что забывают, и оперируют этими понятиями, вкладывая в них совсем иное содержание.

Так, Гном Буристон наивно удивляется, наблюдая обычные сцены на улице большого города: «Пожалуйте, растолкуйте мне это странное обыкновение: для чего здесь множество лошадей возят на себе одного человека, который, как я вижу, сам очень изрядно ходит; а, напротив того, тяжелый камень тащат столько людей, сколько числом и лошадей поднять его едва в силах?» [5, с. 152-153].

Этот наивный вопрос – своеобразная квинтэссенция просветительской теории естественного равенства. Существующие социальные отношения противоречат логике, здравому смыслу, разумному и гуманному началу. Но прямо говорит об этом лишь тот, над кем не тяготеет груз предрассудков, кто не связан всеобщей системой обмана и лжи.

Примечательно, что в письмах к словам «наш век» Крылов добавляет эпитет «просвещенный», подчеркивающий сарказм соответствующих фраз. Эта система лжи опутывает все сферы общественной жизни (о чем свидетельствуют письма, как гномов, так и сильфов) и основывается, в конечном счете, на насилии.

В 1792 г. Крылов совместно с писателем А. И. Клушиным и актером П. А. Плавильщиковым заводит частную типографию и начинает издавать журнал «Зритель», ставший достойным преемником «Почты духов». Характеризуя журнальную деятельность Крылова, П. Н. Берков справедливо отметил: «Крылов не только продолжал традиции сатирической литературы XVIII в., в частности журналистики 1769 - 1774 гг., но и поднял новые важные вопросы, дав свежие оригинальные решения некоторых из них» [1, с. 431].

Выступая в «Зрителе», Крылов создает небольшие по объему произведения, в которых развиваются многие идеи и темы «Почты духов». Тема просвещенного государя, затронутая в письме о юном Моголе, получает новое художественное решение в повести «Каиб» – одном из наиболее замечательных сочинений молодого Крылова.

Восточная повесть «Каиб» являет собой яркий образец предромантической прозы. В ней отчетливо сказался переходный характер литературного периода рубежа XVIII и XIX веков. «Тогда все более возрастала роль личности автора в процессе творчества. Активно шел процесс освобождения жанра от строгой тематической и стилистической нормированости и формирование его как развивающейся формально-содержательной категории» [7]. Повесть «Каиб» традиционно интерпретировалась в литературоведении как «наиболее политически острое сатирическое произведение русской литературы XVIII века, в ней видели, прежде всего, «суровое изобличение отрицательных проявлений самодержавной власти в царствование Екатерины II» [3, с. 65].

В повествовательной основе «Каиба» легко обнаруживают себя все сюжетные элементы восточной повести. Например, описание великолепия и богатого убранства дворца: «Внутреннее великолепие дворца поражало всякого, кто туда не входил…: золото, жемчуг и каменья… Там, на великолепных пьедесталах, блистали Каибовых предков бюсты, которые высокостью работы не уступали своим высоким подлинникам. Внутренние комнаты его убраны коврами… редкой красоты и цены… Зеркала его хотя были по двенадцати аршин длиною, . . но не столько почитались редкими по своей величине, как по свойству, данному им некоторою волшебницею: зеркала сии имели дар показывать вещи в тысячу раз прекраснее, нежели они есть…» [4, с. 596].

Главный герой повести – вымышленный восточный правитель Каиб – тиран, уже развращенный властью и окружающей его системой лжи. Оценка качеств и дел Каиба дается на языке, бытующем среди придворных льстецов: жестокость и нетерпимость правителя предстают как его «миролюбие», высокомерие – как «скромность», тщеславие – как «человеколюбие» и т. д. Воспроизводя и утрируя подобную систему

ложных понятий, Крылов постоянно соотносит ее с трезвой нелицеприятной оценкой событий и людей. Развитие сюжета повести распадается как бы на две части: в первой содержится характеристика Каиба как просвещенного монарха, во второй развивается условно-фантастический мотив путешествия монарха по своей стране инкогнито, почерпнутый из арабских сказок о Гаруне аль Рашиде; причем в ходе этого путешествия, видя собственными глазами жизнь своих подданных, Каиб избавляется от своих заблуждений и становится идеальным властителем. И в обеих частях повести очевидна систематическая дискредитация устойчивых литературных приемов создания образа идеального властителя. С позиции просветительства институт конституционной монархии в идеале предполагал разделение законодательной и исполнительной власти между монархом и выборным представительным органом, или хотя бы допускал наличие такого совещательного органа при монархе. У Каиба есть государственный совет – диван, и между Каибом и мудрецами дивана Дурсаном, Ослашидом и Грабилеем, достоинствами которых является длинная борода, голова, предназначенная для ношения белой чалмы, и умение «драть с одних, дабы передавать другим царит совершенное согласие, достигаемое весьма простым способом: «Надобно приметить, что Каиб ничего не начинал без согласия своего дивана; но так как он был миролюбив, то, во избежание споров начинал так свои речи: «Господа я хочу того-то, кто имеет на сие возражение, тот может свободно его объявить: в сию ж минуту получит он пятьсот ударов воловьею жилою по пятам, а после мы рассмотрим его голос» [4, с. 599]. Становится очевидным, единодушие автора в том, что «надобны такие визири, у которых бы разум без согласия их пяток ничего не начинал» [4, с. 597]. Сохраняя общий иронический тон повествования, Крылов использует образ Каиба для выражения своих просветительских идей, касающихся государственной власти. Образ монарха, как показывает анализ данной восточной повести, включен в сферу философской иронии.

Shukurov Sino Murtazoevich - *Leading Specialist, Center for Strategic Research under the President of Tajikistan. E-mail: sino. shukurov@gmail. com, ph: +992935272220.*

ШАРОИТҲОИ ТАЪРИХӢ-СИЁСИИ ТАШАККУЛЁБИИ ДАВЛАТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИ ТОҶИК

Шерматов Б. Г.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Истиқлолияти Тоҷикистон натиҷаи талошҳо чандинасраи мардуми тоҷик барои соҳибдавлатӣ, соҳибихтиёрӣ ва ворисӣ намудани фарҳангу таърихи худ мебошад. Заминаҳои иҷтимоию таърихии ташаккулёбии давлати мустақили тоҷикон баҳри пойдор нигоҳ доштани анъанаҳои давлатдорӣ дар хотираи таърихии миллат мусоидат намуда, бо фароҳам омадани шароити мусоиди таърихӣ баҳри аз нав эҳё намудани он мусоидат намуд.

Шароити ба миёномадаи сиёсӣ дар аввали солҳои 90-ум дар назди ҷомеа масъалаи муҳим вобаста хусусияти давлати мустақили миллиро пеш гузошта буд. Ин баҳси сиёсие буд, ки ҷанбаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва геополитикӣ низ дошт. Зеро фурупошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва таҳаввулоти фарогири бавуҷудомада фазои геополитикии ҷаҳонро ба пуррагӣ тағйир дода, вазъияти Тоҷикистонро ҳамчун кишвари дар чорроҳаи тамаддунҳо ҷойгирбуда мушкил гардонид. Вобаста ба вазъи сиёсии ҳамонвақта Олимов К. менависад, ки “дар солҳои бозсозӣ ва ошкорбаёнии горбачевӣ ба асосҳои ахлоқии давлатдорӣ зарбаи шадид зада шуд. Яъне, якбора, бе омодагии ҷиддӣ ба таҳаввулоти эволютсионии демократӣ, беобрӯ кардани роҳбарони ҳизбию давлатӣ ва мақомоти гуногуни дигар дар муассисаю идораҳо оғоз ёфт, ки ба ин кор худи мақомоти олии Ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ ҳавасманд мегардонданд. Ба назар мерасид, ки худи Горбачев М. С. истеъдод ва тавоноии идора кардани ҳазб ва давлатро надошт, бозичае дар дасти “идеологи” бозсозӣ Яковлев А. Н. буд”[1, с. 20]

Мавқеи геополитикии кишвари мо, ки минтақаи бархӯрди манфиатҳои абарқудратҳо низ маҳсуб меёфт, ташаккул ва рушди минбаъдаи давлати мустақилро мушкил мегардонид. Воқеияти таърихӣ далели он аст, ки солҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо сабаби азбайнравии фазои ягонаи идеологӣ, ба вуҷуд омадани холигии ғоявию сиёсӣ, паст будани сатҳи шуури сиёсию маърифати сиёсии мардум ва то

ба охир дуруст дарк накардани қонуниятҳои марҳилаи навини рушди кишвар мардуми тоҷик ба хатари амиқи аз даст додани давлатдории миллии худ рӯ ба рӯ гашта буданд.

Пайдоиши нобоварии иҷтимоӣ дар ҷомеа метавонад робитаҳои устувору ташаккулёфтаро дар байни мардум аз байн барад, ки натиҷаи он маҳз парешонии ҷомеа мегардад. Вобаста ба ин Сафаров С. Қайд мекунад, ки “тайёр набудани элитаи сиёсӣ барои ғояҳои олии демократӣ, фарҳанги пасти сиёсию ҳуқуқии аксарияти мардум, набудани пешвоёни миллӣ, набудани дурнамои рушди миллӣ, надоштани зиёиёни миллӣ, сарфаҳм нарафтан ба бозиҳои давлатҳои абарқудрат” вазъи сиёсиро печидатар мегардонид. [2, с. 162] Чунин ҳолати бухронии барои ҳастии давлатдории миллӣ хатарнок дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ ба вуҷуд омада буд. Маҳз дар чунин шароит баргузор гардидани иҷлосияи ХУ1 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тағйирпазирии тамоми системаи сиёсӣ нақши муайянкунанда бозид.

Иҷлосияи XVI дар замони зуҳуроти бесарусомониҳо барпо гашта, масъулиятро баҳри ба даст гирифтани идоракунии раванди сиёсии бениҳоят мушкилу пурхатар ва танзими авзои бениҳоят мушкили иҷтимоию сиёсӣ ба дӯши худ гирифт. Албатта, дар марҳилае, ки қудратҳои гуногун зери таъсири қувваҳои дохилию хориҷӣ издиҳоми мардумро ба кӯчаҳо бароварда, ба муқобили якдигар шӯронида буданд, на ҳар мақомот чунин масъулияти таърихию тақдирсозро ба уҳда гирифта метавонист. Шӯрои Олии кишвар ҳамчун ниҳоди қонунгузори ҷомеа дар мушкилтарин вазъият ба ҳимояи Конституцсия ва ҳалли масоили тақдирсози халқ бархост. [3.]

Аҳамияти таърихии ин иҷлосияро муҳаққиқон эътироф намуда, қайд мекунанд, ки ин зуҳуроти сиёсӣ воқеан ҳам гардиши бузургро дар равандҳои сиёсӣ ба вуҷуд оварда, масири рушди минбаъдаи осоиштаро заминагузор гашт. Чуноне, ки файласуфи тоҷик Хидирзода М. У. қайд мекунад, «стратегияи нахустини мукаммал ин баровардани кишвар аз ҷанги шаҳрвандӣ, ки ба решакан намудани зуҳуроти зӯроварӣ ва хушунату куштор, рӯҳияи ноумедӣ, нобоварӣ ба ҳокимият, парокандагии ғоявӣ, бадбинӣ, бозгардонидани гурезагони иҷборӣ, куллан тағйир додани имиҷи давлат дар арсаи байналмилалӣ асос ёфта буд, самаранокии худро собит намуда, нишон дод, ки барои муваффақ гаштан дар самтҳои дигар, пеш аз ҳама, раҳоӣ аз бухрони сиёсӣ зарур мебошад. Ин аст, ки ҳамчун нишондиҳандаи рушди устувор суботи сиёсӣ қабул гашта, дар заминаи он таҳкими муносибатҳои созанда ва пешрафти иқтисодӣ имконпазир мегардад. Ин стратегия муносибати комилан нави сиёсиро, ки ба созиш ва гузаштҳо асос ёфта, принсипи ҳалкунанда дар он таҳаммулпазирӣ ва фарҳанги баланди сиёсӣ буд, ба ҷомеа муаррифӣ намуда, стреотипҳои мавҷудаи сиёсиро вобаста ба муносибатҳои ҳокимият ва идоракунӣ дарҳам зад. Яъне ин талаботи ҷомеа, ки дар ҳамон вақту ҳамон макон татбиқи он зарур ва ногузир буд, аз ҷониби сарвари сиёсӣ ба хубӣ дарк карда шуда, механизми татбиқи он самаранок фаъолият намуд»[4, с. 11]

Заминаҳои таърихӣ ва сиёсии ташаккулёбии давлатдории мустақили тоҷиконро таҳлил намуда, метавон ин масири пурпечутобро ба марҳилаҳои зерин ҷудо намуд:

- марҳилаи аввал аз сентябри соли 1991 оғоз ёфта, то моҳи ноябри соли 1992 то баргузории Иҷлосияи ХУ1 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома ёфт. Ин марҳила марҳилаи муташаниҷи сиёсӣ, кашмакашҳои гурӯҳӣ, ҳизбӣ ва маҳалгароӣ буд. Фалаҷи ҳокимияти сиёсӣ, ки дар натиҷаи таҳрики қувваҳои беруна ва амали хоинонаи қувваҳои дохилӣ ба вуҷуд омада буд, боиси хунрезӣ, қатлу куштор ва дар маҷмуъ аз байн рафтани ҳама гуна арзишҳои вобаста ба эҳтироми қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ гашта буд. Дар низоми давлатдорӣ, ба ҷузъ аз мақоми қонунгузор, ягон ниҳоди дигар фаъолият намекард ва ё фаъолияти қонунии онҳоро ҷомеа эътироф намекард. Дар натиҷа бухрони шадиди ҳокимият ба вуҷуд омада, кишварро хатари ҷиддии парокандагӣ таҳдид мекард. [5, с. 62]

- марҳилаи дуюм солҳои 1992-1993-ро дар бар гирифта, марҳилаи пойдор намудани ҳокимияти қонунӣ, бакорандозии механизмҳои ҳокимияти сиёсӣ, ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоӣ дар робита ба ҳокимият ва идоракунӣ маҳсуб меёбад. Илм собит намудааст, ки *стратегияи тағйири вазъият* мақсади дигаргуниҳоро дар сохтор ва фарҳанг дар бар гирифта, бояд усулҳои ба даст овардани ин дигаргуниҳоро низ таъмин

намояд. [6, с. 47] Тамаркуз намудани диққат ба масъалаҳои асосӣ дар вазъиятҳои буҳронӣ ба мушкилӣ даст медиҳад. Зеро вазъи зудтағйирёбанда таҳлилу хулосабароириро мушкил гардонида, баҳри баҳодиҳии бошуурона халал мерасонад. Маҳз аз ҳамин сабаб омӯзиши вазъ муҳим буда, тақозо менамояд, ки дар ин доира ҳудудҳои сохторӣ ва замонӣ муайян карда шаванд;

- марҳилаи сеюм солҳои 1994-1995-ро дар бар гирифта, ба ин марҳила заминагузории асосҳои демократию ҳуқуқбунёдӣ ва дунявияти давлат, оғози баъзе ислоҳотҳои сиёсӣ ва таҳкими минбаъдаи рушди соҳибистиқлолӣ хос мебошад. Дар ин марҳила раванди гуфтушуниди байни тоҷикон мунтазам устувор гардида, фаъолияти давлат дар самти устуворгардонии артиш, пешбарии ислоҳоти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, бозгашти гурезагон қадамҳои ҷиддӣ гузошт. Дар ин марҳила шаклгирии усулҳои нави идоракунӣбо дарназардошти хусусиятҳои марҳилаи нав зарур буд. Зеро буҳрони ҳокимияти сиёсӣ ноқобилии худро вобаста ба масъалаҳои идоракунии самаранок, аз байн рафтани низом ва назорат дар иҷрои ӯҳдадориҳои қонунӣ, эътироф нагардидан аз ҷониби аҳолӣ, таъмин карда натавонистани волоияти ҳуқуқ ва амнияти шаҳрвандон таҷассум ёфта, ҷомеаро ба вартаи ногузири ҳалокат наздик карда буд. Чуноне, ки Фукуяма Ф. қайд мекунад, «идоракунии нодурусти давлат принсипи соҳибистиқлолиро вайрон мекунад»[7, с. 163]. Аз ҳамин сабаб ҳам, марҳилаи нав коркарди роҳҳои нави таҳияи фаъолиятро тақозо менамуд;

Марҳилаи чорум аз охири соли 1996 оғоз шуда, то июни соли 1997 идома ёфта, бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба анҷом мерасад. 27 июни соли 1997 президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, роҳбари Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсионӣ с. А. Нурӣ ва намояндаи махсуси Котиби Генералии СММ Герд Меррем дар Маскав ба ин Созишнома имзо гузоштанд. Мазмуни асосии ҳуҷҷати мазкур хотима гузоштан ба ҷанги бародаркуш дар Тоҷикистон, оғози марҳилаи иҷрои созишҳои пештар ба даст омада, бахшиши гуноҳи ҳамдигар, авф, баргардонидани гурезагон, гузаронидани интихоботҳои шаффофу демократӣ ва барқарор намудани иқтисодиёти касодшуда буд.

Имзои Созишномаи мазкур собит намуд, ки сулҳ ва ваҳдати миллӣ барои тамоми тоҷикистониён арзиши бемисл буда, баҳри таҳкими он ҳама дар якҷоягӣ, новобаста ба манфиатҳои гуруҳию ҳизбӣ бояд вазифадор бошад. [8, с. 5].

Марҳилабандии пешниҳодшуда аз диди муддати фарогирӣ мумкин аст боиси қабул нагардидани он аз ҷониби баъзе коршиносон гардад. Вале масъала сари он аст, ки ин муддатҳои кутоҳи таърихӣ тавонистаанд бо аҳамияти сиёсии худ барои давлати соҳибистиқлол, паси сар намудани таҳдиду хатарҳо ва роҳ ба суйи мустақилияти комил пеш гирифтани Тоҷикистон аҳамияти калон доранд. Масалан, марҳилаи якум, ки ҳамагӣ як солро дар бар мегирад, бо шинохт ва эътирофи байналмилалии Тоҷикистон вобаста мебошад. 2 марти соли соли 1992 расман ба аъзогии СММ пазируфта шуд. Ин вазъи ҳуқуқӣ ба кишвари мо имконият медод ҳамчун давлати соҳибистиқлол аз тамомияти арзӣ ва манфиатҳои сиёсию иқтисодии худ мустақилона дифоъ намояд, бо давлатҳои дигар шартномаҳо дар ин самт бандад ва ҳамкориҳоро ба роҳ монад. Ҳамин буд, ки 15 майи соли 1992 Созишнома дар бораи амнияти дастаҷамъиро ба имзо расонид, ки ҳадафи он таъмини амнияти дастаҷамъи дар фазои ҷадиди Иттиҳоди давлатҳои мустақил буд.

Хусусияти ин марҳила ҳамчунин дар он буд, ки ҷараёни тезутунди равандҳои сиёсӣ онҳоро дар муддати кутоҳ аз муборизаҳои осоиштаи сиёсӣ ба задухурдҳои шадид мубаддал гардонида, хусусияти зӯроварона, идоранашавандагӣ ва беҳокимиятӣ вазъро боз ҳам печидатар мегардонид. Мубориза барои ҳокимият, ки бо роҳи ғайриконституцсионӣ ва зӯроварӣ сурат гирифта, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии дар ин роҳ бударо ба маҷрои нодурусти муборизаҳо бурда буд.

Таҳлили хусусиятҳои зикрнамудаи марҳилаҳои ташаккули давлатдории нави миллӣ нишон медиҳад, ки дар натиҷаи татбиқи стратегияи муваффақи тарҳрезигардидаи роҳбарияти нави давлат роҳро ба суйи таҳкими минбаъдаи ҷомеаи демократию дунявӣ

ва ҳуқуқбунёд кушода, баҳри ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷой дошта заминаи мусоидро фароҳам овард.

6 ноябри соли 2004 қабул гардидани Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қадами устувор дар самти муайян намудани афзалиятҳои сиёсӣ маънидод гардида, ифодагари ҳадафҳои давлати соҳибистиқлоли миллӣ баромад мекард. Яке аз муқаррароти меҳварӣ, ки инъикоси худро дар матни Конституция ёфтааст, ин муқаррар намудани "Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ягона" мебошад. [9 С. 28]

Истифодаи мафҳуми дунявият дар марҳилаи зикргардида, яке аз принсипҳои муҳиме маҳсуб меёфт, ки дар атрофи он баҳсҳои сиёсӣ ва муборизаҳо сурат гирифта сурат гирифта буданд. Ин муқаррарот дар сатҳи Конституция ин мухолифатро бартараф намуд. Вале ин маънои онро надошт, ки тарғиби идеяи дунявият зарурат надошта бошад. Баръакс, фаъолияти васеъ ва густурдаи идеологию маънавӣ бояд пойдории ин принсипро ҳамроҳӣ мерибаи таърихӣ нишон мекард, то ин, ки масири минбаъдаи ҳамкории давлат ва иттиҳодияҳои динӣ дақиқ муайян бошад.

Таҷрибаи таърихӣ нишод медиҳад, ки дар давоми 70 соли шуравӣ сиёсати секулярӣ амалӣ гашта, ғояҳои атеизм фарогири сатҳҳои гуногуни ҷомеа гашта буд. Баъд аз оғози бозсозӣ дини ислом ба яке аз омилҳои муҳими ҳаёти сиёсӣ дар кишварҳои пасошуравии мусулмоннишин гашт. Ба бархам додани як қатор ниҳодҳои динӣ нигоҳ накарда, дар Осиёи Марказӣ ҳанӯз ҳам сохторҳои иҷтимоие низ мавҷуд буданд, ки анъанаҳои маҳаллию қавмиро нигоҳ медоштанд. Таҷрибаи 70-сола нишон дод, ки дар замони режими коммунистӣ, ки ислом дар ин давра на танҳо зинда монд, балки имкониятҳои устувор нигоҳдории худро дар шаклу намудҳои сохторҳои иҷтимоӣ нигоҳ дошта, бо фароҳам омадани шароити мусоид дар шакли барои технологҳои замони бозсозӣ зарурӣ худро муаррифӣ намуданд.

Дар шароити тағйирпазирии системаи сиёсӣ дар Тоҷикистон таҳаввулоти ҷиддӣ дар самти муносибат ба дин ва мавқеи он дар ҷомеа ба миён омад. Таҳлили вазъи солҳои аввали соҳибистиқлолӣ нишон медиҳад, ки ислом на танҳо ҳамчун дин, ки ҷанбаҳои эътиқодӣ дорад, балки ҳамчун сиёсат ба ҳаёти иҷтимоию сиёсии кишвар таъсиррасон гардид. Ба ақидаи Хаким Абдуллоҳи Рахнамо "ҷомеаи Шӯравӣ бо пайгирии формуллаи "ҷудогии дин аз давлат" ва аз байн бурдани дин ҳамчун шуури расмии ҷамъиятӣ, шеваи махсуси идоракунии сиёсии динро амалӣ сохта, пайванди динро бо давлату сиёсат ба ҳадди мутлақ расонид. Ҳамин, ки сиёсат динро аз давлат ҷудо нигоҳ медошт, дар асл барои ӯ ҷойгаҳ таъин мекард ва онро ҷузъи таркибии худ месохт"[10, с. 19] Олимов К. бошад менависад, ки "бухрони фарҳанги ғарбӣ, ки дар вақташ Освалд Шпенглер онро омили "ғуруби Аврупо" медонист, дар ниқоби демократия дар Тоҷикистон зуҳур мекард. Аз тарафи дигар аз ҷониби баъзе кишварҳои Шарқ, махсусан давлатҳои исломӣ кушиши экспорти инқилоби исломӣ як воқеияти реалӣ гардида, ба сарнагун кардани ҳокимияти дунявӣ ва истиқрори низоми теократӣ боварашонро ҳар чи бештар мегардонд"[11, с. 20] аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар шароити шадидшавии бухрони иҷтимоӣ одамон бовариро ба ҳокимияти сиёсӣ аз даст медиҳанд. Дар натиҷа омилҳои таъсиррасон, ки хусусияти эътиқодӣ ва эътимодбахшӣ доранд ба назарфиребии сиёсӣ гузашта, худро ҳамчун наҷотдиҳандаи асосӣ муаррифӣ намуда, дар сарҷамъ ва роҳнамоӣ намудани ҷомеа муваффақ мегарданд. Вобаста ба воқеияти ҳамонвақтаи Тоҷикистон месазад қайд намоем, ки дар ҳақиқат ҳам омили исломӣ ҳамчун василаи таъсиррасон ва муттаҳидкунандаи қишрҳои дорои мафкураи пасти сиёсӣ ва динӣ гашт.

Омили исломӣ, ки имрӯз ҳам дар бораи нақш ва таъсири он васеъ мубоҳисаҳо мегузаранд, василаи ба даст овардани мақсадҳои гуруҳҳои муаяйни геополитикӣ буда, вазъ дар ин самт имрӯз ҳам аз аввали солҳои 90-ум дида печидатар аст.

Лозим ба ёдоварист, ки яке аз муваффақиятҳои асосӣ ва калидии ба дастомада дар давраи таҳлилӣ ин ташаккули низоми нави давлатдорӣ ва муносибатҳои ҳокимият дар кишвар буд. Ин низом бо баргузории интихоботи президентии соли 1994 ва раъйпурсии умумихалқӣ оид ба қабули Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд буд. Қабули Конституция ва танзими нави муносибатҳои ҷамъиятӣ ифодагари мақсад ва мароми ҷомеа дар давраи нави таърихӣ буд, ки талаб мекард то равандҳои минбаъдаи рушди ҷомеа маҳз ба қонун ва қонуният такя намоянд.

Нақш ва мақоми Конституцсияро дар ташаккул ва рушди давлати демократию ҳуқуқбунёд қайд намуда, Президенти мамлакат, муҳтарам Э. Раҳмон менависад, ки “ сохтори давлатии мо дар Конституцсияи мо муайян шудааст, ки барои он аксарияти мутлақи ҳамватанони мо раъй додаанд. Бигузор ҳамаи сокинони кишвар донанд, ки мо коммунизм ё Ҷумҳурии исломӣ бунёд намекунем. Мо бо роҳи оддӣ, дар асоси бозори озоди иқтисодӣ, бе ягон идеологияи маҷбуран ба мардум боркардашуда давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявие месозем, ки ҳар як ҳамватани мо худро озоду хушбахт дар он эҳсос намояд. Ин интихоби мо устуворона аст ва ба хоҳишу талаботи миллионҳо нафар сокинони кишвар ҷавобгӯ мебошад”[12, с. 35].

Маҳз дар ҳамин замина дар кишвар ба самти ҷомеаи ҳуқуқбунёду дунявӣ роҳ гирифта шуда, кушишҳо баҳри таъмини принсипи конституцсионӣ дар бораи арзиши олӣ доштани инсон, ҳуқуқ ва манфиатҳои амалӣ гардида истодаанд. Ақида, эътиқод, мансубияти ҷинсӣ, иҷтимоӣ ва миллию мазҳабӣ дар ин роҳ наметавонанд монеа шаванд. Ин усули танзими муносибатҳои иҷтимоӣ баҳри таҳкими заминаҳои маънавию ахлоқӣ низ заминагузор гаштанд, ки дар шароити баъдинизоӣ он омили муҳим баҳри таъмини боварию эътимод дар ҷомеаи парешонгашта маҳсуб меёфт.

Хусусияти дигари фарқкунандаи раванди ташаккулёбии давлати соҳибистиқлоли миллӣ дар он буд, ки ин ҳама мушкилиҳои сиёсию иҷтимоӣ дар раванди давлатсозӣ муваффақона паси сар карда шуда, баҳри ташаккулёбии мафкура ва ҷаҳонбинии нави давлатсозӣ заминагузор гардиданд. Каҷфаҳмиҳо ва назарфиребиҳои сиёсие, ки бо истифода аз

сатҳи фарҳанги пасти сиёсии мардум бар сари ҷомеа сахтиҳои зиёдеро бор намуда буданд, бори дигар собит намуданд, ки ба шикаст дучор шуданд. Шикасти онҳо ин ба ҳам омадани ҷомеа буд, ки ҳолатҳои бухронии ҷомеаро муташаккилона паси сар намуда, дар раванди худсозии давлати ҷавони миллӣ устуворона пеш мерафт.

Дар ин раванд ташаккули сохтори нави давлат, ки идоракунии онро дар асоси таҷзия ҳокимият ба қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ амалӣ мекунад, заминаи боэътимоди устувории давлати миллӣ буда, таъсиси парлумони дупалатагӣ дар ин раванд нишонаи амиқи тағйирпазирии ҳокимияти сиёсӣ вобаста ба марҳила ва талаботҳои муайяни ҷомеа мебошад.

Ҳамчуни манбаи ҳокимият эътироф гардидани халқ аломати муҳими демократия ба ҳисоб рафта, вобаста ба ин Конституцсияи кишвар эълон медорад, ки “Халқ баёнгари соҳибистиқлолӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. ”[13, с. 5]

Масъалаи дигаре, ки боиси нофаҳмиҳо дар ташаккули муносибатҳои сиёсӣ дар раванди истиқлолҳоҳӣ гашта буд, ин масъалаи муносибати давлат ба дин буд. Дунявият ва давлати исломӣ масъалаҳое буданд, ки дар марҳилаи аввали истиқлолият боиси сар задани нофаҳмиҳо гашта буданд. Хамчун омили ихтилофангез ин масъала дар Иҷлосияи ХУ1 ҳалли воқеии худро ёфт ва минбаъд дар Конституцсия дарҷ гашта, баҳри муайян намудани самти рушди давлатдорӣ нақши воқеӣ бозид. Вобаста ба масъалаи мазкур, Олимов К. қайд менамояд, ки “дар марҳилаи ҳозира муколамаи байни ҷонибдорони ҷаҳонбиниҳои “динӣ-дунявӣ” на ба баррасии масъалаҳои сирф динӣ ва ба мушкилоти иҷтимоӣ робитаи бевосита надошта, балки ба пайдо кардани нуқтаҳои умдае бояд равона шавад, ки заминаи ҳамкориро бо якдигар ба хотири эҷоди оромию осудагӣ дар ҷомеа устувор менамоянд”[14, с. 25]. Маҳз аз ҳамин сабаб, дар марҳилаҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ давлат стратегияи нави муносибат ба динро амалӣ намуд, ки дар заминаи он имконияти фаъолияти озоди ҳизби хусусияти динидошта ба миён омад. Воқеияти минбаъдаи рушди ҷомеа нишон медиҳад, ки ин муносибатҳо дар натиҷаи манфиатхоҳӣ, ғаразҷуйи ва ба бозиҳои геполитикӣ аз нав кашида шудани ҲНИТ боиси поймол гардидани меъёрҳои конституцсионӣ ва дар ин замина мамнуъ эълон кардани он, ҳамчун ҳизби хусусияти экстремистӣ ва террористӣ дошта гашт.

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки заминаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иҷтимоию таърихии ташаккулёбии давлати соҳибистиқлоли тоҷикон нишонаи амиқи давлатдории тоҷикон дар замони гузашта буда, эҳёи он дар замони нав натиҷаи

мавҷудияти рӯҳи истиқлолхоҳӣ дар зеҳн ва тафаккури мардум мебошад. Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки:

- таҳлилҳо нишон доданд, ки яке аз омилҳои муҳим дар самти ташаккули давлати навини тоҷикон ин мавҷудияти таҷрибаи таърихии идоракунӣ буд, ки новобаста ба марҳилаҳои аз даст додани давлатдорӣ ва салтанати мустақил, тоҷикон дар пешбурди кори давлатдорӣ дар низомҳои давлатдории бегонагон низ иштироки фаъолона доштанд;
- марҳилаи Шӯравӣ дар таърихи миллати тоҷик аҳамияти калон дошта, баҳри ташаккул ёфтани марзию ҳудудии имрӯза, шинохт ва ифтихори миллӣ, нигоҳ доштани ҳуввияти худ дар оилаи калони шӯравиҳо мусоидат намуд;
- давлатдории навини тоҷикон дастоварди бузурги миллати тоҷик дар марҳилаи нави таърихӣ маҳсуб ёфта, заминаи он дар дар тули таърихи тулонӣ гузошта шуда буд, ки бо фаро расидани шароити мусоиди сиёсӣ амалӣ гашт.

АДАБИЁТ

1. Олимов К. роҳҳои маъқул ва воқеии амалисозии чорабиниҳо ҷиҳати эҷоди боварӣ //Муколама бо роҳи амал:таҷрибаи тоҷикон. / ЗеритаҳририСатторзода А. Душанбе, 2009. – С. 20.
2. Сафаров С. С. Таҳдидҳои дохилӣ ба истиқлолияти давлати Тоҷикистон. // Традиции и процессы демократизации в Таджикистане. Т. 3. Душанбе, 2013. С. 162
3. Хидирова М. У. Иҷлосияи XVI ва таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ // «садои мардум», 15 ноябри соли 2007, № 125 (2212)
4. Хидирзода М. У. Истиқлолият ва стратегияҳои муваффақ. Душанбе, 2017. – С. 11.
5. Хидирзода М. У. Нақши иҷлосияи XVI дар тағйирпазирии муносибатҳои иҷтимоӣ. /Паёми Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Н. Хисрав. № 1/3(47). Қурғонтеппа, 2017. С. 62.
6. Мастенбрук У. Управление конфликтными ситуациями и развитие организации: Пер. с англ. М., 1996. С. 47
7. Фукуяма Ф. Сильное государство. М., 2006. с. 163.
8. Конституция Республики Таджикистан. Душанбе. 1994. - С. 28.
9. Абдуллоҳи Раҳнамо. Ҳизби динӣ ва давлати дунявӣ. Душанбе, 2008. С. 19
10. Эмомали Рахмон. Молодежь - будущее суверенного Таджикистана. / Выступление на встрече с представителями молодёжи 23 мая 1997 года/. Душанбе, 1997. - С. 35.
11. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016. С. 5
12. Олимов К. роҳҳои маъқул ва воқеии амалисозии чорабиниҳо ҷиҳати эҷоди боварӣ //Муколама бо роҳи амал:таҷрибаи тоҷикон. / ЗеритаҳририСатторзода А. Душанбе, 2009. С. 25.

ИСТОРИКО-ПОЛИТИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ФОРМИРОВАНИЯ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ ТАДЖИКСКОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ

Данная статья посвящается изучению историко-политических условий формирования самостоятельной таджикской государственности. В ней анализируются особенности внутренних и внешних, объективных и субъективных факторов, а также оценивается их влияние на развитие данного процесса. Периодизация каждого этапа формирования самостоятельного государства свидетельствует о том, что историко-политические условия вкупе со стремление народа к самостоятельности создали условия для развития нового таджикского государства.

***Ключевые слова**: Таджикистан, независимость, конститутция, национальное государство, соглашение, политическая система, сессия.*

HISTORICAL AND POLITICAL CONDITIONS OF FORMATION TAJIK INDEPENDENT STATE

Historical and political conditions of formation Tajik independent state are reviewed in this article. The characteristics of internal and foreign, subjective and objective factors are analysed in the article. Also the influence of them on the development of this process is appreciated. The periodization of each stage of formation independent state witnesses that historical and political conditions together with people aspirations for independence created conditions for the development of new Tajik state.

***Key words**: Tajikistan, independence, constitution, national state, agreement, political system, session.*

Сведение об автор:

Шерматов Бахром Гурезович *– сосискатель кафедры политалогии Таджикского государственного педагогического университета имени Саддриддин Айни Телефон:(+992)918674864*

About the autor:

Shermatov Bahrom Gurezovich *- researcher department of a politalogiiya of the Tajik state pedagogical university named affter Saddriddin Ayni Phone: (+992)918674864*

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – БУНЁДГУЗОР ВА МЕЪМОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Тоҷов Ф. Н.

Институти илмӣ-таҳқиқотии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар тайи солҳои баъди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сипаришуда, муаррихон, сиёсатшиносон ва намояндагони дигар илмҳои ҷомеашиносӣ ҳодисаҳои рухдодаи пурфоҷиа ва хунини ҷанги шаҳрвандиро дар Тоҷикистон то андозае таҳқиқ ва арзёбӣ намудаанд. Дар таърихи тӯлонии халқу миллатҳои гуногун санаю воқеаҳое ҷой доранд, ки ба инкишофи минбаъдаи давлатдории онҳо такони бузург додаанд.

Даъват ва гузаронидани Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (18 ноябр-2 декабри соли 1992) дар шаҳри Хуҷанд барои Тоҷикистону тоҷикистониён аз чунин руйдоди воқеан тақдирсоз ба шумор меравад[1, с. 49]. Зарурати даъвати Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шаҳри Хуҷанд вазъияти хеле ташвишовари иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар тақозо мекард. Бар асари даргириҳои мусаллаҳонаи байни нерӯҳои мухталифи Тоҷикистон ҳазорҳо мардуми тоҷик ба шаҳодат расида, чандин ҳазор маҷрӯҳ гаштанд. Садҳо ҳазор нафари дигар маҳали зисти худро тарк карда, дар кишварҳои гуногун маскан гирифта буданд. Ин тавр сурат гирифтани вазъи сиёсию иҷтимоии ҷумҳурӣ оқибатҳои фалокатборро пеш овард. Органҳои қудратии ҷумҳурӣ фалаҷ гашта, дар ин даргириҳо мавқеи бетарафиро пеша карда буданд. Ин чунин маъно дошт, ки онҳо қувваҳои мухолифинро ҷонибдорӣ мекунанд. Органҳои амниятӣ бехатарии депутатҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзоёни ҳукуматро таъмин карда наметавонистанд, дурустараш таъмин кардан намехостанд. Маҳз бо ҳамин сабаб Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри бостонии Хуҷанд даъват карда шуд.

Дар шароите, ки ҷомеаи Тоҷикистонро бӯҳрони шадиди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ фаро гирифта буд, нерӯҳои мухталифи сиёсӣ, ки арзи вуҷуд карда буданд кӯшиш ба харҷ медоданд, ки дар таркиби сохтори давлатӣ мавқеи муносибро соҳиб шаванд ва дар системаи сиёсии ҷомеа ё ташкилоти сиёсӣ фаъолият намоянд, яъне ҳокимияти давлатиро ба даст дароранд.

Дар соли пурфоҷиаи 1992 дар натиҷаи задухӯрдҳои шадиди тарафҳои муқобил ва фалаҷ гардидани ҳокимияти давлатӣ хатари ба нестӣ рафтани давлати Тоҷикистон ба миён омад. Алангаи ҷанги шаҳрвандӣ аллакай хеле доман паҳн карда буд ва онро бидуни андешидани чораҳои фаврӣ ҷилабгирӣ намудан имконнопазир буд. Аз як тараф фурсат аз даст рафта буд, аз тарафи дигар роҳбарони онвақта ба ҳалли муаммои ин фоҷиа аз назари дастгирии марказ ва манфиатҳои корпоративии хеш муносибат мекарданд.

Дар чунин вазъияти ба амаломада ба майдони сиёсат ва сари қудрат омадани чеҳраҳои нави сиёсатмадорон зарурати воқеи гардид. Аз ин хотир дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаи раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмон барои мардуми Тоҷикистон тараҳуми тақдир буд. Ӯ бо истифода аз нерӯи бузурги ҷавонӣ ва самимияти азалии хеш ба қувваҳои солими ҷомеа такя намуда, барои раҳоӣ бахшидани Тоҷикистон аз фалокати даҳшатбори ҷанги шаҳрвандӣ кӯшишҳои зиёде ба харҷ дод ва тадриҷан ба боварию дастгирии мардум сазовор гардид. Дар Иҷлосия дар чорчубаи Конституцсия ва қонунҳои амалкунандаи онвақта органҳои олии ҳокимияти давлатӣ интихоб карда

шуда, сарвазир ва дигар шахсони олимансаб тасдиқ карда шуданд. Дар Иҷлосия инчунин дар бораи рамзҳои давлатӣ-Нишон ва Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул карда шуд. Бешубҳа, ин Иҷлосия дар бобати барқарор кардани қонуният ва инкишофи давлатдории навини тоҷикон гардиши куллӣ ба шумор меравад. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои ҳамдигарфаҳмӣ, тафоҳуми назар сурат гирифт. Аҳли олам, ки аз воқеаҳои хунини Тоҷикистон огоҳ буданд, ба рафту натиҷаи Иҷлосия мароқи хоса зоҳир мекарданд. Рафти онро 70 нафар мухбирони нашрияҳои мухталифи маҳаллию хориҷӣ инъикос мекарданд. Хабарнигорони як қатор давлатҳо аз қабили Россия, Ӯзбекистон, Канада, Англия, Эрон, Фаронса ба нашрияҳои худ дар бораи рафти Иҷлосия хабар мерасониданд. 12 декабри соли 1992 расонаҳои ахбори оммавӣ «Муроҷиатномаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ба халқи шарифи Тоҷикистон» интишор намуданд. Дар ин муроҷиатнома амалӣ намудани як қатор вазифаҳое, ки барои таъмини амнияти мардум ва ҳаёти осоиштаи онҳо хеле заруранд ба миён гузошта шуда буд. Қаблан, вазифа гузошта мешуд, ки ҳарчӣ зудтар дар тамоми қаламрави Тоҷикистон ҳокимият ва органҳои идоракунӣ барқарор карда, кори пурмасъулияти онҳо таъмин карда шавад, дар маҳалҳо сохтори органҳои амалкунандаи муҳофизати ҳуқуқ барқарор ва барои иҷрои вазифаи муқаддаси онҳо шароити мусоид фароҳам оварда шавад, то ки онҳо ҳаёти шаҳрвандони ҷумҳуриро мутобиқи принсипҳои умумибашарӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои хотимавии Ҷаласаи Амнияти ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Баёнияи Париж ва дигар шартномаҳои байналхалқӣ сабт шудаанд таъмин намоянд.

Дар ин муроҷиатнома амалӣ гардидани як қатор тадбирҳое, ки барои ба зудӣ ба кор даровардани муассисаҳои саноатӣ, хоҷагиҳои гуногун, тадриҷан иқтисодиёти ҷумҳуриро ба муносибатҳои бозоргонӣ гузаронидан, истифода бурдани захираҳои зеризаминӣ, таълими кадрҳои баландихтисос, ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ, бахусус одамони камбизоат пешкаш карда шуда буд. Инчунин барои мустаҳкам кардани иқтидори мудофиавии кишвар, бо назардошти меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ нав кардани асоси қонунҳои Тоҷикистон, аъзо шудан ба ташкилотҳои байналхалқӣ ва дигар таклифҳои муфид пешниҳод карда шуда буданд, ки онҳо барои пойдор шудани сулҳу салоҳ, дар асоси меъёрҳои эътирофшудаи байналхалқӣ, таҳким ёфтани муносибатҳои Тоҷикистон бо давлатҳои дуру наздик, дарёфт намудани ҷои Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат намуданд.

Бешубҳа, ҳуҷҷатҳое, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд қабул карда буд, як навъ паймони оштии байни тарафҳо ба шумор мерафтанд.

Бо боварии том метавон гуфт, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Иҷлосияи наҷоти миллӣ ба шумор меравад. Агар дар он намояндагони халқ ва тарафҳои даргир ба мувофиқа намеомаданд ва роҳи оштиро пеш намегирифтанд, эҳтимол Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил аз байн мерафт ва хавфи рӯ ба нестӣ ниҳодани миллати тоҷик боқӣ мемонд ва билохира, хатари воқеии ба дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ доман паҳн кардани алангаи оташи ҷанг, ки оқибатҳои фоҷиаборро ба бор меовард аз эҳтимол дур набуд.

Ҳамин тавр, Иҷлосияи XVI-таърихии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ноябри соли 1992 дар ҷумҳурӣ тартиботи конституцсиониро аз нав барқарор намуд.

Дар амалӣ гардидани қарорҳои Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми фарзанди номвар ва номбардори халқ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон хеле барҷаста аст.

Эмомалӣ Раҳмон бо тадбирҳои хирадмандона ва матонату ҷасорати фавқулодда кишварро аз вартаи фалокат ва ҳалокат берун овард, мардуми парешонро сарҷамъ намуд ва садҳо ҳазор ғурбатзадагонро ба ватан баргардонд.

Бо иродаи Эмомалӣ Раҳмон дар як муддати кӯтоҳ харобаҳо ба ободӣ табдил ёфта, иншоотҳои азим ба вуҷуд омаданд, барои ба ҳам пайвастани тамоми гӯшаю канори мамлакат шоҳроҳи ваҳдат ва барои мустақиман баромадан ба уқёнус ва робита ёфтан ба кишварҳои дуру наздики хориҷӣ роҳҳои бузурги мошингард сохта шуданд.

Муҳимтарин комёбиву дастовардҳои кишвар натиҷаи меҳнати фидокоронаи халқи Тоҷикистон ва иқдомҳои қаҳрамононаи Эмомалӣ Раҳмон ва ҳаммаслакони содиқаш мебошад.

Подоши ин ҳама корнамоиҳо маҳбубият ва маъруфиятест, ки Эмомалӣ Раҳмон дар миёни халқи мамлакат ва ҳазорон ҳазор ҳамватанони бурунмарзӣ пайдо кардааст. Мукофоти ин ҳама заҳматҳо ҳамчунин ҳусни таваҷҷӯҳ ва эҳтироми бузурги ҷомеаи ҷаҳон мебошад, ки мунтазам нисбат ба Сардори донову тавонои Тоҷикистон, сиёсатмадори варзида ва ифодагари марому ормонҳои умумибашарӣ иброз мегардад.

Бузургтарин дастоварди Эмомалӣ Раҳмон, бешубҳа, барқарор кардани сулҳи комил ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон аст. Таҷрибаи талхи ҷангҳои дохилӣ дар ҷаҳон шаҳодат медиҳанд, ки ягон давлат рақиби сиёсӣ ва ҳарифони қудратталабашро аз сангарҳои ҷанг берун оварда, бо силоҳи ҷангию лавозимоти ҳарбӣ ва сарбозони ҷангозмудааш дар сари дастгоҳи давлатию сохторҳои идоракунӣ ва мақомоти низомӣ нашинондааст.

Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон тавассути таъмини сулҳ ва ваҳдати миллӣ, ҳамчунин барои гузаштан ба марҳилаи барқарорсозии иқтисодиёт ва оғози корҳои созандагию бунёдкорӣ заминаи боэътимод гузошт. Имрӯзҳо истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро беш аз 150 кишвари ҷаҳон ба расмият шинохтааст.

Дар баланд бардоштани нуфузу эътибори байналмилалии Тоҷикистон ва ҳаллу фасли масъалаҳои глобалӣ талошҳои пайгиронаи Эмомалӣ Раҳмон ниҳоят бузург ва саривақтианд. Ӯ борҳо аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид баромад карда, дар баробари мушкилоти Тоҷикистон таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба қазияи Афғонистон, масъалаҳои муборизa бо терроризму экстремизм, қочоқи маводи мухаддир, рушди нобаробари давлатҳои ҷаҳон, масъалаи таъминоти оби тоза ва ғайраҳо ҷалб мекунад. Ниҳоят, ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳалли қазияи Афғонистон, ки ба пойгоҳи терроризму экстремизм табдил ёфта буд, рӯ овард.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои муҳимтарини ояндаи инсоният низ муносибати дурбинона ва ҷиддӣ дорад. Бо пешниҳоди Эмомалӣ Раҳмон Созмони Милали Муттаҳид соли 2003-юмро Соли байналмилалии оби тоза, солҳои 2005-2015-умро Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт», декабри соли 2016 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон кард. Айни ҳол аксари чорабиниҳои ҷаҳонию минтақавии вобаста ба об дар чаҳорчӯбаи ҳамин даҳсола гузаронида мешаванд, ки боиси ифтихору сарфарозии ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон аз ин иқдоми Сардори давлат аст.

Дар тӯли бисту шаш соли истиқлолият кишвари мо таҳти сарварии Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи бунёди ҷомеаи мустақили демократӣ қадамҳои устувор гузошт. Дар ин муддат Тоҷикистон соҳиби Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ гардид. Тоҷикистон ба узвияти созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ пазируфта шуд ва бо аксари мамлакатҳои пешрафтаи дунё робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ барқарор намуд. Асосҳои сохтори конституционӣ ва идоракунии давлат танзим гардида, пули миллӣ ба муомилот баромад, шиносномаи миллӣ эътироф гардид.

Ҳамин тавр, хизмати таърихии Эмомалӣ Раҳмон аз он иборат аст, ки маҳз ӯ ихтиёри давлатдориро ба даст оварда, пеши роҳи хатари нобудии онро гирифт, оташи ҷанги дохилиро хомӯш намуд, сохтори фалаҷгардидаи ҳокимият, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барқарор сохта, артиши миллӣ ва нерӯҳои посбони сарҳадро таъсис дод. Гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонид, заминаи устувори эъмори ҷомеаи навини Тоҷикистонро гузошт. Конституцияи нави Тоҷикистонро эҷод кард. Ҷиҳати 27 июни соли 1997 ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ заминаҳои ҳуқуқиву сиёсиро фароҳам сохт, сулҳи тоҷиконро ба даст овард, ки барои ҷаҳониён таҷрибаи беназир аст. Заминаҳои эҳёи миллиро фароҳам сохт, ба корҳои азими созандагӣ ифтитоҳ бахшид, аҳволи иҷтимоӣ ва иқтисодии мардумро ба куллӣ дигар карда, хатари гуруснагиро аз байн бурд, эътибори сиёсии давлатро дар арсаи байналмилалӣ афзуд. Ҳанӯз соли 1999 Президенти Федератсияи Россия В. В. Путин нисбати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баҳои баланд дода таъкид карда буд, ки Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов яке аз симоҳои барҷаста буда, дар байни

сиёсатмадорони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Ин беҳуда нест. Тамоми ҷидду ҷаҳди ӯ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Тоҷикистон раванди сулҳ тавре пойдор аст, ки назираш дар ҳеҷ як мамлакате, ки чунин як вазъияти муташаннӣҷ дошт, дида намешуд. Ҳар он чи оид ба ин масъала дар Тоҷикистон амалӣ гардидааст, мисоли хубест барои бисёр халқҳову мамолики дигар.

Маҳз, ҷасорату далерӣ, таҳаммулпазирию миллатдӯстӣ ва иродаи азими Пешвои миллат мусоидат намуданд, ки дар муддати кӯтоҳтарин дар кишвари мо сулҳу субот дар ҷомеа барқарор гардида, созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ байни тарафҳои мухолиф, яъне роҳбарияти давлати тоҷикон ва иттиҳоди мухолифини тоҷик ба имзо расид. Ин амали неки Эмомалӣ Раҳмон қадами нахустин дар таъмини амнияти озуқавории кишвар буд, ки имрӯзҳо самараи бештаре ба бор овардааст. Даҳсолаҳо не, балки садсолаҳо ва ҳазорсолаҳо хоҳанд гузашт, аммо хизматҳои шоёну барҷастаи сарвари давлати мо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои давлату миллати тоҷик дар саҳифаҳои таърихи он бо ҳарфҳои заррин сабт мегардад. Корнамоию ҷонфидоӣ ва заҳмату талошҳои ин абармард ва фарзанди фарзонаи миллат барои муттаҳидсозии миллати тоҷик ва ривоҷу равнақ додани давлати тоҷикон ҳеҷ гоҳ фаромӯш нагардида, ба мисли Шоҳ Исмоили Сомонӣ ва дигар фарзандони шинохтаи ин миллати куҳанбунёд, дар ёди ҳар як тоҷики ватандӯсту ватанпарвар боқи хоҳад монд.

АДАБИЁТ

1. Раҳмонов Эмомалӣ. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат, ҷ. 1. –Душанбе, 2002. 149с.
2. Раҳмонов Э. Ваҳдат, сулҳ ва бунёдкорӣ маромі мост. – Душанбе, 2000.
3. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби 1-2. – Душанбе, 2002.
4. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. –Душанбе, 2006.
5. Саидов З. Внешняя политика Президента Рахмонова. –Душанбе, 2000.
6. Саъдиев Ш. Тоҷикистон: роҳи сулҳ ва ризоият. –Душанбе, 2002.
7. Усмон И. Сулҳнома. – Душанбе, 2001.
8. Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20-январи соли 2016. –Душанбе, 2016.

ЭМОМАЛИ РАХМОН, ОСНОВАТЕЛЬ И АРХИТЕКТОР МИРА И НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ

В данной статье автор стремился научно обосновать роль Лидера нации Эмомали Рахмона в деле спасения таджикской государственности, восстановления и укрепления новейшего таджикского государства. Автор отмечает, что в результате гражданской войны в Таджикистане под угрозу была поставлена судьба народа и сама таджикская государственность. В этих условиях Эмомали Рахмон был избран главой молодого таджикского государства.

Лидеру нации Эмомали Рахмону удалось в короткий срок обеспечить мира, сохранить целостности молодого суверенного таджикского государства и заложить новые основы для установления и укрепления новейшего таджикского государства.

Ключевые слова: *Верховный Совет, Сессия, ООН, терроризм, экстремизм, Герб, знамя, демократия, конституция, «Вода ради жизни», Лидер нации.*

EMAMALI RAHMON, FOUNDER AND ARCHITECT OF THE WORLD AND NATIONAL UNITY IN TAJIKISTAN

In this article the author sought to prove scientifically a role of the Leader of the nation Emomalii Rahmon in rescue of the Tajik statehood, restoration and strengthening of the latest Tajik state. The author notes that as a result of the civil war in Tajikistan the fate of the people and Tajik statehood have been threatened. In these conditions Emomalii Rahmon has been elected the head of the young Tajik state.

The leader of the nation Emomalii Rahmon managed to provide in a short space of time the world, to keep integrity of the young sovereign Tajik state and to lay the new foundation for establishment and strengthening of the latest Tajik state.

***Keywords**: Supreme Council, Session, UN, terrorism, extremism, Coat of arms, banner, democracy, constitution, «Water for the sake of life», Leader of the nation.*

Сведения об авторе:

***Тоджов Фаррухруз Наджмиддинович** - аспирант научно-исследовательского Института при Таджикском национальном университет, тел:+(992) 935042762*

Abaut the autor:

***Tojov farukhruz Najmidinovich**-postgraduate research institute under the Tajik national University, tel:(992)988858044.*

УДК 327. 7(091)

К ВОПРОСУ О ПОЛНОМОЧИЯХ ГЕНЕРАЛЬНОГО СЕКРЕТАРЯ ООН И ФУНКЦИЯХ СЕКРЕТАРИАТА

Негматова Ш. Р.

Российско-Таджикский (Славянский) Университет

В основополагающем документе ООН, в Уставе, определен статус и функции Генерального секретаря ООН.

В Уставе закреплено, что Генеральный секретарь ООН является главным административным должностным лицом Организации. [5, статья 97 глава 15]. В этом качестве он действует на всех заседаниях Генеральной Ассамблеи, Совета Безопасности, ЭКОСОС и Совета по опеке и выполняет другие функции, какие возлагаются на него этими органами. Ежегодно Генеральный секретарь представляет Генеральной Ассамблее отчет о проделанной работе всей Организации. [5, статья 98 глава 15]

Согласно статье 99 Устава ООН Генеральный секретарь имеет право доводить до сведения Совета Безопасности о любых вопросах, которые, по его мнению, могут угрожать поддержанию международного мира и безопасности.

Данные положения определяют полномочия Генерального секретаря ООН и при этом одновременно обеспечивают ему широкие возможности для деятельности. Генеральному секретарю необходимо учитывать интересы государств-членов ООН, однако при этом он обязан также поддерживать ценности и моральный авторитет Организации и выступать и действовать в защиту мира, даже временами рискуя оспаривать мнения этих государств-членов или не соглашаться с ними.

При выполнении своих обязанностей Генеральный секретарь и возглавляемый им персонал Секретариата ООН не должны запрашивать или получать указания от какого бы то ни было правительства или власти, посторонних для Организации. Они обязаны воздерживаться от любых действий, которые могли бы отразиться на их положении как международных должностных лиц, ответственных только перед Организацией. Каждый член ООН обязуется уважать строго международный характер обязанностей Генерального секретаря и персонала Секретариата и не пытаться оказывать на них влияние при исполнении ими своих обязанностей. Персонал Секретариата назначается Генеральным секретарем согласно правилам, устанавливаемым Генеральной Ассамблеей. [5, статья 100 глава 15]. Генеральный секретарь также является Председателем Координационного совета руководителей системы ООН, который созывается дважды в год. [8]

Порядок назначения Генерального секретаря ООН четко регулируется Уставом Организации Объединенных Наций. Согласно статье 97 Устава ООН Генеральный секретарь назначается Генеральной Ассамблеей по рекомендации Совета Безопасности.

Из положений статей 18 и 27 Устава ООН ясно, что для выдвижения кандидатуры Генерального секретаря Советом Безопасности требуется, чтобы за него были поданы голоса не меее девяти членов Совета, включая совпадающие голоса всех постоянных членов, а для его назначения Генеральной Ассамблее достаточно простое большинство присутствующих и участвующих в голосовании членов Генеральной Ассамблеи, если

она сама не решит, что для этого требуется большинство в две трети голосов. При возобновлении назначения применяются такие же правила, как и при первом назначении.

В докладе Подготовительной комиссии ООН 1945 года отмечается, что желательно, чтобы «Совет Безопасности предложил на рассмотрение Генеральной Ассамблеи только одного кандидата и чтобы дебаты при выдвижении кандидатуры Генеральной Ассамблеи были избегнуты». Как выдвижение кандидатуры, так и назначение должны происходить на закрытых заседаниях, а голосование, будь то в Совете Безопасности или Генеральной Ассамблее, если оно будет иметь место, должно быть тайным. [2, С. 343]

В соответствии с решениями Подготовительной комиссии ООН первый Генеральный секретарь должен быть назначен на пять лет. В конце этого периода назначение может быть возобновлено на следующий пятилетний срок. Кроме того, в докладе Подготовительной комиссии предусматривается, что, так как Генеральный секретарь является доверенным лицом многих правительств, желательно, чтобы ни один из членов Организации не предлагал ему, по крайней мере немедленно после его отставки, никакой правительственной должности, в которой его конфиденциальная осведомленность может оказаться источником затруднений для других членов Организации, а Генеральный секретарь со своей стороны должен воздерживаться от принятия такой должности. [2, С. 343]

Февраля 1946 г. Генеральная Ассамблея приняла резолюцию о назначении по рекомендации Совета Безопасности первого Генерального секретаря ООН Трюгве Ли (Норвегия). По истечении пятилетнего срока его пребывания на этом посту в 1950 года западные страны стали упорно добиваться продления срока полномочий Т. Ли на новый пятилетний срок. Против этого выступил Советский Союз, который наложил вето на принятие рекомендаций Совета Безопасности по данному вопросу. Западные страны, используя имевшееся у них большинство и действуя в нарушение статьи 97 Устава ООН, провели резолюцию 492/V от 1 ноября 1950 года о продлении полномочий Т. Ли на трехлетний срок. В ответ на это Советский Союз прекратил все отношения с Генеральным секретарем, и Т. Ли вынужден был в середине 1953 г. подать в отставку.

В 1953 г. был назначен второй Генеральный секретарь Даг Хаммаршельд (Швеция), который был переизбран на новый срок и пребывал на этом посту до своей трагической гибели в сентябре 1961 года.

После него в соответствии с резолюцией Генеральной Ассамблеи 1640/XVI от 3 ноября 1961 года исполняющим обязанности Генерального секретаря на срок до 10 апреля 1963 г. был назначен У Тан (Бирма). 30 ноября 1962 года Генеральная Ассамблея одобрила резолюцию 1771/XVII. о назначении У Тана третьим Генеральным секретарем на срок до 3 ноября 1966 г. На 21-й сессии Генеральной Ассамблеи была одобрена резолюция 2161 /XXI от 2 декабря 1966 г., в соответствии с которой и на основе рекомендации Совета Безопасности было решено назначить У Тана еще на один срок, истекавший 31 декабря 1971 г.

Четвертый Генеральный секретарь Курт Вальдхайм (Австрия) прослужил на своем посту два пятилетних срока с 1972 по 1981 г. Пятый Генеральный секретарь Хавьер Перес де Куэльяр (Перу) также находился на посту два пятилетних срока с 1982 по 1991 г. Шестой Генеральный секретарь Бутрос Бутрос Гали (Египет) был назначен по рекомендации Совета Безопасности в соответствии с резолюцией Генеральной Ассамблеи 46/21 от 3 декабря 1991 г. на пятилетний срок с 1 января 1992 г. по 31 декабря 1996 г.

В ходе 51-й сессии Генеральной ассамблеи в 1996 г. был назначен седьмой Генеральный секретарь Кофи Аннан (Гана), находившийся на этом посту два срока, до 31 декабря 2006 г. С 1 января 2007 года по 31 декабря 2016 года Генеральным секретарем ООН являлся Пан Ги Мун (Республика Корея). Нынешним, девятым по счету, Генеральным секретарем является г-н Антониу Гутерриш (Португалия), который приступил к исполнению своих обязанностей 1 января 2017 года.

Генеральный секретарь ООН возглавляет один из главных органов ООН – Секретариат. (Данное положение содержится в статье 7 Устава ООН).

В то время, как ответственность за выработку и принятие согласованной международной политики лежит на органах, представляющих государства - члены ООН: на Генеральной Ассамблее, Совете Безопасности, ЭКОСОС и Совете по опеке, на Секретариат возлагается серьезная задача по подготовке материалов для этих решений и по их осуществлению в сотрудничестве с государствами - членами ООН.

Чтобы Секретариат пользовался доверием всех членов ООН, он должен быть истинно международным по своему характеру. Персонал Секретариата, поэтому, подбирается на широкой географической основе. В течение срока, на который они назначены, Генеральный секретарь и его персонал не должны служить государству, гражданами которого они являются, а обязаны служить только ООН.

В соответствии со статьей 101 Устава ООН были подготовлены подробные «Положения о персонале ООН» и правила о персонале ООН. Текст «Положений о персонале» опубликован в бюллетене Генерального секретаря ООН [6]. В них устанавливаются довольно жесткие и четкие требования и подробные условия прохождения службы в Секретариате.

«Положения о персонале» определяют условия службы, а также основные права, обязанности и обязательства сотрудников Секретариата. В соответствии с данным документом сотрудники Секретариата являются международными гражданскими служащими. Они имеют не национальные, а исключительно международные обязанности. Принимая назначение, они обязуются исполнять свои функции и строить свое поведение, руководствуясь только интересами ООН. [6, Статья 1 Положение 1. 1, пункт « а»].

Сотрудники подчинены Генеральному секретарю и назначаются им на любую работу и в любое отделение ООН. Они несут перед ним ответственность за выполнение своих функций. В соответствии с принципами Устава ООН подбор сотрудников производится без различия по признаку расы, пола или религии. Заместители и помощники Генерального секретаря, как правило, назначаются на срок пять лет с учетом возможного продления или возобновления контракта. Прочие сотрудники получают либо постоянные, либо временные (срочные) контракты.

Весь персонал ООН делится на четыре категории: специалисты, сотрудники полевой службы, общего обслуживания, хозяйственно - технических служб. Основная часть должностей специалистов подлежит распределению среди государств-членов на основе принципа справедливого географического представительства с учетом размера взноса в бюджет ООН и численности населения. По состоянию на 2017 года общее число сотрудников Секретариата составляет 13461 человек из свыше 170 стран. [8]

На Генерального секретаря и возглавляемый им Секретариат в соответствии с Уставом ООН возлагается ряд весьма важных и ответственных функций преимущественно административного и исполнительного характера. В течение более чем полувека круг функций и задач, возлагаемых на Генерального секретаря и Секретариат, существенно расширялся и усложнялся. К концу XX столетия, как следует из бюллетеня Генерального секретаря «Организационная структура Секретариата ООН» от 12 сентября 1997 года [7], объем функций Секретариата стал охватывать практически все основные направления деятельности ООН и ее главных органов, а также ее региональных отделений. В общем плане функции Секретариата состоят в следующем:

- оказывать содействие Генеральному секретарю в выполнении функций, возложенных на него в соответствии с Уставом ООН;
- содействовать соблюдению принципов Устава ООН и расширять понимание и поддержку общественностью целей ООН;
